ПАЛАТАИ КУНҶАКӢ

РОМАН

Чароғи падарро фурӯзон дор

Акдарз

I

Иброҳимҷон ба садоҳои борони баҳорон гӯш дода, номаълум ба хоб рафта буд.

Чисми ӯ, ба кавли ҳамхонаи наваш Ивон-амак, ҳавосанҷ шудааст: соате кабл аз раъду барқ ва борони сел ба таги шонаҳояш, ба дасту поҳояш дард даромад, вале ҳамин, ки ҳиссаи аввали обҳои осмонӣ ба сари бому дару долу дарахт фурӯ рехт, дард пасанда шуд ва чашми ӯро ғанаб бурд.

Дақиқаҳои аввали бедор шуданаш фаҳмида наметавонист, ки ҳавои нимторики палата оё ҳавои шомгоҳон аст, ё бомдодон? Ӯро овози Носир Аббос бедор кард. Овози ҳо ана он беморе ки дар кати назди тирезаи дуввум мехобид. Балки намехобид, пояшро аз кат овезон карда, ба миёнҷои хона рӯй оварда гап мезад.

Дар рӯи девор ва сақфи палата партави оташ мераксид ва ҳавои хонаро ба як тарзи изтиробомез алвонҷ медод. Ин партави оташи ҷовидон буд, ки дар як гӯшаи боғи истироҳат, дар сари мақбараи шаҳидон афрӯхтаанд ва таҳмин дар шаст-ҳафтод қадам масофа дар оч сӯи девори табобатхона воқеъ гаштааст.

«Ин одамро дар кучое дидаам... Дар кучо?»—ба худ савол дода, ҷавоб ёфта наметавонист Иброҳимҷон.

— Оё дидаед, ки ба сари охирин донаи гӯгирд гоҳо чӣ ҳодисае меояд? — мепурсид Носир Аббос.— Донаи охирин, таъкид мекунам. Шумо дар саҳрои беканор ба сармои сахт ақаллан боре таиҳо мондагистед?

Ба кӣ мурочиат мекунад ӯ? Ба Ивон-амак, аз афташ. Аммо Ивон-амак садое набароварда, гӯш медиҳад. Услуби муқаррарии сӯҳбати эшон ҳамин аст, зоҳиран.

— Фарз кунед, ки нимишабӣ миёни дашти нопайдоканоре таиҳоед. Ҳаво сард. Атроф — то чашм мерасад— биёбони барфпӯш. Дар таки девори оғили партове ё паси харсанге як порча ҷои шамолпанаҳро аз барф тоза карда, он ҷо шохчаҳои хушк, коғазпора, хулоса, пешдаргирон ва ҳезуми гулханбоб тайёр карда мондаед.

Қуттии гӯгирдро аз киса бароварда мебинед, ки дар он фақат донаи охирин мондааст. Ба чашмонатон бовар накарда, он донаро боэҳтиёт ба даст мегиред ва қуттиро ба гӯшатон наздиктар оварда меафшонед.

Не, садое барнамеояд.

Акнун ба гӯшатон ҳам бовар накарда, ду кунҷи куттиро, ҳамон ҷоерҷ, ки гоҳо яқдонагӣ гӯгирд дар ҷӯякчаҳои канорӣ пинҳон шуда мехобад, бо нохунатон кофта мебинед.

Не, дигар гӯгирд нест.

Донаро маҳкам дошта, аввал ба атроф менигаред, мунтазир мешавед, ки шиддати бод пасттар гардад. Ҳамин ки ҳамлаи он пасанда шуд, гӯгирдро оҳиста, бо як эҳтиёткории бузург ба паҳлуи қуттӣ совида, доруи оташгирифтаро бо кафи дастонатон панаҳкунон ба сӯи пешдаргирон мебаред.

Аммо ногоҳ ҷараёни бод кувват мегирад ва шумо бо дили баизтиробафтода панҷаҳоятонро ҷафстар карда, оташаки нимҷони лаппандаи гӯгирдро дар мушти худ сахттар пинҳон мекунед. Вале, ҳайҳот, оташак ҳоло ранги табини худро гум карда, кабудтоб гаштааст, оҷизак, ночизак, қариб ноаён шудааст ва гӯё худи ҳамин лаҳза тамом хомӯш хоҳад шуд.

Носир Аббос даме лаб фурӯ баст. Иброҳимҷон низ хеста, ба рӯи каташ нишаст ва поҳояшро ба поён, ба рӯи курсии холӣ дароз кард.

Нақли ин одам дар бораи оташаки нимҷони гӯгирди охирин мароқи ӯро бедор карда, карахтии баъди хобро аз вуҷудаш дур сохта буд. Мисли он ки сухан аз тақдири шахси шинос, ҳатто наздике мерафта бошад, ӯ ба давоми гапи Носир Аббос мунтазир шуд.

— ... Шумо чӣ кор мекунед? — савол дод ноқил ва дарҳол худ ҷавоб гуфт.— Шумо ба рӯи он ягона манбаи ҳарорат ва равшанӣ беихтиёр парӯ мешавед. Чунон ки мурғ ҳангоми хатар бар болон чӯҷаҳояш худро парӯ месозад.

Гӯгирди алаваш қариб ҳомӯшгаштаро оҳиста-оҳиста, бағоят эҳтиёткорона ба паҳлӯ мегардонед ва боки-

мондан оташаки кабудшуда ва ба як тарафи гӯгирддо-
на базӯр часпиданстодаро тоб дода, дар дил илтичо
мекунед, ки хомӯш нашавад.

Зинҳор хомӯш нашавад.

Аз барон савоб, аз барон хаёт, аз барон хаман му-
каддасот хомӯш нашавад.

Оташак сонияе аз лаппиш бозмемонад, хаёле чон
мегирад, кад меёзонад, ба худ ранги зард — ранги му-
каррарин оташ, ранги офтобро мегирад. Баъд мадори
тозае пайдо карда, ба ангуштонатон гармӣ ва ба атроф
равшанӣ меафканад ва он гоҳ оташи аз нав зиндашу-
даро бо умеди баргашта ба пешдаргирон наздик меба-
ред.

Пас аз дакикае навдаҳон гафсу дурушт, шоху бут-
таҳо касар-кусур садо дода, часар-чусур шарора по-
шида, ба сӯхтан оғоз мекунанд...

Иброҳимчон, ки аз ибтидои сӯҳбат бехабар буд, на-
медонист, ки Носир Аббос ин суханҳоро ба чӣ муноси-
бате мегӯяд. Бо накли саргузашти гӯгирддонаи вопа-
син чӣ гуфтанист? Иброҳимчонро аз палатаи ҳамшафат
ба ин чо имрӯз баъди пешин кӯчониданд. Вай бо соки-
нони хонаи наваш зохиран шинос шуда бошад хам, аз
хулку хӯй ва фикру хаёлоти онон ханӯз зокиф нест.

Чӣ ходисае шудааст ба хофизаи ӯ? Хеч ба ёд овар-
да наметавонад, ки ин одамро дар кучое дидааст. Кас ё
чизи дар ягон чой дидааш, ё худ накли шунидаашро
осон ба ёд меовард. Хайр, агар ягон теоремаи аз кито-
би хандасаи, фарз кардем, синфи нӯхум хондаи кас пас
аз муддати мадид, ба ёдаш наояд, ачаб нест. Мағзи
сари одам Рохи Каҳкашон нест, ки ба гуфти муначчи-
мон, хадду худудаш ноаён бошад. Худро аз бори бар-
зиёд, хусусан аз сарборихо озод карда метавонад. Ха
гуфта, маълумоти тозабатозаро чой кардан гиред, як-
та-нимта камахамияташро аз шумо напурсида, оҳиста
бароварда мепартояд.

Лекин ба Иброхимчон ханӯз чунин ҳоле рӯй надо-
дааст, ки дар кучо ва кадом вазъ дидани шиносеро ба
хотир оварда натавониста бошад.

— Дуруст,— Ивон-амак хомӯшии палатаро вайрон
намуд.— Дуруст мегӯед,— андешамандона такрор кард
ӯ.— Талош барон боздоштани чони бар лаб омада, та-
лоше, ки табибон ва дастьёронашон бар зидди марг
мебаранд, саргузашти хамин гуна охирин донаи гӯ-

гирдро ба хотир мерасонад. Боз маҳз дар дашти ку-
шод, зери ҳамлаҳои пайдарҳами бод.

Иброҳимчон акнун фаҳмид, ки дар чӣ хусус сухан
мерафтааст. Сухан аз мушкилию мураккабиҳои кори
табибон, ранчу машаккатҳои онон мерафта бошад, дар
воқеъ рост мегӯянд. Дар бадали чаҳор ҳафтаи охир
борҳо шудааст, ки чони ӯ низ мисли алаваки кабуди
ҳамон гӯгирддона ба мӯе овезон буд. Гоҳо дар як они
воҳид дар чисмаш табаддулоте рӯй медоду ба косахо-
наи сараш гӯё ба чон мағз сурби гарму гароне мерех-
танд. Пас аз як лаҳзаи дигар ҳис мекард, ки на факат
сар, балки ҳамаи узвҳояш баногоҳ сад маротиба, ҳазор
маротиба гаронтар гардидаанд ва чуссаи ӯ ончунон
вазнин мешуд, ки катро пахш намуда, парчини замин
мекард, баъд аз фарш хам гузашта, мағз андар мағзи
замини сиёҳ даромада мерафт.

Ӯ мехост фарьёд занад, хеч набошад нидое баро-
варда, аз ҳамшираи шафқат имдод талабад, аммо бо
алам ҳис мекард, ки очиз аст, наметавонад, фурсат
ҳам надорад. Кувваи рафънопазире ӯро беамон ба ко-
ми замин кашида меравад.

Факат баъзаи даст ба сӯи тугмаи сигнал бурдан
муяссараш мегардид. Аксаран бошад, ҳамхонахо аз
тағьири вазъи ӯ огоҳ шуда, духтурро ба ёрӣ даъват ме-
карданд.

Ба ёд омада медид, ки ба дасту поҳояш сӯзандору
мекунанд, ба биниаш никоб пӯшонида, ба шушаш зӯ-
ран кислород тела медиҳанд. Аввал пеши назараш як
навъ сафедаи калавандаи абрмонанде пайдо мешуд,
пас тафовут мекард, ки ин абри сафед не, балки сакфи
палата, чароғи курашакли сафед, яктаху каллапӯшҳои
сафеди духтурон аст, ки дар гирдаш чамъ омадаанд.

Не, Иброҳимчон кадрношинос нест. Медонад, ки
чанд бор пояш ба лаби гӯр расида баргаштааст. Ва ин
мӯъчизаро маҳз табибон ато кардаанд. Лекин ба ӯ бар-
номаи кори минбаъдаи духтураш маъкул нест. То ҳоло
ҳамаи беморони ҳар ду палатаи ҳамшафатро Алихон
Зардодхон табобат мекард. Имрӯз Иброҳимчонро ҳам-
роҳи кати функционнаш, яъне кати дарозу кӯтоҳ, пасту
баланд ва нишебу ҳамворшавандааш ба ин палата кӯ-
чониданду баъд Зардодхон гуфт, ки ду нафар беморро,
яъне Иброҳимчон ва он марди хушандоми ба мӯи сараш
сафедӣ афтода — Носир Аббосро минбаъд аз тадкиқоти
махсус мегузаронад. Тадқиқот барои кадом як муасси-

сан нави тиббӣ лозим будааст, ки онро ба карибӣ кушодаанд, ё акнун мекушодаанд. Зардодхон духтури духунара будааст. Чунон ки байни илмҳои физикаю химия ё, масалан, химияву биология кайҳо ничониб физикаи химиёвӣ ё химияи биологӣ барин фанҳои муштарак пайдо шудаанд. Зардодхон низ дар баробари терапевт будан бо муолиҷаи беморихои асаб машғул мешудааст. Акнун ҳар ду бемор бояд аз таърихи касали худ ба духтураш батафсил накл кунанд. Таърихи касалӣ на ба маънои расмиаш, на ба мафхуми концелярии клиникаш, балки ба он маъно, ки чӣ гуна воқеот, чӣ гуна шароити моддӣ, маънавӣ ва ғайра ва ҳоказо боиси пайдо шудани нахустин аломатҳои он беморие гардид, ки вай онҳоро окибат то кати бемористон расонид.

Зардодхон дар охир илова намуд, ки фардо аз корҳои ҷорӣ фориғ шуда, дар нимаи дуввуми рӯз матлаби худро муфассалтар арз хоҳад кард.

Носир Аббос аз ин хабар заррае малул нашуд. Баръакс гӯё ин гуна як навидро кайҳо боз чашмдор бошад, зери лаб табассум карда монд.

Хуш, мувофиқи речаи духтур, Иброхимҷон саргузашти худро ҳикоят мекунад. Табиби мӯҳтарам ҳамаи қиссаро ҳарф ба ҳарф навишта гирифта, сипас байни ҳамкасбони худ дар конференцияҳои илмӣ, конгрессу симпозиумҳои дабдабанокаш накл мекунад.

Иброхимҷон боре китоби як донишгӯи институти тиббро варақ зада буд. Дар сар то сари он китоб суратҳои гирифторони беморихои рӯҳиро дарҷ карда буданд. Яке чилди сафеди болинро ба шакли кулоҳи сегӯшаи фельдмаршалҳо кат карда ва ба сар гузошта, ба дастаи чӯби полшӯяк ҳамчун ба шамшери мурассаи шоҳона бо ғуруре такья карда нишастааст. Дигаре ба дарди ваҳмак гирифтор будааст ва сару рӯи худро бо сачоқе печонида, ба таки кат даромада хобидааст.

Эҳтимол, ин тадқиқгари рӯҳи одамизод хоҳад, ки дар ягон китоби тоза сурати Иброхимҷони маъюс бо ранги парида, чашмони нуррафта, гарданаки кач акс ёбад ва ба зери он бо ҳарфҳои ғафси сиёҳ чунин навишта шуда бошад:

«Бемор И. О. аз клиникаи духтур А. Зардодхон. Намунаи патологияи* эҳсос».

Духтурҳо, бешубҳа, бояд тадқиқоту таҷриба гузаронанд. Бе таҷриба илм пеш нарафтааст ва намеравад. Дар замони қадим олимони тиб шабона пинҳонӣ бо надимон ва шогирдон ба кабристон рафта, мурдаҳои ҳамон рӯз дафншударо берун меовардаанд ва ба гӯшае бурда, таҷриба мегузаронидаанд. Абӯалӣ ибни Сино, масалан, пули ёфтаашро ба ҳамин кори дар он айём мамнӯъ сарф мекардааст.

Ҳоло барои таҳқиқу тадқиқи касалиҳо ҳамаи шароит муҳайёст. Лекин табибони арҷманд маъзур медоранд, Иброхимҷон вазифаи калламуши таҷрибавиро ба зимма гирифтан наметавонад. Барои ин хидмат ягон зоти соддатарро ёфтан лозим меояд.

Хм, ду каси ба як дард гирифторшударо ба як палата, ба ду кати ба ҳам сар ба сар оварда хобонидан ашон бечиз набудааст. Дар урфият мегӯянд, ки харбуза аз харбуза гирад ранг, ҳамсоя зи ҳамсоя гирад панд. Агар, мабодо, яке аз изҳори дарди дил гардантобӣ кунад, ё шарм дорад, дуввумӣ ибрат мешаваду кор осон мегардад. Кӯдак дар боғча хӯрок нахӯрад, чӣ корҳое намекунанд: ба пахлӯяш бачаи пурхӯрро оварда менишонданд; худи мураббияҳо намунаи иштиҳои хубро намоиш медиҳанд. Зарур бошад, хатто зочаҳо бо завқ шавла мехӯранд.

Не, Иброхимҷон ба ин накшаҳо розӣ нест. Қиссаи беморнашро гуфта наметавонад.

Ӯ некиҳои табибонро ба ҷон эътироф мекунад. Ҳозир аст сад бори дигар иқрор кунад, ки маҳз саъю кӯшиш, таҷрибаю дониши онҳо боиси зинда монданаш гаштаанд.

Аммо чизҳое ҳастанд, ки хатто дар бадали хайри беамсол низ гузашт намекунанд.

Касе хеста, чароғро дарнамегирочид. Партави оташи ҷовидон акнун боз аёнтар гашта буд. Дар палатаи ҳамсоя палатаи дувоздаҳум, ки ӯро аз он ҷо овардаанд, ин партав намерасид: ҳар ду тирезаи он ба тарафи кӯча менигарист. Палатаи ҳозира — хонаи кунҷакист ва як тирезааш ба сӯи боғи истироҳат яла мешавад, дуввумаш ба кӯча.

2

Ҳоло ман ба экрани кино ҳам мебароям? Ҳайҳай, чӣ истиқболи дурахшон! — дандонҳои марворидсон сафеди чилодорашро нишон дода, бо овози ҷарангосӣ

* Патология — ҳолати ғайриоддӣ, ғайритабиӣ.

аз тахти дил, самимона механдид Хиромон.— Лекин ман одами ба шӯхрат бепарво нестам. Росташро гӯед, барои дидани суратам кай ба кинотеатр тозам?

— То тайёр шудани журнали хроника ним моҳ мегузарад,— гуфт Иброҳимчон.— Саросема нашавед.

— Не, саросема мешавам! — ҳамчунон хандакунон мегуфт Хиромон, вале ҳамсӯҳбаташро мачоли ҳарф задан набуд. Гӯё сехре сохта, забони ӯро ба комаш часпонида буданд.

Чӣ ҳолате рух дод ба вай? Ӯро дид, овозашро шунид, ҳамроҳаш дар майдончаи шағалзори атрофи манораҳрани борбардор ҳадам зада, матлаби худро баён намуду баногоҳ дарк кард; ки бадбахттарини одамони рӯи замин маҳз ӯ, Иброҳимчон аст. Ҳис кард, ки ҳамаи умри биступанчсолаи ӯ то ҳамин рӯз ройгон рафтааст. Роҳе, ки дар ҳаёти шахсиаш тай кардааст, он роҳе набудааст, ки инсони сохибиқбол тай мекунад.

Ӯро тақдираш гумроҳ карда будааст.

— Хӯш? — гуфтани чавонзан ӯро ба олами воқеъ баргардонид.

Гуфт, ки бояд ҳамроҳи ӯ ба кабинаи кран барояд, дар ҳамон чой, дар сари кор, байни дастаку фишангҳо аксашро ба навор бигирад. Аммо чавонзан гуфт, ки барои баромадан ба кабинаи кран ичозати саринженери идораи монтажу истифодаи кранҳо ва механизмҳои сохтмон даркор. Е рухсати инженери инспекцияи давлатии назорати техникӣ. Ҳа, Иброҳимчон барои ичозат ақаллан ба дараи Лучоб биравад, рухсатномаи расмӣ биоварад.

— Ғайр аз ин,— гуфт Хиромон,— ба он чо баромадан аз поён сахл менамояд.— Ва боз ҳодисаеро ба ёд оварда, коҳ-коҳ хандид ва пас аз фориғ шудан аз ханда нақл кард, ки як вақтҳо, айёме, ки ӯ дар курси крандорон таълим мегирифт, як шахси сохибиззате ба зинаи кран часпида, кариб то ба таги кабина расид ва нохост дар ҳамон чой шах шуда монд. Аз афти кор, ба поён нигоҳ карда, тарсид ва дасту пояшро мадор тарк намуд. Хайрият, атрофи зина қафаса дошт.

— Муаллими мо баромада поҳои ларзони бечораро аз поён оғӯш карда, афтоданӣ намонд ва бачаи навқадамро етак мекардагӣ барин поҳояшро бонавбат якта-якта ҳаракат дода, бо азобе фаровард.

Вақте ки Хиромон ин воқеаро хандакунон ҳикоят мекард, дар паҳлӯи пояи кран буд, Иброҳимчон бо ам-

ри одат вазифаи худро ба ёд оварда, дарҳол чанд қадам пас рафт ва сари ду по нишасту пайкари чавонзанро ба объектив фароварда, дар ҳамон ҳолате ки гоҳ ба қафаси кран, гоҳ ба боло, ба сӯи кабина ишораҳо карда хандакунон ёддошт мегуфт, ба навор гирифт.

— Баъзе кинооператорон фотоаппарат ҳам бардошта мегарданд,— андаке таассуфомез гуфт Хиромон.

— Ҳа, баъзеҳо доранд, аммо чӣ лозим?

— Сурат мегирифтед. Барои худам як-ду нусҳа медодед. Мегӯянд, ки сурати репортёрҳо хуб мебарояд.

— Аз навори кино ҳам сурат бардоштан мумкин. Ҳатто беҳтар мебарояд. Чунки сурати кас ҳангоми ҳаракат, ба чандин вазъият, хеле табиӣ акс меёбад.

Дигар Иброҳимчон дуруст ёд надорад, ки чӣ гуна ба комбинати бофандагӣ рафт, ҳамроҳи котиби ташкилоти партиявӣ дар фабрикаҳои сершумори он муассиса гашта боқимондаи наворашро аз акси навоварону ихтироъкорон пур кард.

Баробари расидан ба лаборатория ҳама корро монда, навори ҳамонрӯзаро кор кард. Порчаи Хиромон инъикосшуда, чунон ки худаш ҳам пешакӣ ҳис мекард ва чашмдор буд, хушрӯйтарини порчаҳо буд. Ин ҳол аз зебони фаттони персонажи мунъакис, аз чозибаи махсуси чашмони шӯхи ӯ, аз малоҳати ӯ, аз назокати рафтор ва гуфтори ӯ ба вуқӯъ пайваста буд.

Иброҳимчон дари кабинеташро аз дарун қуфл карда, ба ҳамаи як даста коғази бараш дувоздаху қадаш ҳаждаҳсантиметрӣ акси Хиромонро дар ҳолатҳои гуногун бардошт. Баъд худаш ин суратхоро гаштаю баргашта тамошо мекард. Дар биноҳои дигар бо коре машғул бошаду ногоҳ чеҳраи Хиромон пеши назараш ояд, тозон ба кабинеташ омада, аксҳоро боз аз назар мегузаронид ва боз ҳамон андеша ба сараш мепечид, ки инсони хушбахт набудааст.

Рӯзи дигар нурҳои офтоби аввали тирамоҳ ҳанӯз паҳн нашуда, бист дона сурати хеле хуб баромадаи Хиромонро ба лифофаи сиёҳи фотокоғаз андохта, роҳи сохтмонро пеш гирифт, ки он чо Хиромонро дарёфта буд. Оре, ӯ ба фикру андешаҳои начандон возеҳ, ки оид ба Хиромон дар сараш пайдо мешуданд ва ҳанӯз шакли муайянеро нагирифта буданд, тадричан чунин ранге доданӣ мешуд, ки ин духтари чамиларо маҳз ӯ пайдо кардааст.

Вазъи ӯ мисли кайфияти ғаввоси гуҳаркаше буд, ки

баногоҳ аз пояи харсанги зери об донаи бузурги марворид дарёфта, муддате инони ҳуш аз даст додааст. Ба замми ин аз шодии ногаҳонӣ ба даҳону бинии ғаввос қадаре аз оби талху шӯр даромада сарашро гиҷ сохтааст.

Агар сари Иброҳимҷон гаранг намешуд, то расидан ба нимароҳи сохтмон ақаллан боре фикр мекард, ки бист дона сурат ба Хиромон чӣ лозим аст?

Фақат дар қарибии сохтмон «Москвич»-ашро дар гӯшае ингоҳ дошта, нисфи суратҳоро ҷудо карда гирифта, ба коғазе печонида эҳтиёт намуд. Ӯ гумон мекард, ки даҳта сурат бубарад, Хиромон чизе нахоҳад гуфт.

Қору кирдори вай, гӯё ягон навъ шаробӣ то ҳоло начашидаашро серӣ ошомида, ба махмурӣ афтода бошад, бешуурона буд. Бо вуҷуди ин дар наздикии сохтмон, дар таки девори баланди тахтагини он бори дигар аз роҳ истода, аз дастаи суратҳои интихобкардааш боз нисфи дигарашро гирифта, ба каноре гузошт.

Хиромон хеле хурсанд шуд. Вай тозон ба яке аз вагончаҳои бечархе рафт, ки дар он бинокорон истироҳат мекунанд, прорабу технику инженерон нишаста, бо маслиҳату ҳисобу китоби худ машғул мешаванд. Аз он ҷо чанд сӯм пул овард.

— Инаш лозим не,— бо нармӣ гуфт Иброҳимҷон, ки хиҷолат мекашид.

— Пула нагиред, сурата намегирам,— гуфт Хиромон. Аён буд, ки дар ин мавзӯъ гуфтугӯ кардан барои ӯ низ чандон гуворо нест.

— Ҳамту ҳадя кардан мехостам.

— Ба ҳадя гирифтан одат накарда бошам чӣ?

— Ман ҳам ба суратфурӯшӣ одат накардаам.

Табассум аз лабони Хиромон дур шуд

— Илтимос, аз ман бигиред,— гуфт Иброҳимҷон.— Ҳар кас, охир, ҳақ дорад, ки ба шахси дилхоҳаш ҳадяе бидиҳад.

— Рост, аммо ҳар каси ҳадягир низ ҳаққи интихобу ихтиёр дорад.

— Аз барои савоб... хоҳед, қасам хӯрам, ки... — берабт сухан гуфтанашро пай бурда, даступо хӯрд Иброҳимҷон. Хиромон андоми тараҳҳумовари ӯро дида, аз афташ, дилаш сӯхт, ки гуфт:

— Хайр. Бубахшед, ки заҳмат додам. Раҳмат. Лекин ҳукми шумо дар хусуси он ки ҳар як инсон ҳақ дорад ба дилхоҳаш ҳадя барад, барои онҳое ки бо кондаю қонунҳои ҷамъият чандон меҳрубон нестанд, сипари балогардоне мешуд. Як мулоҳиза кунед...

Иброҳимҷон воқеан мулоҳиза мекард, лекин на дар он мавзӯе ки Хиромон гуфта буд. Ӯ фикр мекард, ки ин ҷавонзани крандор ба тарзи аҷибе сухан мекунад. «Ҳаққи интихоб», «Сипари балогардон»... Худо медонад ӯ чӣ гуна китобҳо мехонда бошад. Хайр, чӣ ҷон тааҷҷуб? Идора кардани манораkран кори ҳазл нест. Крандор дар асл бояд коргари соҳибфазилат бошад, аз ҷиҳати дониш ва ихтисос тақрибан дар наздикиҳои техники бинокор бошад.

— Ба ҳаёл рафтед, рафиқ... оператор?

— Номи ман Иброҳим. Дар гурӯҳи мо фикре пайдо шуд...

— Мебахшед, акаи Иброҳим, вай чӣ гуна гурӯҳе будааст?

— Дар киностудия гурӯҳи хроника ва фильмҳои кӯтоҳи ҳуҷҷатӣ алоҳида аст.

— Ҳа-а.

— ... фикре пайдо шуд, ки порчаеро, ки шумо акс ёфтаед, ба шумораи навбатии журнали хроника илова кардан ҳайф мешуд. Онро васеътар карда, ба фильмаки мустақил табдил додан лозим будааст.

Иброҳимҷон аз номи гурӯҳаш гап зада, муболиға мекард. Аз он порча ба ҷуз худи ӯ ҳанӯз касе хабар надошт. Аммо нақшаеро, ки ба Хиромон баён кард, ҳавой ҳам гуфта намешуд, зеро то алҳол ҳар таклифе, ки ба роҳбарони гурӯҳ пешниход мекард, мақбул мегардид ва оқибат ҷомаи амал мепӯшид. Вай аз қабили ходимони қобиле буд, ки аксараи кори ҳам муаллифи сценарий*, ҳам таҳиягар, ҳам операторро танҳо худашон анҷом медоданд.

Ӯ амин буд, ки нақшаи ӯро дар бораи сохтани фильми мустақил аз корубору зиндагонии Хиромон бечунучаро хоҳанд пазируфт. Хиромон, зохиран, аз аввалин точикдухтарони крандор аст. Агар фильм аз ҷиҳати техникӣ ва баденят сара барояд, монеае нахоҳад пайдо кард. Чанд сол қабл аз ин ҳамкасбони Иброҳимҷон барои тарғиби касби ронандаи мошинҳои пахтачин байни духтарон ва ҷавонзанон як силсила фильмҳои майда-майдаи хуҷҷатӣ сохта буданд. Ин кор, хуш-

* Намоишнома, асоси адабии фильмҳои бадей ва ҳуҷҷатӣ.

бахтона, самараи матлуб бахшид. Холо колхозе нест, ки занону духтарони ронандан мошинҳои пахтачин надошта бошад.

— Ризояти ман зарур аст дар ин хусус? — пурсид Хиромон.

— Шарт.

— Ҳа, модом ки, ба гуфти шумоён, қаҳрамони асосии филм мешуда бошам, накши худро бояд «бо дасти рачаи баланди бадей» адо кунам. Вагарна...

Сухани ӯ нотамом монд. Чанд нафар бинокорон рӯи девори иморати чала рост истода, бо як овоз «Хиродевори иморати чала рост истода, бо як овоз «Хиромон! Хиромон!» гӯён фарёд мекарданд. Гилкорон, белмон! Хиромон!» гӯён фарёд мекарданд. Гилкорон, белчаву андоваҳошонро ба ҳам зада, ишора мекарданд, ки лою хишт шудааст.

• • •

Иброҳимчон чои гарми нимширин нӯшид. Берун баромада, ҳавои тоза гирифт. Қитобаке дошт, ки онро ду сол ничониб хонда, ба поён расонида наметавонист ва ҳар дафъае ки ба даст гирифт, дарҳол хамёза кашида-хамёза кашида, ба хоб мерафт. Он китоб ҳам суде наовард. Чанд маротиба аз як то саду дусад бишморид. Хобаш набурд, ки набурд.

Ниҳоят хеста либос пӯшид, ба кӯча баромад. Янгаш аз пасаш то таки дарвоза омад, аммо чизе нагуфт. Хомӯш гусел кард. Ба шабгардиҳои ӯ янгааш ҳам, бародараш ҳам кайҳо одат кардаанд. Пештар насиҳат мекарданд. Диданд, ки суде набахшид, ба ҳолаш гузоштанд. Фақат гоҳ-гоҳе бародараш Ҳамроҳ-ака ягон чизро баҳона карда, ӯро коҳиш мекард, баъд мулоим шуда, ба насиҳат мегузашт.

Вай полковники милиция, сардори яке аз муҳимтарин шӯъбаҳои идораи республикавии муассисаи худ буд. Одат карда буд, ки садҳо нафар зердастонаш бидуни муҳокимаю мунозира аз паи ичрои ҳар як супориш, хоҳиш ё амру фармоиш меафтоданд.

Ба ӯ, зоҳиран алам мекард, ки басе одамони саркашу нофармонро ба иродати худ тобеъ сохта, ба роҳи неку савоб ҳидоят карда тавонистааст додари худро, ки, ба кавле, дар дасташ калон кардааст, сухан таъсир надорад.

Иброҳимчон ба идораи шаҳрии корҳои дохилӣ рафт. Ӯро дар ин чо аксари ходимон мешинохтанд. Дар бюрои адресҳо зани миёнсоле грелкаи электрро лӯлашакл печонда, ба шонааш дошта менишаст.

— Чӣ хизмат, барнойигит?

— Елизавета Ивановна, якта карточкаро ёфта медидед...

— Хӯш, азони кӣ будааст-он?

— Карточкаи Хиромон Ахадова. Таваллуди соли 1949 ё 1950. Ё шояд 1948 бошад.

— Ё, эҳтимол, 1947, ё 1946, ё худ 1951, ё 1952... Хеле аниқ будааст,— табассумкунон гуфт зан.

— Не, ё 1949, ё 1950. Номи Хиромон бисёр не-ку.

— Ба чӣ лозим будааст? Ягон соҳибчамоли нав-дия?

— Ҳамту, даркор.

— Ба назди ӯ пагоҳ, рӯзи равшан равед, дер мешудааст?

— Ман ба ҳеч чой рафтанӣ нестам.

— Набошад, карточка .чӣ лозим?

— Елизавета Ивановна...

— Боз акаат фаҳмида, мана пӯст наканад?

— Вай чӣ кор дорад? Ман ҳам гражданини комилхукук.

— Мо ба ҳар комилҳукуқ нимишабӣ маълумот додан намегирем.

— Елизавета Ивановна, барака ёбед, азоб надиҳед. Ба акаам худатон нагӯед, кӣ хабар медиҳад?

— Хайр, ҳозир. Аз афташ, «Дидам чамоле, абрӯҳилоле...» А! Ефтам? — зан ба паси чевонҳо гузашта рафт ва баъди муддате коғазеро бардошта омад.— Ана адресаш. Навис. Ма, коғазу қалам.

— Адресаш даркор не.

— Э! — Елизавета Ивановна лаҳзае бо ҳайрат ба рӯи чавонмард нигоҳ карда истод.— Пас чӣ лозим?

— Боз чиҳо навишта шудааст дар карточкаатон?— пурсид Иброҳимчон.

— Ҳа, ҳа... мақсад маълум... «Дил пора кард, холи сиёҳ...» — ба ночӯриаш нигоҳ накарда, Иброҳимчонро масхаракунон замзама мекард зан.— Шодиёна, барнойигит. Хиромоннисо, ё Хиромонбибӣ шавҳар надоранд... Акнун шавҳар надоранд...

— «Акнун»?

— Ҳа, доштааст. Аз кайди никоҳ бароварда шудааст.

— Раҳмат, Елизавета Ивановна. Елизавета Ивановна, илоҳо саратон дигар дарда набинад.

49081

3

Аз дари кушоди палата садои гуфтугӯ ва шарфаи пои мардуме ки дар долони дароз гаштугузор мекунанд, овози бошандагони палатаҳои ҳамшафат ба гӯш мерасад.

Мили соат ҳар қадар аз нӯҳ пеш бигзарад, ҳаракати одамон дар долон ҳамон қадар меафзояд. Духтурҳо стетоскопҳои узвҳои фулузнаш дурахшони обиникель дар вонидашударо ба гардан овехта, ҳар гуна куттичаҳо, асбобҳои чену таҳлилкунанда дар даст бошитоб, вале ботамкин гузашта мераванд. Аз дунболи баъзеи онҳо, ки дар айни замон вазифаи муаллимии институтро адо мекунанд, гурӯҳ-гурӯҳ донишҷӯён кашолаанд. Ҳама дар тан яктаҳҳои сафеди охарзада, дар сар кулоҳҳои фахҳаки ҳамин гуна сап-сафеди рахношикаста доранд.

Ба палатаи пештараи Иброҳимҷон ҳам донишҷӯён бо тақрибан ҳар рӯз медаромаданд. Бо сардории муаллими худ ва духтури палата Зардодхон медаромаданд. Бештар дар назди як беморе таваққуф мекарданд, ки тарбоди деринае дорад ва ҳоло он дарди ҳарина ба дилаш ҳам таъсир расонидааст. Ғайр аз вай дар он палата як пирамарди кӯсаи заҳирандом низ мавриди доимии муоинаю муҳокиман онҳо буд, ки ба маҷмӯи касалиҳо: дарди ҷигар, меъда, гурда ва боз ким-кадом рӯдаи дувоздаҳангушта гирифтор аст.

Иброҳимҷон аз тақдир миннатдор аст, ки донишҷӯён ба сари болини ӯ намеоянд, «чӣ шуду чӣ буд?» гӯён саволборонаш намекунанд.

Муаллим — роҳбари донишҷӯён ду-се бор аз мобайни палата истода, ба сӯи вай ишоракунон ба табибони оянда гуфт, ки ин бемор сактаи қалбро аз сар гузаронидааст. Тамом. Вассалом. Дигар чизе нагуфт. Донишҷӯён ҳам гӯё аз ин ишораи мухтасар як олам маълумот гирифта бошанд, ба ҳамдигар маънидор нигоҳҳо афканда баромада рафтанд.

Аммо ҳафтаи гузашта профессору доцентҳо як тӯда терапевтҳои аз шаҳру районҳо барои таҷрибаомӯзӣ омадаро ба палата даровардаанд. Иброҳимҷон дид, ки ҷузъиёти таърихи бемории ӯ, ки одатан дар ҷевони ҳамшираи шафқат Зевар мехобид ва Алихон Зардодхон ба он ҳар рӯз ҳеҷ набошад, ним саҳифа маълумоти тоза зам мекард, ҳоло дар дасти ин духтурҳост.

Чанд нафари онҳо садои дили ӯро ботааммул гӯш

карданд, набзашро санҷиданд. Аз вачоҳаташон маълум буд, ки ҳамагӣ духтурони соҳибтаҷрибаанд. Фикри ҳамдигарро бо як-ду калима, ҳатто бо нигоҳе, ё ишорае мефаҳмиданд.

Роҳбар — муаллим дар анҷоми муоина гуфт, ки мутахассисе ки ин беморро муолича мекунад, ба хулосае омадааст, ки сактаи ӯ атипӣ, яъне ғайритипӣ, ғайриодист. Баъд бо лафзи омехтаи лотинию русӣ боз ким-чиҳо гуфт, ки фаҳмидан душвор буд. Азбаски Иброҳимҷон ба калимоти забонҳои хориҷӣ одатан марок зоҳир мекард, ибораи exemplum curiosum* ба ёдаш нишаст.

Ope, exemplum curiosum.

Ба ҳамин карибӣ дар ҳаққи ин чавонмарди бистухафтсолаи бардам мегуфтанд, ки аз сад гулаш ҳанӯз яктоаш нашукуфтааст. Ӯ медонист, ки ин ибораи маҷозист ва сахт муболиғаомез аст. Вале азбаски соляму тануманд буд, дар айни нумӯъ ҳам буд, ин бахоро асосан дуруст мешуморид.

Акнун exemplum шудааст.

Худро, якдигарро таскин додан аз оинҳои мукаррарии одамизод аст. Зардодхон мегӯяд, ки ҳоло ҳеҷ вокеа нашудааст. Ӯ боз сиҳат меёбад, мисли пешина ба коруборӣ рӯзгори худ бармегардад. Ҳатто фаромӯш мекунад, ки як вақтҳо ба дарди хатарноке гирифтор шуда буд. Ана, мегӯяд духтур, инженери машҳури бинокор фалониро мешиносед? Ё муаллими худи Зардодхон профессор фалониро? Ҳар дуи онҳо ҳамин гуна касалиро панҷ-шаш сол қабл аз ин аз сар гузаронида буданд. Хӯш? Ҳоло асп барин бардам, бакувватанд, корашонро карда гаштаанд. Профессори тиб бадани худро батадриҷ ончунон обутоб додааст, ки зимистони каҳратун дар наҳри яхбаста оббозӣ мекунад. Бале, бале, яхро бо пошнааш гурс-гурс зада шикаста, бахузур оббозӣ мекунад. Ё дар кӯча барф мебораду вай дар кабинети тирезаҳояш яла тани бакурта мешинад. Агар касе ба назди ӯ даромаданӣ бошад, ҳатман телпаку пальто пӯшида ворид мешавад.

Ба суханони тасаллиомези духтур гӯш дихед, эҳтимол, хулосае ба миён ояд, ки барои Иброҳимҷон зиндагонии ҳақиқӣ акнун сар мешавад. Агар ба ин гапҳо аз таҳти дил бовар кунед, хаёлоти ширин, эҳтимол, то ба ҷое бирасад, ки ба одамони сиҳат рахматон биёяд, зеро

---

* Тимсоли ачиб (лотинӣ).

онҳоро ин гуна рӯз ба сар наафтодааст ва эшон зарурати обутоб додани тани худро ба ин дараҷа пухта нафаҳмидаанд...

Алихон Зардодхон омад. Вай тақрибан хамсинни Иброҳимҷон менамояд. Қади мавзун, андоми дилкаше дорад. Ба чашм ва абрувони сиёҳи сермӯй, тарҳи чеҳрааш нигаред, хаёл мекунед, ки ин мард аз гурҷиҳост.

Духтур салом дода, аввал ҳамаро бо табассуми нарми навозишомез аз назар гузаронид, пас назди кати Каримҷон-ака рӯи курсӣ нишаста, ба муоинаи ӯ пардохт.

Каримҷон-акаро ба қарибӣ овардаашон. Фишори хунаш баланд шуда, ба ҳадди хатарноке расидааст. Худи ҳамон соати овардаашон ва боз дина рӯзона ба гардан ва чаккаҳояш зулук монданд. Холо гарданаш докапеч. Аз баъзе ҷойҳои зулукмакида ҳанӯз хун таровида, докаро арғувонӣ кардааст ва ба ин марди кулӯлаи ғумма намуди воҳимаангезе додааст.

Иброҳимҷон табибашро бори нахуст ҳангоми ниммадҳушӣ дида буд. Аввалҳо, рости гап, фикр мекард, ки афсӯс, бахти ӯ чандон бобарор набудааст, ки дар чунин як рӯзи пуртаҳлука ба дасти духтури хушхарбу тачрибаноке наафтодааст. Вай пештар ба дарди гулӯ, ринит ва дигар маразҳои мавсимии ҳарсола гирифтор шуда, ба мархамати табибон паноҳ мебурд. Ва аз чумлаи ин қавм ӯ шахсонеро меписандид, ки сарфи назар аз чинс ё синну солашон одамони бакуввату боғайрат бошанд, бурро-бурро ва бидуни фикру андешаи дурудароз, омирона ва бо чиддияти том сухан бигӯянд.

Ҳамин қабил духтурон ҳастанд, ки ҳукми худро ба корафтода аз дақиқаи аввал мегузаронанд.

— Хӯш? Хизмат? — мегӯянд онҳо бо як вачоҳате ки дар воқеъ ба хотири шифо ёфтани бемор ба ҳама гуна хизмат, заҳмат, ҳатто лозим шавад, азобу укубат ҳам омода будани онҳоро нишон медиҳад. Ва ҳамин ки шумо лаб ба сухан кушода, ба касалии худ андаке ишора намудед, дарҳол аз матлаб пай бурда, шуморо чустучолок ба рӯи тахтакати камбари қоқ ва тобистону зимистон ях барин сарди худ хобонида, бо дастони гирою пурзӯр аъзои баданатонро ба ғичим кардану пучидану тӯқ-тӯқ бо ангушт ё гум-гум бо ёнаи мушт зада-зада, ба санҷидану омӯхтан сар мекунанд.

Зардодхон гӯё тамоман акси ин навъи табибон буд. Вай марди чисман тануманд ва қавию тавоно намояд ҳам, гӯё қадамашро мешуморида бошад, хеле оҳиста

роҳ мегардад. Ҳангоми муоинаи бемор ҳаракатҳояш бағоят суст ва ниҳоят бечуръатона. Ба хаёли Иброҳимҷон, то даме ки ӯ куртаи беморро боло бардошта, нӯки рӯдачаҳои стетоскопро ба гӯшҳояш ҳалоҳда, худи асбобро ба синаи бемор ниҳода, ба гӯш кардани тапиши қалб шурӯъ мекунад, як олам фурсат гузашта мерафт.

— Кучоятон дард мекунад? — савол медод духтур.

— Ҳар вақт — ҳар чо... Ҳозир рагҳои чоғам сим-сим дард мекунанд, — ҷавоб мегардонид Иброҳимҷон ва бо ғусса аз дил мегузаронид, ки не, бахти ӯ носозгор будааст, ки бистухафт сол сиҳату саломат гашта-гашта, акнун ба бемористон афтоду сад ҳайфу дареғ, ки ба дасти табиби чаҳор кас медидагӣ наафтод.

— Аз ин пеш кучоятон дард мекард? — боз савол медод Алихон.

Иброҳимҷон бо ҳамон оҳанги бепарвоёна, ки аз гуфтушунид ба натичае чашмдор набуданашро ифода менамуд, ҷавоб мегуфт:

— Дастам. Ҳа, чапаш.

Зардодхон бо шуморидани набз шурӯъ мекард. Ӯ аз банди дасти бемор дошта, бо ангуштони қоқу дарозу сермӯи худ чои мувофиктарини набзсанҷиро кофтакофта, ниҳоят меёфт ва фақат баъди ҳамин дасти чапашро боло карда, остини яктаҳашро аз болои соат дур меандохт. Муддате таввақкуф намуда, ба шумурдани набз сар мекард. Баробари ҳар як зарби қалб духтур чашм аз соат наканда, сари худро як бор ҳаму рост менамуд. Ба ҳамин тариқа, чӣ миқдор будани набзи беморро ҳаман ҳозирон, аз чумла худи бемор низ равшан мефаҳмиданд.

«Зотҳое ҳастанд, ки чизеро бо қайчӣ буридан шаванд, албатта даҳонашонро баробари теғҳои қайчӣ ҳаракат медиҳанд, — дилтангона фикр мекард Иброҳимҷон. — Набзшумории ин чаноб ҳам ба даҳонкачкунии ҳамон қайчидастон мемонад...»

Хайрият, акидаи Иброҳимҷон дар хусуси духтураш дере нагузашта, ҳанӯз пеш аз кӯчидан ба ин палатаи кунҷакӣ дигар шуда буд. Қиёфа, тарзи рафтору гуфтори Зардодхон дар зарфи ин як моҳ дигар нашудааст, бешубҳа. Лекин Иброҳимҷон акнун ботини табиби худро, робитаи хулқу хислатҳои ӯро, чунон ки олимон мефармоянд, бо сохти психикаи ӯ дарёфт ва кисман бошад ҳам, дарк намуд. Ӯ қабл аз ҳама пай бурд, ки ҳаракати гаронборонаи духтур бо корд пуршиддати

фикрии ӯ — бо андешаи амики ӯ дар боран вазъи бемор ва чараёни беморӣ, бо мулоҳизаи рафти муолича ва бисёр нуктаҳои дигар алокаманд аст.

Зардодхон аз тоифаи одамонест, ки аз хусусиёти дохилии худ, чӣ гуна таассурот гузоштани рафтори худ, яъне тарзи қадамгузорӣ, саломуалек ва гуфтор анчеша намекунанд. Ба ин нуктаҳо ниҳоят кам эътибор медиҳанд, балки ҳеҷ аҳамият намедиҳанд. Оре, Зардодхон ҳангоми шумурдани набзи пациент сарашро ба як тарзи хандаовар, ба тарзи, метавон гуфт, кӯдакона ҳаму рост мекунад. Аммо ӯ дар ин асно на фақат бо шумори оддии набз ва муқоисаи он бо гардиши сонияҳо банд аст. Ба назари Иброҳимҷон, ӯ бо ин кор то ба андозае аник машғул мешавад, ки аз рӯи чунбиши сахле аёни раги хун ахволи қалби аз назарҳо ниҳон, зарби кори гоҳ мураттабу гоҳе аз рабт баромадаи онро бо ҳамаи нозукиҳояш мефаҳмад.

Рӯзҳои охир Зардодхон ба пеши Иброҳимҷон омада меншасту пас аз гӯш кардани садои қалб, санҷидани фишори хун мисли ҳарвақта онд ба дардҳо ва чараёни тағироти онҳо катор-катор савол медод:

— Чӣ хел буд дард? Аломатҳояшро гӯед: сих мезад ё фишор медод, ё... тофтаю печонида мегирифт?..

— Оё дар ёд надоред, аввал аз тағи шона сар карда, баъд ба даст гузашт ё баръакс?..

Ва монанди инҳо.

Сонӣ ба нуктае чашм дӯхта, ба хаёл мерафт ва гӯё худ ба худ консилиум * ороста бошад, қарори қабулкардаашро эълон менамуд:

— Бнёд, Олимй, дигар эуфелин истеъмол накунем. Папаверин ва даукаринро озмуда бинем. Чӣ гуфтед?

Иброҳимҷон акнун медонист, ки ин фикру хаёл ва ин катор-катор савол нишонаи нопухтагии андеша ё хулосаи духтур нест. Вай аз услуби кори ӯ баромадааст ва фақат аломати эҳтиёт ва мулоҳизакорист. Мутахассис бошеду ба ин нукта шубҳа кунед, марҳамат, ба хулосаи ӯ, ба қарори ба шакли саволи маслиҳатомез баёнкардан ӯ эътироз карда бинед.

Духтур Ивон-амаки диккинафасро дида, ба сари кати Носир Аббос рафт. Ба назди ҳамон касе, ки ба назари Иброҳимҷон шинос менамуд, аммо ҳарчанд фикр кунад ҳам, ба ёд оварда наметавонист, ки ӯро кай ва

* Машварати табибон.

дар куҷо дидааст ва бо ӯ дар чӣ муомилае буд. Ба ҳар ойина, Носир Аббос марди пурбардоште менамуд. Дарди калб ӯро низ басе азият додааст ва гарчи ӯ аз Иброҳимҷон тақрибан ним моҳ қабл ба ин азиятқада афтодааст ва чӣ гуна ранҷҳо кашиданаш ҳатто аз ҳикояти истиораомезаш дар боран охирин донаи гӯгирд аён аст, охувоҳе намекунад. Дандон ба дандон гузошта сокит мехобад. Шаби гузашта ба сари болинаш духтур ва ҳамшираи навбатдор омаданд, сӯзандору карданд, вале нолиши ӯро Иброҳимҷон боре нашунидааст.

«Пагоҳ бариномаи сӯҳбатҳоямонро муфассалтар арз мекунам,— гуфта буд Зардодхон. Кани, садояш намебарояд-ку?..»

Иброҳимҷон суханҳои дирӯзаи духтурро бори дигар ба хотир овард. Ҳа, гуфта буд, ки пас аз фориғ шудан аз муоинаи беморон, баъди пешин меоям.

Соат ҳанӯз ёздах нашуда буд.

4

Духтари зебост Хиромон. Дӯстрӯй, хушрӯй, фаттону дилрабо. Аммо агар, чунон ки дар китобҳои кадима менавиштанд, ҷамилаи даврон бигӯед, муболиғаи нодаркор мешуд. Вай мисли он нозанинони нест, ки дар фотосуратҳои арзони ранга акс меёбанду на аз Ховарзамин будани шон маълум, на аз Бохтарзамин. Монанди он парчаи рекламашони «сарвкадди симинтан» нест, ки чашми ҷоду, «рӯи чун гул, мӯи сунбул» доранду чун намунаи хусну ҷамол овоза пайдо кардаанд, вале бо вуҷуди ин агар ба андомашон андаке бештар зеҳн монед, мебинед, ки дар чеҳраашон, дар тобиши чашмонашон чизе ҳаст, ки рағбати шуморо аз дубора чашм дӯхтан мекоҳонад.

Хиромон мисли навниҳолест, ки дар боғи барҳаво кад барафрохтааст. Навниҳоле, ки чӣ дар айёми гулу шукуфаю ҳангоми бороварӣ ва чӣ фасли тирамоху дар чиллаи зимистон ба як зайл назарраборо дилпазир аст. Чаро ки вай худ таҷассуми ҳаёт, хайкали зиндаи зиндагонист.

Чӣ гуна метавон ба ин гуна як дилбаре дил набохт?

Иброҳимҷон пештар худ ба худ мегуфт, ки, эҳтимол, идроки эҳсосоти ошиқ ӯро ҳеҷ гоҳ насиб нагардад. Аммо дар дили ӯ муҳаббат макон гирифт. Аз куҷо пайдо шуд он?

Шояд аз он ки ишқ ҳам барои бани одам аз имти-

ҳоноти ногузир аст, чунон ки ҳар зодаи инсон аз як силсила озмоишҳои рӯзгор, монанди санҷиши бемориҳои шадид, имтиҳони шӯҳрат, сарват, имтиҳони бахт, мусибат ва ғайра ҳатман бояд бигзарад. Шояд аз он ки дар вуҷуди ҳар як зодаи одам дер ё зуд ин ҳисси ошӯбгар бо тақозои табиаташ бояд пайдо шаваду дар олами ӯ инқилобе ангезад. Ончунон, ки донаи пуру мамлӯъ, ки баргашта ба оғӯши модар-замин афтодааст, дар соати худ ногузир бояд ба шакли майса дубора ба дунё биояд.

Пештар Иброҳимҷон нақли рафиқонашро аз ишки дилфигор шунида, ё ботинаи ханда мегирифташ, ё лоуболона ҳамёза кашида, бепарвоёна гӯш медод. Гоҳо ба ӯ чунин менамуд, ки вай ҳам ба шарофати фалон ё фалон духтар аз сайри олами пурасрору ғариби ишқ бахраманд гашта буд. Ва ӯ низ ба он тарзе ки дар фильмҳо дидааст у аз китобҳо хондааст, изҳори муҳаббат карда буд. Вале дере нагузашта ҳис мекард, ки чизе ки ӯ ишқ мепиндошт, ҳавою ҳавасе, мароки даргузаре будааст бас.

Панҷ соли таҳсили дорулфунун, панҷ соли кор аввал ба сифати муаллим, пас дар вазифаи кинооператор ба ҳамин тариқа гузашту рафт. Моддаи ишқи ӯ, агар ба ҷавонони дигар муқоиса шавад, он қадар тез бадал мегардид, ки бародараш Ҳамроҳ-ака аз ин ҳол сахт ба ташвиш афтода буд.

— Оча,— ба модар, ки он вақт дар қайди ҳаёт буд, мурочиат карда мепурсид бародар,— дар ачдоду авлоди мо ягон сабукфикри ҳардамхаёл нагузашта бошад, ин бачаи булҳавас аз кучо пайдо шуд?

Модар таскиномез мегуфт, ки дар овони ҷавонӣ хуни ҳама дар ҷӯш аст. Ҳоло Иброҳимҷон ҳам ҷӯшидаҷӯшида, дамаш паст мешавад, йигити вазнину ботамкин мешавад.

Иброҳимҷон чандин сол ба модар ва бародар «як муддати дигар бардошт кунед» гӯён, ҳар дафъа ба сифати арӯсшаванда номи духтари наверо ба забон мегирифт ва бо ҳар баҳона хонадориро ба таъхир меандохт.

Ниҳоят, рӯзе Ҳамроҳ-ака ба модар гуфт, ки писараш бадгашт, бадахлоқ мешавад, бо занҳои сабукпо робита пайдо карда, ба таъсири ҷавонони айёш афтодааст. Ӯ назди модар масъаларо кӯндаланг гузошта гуфт, ки зинаёда аз ин ихтиёрро ба дасти ин бесар дода мондан салоҳ нест. Ҳар чӣ бодо бод, ба тарзи кадима бошад ҳам, ӯро навъе карда, побанди зану хонаву ҷэй бояд сохт.

Бародар дар замири дил гумоне дошт, ки аз ин таклиф додараш шӯрида, ҷанҷолу арбада хоҳад бардошт, вале бар хилофи пиндошти ӯ Иброҳимҷон ором буд. Ӯ ба худ меандешид, ки ҳамин қадар сол мунтазир буд, ки мисли ҳамсолонаш якеро дӯст дошта, бо ризояти тамоми тарафайн оила барпо намояд. Модом ки солҳо бархадар гузашта рафтанд ва ӯ ба соли бистушашум қадам ниҳод, дигар ҳоҷат ба интизорӣ нест. Ҷӯраҳояш кайҳо падари ду-се фарзанд шудаанд. Таваккал! Ҳазорон сол ачдодонаш ба ҳамин ойни хонадор шуда, рӯз гузаронидаанд. Ҳеҷ кадоми онҳо аз бадбахтӣ ғуссамарг нашудааст.

Иброҳимҷон ба дастури қадим хонадор шуд. Ва расо пас аз як сол аз зани никоҳиаш ҷудо шуд.

* * *

— Салом, Хиромон.

— Салом, Иброҳимҷон. Омадед?

— Омадам.

— Ягон коратон чала мондааст?

— Не. Худам омадам.

— Дидам, ки худатон омадед, трактор кашола накардааст.

— Ҳоҷат ба трактор набуд.

— Ин ҳам бад не. Лекин дар ин хел мавридҳо, ба хаёлам, «роҳгузар будам, сари қадам даромадам» мегӯянд.— Нигоҳи шӯхи ҷавонзан ҳичолати Иброҳимҷонро дучандон меафзуд.

— Росташро гуфтаму мондам: роҳгузар ҳам набудам, махсус ба назди шумо омадам.

— Илтифот кардаед.

— Ташаккур,— банохост аз даҳони Иброҳимҷон баромад ин калиман беравб.

— Ба шумо ташаккур-дия. Пас... Пас чӣ кор мекунем? Агар шинос намебудем, мегуфтем, ки биёед, шинос шавем.

Хиромон як кадар носозгеро, ки аз мулокот бо марди бегона дар пеши назари ҳамкоронаш ҳис мекард, ба оҳанги шӯхиомези гуфтор, бо чунин ҳоле рӯпӯш кардан мехост, ки худро бағоят бебоку бенбо вонамуд мекард. Иброҳимҷон низ дар ин тадбир роҳи начотро

аз хиҷолат дида, шарти бозиро пазируфт ва ба адои накшаи худ пардохт.

— Одамон шинос бошанд, шиносиро давом додан мумкин, мегӯянд.

— Ёфтед, акаи Иброҳим. Баъд шиносоиро ба дӯстӣ табдил додан мумкин. Сонӣ дӯстиро — ба муносибати аз он ҳам каринтар. Ҳамту не?

Баногоҳ Хиромон киёфаи ҷиддӣ гирифт. Ӯ ба соати дасташ, сипас ба деворҳои чалаи ошёнаи якуми иморат назар андохт, ки аз он ҷо коргарон ҳар замон ба сӯи ӯ бесаброна нигоҳ мекарданд, вале чизе намегуфтанд.

— Танаффус тамом шудааст. Шод бошед, — гуфт Хиромон ва ҷолокона ба пайкари оҳанини манораҷран часпида аз зина боло рафт.

* * *

Қамар дина наомад. Имрӯз то ҳоло пайдо нашудааст. Ба ягон ҷо мерафт, албатта хабар медод он дарози сиёҳ. Ақаллан бо телефон, ба воситаи ҳамшираи шафқаташон Зеварҳон.

Муносибати Иброҳимҷону ҷӯрааш Қамар муомилаи баъзе ошиқу маъшуқаи сермуноқишаро мемонад. Як соат ҳамдигарро набинанд, аз ғусса мемуранд, лекин ҳамин ки ба дидор расиданд, ба якдигар талху пичинг, суханҳои нешдор мегӯянд. Гӯё вазифаашон адои қарзи ҷӯрагӣ, дӯстӣ неву заҳри забон тайёр кардан аст ва тани якдигар бароишон ҳадафи озмоиши кориии ин заҳр аст.

Парерӯз, масалан, Қамар баъди саломуалек дарҳол сар кард:

— Медонӣ, Иброҳим, ба ту як лақаби соз ёфтам: Маҷнуни Сонӣ. Ало нигоҳ накун, ба ту ҳаяҷон зарар дорад. Азбаски бо ин лақаб шӯҳрат ёфтан намехоҳӣ,— ӯ маънидор ба сӯи Носир Аббос ва Каримҷон-ака нигарист,— кӯтоҳ карда — М. С. мегӯям. Маъқул?

— Хайр. Маъқул. Ман — М. С., лекин ту С. М., яъне Сафсатафурӯши Мумтоз ё Машҳур, ё Моҳир. Худат интихоб кун. Хулоса, С. М., Маъқул? Наҳоҳӣ зӯрӣ мекунам. Дигар унвон мееӣбамат,— гуфт Иброҳимҷон.

— Медонам, меёбӣ. Ту қарздор монӣ, гӯшти баданата канда меҳӯрӣ.

— Қарздор шудан чӣ ҳоҷат? Хусусан аз ту барин мискин.

— Офарин! Ман, ошно, хурсанд: мисли пештара ба гап даромадӣ. Акнун ин тарафаш — ҷор амал.

Қамар ҳар кори осону оддиро чор амал, ё арифметика меномид.

Ба ҳар ҳол наздиктарин ҷӯраи Иброҳимҷон ҳамин Қамар аст. Вай ба ӯ ҳатто ҳаққи муаллимӣ, устодӣ дорад. Инро эътироф накардан кӯрнамакӣ мешуд.

Боре Қамар ӯро ҳамроҳаш ба ҷарогоҳи дурдасте бурд. Он вақтҳо Иброҳимҷон муаллимӣ мекард, аммо давраи таътили тобистона буд.

— Ҳавои тоза меҳӯрӣ. Ба ман ассистент мешавӣ, яъне ки ёрдамчӣ. Ба як йигит чил ҳунар кам.

— Университета тамом карда, ба ту ассистент мешавам?

— Оббо, дигар тамомкунандаҳои университет ман авлиё намегӯянд-ку!

— Авлиё нагӯянд ҳам, аз нав шогирд нашудаанд.

— Ба танбал кор фармо, панд бишнав. Ман ғами ин ношукра меҳӯраму вай ба ман маърӯза мехонад. Ҳой калла, гуфтам-ку: ҳавои тоза меҳӯрӣ. Ширу қаймоқи гӯсфанд, нони бамаззаи ҷӯпонӣ. Эҳтимол, гӯшти барра ҳам шавад.

Хулоса, Қамар ӯро розӣ кунонид.

Аз водӣ мудири ферма, зоотехники колхоз ҳам бо мошинаи худ ҳамроҳ рафтанд. Онҳо беҳуду беёд буданд, ки ҷорводорони онҳоро, рамаҳои овозадори онҳоро акнун ба кино ҳам мегиранд. Лекин хурсандӣ аз биниашон баромад. Чӣ меҳнату машаққатҳое ба сари одамон наовард Қамар! Гоҳ илтимос мекард, ки рамаро ба дара ҳай кунед. Хӯш гуфта, ба дара ҳай мекарданд.

— Акнун як кор кунед, ки гӯсфандҳо аз доманаи кӯҳ ба фарозӣ бароянд,— талаб мекард ӯ.

Талабашро ба ҷо меоварданд.

— Хӯш, акнун боз як намуди ғалатӣ месозем: рама бояд ба тарафи офтоббаро ҳаракат кунад,— мегуфт Қамар,— рост ба офтоббаро.

Одамон ба обу арақ ғӯтида, рамаро ба самти офтоббаро меронданд. Чаҳор ҷӯпон, шофери колхоз, шофери киностудия, мудири ферма, зоотехник, Иброҳимҷон аз атрофу акнофи рама «қур-эй» қур-эй» гӯён, ҳуштаккашон ва ҳай-ҳайкунон медавиданд. Бо вуҷуди он агар

сагҳои рамузфахми чӯпонӣ кӯмак намекарданд, одамон хуни чигар мешуданд.

— Кариб тамом шуд? — дилтангона мепурсид Иброҳимҷон.

— Кариб, *азизам*, кариб... Дила вассъ кун, ошно. Гуфтаанд-ку оқилон: духтари саросема ба дасти шавҳари ноаҳл меафтад.

— *Хой Кармен**, ту аз афташ хаёл мекунӣ, ки ич чонварон аз суратқашии ту шод шуда, сар бар осмонҳо месоянд. О мон, бечорахо камтар чаро кунанд, вақти нӯшхорашон мегирӣ.

— Мекунанд, чӯрачон, ҳар кор вақту соат дорад. Санъат қурбонӣ металабад, гуфтаанд. Вақти нӯшхорашон ба ман лозим не, чарояшон лозим.

— А? Наход? Қаромот кардӣ-ку,— писханд кард Иброҳимҷон.— Ин тавр бошад, чони ман фидои санъати беамсоли шумо! — ботантана хитоб намуд ӯ ва дақиқае рӯй турш карда рост истоду гардани хор-хорон калтаки дарозеро бардошта, боз аз дунбали рама давид.

Офтоб нишасту Қамар корашро қатъ намуд.

— Тамом шуд?

— Не ҳоло.

— Боз чӣ монд? Ду кассета навор гирифтӣ-ку!

— Ҳар кассетаи пур ба экран баромадан мегирад. Аз сад-саду панҷоҳ метр навор гоҳо фақат чорякаш ба кор мераваду бас. Дигараш — ба хокрӯба.

— Пули давлата барбод медиҳам, гӯй?

— Ҳайрият, ту бухгалтер набудай. Ҳоло сабр кун,— ба нармӣ гуфт Қамар,— ба ту нишон медиҳам, ки пули давлат ба чӣ сарф шудааст.

Рӯзи дигар аз саҳар боз даводав сар шуд.

Мардум агар гӯлу гапдаро будань ягон касро фаҳмониданӣ бошанд, ӯро ба гӯсфанд ташбеҳ медиҳанд. «Бечора, ба ҳар ҷо фиристӣ, гӯсфанд барин рафтан мегирад» мегӯянд. Бакуллӣ ғалат ин гап! Кас раман гӯсфандро ба тарафи дилхоҳаш ҳай карда бинад, шири модараш аз даҳонаш ояд, баъд мефаҳмад, ки гӯсфанд он қадар ҷонвари гӯлу гаранг набудааст.

Рӯзи саввум ба водӣ баргашта, ба ферман гӯсфандҳои ҳисорӣ рафтанд. Гӯсфандҳои дунбакалон. Қамар сергӯштуравғанин хамин зоти ачиби кадимро нишон додан мехост. Вай дар экран нишон додан мехост, ки вазни баъзе гӯсфандҳои ҳисорӣ то ба яксаду ҳаштод килограмм, яъне ба вазни гови калон мерасад. Дунбаи ин гуна гӯсфанд то се пуд равған медиҳад. Бехуда нақл намекунанд, ки дунбаи баъзе ҷонварон аз бузургиву тарангӣ торс мекафад ва агар бехабар монӣ, хайвони сиҳат ногоҳ харом мемурад.

Қамар аввал рама, баъд якта гӯсфанди калонро ба навор гирифт. Барои ин ба объект ба ҳадди имкон наздик расидан гоҳ нимхез шуда, гоҳе сари дупо нишастаравон акс гирифтан лозим меомад. Сандалӣ барин дунбаи гӯсфанди ҳисорӣ дар ҳар қадам гузоштанаш камаш ним метр ин сӯву ним метр он сӯ алвонҷ мехӯрд. Азбаски аппаратро наздик доштан зарур буд, ба иловаи диккак «роҳ рафтан» Қамар ҳам мебоист ба чапу рост мекалавид, то ки чуссаи ҷонвар, ба истилоҳи операторон, аз кадр берун наравад.

Ниҳоят кассетаро пур карду дар ҳамон ҷой ба рӯи замини пур аз саргину шошаи чорво афтод. Иброҳимҷон «Чӣ шуд?» гуфта, аз тарс даме шах шуд, сонӣ тозон рафта дид, ки аз сару гардани чӯраш шув-шув арақ мешораду худаш табассумкунон дароз кашида хобидааст.

— Қадрҳои оличаноб мебарояд! — бо вачд гуфт Қамар ва оҳи сабуке кашид.

Э, гуфт Иброҳимҷон дар дилаш, ҳамин ҳам касб шуду... Аз дунболи думбаи гӯсфанд гаҳворачунбон барин алвончҳурон ба обу арақ ғарқ шуда, кариб мурда будӣ. Боз эшон ба ҳунарашон дилбозу аз он сарфароз.

Баъди чанд рӯз Қамар ӯро ба киностудия бурд. Ба як толори хушрӯе даромаданд, ки тахмин шаст-ҳафтод курсии нарми бароҳат дошт, аммо ғайр аз ҳардуяшон дигар касе набуд. Иброҳимҷон гумон кард, ки он ҷо ҳоло соате мунтазир хоҳанд нишаст, то ки толор аз одам пур шавад. Лекин Қамар ба сари мизи майдан пастаке, ки дар пешгоҳи толор гузошта буданд ва рӯяш аз тугмаҳои гуногуншаклу рангбаранг пур буд, нишаст ва ба рӯи миз сар ҳам карда гуфт:

— Сашка, сар кун, азизам!

Чароғҳо хомӯш шуданд. Фильм оғоз ёфт. Вай ҳамагӣ ҳафт дақиқа давом кард, вале Иброҳимҷон моту мабҳут шуда буд. Хироми рама дар заминаи дашти

---

* Кармен Роман Лазаревич— кинооператори номии советӣ. Артисти Халқии СССР, муаллифи фильмҳои машҳури ҳуҷҷатӣ, Лауреати мукофоти Ленинӣ, Мукофотҳои давлатии СССР.

сабз, кӯҳҳои сарсафеди туманолуд, лабханди табини чӯ-
лонҳои серришуфаши саллабасар, чашмони милтирроc-
занада, поякони нозуки баррачаҳо, ҷастухези шӯхи он-
ҳо чунон назаррабо буданд, ки хуши кас тасхир мешуд.

— Чӣ тавр? — пурсид Қамар вақте ки берун баро-
маданд.

— Нағз, — гуфт Иброҳимҷон.— Бисьёр нағз. Рости,
ман ин қадар умед надоштам.

— Хайр, охир, пули, давлат насӯхтааст?

— Не. Пули давлат ҳалол буд, ҳалолтар шудааст.
Фильмат ба экран барояд, боз рафта мебинам.

— Барои чӣ?

— Барои он ки эҳтиромам ба ту зиёдтар шавад.

— Яъне мехоҳӣ боз бубинӣ?

— Ҳа. Такрор нишон медиҳанд?

— Набошад чӣ? Ин ҷо кинотеатр не. Ин ҷо мо, ху-
дамон, хӯҷаин.

Ҷавонписари малламӯеро, ки, яқин, ҳамон Сашкаи
ба воситаи телефони пульт гуфтугӯқардааш буд, дар
долон дошта, бо навозиш чизе гуфт. Ӯ ба аломати ризо
сар ҷунбонид. Дар худи ҳамон толор фильми навро ду-
бора тамошо карданд...

Иброҳимҷон то охири таътилаш ҳамроҳи Қамар буд.
Ба фабрикаву заводҳо, мактабу сохтмонҳо, лагерьҳои
пионерӣ мерафтанд. Ба гӯшаҳои хушманзараи бекас
рафта, ҳусни табиатро акс мекунониданд.

Соли дигар Иброҳимҷон ҳам ба киностудия гузашт.

Одатан маҳсули тайёри заҳмати санъаткорро дида,
тасаввур кардан осон нест, ки барои он чӣ қадар ранҷ
бурдаанд. Касби кинооператор низ аз ин қатор истисно
нест. То пой бар лаби ҷарии бетаг нагузорӣ, манзараи
дилнишини дараро аз боло акс кунонидан амри маҳол
аст. То ҷон ба каф нагирӣ, расми қуллаҳои барфпӯшро
ба навор нақш бандондан муяссарат намегардад. Ба-
рои он ки ҳусни аспони хушзот ё барраҳои навзодро
нишон диҳӣ, гоҳо пой бар тӯдаи саргин ё мурдоби шо-
ша мениҳӣ, ё ҳатто ба рӯи ахлот ғел мезанӣ.

Хӯш, ба навор гирифтани намоиши идонаи пойтахти
озода осон аст? Ҳайҳот. Милиционерон, нозирони намо-
иш «ин сӯ нарав, аз он ҷо нагузар, тартибро вайрон на-
кун» гуфта, касро саргаранг мекунанд. Гумон меку-
нанд, ки ҳар чиз ки ба назари онҳо возеҳ менамояд, ба
навор ҳам бояд бидуни давуғеҷ, хаму рост шудан, ба

миёни издиҳом зада даромадан, аз дучболи мошину
мотоциклҳо давидан — ба осонӣ акс ёбад...

Қонваси* қадрдонаш ҳоло дар ҳонаи торики бекас
як моҳ ин ҷониб даруни ғилофи чӯбин бекор мехобад.
Конваси азизаш, ҳамдаму ҳамкадамаш... Чӣ қадар роҳ
ҳоро ўкчоя тай кардаанд! Ҳатто саргузаштҳои муштa-
рак доранд. Боре Иброҳимҷон ба хандаки чуқуре ғели-
да рафт. Тасмаи Конвас ба гарданаш ҳамоил буд. Ам-
мо баъди ду-се бор ғелидан тасма ҷудо шуд. Ҳар ду
баробар харошу тарош хӯрданд, вале, хайрият, зиндаву
саломат монданд.

Ҳар пагоҳӣ, ки Иброҳимҷон аппараташро ба даст
мегирифт, аз он қабл аз ҳама бӯи хуше ба машомаш
мерасид. Накҳати ким-чӣ гуна ранги муаттар, равға-
ни атрогин, пӯлоди хушбӯй. Ҳа, пӯлоди хушбӯй. Ибро-
ҳимҷон гарду чанги Конвасашро пок мекард. Вай оҳис-
та-оҳиста гарм мешуд, ҳарорати тани ҳар ду қариб ба-
робар мегардад. Гӯё аппарат ба яке аз узвҳои худаш
мубаддал мешуд. Ҳамин ки тугмачаи автоматро паҳш
кард, диск ба ҳаракат медаромад, наворро аз як ғалтак
ба дигараш мепечонид. Оҳиста, нарм ширрос мезаду
суруди ҷӯйчаҳои кӯҳистон барин садои фораме мебаро-
вард, мисли савти гуворон ҳамон ҷӯйчае, ки аз миёни
боғи Иброҳимҷонино гузашта, ба поён, ба боғи ҳамсоя
ҷорӣ мешуд ва шабонгоҳон ӯро оҳанги ҳаловатбахши
алла мехонд. Ё монанди ширроси гандуми тозае ки
марди деҳқон ба хаммаи анбор мерезад.

Эҳ фалак! Ӯ кай сиҳат шуда, аз бемористон берун
меравад? Кай ба даст гирифтани аппарати қадрдонаш
муяссар мегардад, ки акси Хиромони номехрубонро бо-
ри нахуст ин қадар пурҷозиба ба синаи худ ва дили
соҳиби худ ҷой карда буд?

5

— Қасалиҳои дил ва рагҳои хунгузарро мо, таби-
бон, мухтасар касалиҳои ишемӣ меномем,— сухан сар
кард Зардодхон.— Аз ин мавзӯъ ба донишҷӯён даҳҳо
соат лекция хонда мешавад. Агар ба шавқмандон маъ-
лумоти оммафаҳме доданӣ бошем, ақаллан ду соат ло-
зим. Лекин ман аминам, ки ба ҳар дуи шумо ҳамаи

* Конвас — автомат. Номи аппарати советии фильмбардо-
рӣ. Ихтисораи ному фамилияи ихтироъгараш Константин Васильев.

ин мавзӯъро лӯнда карда, дар чанд дақиқа гуфта додан мумкин.

— Духтур, ташаккур, ба фазилати мо ин қадар эътимод доштаед,— гуфт Носир Аббос.

Зардодхон табассуме карду наклашро идома дод.

Инак, касалиҳои ишемӣ аз замонҳои қадим маълуманд. Дар амалияи тиб ақидае ҳукмрон аст, ин бемории дил ва рагҳои хун оқибати тағьироти физиологист, яъне дигаргуниҳои соф биологӣ ва химиёвист, ки дар чисми одам ба амал меоянд. Дар таркиби худ холестерин ном моддае пайдо мешавад, ки лаъличашакл буда, ба назари оддӣ ноаён аст. Холестерин тадричан меафзояд ва азбаски аз зарраҳои таркибии хун вазнину ноҳинчортар аст, ҳангоми гардиш дар девораи рагҳо часпида, роҳи хунро таиба мезанад.

Зардодхон нақл мекарду аз андомаш ҳувайдо буд, ки худро дар палатаи бемористон ба сифати ноқил чандон соз ҳис намекунад. Ҳар сафедпӯш аз дари хона нигоҳ кунад, даме лаб фурӯ мебаст ва муддате хавоси парешонгаштаашро аз нав ҷамъ менамуд.

Тасаввур кардан лозим аст, ки марде ба тарозуи бозор даҳ ё понздаҳ кило санг монда, чусту чолок гандум бармекашад. Дигаре яктаҳи сафед дар таи дар лабораторияи озодае ҳамон гандумро барои озмоише ё дигар нияти илмию тадқиқӣ ба тарозучаи сабуки заргарӣ дона-дона бармекашад. Нутки орому як қадар ҳаёомези духтур ба ана ҳамин гуна донабаркаш монанд буд дар муқобили нутки пурғулғула, ҷарангосӣ ва боэътимод, нутқи оташини лектороне ки онҳоро гурги борондида меноманд ва корашонро ба тарозудори кордидаи сари бозор шабоҳат додан мумкин.

— ...Холестерин бошад, натичаи хӯроки носоз аст,— гапашро давом кунонид Зардодхон.— Маҳсули хӯрокест, ки дар таркибаш равған зиёд аст, хусусан равғани ҳайвонот. Шахси дардманд ба тарзе, ки бояду шояд, дар ҳаракат набудааст, яъне бо кори чисмонӣ машғул набудааст. Як навъи ғизо, аз қабили сабзавот, анвои алафҳои хӯрокӣ — пиёзи кабуд, гашнич, шибит, чаъфарӣ, сир, ҳар гуна алафҳои кӯҳӣ ва даштӣ ба монанди рову ревоҷ — дар таркиби худ моддаҳое доранд, ки хунро аз пулакчаҳои часпаки холестирин тоза мекунанд. Аммо шахси бемор дар вақташ аз ҳамин навъи ғизо ё истеъмол накардааст, ё карда бошад ҳам, ниҳоят кам.

Чунин аст ақидаи пешина, ки онро табибон назари классикӣ меноманд. Мурури замон мавқеи ин назарро такон дода, хеле ноустувор гардонид. Ахбороти статистика онд ба навъҳои касалиҳо имконият дод табибон хулосае бароваранд, ки касалиҳои ишемӣ касалиҳои асри бистуманд. Яъне чи аз чиҳати мавқеъ ва интишорашон ва чи аз чиҳати характери пайдоиши худ ба замона сахт алоқаманданд.

Дар айёми мо таҳаввулоти техника ба миқёсе расидааст, ки на фақат суд, балки як андоза зиён ҳам меоварад. Механиконӣ ва автоматонии истеҳсолот ҳосили меҳнатро беандоза баланд мебардорад ва дар бисёр соҳаҳо ҳиссаи кори чисмониро ба ҳадди ақал мерасонад ё ҳатто зарурати онро тамоман аз байн мебарад. Ин ҳол аз нуктаи назари тиб ҳам хуб аст, ҳам номатлуб. Хуб аз он чиҳат, ки муҳити кор тозаву озода мегардад, баъзе бемориҳои касбӣ ба куллӣ нест мешаванд. Номатлуб аз он чиҳат, ки байни фаъолияти марказҳои олии асаб, ки ба кори мағз вобастаанд ва марказҳое, ки ҳаракати мушакҳоро идора мекунанд, таносуб вайрон мешавад.

— Аз афташ, номафҳум гап мезанам? — ногоҳ савол дод Зардодхон.

— Не, духтур, фаҳмо,— эътироз намуд Носир Аббос.— Намегӯям, ки фаҳмиши ин нуктаҳо мисли идроки ягон сӯҳбате дар мавзӯи маишат осон бошад. Лекин ба ҳар ҳол фаҳмо.

— Олимон мағзи сари одамро ба ҳиссаҳо, ба ибораи дигар гӯем, ба марказҳои мустакили дар айни замон ба ҳамдигар алоқаманд таксим кардаанд,— матлабашро шарҳ дод духтур.— Як қисми ана ҳамин марказҳо ба фикри одам, ба узвҳои эҳсосот назорат кунад, қисми дигараш, содда карда гӯем, ба кори узвҳои ҳаракат, ҳаракати дасту пой, мушакҳо, мувозинати пайкар ва ғайра машғул аст. Ман ҳамин нуктаро таъкид карданӣ будам.

— Фаҳмо, духтур, давом диҳед, — боз сухани ӯро тақвият кард Носир Аббос.

«Ин сӯҳбатҳо, бешак, фоиданоканд, ҳатто мароковаранд,— аз дил гузаронид Иброҳимчон.— Лекин мақоле ҳаст, ки себама хӯрдӣ, ғоз деҳ. Баъд ин олими мӯҳтарам хоҳад гуфт, ки ана ман барномаро баён кардам, ҳатто чузъиёти ҳодисаро фаҳмонда додам, акнун навбат ба шумо. Марҳамат, саргузашти худро нақл кунед...»

дар тағир ёфтани характери меҳнат аст. Ҳоло дар рӯи дунё шумораи шаҳрҳое ки аҳолиашон аз як миллион гузаштааст, бештар аз яксаду панҷоҳ адад аст. Дар ин гуна шаҳрҳо, хусусан дар шаҳрҳои азиму барои сокинонаш камҳавою камофтоби хориҷа одам аз имконияти баҳузур сайругашт кардан, аз ҳавои тоза нафас гирифтан маҳрум аст. Бар болои ин шавқуни наклиёт ва корхонаҳо касро тазъиқи иловагӣ медиҳад.

Аҳволи табакаи зиёиён боз мароқангезтар аст. Аҷдодони мо дар зимистон, масалан, аз субҳ то шом давуғеҷ мекарданд, ҳезум меғундоштанд, оиро арра карда ва шиқаста алавбоб мекарданд, оташ меафрӯхтанд, то ки хунук нахӯранд. Ҳоло барои дах-дувоздах ҳазор аҳолӣ якта деги калон об гарм мекунад ва он ба тағтаги замин аз кубурҳо гузашта, хонаҳоро ҳарорат мебахшад. Дар шаҳрҳои калон як ТЭЦ хонаи садҳо ҳазор одамонро гарм мекунад. Яъне ба ҷои қувваи ҳезумкашону ҳезумкафони дасту пой қувваи ақл кор мекунад. Мушак бекор мемонад.

Боз як мисоли дигар. Аҷдоди мо гандум пуштора карда, ба осиёб мебурд, орд кашида меовард ё дар хонааш бо оси дастӣ орд мекард. Барои сайди кабке ё оҳуе ба кӯҳҳои баланд ё даштҳои фарох давида мебаромад.

Акнун чӣ? Акнун дар ошёнаи якуми ҳавлиаш — дӯкони нон. Шонздах тин дода, нони тайёри якрӯзаро мегирад. Дар паҳлӯи дӯкони нон — магазини гӯшт. Гӯшти гӯсфанд, гов, хук, мурғ, мурғобӣ. Шир, ҷурғот, ҳасибҳо, равғанҳои ҳел ба ҳел, консервҳо. Ходимони савдо хоҳанд, гӯштро дар яҳдон бист-сӣ сол якзайл нигоҳ медоранд. Меваи ҳаминсоларо баъди дах сол чунон боб карда аз яхдон бароварда медиҳанд, ки гӯё ҳамин ҳоло аз дарахт канда, рӯи лаълӣ гузошта бошанд.

Сохти асаби мо ва аҷдодонамон як хел аст. Вале аҷдоди мо медавид, мехазид, меқапид, меовард, мебурд, ҳамла мекард, мегурехт. Асабаш фақат ба ҳамин муносибат кор мекард ва метавон гуфт, истироҳат ҳам мекард. Ҳоло он қисми асаби мо, ки бо кори мушакҳо робита дорад, суст шудааст. Он қисми асаб, ки бо кори мағз алоқаманд аст, ба ҳамлаи рӯзафзуни ахборот гирифтор шудааст. Дигар муқаррар кардаанд, ки миқдори ахбороте ки ба сари одамизод фурӯ мерезад — аз ҷумла китоб, матбуоти рӯзмарра, радио, телевизион,

кино, театр, дар ҳар дах-дувоздах сол ду баробар меафзояд.

Дар мамлакатҳои тараққикардаи ҷаҳон баробари афзоиши миқёси ахборот, шӯру валвалаи шаҳрҳо, воситаҳои техника миқдори қасалиҳои ишемӣ низ зиёд мешавад.

Пас хулосае бармеояд, ки маризии мазкур на фақат ба тарзи хӯрок вобаста будааст. Дар воқеъ одамон, точикони мо ва дигар мардумони Осиёи Миёна аз ҷумла, дах аср қабл аз ин ҳам хӯроки серравған истеъмол мекарданд. Дар Европа аз замони Қолумб инҷониб тамоку мекашиданд. Дар як қатор кишварҳо майнӯшӣ анъанаи бостонист. Вале то асри мо саҳми стенокардия (диққи нафас) ва инфаркти миокард (сактаи қалб) ин қадар набуд.

Дар мамлакати мо назди илми тиб вазифа гузоштаанд, ки вай аз илми табобат ба илми пешгӯй ва пешгирии касалиҳо табдил ёбад. Яъне тиб минбаъд бояд аз табобати бемор дида, ба масъалаи бемор нашудани одам, ба ҳифзи сиҳати мардум, боз аниқтар гӯем, ба ҳифзи сиҳати мардуми сиҳат машғул шавад.

Азбаски клиникаи Зардодхон хеле бехтар шудани аҳволи саломатии Носир Аббос ва Иброҳим Олимиро ба назар гирифта ва бо ризояти худи онҳо дар ин ҷо тадқиқоти таҷрибавие сар кардааст, духтур бояд мухтасар бифаҳмонад, ки сӯҳбати ӯ оид ба ҷараёни касалии онҳо ва пайдоиши он маҳз ба чӣ лозим аст ва дар кадом бобат ба кор хоҳад рафт.

Қарор қабул шудааст, ки дар Душанбе низ барои муборизаи бо касалиҳои ишемӣ системаи ягонаи навбарпо кунанд. Зинаҳо ё марҳалаҳои ин система аз чиҳо иборатанд?

Аввалан, тадқиқоти эпидемиологӣ гузаронида, муайян мекунанд, ки хатари чунин беморӣ ба кадом маҳал ё мавзеъ, ё кадом табакаи аҳолӣ ё худ ба одамони кадом синнусол бештар таҳдид мекунад.

Сониян, шахсоне, ки ба онҳо ин гуна беморӣ таҳдид мекунад, ба зери назорати кабинети профилактикӣ гирифта мешаванд. Агар касалӣ авҷ бигирад, онҳо ба бемористони қабл аз инфаркт гузаронида мешаванд.

Марҳилаҳои минбаъда аз: ёрии таъҷилии махсуси зиддиишемӣ, назорати махсуси пуркувват ба гирифторони инфаркт, табобатхонаҳои санаторию курортии инфаркт ва баъди инфаркт, кабинети диспансерии баъди

инфаркт иборат аст, ки дар ин кабинет кобилияти бемор ба кори минбаъда аз нав баркарор карда, хавфи такрорни сакта пешгирй мешавад.

Ба ҳаман ин система як маркази диспансерй назорат ва роҳнамой хоҳад кард.

Духтур дақикае хомўш монда, қалами дар дасташ бударо ба собунаки зонуи коқаш тик-тик зада, ба фикр рафт.

— Мувофики супориши сардорон,— гуфт ў баъд,— чанде аз духтурони клиникаи мо, аз ҷумла ман, дар ана ҳамон маркази оиндаи диспансерй кор мекунем. Ба муассисаи нав ҳар кас бояд бо дастовезе биояд. Баъзе материалҳо дар бораи таъсири эҳсосоти ногувор ба пайдо шудану авҷ гирифтани ишемия дастовези ман хоҳад шуд.

— Эҳсосоти ногувор... — гўё худ ба худ гап мезада бошад, хаёлолуд такрор намуд Носир Аббос ва оҳе кашид.

— Ҳа, муаллим, боиси касалии ҳар дуи шумо маҳз эҳсосоти ногувор аст. Гап дароз нашавад гуфта, дар ин хусус таваққуф накардам. Ҳочати такрор нест, ки ҳиссиёти гуворо — шодй, хурсандй, ханда, ҳазлу бозй — боиси истеҳком ёфтани ҳаман аъзои инсон, боиси дарозии умр, ҳатто тағйири ҳучайраҳо мегардад.

— Лекин... — гуфт Иброҳимҷон бо оҳанги як кадар норозиёна ва даме мулоҳиза карда, боз такрор намуд:— Лекин духтур, мебахшед-кун, шумо хеле боэътимод ҳукм мебаровардаед.

Зардодхон аз ин луқма лаҳзае саросема шуда монд, вале сонй бо таваҷҷуб китф дарҳам кашида гуфт:

— Ҳукми боэътимод фазилат аст, рафик Олимй. Аз рўи маҷмўи таҳлилоте ки дар бадали се ҳафтаи охир гузаронида шуд, хусусан, аз рўи таҳлили чандинкаратаи хун хулоса баромад, ки тарзи зиндагонии ҳар дуи шумо тавре набуд, ки фақат эволюцияи биологии ҷисматон оқибат боиси бистарй шуданатон гардида бошад.

— Аз таҳлили хун бисьёр чиз фаҳмида мешудааст, — бо ҳамон оҳанги шубҳаомези кунчковона гуфт Иброҳимҷон.

Зардодхон боз табассумкунон хомўш шуд. Зоҳиран, ў фикр мекард, ки агар ба ҳамлаҳои шаккоконаи ин мард бо услуби худи ў ҷавоб нагардонад, аз эҳтимол дур нест, ки сўҳбат бо ин ду нафар, ки барои вай, барои муассисаи вай, илми вай зарур аст, ранги но-

матлуби ҳазломез бигирад ва натиҷаи даркорй надиҳад.

— Ҳа, — гуфт ў ин дафъа рост ба чашмони Иброҳимҷон чашм дўхта, — аз таҳлили хун вазъи аксари узвҳои инсонро мукаммал фаҳмидан мумкин. Масалан, дар таркиби хун липид ном моддае хаст, ки аз аҳволи мағзи одам гувоҳй медиҳад. Воқеан, хеле равшан гувоҳй медиҳад, рафик Олимй.

Духтур чун дид, ки дар андоми Иброҳимҷон аз захрханда дигар осоре намондааст, барои баргардонидани сўҳбат ба маҷрои аслй, маҷрои орому ҳамвор илова намуд:

— Аз як қатра хун дар бораи тарзи зиндагонй, сатҳи маишат ва боз бисёр чизҳои дигар хулоса баровардан мумкин. Маъзур медоред, ки аз мавзўъ андак ба канор рафтем. Ман мехостам илова кунам, ки чй қадар давом кардани сўҳбати мо ба ҳар дуи шумо вобаста аст. Ба он вобаста, ки дар ин кори нав ба мо то чй андоза кўмак карда метавонед.

«Қўмак кардан мехоҳед» — гуфтанй буд, аммо «метавонед» гуфт, аз дил гузаронид Иброҳимҷон.

— Воқеан, аз сўҳбати мо бо худи шумо низ суде хоҳад расид. Он чизеро ки аз сар гузаронида, нотоб шуда будед, таҳти назорати табиб нақл мекунед. Ҷараёни нақл то андозае ба дубора аз сар гузаронидани он воқеот монанд аст. Ба назари мо, табибон, ин мусоҳиба аз ҳамин чиҳат як навъ машқ ҳам мешавад. Қабл аз ҷавоб шуда баромаданатон аз табобатхона мо бояд эътимод ҳосил карда бошем, ки берун аз дари касалхона аҳволи шумо дигар вазнин нахоҳад шуд. Бегоҳй, пас аз соати истироҳат боз меоям. Зид нестед, ки сўҳбатро имрўз бегоҳй сар кунем?

Носир Аббос гуфт, ки розист...

— Хўш, мулло Иброҳим, ману шумо ҳамтақдир будаем. Ба ин барнома чй мегўед? — пас аз рафтани Зардодхон савол дод Носир Аббос.

— Чй мегуфтам? Бояд фахр кунем. Агар Ивон-амаку Каримҷон-акаю дигарон барои талқикоти оддии тиббон хидмат кунанд, мову шумо барои ҷахиши бузурги тибби фардоина замина муҳайё мекунем.

— Рост. Фахр мекунем.

— Ба фикри ман, ба духтурамон ёрй расонидан зарур! — ба гап ҳамроҳ шуд Ивон-амак.

— Ман ҳам дар ҳамин хаёлам, Андреич.

— Шуморо-ку медонам, аммо ин писар,— ӯ ба сӯи Иброҳимчон сар чунбонид,— аз афташ, нияти кӯмак кардан надоранд. Мебахшед, писар,— вай аз бистараш бархоста, ба наздиктари Иброҳимчон омад,— ин кори шахсии шумо, аз як тараф, лекин ба ин масъала чиддӣ муносибат кардан лозим. Ҳангоми сӯҳбати духтур ба вай кинояомез лукмаҳо партофтанатон, рости гап, ба ман маъкул нашуд.

«Ҳоло мо ношиносем. Ҳамин ки феълу хӯи шуморо омӯхтам, фақат корҳои писанди шуморо мекунам, суханҳои маъқули шуморо мегӯям» гуфтан мехост Иброҳимчон, вале худро ба даст гирифт.

Носир Аббос гуфт:

— Байни духтурон мақоле ҳаст. Мо худо нестем, ки мурдаро зинда кунем, мегӯянд. Лекин илм бояд ба пояе бирасад, ки ҳар як табиби хуб мисли худованд тавоно шавад. Инҳо ба сӯи ҳамон поя равонаанд.

6

Гоҳо муаммое ба домани хаёл мепечаду то даме ки ҳал нашавад, то лаҳзае ки чавобашро дарнаёбанд, рӯҳи касро осуда намемонад. Аз он соате ки Иброҳимчонро ба палатаи кунчакӣ кӯчонида оварданд, андешаи он ки Носир Аббосро дар кучо ва кай дидааст, тадричан ба хаёли ҳаринаи азиятофарине табдил ёфт.

«Э, хайр, дар ёдам набошад, садақаи сарам! — бо ғазаб мегуфт вай ба худ аз шиддати андешаи беокибат хаста ва дилтанг шуда. — Оббо, дида бошам, дидаамдия. Чӣ воқеа шудааст? Ҳазрати Хизр набудааст, одами хоқӣ будааст...»

Ӯ худро тасаллӣ медод, аммо дере нагузашта, боз ба дилаш оташ меафтод: мегӯянд, ки пас аз сактаи калб дар чисми аксари беморон атеросклероз авч мегирад, яъне рагҳои хун, аз чумла роҳҳои хунгузари мағз охиста-оҳиста танг шуда, заъфи хотир рӯй медиҳад, заволи ҳофиза оғоз мешавад. Иброҳимчон мепиндошт, ки ин дард ба пайкари ӯ низ роҳ ёфтааст. Вагарна шахси як бор дидаашро чаро фаромӯш мекардааст? Дар бистуҳафтсолагӣ склероз сар шавад, минбаъд чӣ тавр зиндагонӣ хоҳад кард? Хусусан, ки акнун ба таҳияи фильмҳои хурди бадей гузашта, ба олами чозибу асроромези санъат боз як қадам наздиктар меравад. Ва ба қавли Зардодхон ҳам, умри эчодии ӯ ҳанӯз дар пеш аст.

Мушкиле нест, ки осон нашавад. Муаммои ҳарина, ниҳоят, ҳал шуд: баробари сар шудани соати аёдат ба палата зани солхӯрдаи резапайкар ва ситорагарме ворид гардид. Ӯ чашмони ачибе дошт, ки нигоҳашон гӯё касро навозиш мекарданд ва осоишу таскин илко менамуданд.

Носир Аббос шавҳари ҳамин зан, ҳамин муаллимаи машхур будааст, ки ду сол қабл аз ин Иброҳимчон аз корубору рӯзгори ӯ фильме сохта буд. Боиси ин қадар дуру дароз чавоб кофтани ӯ ҳамин будааст, ки фамилияи зану шавҳар дигар-дигар буд, чунон ки дар байни точикону ӯзбекон ин ҳол бисёр вомехӯрад. Иброҳимчон акнун дарёфт, ки худи Носир Аббосро ҳеч гоҳ дар ҳеч чой надидааст, балки сурати калони ӯро дар хонааш дидааст. Боз сурати нав ҳам не, аксе ки даҳ-дувоздаҳ сол муқаддам бардоштаанд.

...Иброҳимчон ба хона бевақтишаб омад, раҳматӣ модараш пеш аз хоб таъин кард, ки саҳарӣ бархезад, бародараш ба ӯ коре доштааст. «Саҳари барвакт, соати ҳафти пагоҳӣ», таъкид намуд модар. Иброҳимчон ҳатто напурсид, ки ӯро чӣ хизмате нигарон аст. Вай ба супоришҳои ногаҳонии бародар қайҳо одат кардааст. Барои полковники милиция Ҳамроҳ Олимӣ солҳои бисёре инчониб мафҳуми шабу рӯз, барвакту бевакт тафовути худро гум кардааст. Шояд ӯ пиндорад, ки ин нукта барои дигарон низ аҳамияте надорад.

Масалан, нимишабӣ янгааш Иброхимчонро бедор карда мегӯяд, ки акаатон ба телефон даъват мекунанд. Ӯ чашмони хоболудашро молида-молида ба назди телефон меравад.

— Шер, — мегӯяд акааш аз он канори сим,— зуд либос пӯшу ба мошинчаат савор шуда пӯшоки урфии мана даррав ба вокзал биёр. Чаккон бош, шер. Чашмони хоболудатро шӯй, шер.

Иброҳимчон чомаву курта-эзор ва мӯзаю токии чустии бародарро ба вокзал мебарад.

— Мошин кам буд имрӯз, шер,— мегӯяд ӯ.— Барои ҳамин туро аз хобат бедор кардам. Хайр, шер, ҳеч воқеа не. Ту дар университет хонда, аз хизмати ҳарбӣ мондӣ. Мард, шер, бояд ба ҳар шароит одат кунад, шер.

Акааш ба гӯшае ғайб зада, баъди лаҳзае дар сурати деҳқоне ҳамроҳи дастаи одамони ҳаррангалибос аз бинои хилвати вокзал баромада, аз болои роҳҳои оҳан гузашта дар оғӯши торикӣ ниҳон мешавад.

Е дар айни долузарби кор директори киностудия ӯро ба кабинеташ хонда мегӯяд, ки нимрӯза ба ихтиёри Вазорати корҳои дохилӣ фиристода мешавад. Кори чалаашро, агар ниҳоят зарур бошад, ба сардори гурӯҳ супорад. Иброҳимчон ҳамроҳи техникҳои идораи милиция рӯзи дароз ким-чӣ гуна як киноаппарати майдаяки кисагиро қисм ба қисм чудо карда кушода, таъмир мекунад.

— Боракалло, шер,— мегӯяд акааш дар анчоми кор.— Ба мо зӯр ёрмандӣ кардӣ. Медонӣ, шер, мутахассиси ин кор дар шаҳр бисёр, лекин аппаратро ба ҳар кас нишон дода намешавад. То як муддати муайян, албатта. Офарин, шер, акнун ба студияат бирав.

Соат даҳи шаб шудаасту «акнун ба студияат» бирав» мегӯяд. Ҳаккo, ки тафовути шабу рӯзро заррае эҳсос намекунад ӯ.

Одамизод тарзе сохта шудааст, ки агар ба ҳаёти ӯ бевосита дахл накунад, аз пеши назараш садҳо симоҳо, воқеаҳо, даҳҳо рӯзҳои муқаррарӣ ё пурҳаводис дартоз гузашта мераванду дар шуури ӯ акс намеёбанд. Иброҳимчон, ки кайҳо боз ба мактабу маориф сарукоре надошт, фақат саҳари рӯзи дигар ба ёд овард, ки он рӯз якуми сентябрь будааст, талабаҳои синфи якумро то ба остонаи мактаб гӯселонидан лозим будааст. Бародараш ҳанӯз дина бегоҳӣ ба кадом районе баромада рафтааст. Янгааш нотоб. Духтарчаи кенчаи онҳоро Иброҳимчон мебоист ба мактаб месупорид.

— Ҳатман ба дасти муаллима Аҳмадова супоред. Акаатон пешакӣ бо он кас гуфтугӯ кардаанд,— таъин кард янгааш.

Дар саҳни мактаб гӯё замин кафида, одам баромада буд. Иброҳимчон аз дасти Раъно дошта, саргарангона ба чаҳор сӯй назар меандохт. Дар як тараф талабаҳои оянда гурӯҳ-гурӯҳ шуда меистоданд. Назди ҳар кадоме аз онҳо падар ё модараш ҳозир буд. Муаллимон байни гурӯҳҳо рост истода, ба дафтарҳои худ кайдҳо мегузоштанд, бо падару модарон сӯҳбат мекарданд.

Аз қарибии Иброҳимчон чавони қадбаланде дартоз мегузашт. Аз галстуки сурхи ба гардан бастааш пионервожатый буданаш аён буд. Иброҳимчон ӯро аз роҳ боздошта, хоҳиш намуд, ки муаллима Аҳмадоваро нишон диҳад.

— Аҳмадова... Аҳмадова...— худ ба худ такрор мекард чавони баландболо ва гӯё ба ӯ аз таърихи фалсафаи Шарк ё физикаи ядрой саволи дандоншикане дода бошанд, ангушти шаҳодат ба пешонӣ гузошта, даме фикр кард ва номи муаллимаро боз чанд бори дигар зикр намуда, ниҳоят гуфт:

— Ҳа! Марҳамат, рафиқ ба он сӯи бино бигзаред. Муаллима Аҳмадова дар майдончаи спорт.

Ва худ ҳамчунон тозон ба миёни тӯдаҳои омехтаи бачаҳою калонсолон даромада рафт.

Дар он тарафи бинои мактаб манзара боз ачибтар буд. Тахмин чил нафар бачаҳо дар таки дари дуввуми мактаб, ки ба тарафи боғ ва майдончаи спорт яла мешуд, рӯи суфаи бетонӣ рост меистоданд. Дар поёни суфа падару модарони онҳо байни ҳамдигар хушҳолона сӯҳбат мекарданд.

Аммо дар пеши зина боз ҳамин қадар падару модарон бо ҳамин миқдор бачаҳо ва худи муаллима бо ҳавоси парешон ва чеҳраҳои ғамолуд меистоданд. Ҳатто чашми муаллима ва баъзе аз модарон гиряолуд менамуд.

— Аз дастам меомад, ман не мегуфтам? — бо овози ҳаста мепурсид муаллима.— Одамон тарбияи фарзандашонро бовар карда месупоранду ман не мегуфтам?..

Иброҳимчон «чиянатонро ҳатман ба дасти муаллима Аҳмадова супоред» гуфта таъкид кардани янгааш, сухани ӯро ки бародараш бо Аҳмадова пешакӣ гуфтугӯ карда будааст, ба ёд овард ва пай бурд, ки ин гурӯҳе ки ҳама ошуфтаю малул менамоянд, аз чӣ сабабе бошад, низ мехоҳанд, ки фарзандонашонро маҳз ҳамин зани резачуссаи ситорагарм таълим диҳад.

— Амакчон, рафтем, охир,— гуфтани Раъно Иброҳимчонро ба хуш овард ва ӯ қатъӣ қадам гузошта, аз як гӯшаи давра ба худ роҳ кушода, ба муаллима наздик расид.

— Ана ин духтарча,— гуфт ӯ ба саволи муаллима мунтазир нашуда,— духтари бародари ман... Раъночон — илова кард ӯ ва дигар чӣ гуфтанашро надониста хомӯш монд.

— Хӯш? — дар чеҳраи муаллима табассум давид. Зоҳиран, Иброҳимчон, ки дар байни издиҳом даступо гум карда буд, вачоҳати ҳандаоваре дошт.

— Бародарам дар сафар, занаш — нотоб. Ба ман

таъин карданд, ки кӯдакро ба дасти шумо бисупорам.

— Йигити нозанин, — ба Иброҳимҷон ришхандомез гуфт марде ки дар паҳлуяш менстод.— Бародари шумо ва завҷаи эшон ба шумо боз чиҳо фармуданд? Дилашон боз чиҳо мехостааст? Балки тухми анҳо металабад дилашон? Ё мурғи ҳумой, а?

— Раъноҷон,— муаллима ба талхаву пичинги мард гӯш надода, сари духтарчаро сила кард ва аз ӯ номи падарашро пурсид.

— Ҳа, ҳа, — гуфт ӯ пас аз ҷавоби кӯдак ва ҳомати худро рост карда, ба атрофиёнаш муроҷиат намуд: — Раъноҷон духтари собиқ шогирди ман. Ният карда будам, ки фарзанди шогирдонамро ҳам дарс гӯям.

Муаллима кадом як хотираи хушеро ба ёд оварду чеҳраашро лабханди латифе равшан намуд. Он шиддате ки фақат чанд дақиқа пеш дар муомилаи байни ӯву ин одамони ранҷидахотир вуҷуд дошт, аз байн рафт.

— Ҳар кас ният мекунад, ки соҳиби фарзанд шавад. Ҳамин ки ба нияташ расид, боз орзу мекунад, ки фарзандони фарзандашро бубинад... Ана,— муаллима варақаеро аз миёни дафтар бароварда ба сӯи он марди тундгап дароз кард,— мана, нигаред, номи ин духтарча дар рӯихат кайҳо навишта шудааст.

Марди тундхӯ ҳам шуда, варақаро ба чашмонаш наздиктар оварда лаҳзае зеҳн монд, пас норозиёна даст афшонида, ба канор баромад. Дар андоми ӯ чунин маъние нақш баста буд, ки дар ин дунё инсофу адолат гуфтанӣ чиз набуду нест.

Мавзӯи фильми оид ба муаллима Аҳмадова ҳамин тавр кариб тасодуфан ёфт шуда буд.

Баъзе ҳамкасбони Иброҳимҷон аввал мавзӯи фильми ояндаи худро фикр карда, баъд барои таҳийяи он ба миёни мардум — ба корхонаю муассисоти даркориашон мебароянд. Иброҳимҷон бошад, аксаран бидуни нақшаву нияте ба мобайни мардум рафта, аз он ҷо мавзӯъ меёбад ва фақат пас аз он аз паи таҳийяи фильм меафтад.

Баҳсу талоши мардум барои супурдани бачаҳошон ба дасти муаллима Аҳмадова ба Иброҳимҷон таъсири амиқе гузошт. Вай карор дод, ки дар бораи ин омӯзгор фильме созад. Ҳанӯз нақшаи возеҳе накашида, тарҳи кори минбаъдаи худро муайян накарда, ба он мактаб

боз омад ва бо ризояти маъмурон дар як гӯшаи синф ба мушоҳидаю муоина пардохт.

Рӯзи дуюму сеюм бачаҳо ба ӯ дигар унс гирифтанд. Аппарати майдаяк, сандуқчаҳои батарея ва объективдори ӯ дигар хушн онҳоро парешон намекард. Рӯзи чаҳорум ҳар се танаффусро ҳамроҳи Раъноҷон ва дигар бачаҳо гузаронид. Дар ҷавоби саволборони онҳо якзайл мегуфт, ки овози муаллимаашонро навишта мегирад. Азбаски аппарати майдаро бачаҳо намешинохтанд, ба суханаш бовар мекарданд ва дар сарашон хаёле пайдо намешуд, ки ӯ сурати онҳо ва муаллимаашонро рустӣ ба навор мегирифта бошад.

Зотан ба тадбирҳои эҳтиётии Иброҳимҷон ҳоҷат ҳам набуд. Занг зада мешуд. Бачаҳо дар чанд сония ҷойҳои худро ишғол мекарданд. Муаллима дарсро аз сари миз ё тахтаи синф оғоз мекард ва баъд гӯё боғбоне бошаду миёни ниҳолакони бӯстони навбунёд гаштугузор мекарда бошад, байни партаҳо озодона қадам зада, сабақ медод. Ҳангоме ки нақл мекарду роҳ мепаймуд, сарҳои бачаҳо, гарданакони борики ғалатӣ, чашмони сиёҳи ба рӯи муаллима дӯхташудаи онҳо баробари муаллима ба самти ҳаракати ӯ тоб мехӯрданд.

Мӯъҷизае ба вуқӯъ мепайваст: онҳое ки фақат чанд рӯз қабл аз ин ба чизе бештар аз даҳ дақиқа диққат ҷалб карда наметавонистанд, акнун то даме ки худи муаллима рухсаташон надиҳад, то лаҳзае ки «занг шуд, бачаҳо, ба танаффус мебароем» нагӯяд, аз ҷояшон намечунбиданд.

Иброҳимҷон дар давраи муаллимии худ синфҳои ибтидоиро таълим надода бошад ҳам, аз феъли талабаҳои синфи як огоҳ буд. Ӯ чашмдор буд, ки писараке банохост аз паси парта ҳеста гӯё дар хиёбоне сайру саёҳат мекарда бошад, ба ину ону атрофу ҷавониб беғамона нигоҳҳо афканда, дарро кушода ва баҳузур аз пасаш пӯшида берун меравад ва фақат пас аз муддате гӯё ба хонаи худ медаромада бошад, бепарво ва бо савлати кӯдаконае омада, дар ҷояш менишинад. Ё духтарчае аз киса чизе аз қабили шонаи дандонаҳояш шикаста ё порчае бӯр бароварда, онро пеши худ мемонад ва он чизро зоча қарор дода, ба сӯҳбати модарона бо он «кӯдаки беақл» оғоз мекунад.

Аммо дар синфи муаллима Аҳмадова ин гуна ҳодисаҳо, зоҳиран, истисно буданд. Иброҳимҷон андоми муаллима, ваҷоҳати кӯдакон, ифодаи чеҳра ва чашмони

ононро ҳар қадар ва ба ҳар тарзе ки мехост, акс мекунонид. Овози муаллима, сӯҳбати ӯ бо синф дар навори дигар сабт мегардид.

Фильмро монтаж карда, ба ҳамкоронаш нишон дод. Дар экран чеҳраи муаллима аз наздик, чи тавре ки киногарон мегӯянд, дар плани якум, ё плани бузург падид омад. Фикру андешаи амиқе хонда мешуд аз вачоҳати ӯ. Дар айни замон як ифодаи изтиробомезе низ.

«Чӣ гӯям ба шумо? — савол медод муаллима дар чавоби пурсиши Иброҳимчон ва акнун ин суханро аз экрани васеъ рост ба толори торик, ба тамошобинон мурочиат карда мегуфт ва бинанда дар ҳақиқат хис мекард, ки ин зан аз тоифаи одамоне нест, ки гап гуфта, ҳар чизи ба даҳон омадаро изҳор медоранд. «Чӣ тавр фаҳмонам ба шумо?» — мегуфт ӯ ва боз аён мегардид, ки гӯянда зарурати зудтар чавоб доданро, албатта, мефаҳмад ва зотан, кодир аст, ки дарҳол чавоб ҳам бигӯяд, аммо мехоҳад, ки чавобаш посухи расмии забонзад набошад. Бинобар ин боз хаёл мекунад...

Одатан дар фильмҳо, алалхусус фильмҳои воқеии ҳуччатӣ чараёни андешаро акс намекунониданд. Чои холӣ аз амал ё суханро ҳангоми монтаж бечунучаро бурида мепартофтанд. Иброҳимчон метрҳои гаронбаҳои наворро, ки барои онҳо байни оператору режиссёрон, аз як тараф, ва маъмурияти студия, аз тарафи дигар, ҳамеша кашокаш вучуд дошт, дареғ надошта, ба инъикоси сукут ва чараёни хаёли муаллима сарф карда буд. Ин гузашт, ин услуб натичаи ғайричашмдоште дода буд. Ба қиёфаи андешаманди зан даҳ сония, баъд боз даҳ сония, сипас бист сонияи дигар нигоҳ карда меистодед, лаҳзаи аввал қадаре дилтангӣ рух медод, пас ба андоми ӯ бодиққаттар менигаристед ва ҳамроҳи ӯ ба хаёл мерафтед, ки дар ҳақиқат ин саволи сабуки сатҳӣ нест, дар воқеъ: «Чӣ гуфтач метавон дар ин хусус?»

«... Медонед, дар ҳар кор нуқтаи гардише мешавад, мегӯянд. Солҳои аввали муаллимӣ андешае маро ором намегузошт. Аз дарс хаста шуда баромада, дар гӯшае нишаста, ба хаёл мерафтам ва аз тазоди ачиби касбам тааммул мекардам.

— Ман муаллима,— мегуфтам ба худ.— Маро давлат ба ин вазифа омода кардааст. Бачаҳо бошанд, барои хондан меоянд. Мактаб, муаллим, ашёи хониш,— ҳамааш ба ҳамин мақсад омода шудааст. Лекин азбаски бачаҳо хурдсоланд ва ҳанӯз ақли расо надоранд, барои хондан меоянду хондан намехоҳанд. Мехоҳанд бозӣ кунанд. Агар ҳар се дарс ва баъдтар ҳар чаҳор дарси якрӯзаро бо ҳандаву бозӣ бигзаронед, аз шумо мамнун мешаванд. Баъзе муаллимон ҳатто дар синфҳои боло дарсҳоро бо афсонагӯй ё машғулоти ба ҳамин монанд мегузаронанд. Аз бачаҳо бипурсед, ки «Кӣ нағз?» аввал номи ҳамон муаллимро ба забон меоранд. Лекин то даме ки бачаанд. Пас аз балоғат он номро, бешубҳа, ҳеч набошад, бо писханд ёд мекунанд.

Инак, ман гуфтам, ки бачаҳо ба хондан меоянду дар муддати чаҳор дарс босубот гӯш додан, фикр кардан, аз бар кардан, навиштан, хондан, чавоб додан ба онҳо то омӯхта шудан гаронӣ мекунад. Агар бо амр, бо дӯғу чазаба ё дигар восита ба итоат мачбурашон кунед, унсури шавқ, мароқи ихтиёрӣ аз байн меравад ва боз натичаи матлуб ба даст намеояд...»

«Солҳо... солҳои дарози умрам дар мактаб... дар хона... дар ҳар гуна курсҳо, конференция ва семинарҳо сарфи чустучӯ шуд, ки чӣ навъ кунам, то дарс тавре бигзарад, ки мароқи кӯдак ба олами дониш ҳар чи зудтар бедор гардад ва маро ба ташвиқи тартибу низоми таълим эҳтиёче намонад...»

Аз экран сари писараке намоён мешуд, ки ҳама тан гӯшу ҳуш гардида, даҳонаш боз мондааст... Духтарчае ғарқи тамошои олами тасвиркардаи муаллима яке аз кокулонашро ба даҳон бурда, нӯки онро беихтиёр мехоид... Писараки дигар манаҳ ба рӯи даст гузошта, тамом беҳаракат ба пеш чашм дӯхта буд...

Ҳаёти синф айнан ҳамон тавре ки дар воқеъ чараён дошт, аз экран намоён мегардид...

Дар хотимаи намоиш Қамар аз чой бархоста, бар хилофи одаташ, бидуни ҳеч гуна ҳазлу мутоиба гуфт:

— Иброҳим, наворат аз ду истеъдод нақл мекунад. Якум — истеъдоди худат. Ту ба ҳадди имкон ба фильми бадей наздик шудай. Сониян, аз истеъдоди омӯзгор. Муаммои куҳане ҳаст: ба сӯҳбат ё лекцияи муаллиме донишчӯён бо дили нохоҳам меоянд, аммо ба сӯҳбати дигаре на фақат донишчӯён, балки ҳамкасбони омӯзгор бо ҳавас мешитобанд. Гоҳо нишастгоҳ намерасад, дар таги девору роҳраву болохонаҳо рост меистанд. Фильми ту ба ҳамин муаммо чавоб медиҳад. Мегӯяд, ки гап дар сари истеъдод аст. Офарин, Олимӣ!

Инро гуфта, Қамарӣ шӯху шаттоҳ ҳам шуда, аз рӯи рафикаш бӯсид ва ба ҷои худ рафта нишаст.

Сардори гурӯҳ гуфт, ки рост, фильми хубе баромадааст. Ҳоло нусхаи хомакии он аз ду қисм ҳам калонтар шудааст, вале кӯтоҳ кардани онро касе на талаб мекунад, на маслиҳат медиҳад. Ҳарчанд ки ба расмият даровардани ин гуна фильми воқеии калонҳаҷм даву-ғеҷи иловагиро металабад.

Дар бораи ана ҳамин зан буд он фильм.

Муаллима Иброҳимҷонро дар бемористон дида, бо оҳанги пурнавозиши модарона пурсупос кард, аз марзиаш изҳори таассуф намуд ва суханҳои таскинбахш гуфт.

Иброҳимҷон низ аз дидори муаллима хушҳол шуд. Дар вақташ фильм баҳои баланд ва мукофоти солонаи студияро гирифта буд. Аз ин сабаб номи муаллима Аҳмадова, ҳатто мавзӯи таълиму тарбияи талабаҳои синфҳои ибтидоӣ барои ӯ дилписанд буд.

Вай боз аз он чиҳат хурсанд буд, ки гумони азияттовар дар бораи заиф шудани ҳофизааш ботил баромад. Ба ҷои ӯ ҳар каси дигар ҳам мешуд, симои як бор аз сурати дерина дидаашро дар лавҳи хотир ба осонӣ барқарор карда наметавонист.

7

— Сӯҳбатро сар кунем,— ҳалимона илтимос кард Зардодхон.

— Мархамат. Аз чӣ сар кунем?

— Аз сараш.

Носир Аббос рӯи кат нишастанӣ шуда, сар аз болин бардошт, вале духтур ӯро ба бистараш хобонид.

— Бахузур, муаллим. Қадом ҳолат ба шумо маъқул бошад, ҳамон тавр хобед. Фақат ҳамин қадар илтимос, ки батафсил нақл кунед.

— Батафсил... — хаёломез такрор намуд Носир Аббос.— Аз тарҷумаи ҳолам сар кунам? — бо лабханд пурсид ӯ.

— Хоҷат не. Тарҷумаи ҳолатонро аз идораатон пурсидаам.

— Қай ба район рафта будед?

— Аз район не, аз Комитети республикавии назорати халқ.

— Ман бехабар, шумо, духтур, хеле тайёрӣ дидаед.

— Нотоб будед, нороҳат накунам, гуфтам.

— Ғалатӣ... — боз хаёлолуд гуфт Носир Аббос.— Ман гумоне надоштам, ки шахси ман ба ин дараҷа ҷолиби эътибори илми тиб гардад... Хайр, духтур, худатон гӯед, аз чӣ сар кунам?

— Набошад, муаллим, ман савол дихам, шумо — ҷавоб гӯед.

— Ихтиёр.

— Сардори цехи қолибрезӣ будед. Дар заводи механикӣ. Дуруст гуфтам?

— Сад фоиз.

— Ба назорати халқӣ гузаштанатон амри ихтиёрӣ буд ё аз рӯи зарурат?

— Ба ин савол ҷавоби мухтасари «ҳа» ё «не» дода намешавад. Ин кисса дароз аст, духтур.

— Мархамат, муаллим, ана аз ҳамин кисса сар кунем.

— Ман он вақт дар ҳақиқат сардори цех будам. Вазифаи ҷамъиятӣ ҳам доштам, — ба нақл даромад Носир Аббос.— Роҳбари гурӯҳи назорати халқӣ будам дар заводи худамон. Гурӯҳи назорат ба ҳазору як масъалаи хаёти корхона дахл дошт, аммо ба он чӣ берун аз остонаи завод медидам, ё мешунидам, кам аҳамият медодам. Воқеан, охир, ҷамъият чунон тартиб ёфтааст, ки ҳар яке дар ҷанбаи худ мутасаддии кисматест.

Боре пас аз кор ба гастроном даромада, ҳоло дар ёд надорам, барои рӯзгор чизе харидам. Акнун аз дар берун мерафтам, ки садои хандаи зане диққатамро кашид. Овози ханда аз канори дури магазини бузурги тӯлонӣ, аз шӯъбаи кассобӣ ба гӯш мерасид. Кунҷковии оддии инсонӣ даст доду он сӯ равон шудам. Дар магазини озука шунидани хандаи кас, хандаи самимона, каҳкахаи сидкии шахсе воқеан муқаррарӣ нест. Дар магазин, мутаассифона, аксаран садои бахсу мунозира, ҳатто ҷанҷолу харҳашаро мешунавед.

Зани тахмин бистучор-биступанҷсолае назди пештахта истода, дар ҳолате ки бо ду ангушти дасти рост мурғи бағоят лоғари парканда, аммо сару пояш нобуридаро аз нӯги тоҷ бардошта, дар ҳаво алвонҷ медод, бо дасти дигар сари синаи худро дошта, бо завқ механдид. Аз паси пешхон аракпахшкардан яхдони кассобӣ як тӯдаи азими ҳамин гуна мурғҳои пӯсту устухон намудор буд.

Дар паҳлӯи ҷавонзан халтаю сумкаҳо дар даст, шавҳараш меистод.

— Э, намуред илоҳо! — хандаомез мегуфт зан. — Мурғ гуфта, арвоҳи мурға ба фурӯш баровардаанд. Э ба инсофатон коил маи!

— Адиба, хайр, биё, бас акнун,— мегуфт шавҳараш бетоқатона пой кӯфта.

Вале зан ҳамчунон механдид.

— Э ҷини хандонакат бедор шуд-ку! — боз мегуфт шавҳар.

Аз магазин баромада, раҳравон фикр мекардам, ки ҳақ аст он ҷавонзан, сад карат ҳақ аст, ки ба кори ходимони савдо ва саноати гӯшту шир механдад. Дар воқеъ, мурғи иборат аз пӯсту устухон ба кадом дард давост? Аҷиб, кӣ фармуда бошад, ки мурғи бисёреро дар ин харобию назорӣ кушта ба фурӯш бароваранд? Дар олам девонае нест, ки мурғеро, агар моли худаш бошад, дар чунин ҳолати дилнокаш кушта, ба бозор андозад. Хӯш, агар магазинҳои дигарро, дӯконҳои махсуси гӯштро низ ба ҳисоб бигирем, пас ҳазорон адад мурғи лоғарро ба ҷои парво ва фарбеҳ кунонидан кӣ ба дами теғ фиристодааст? Бешубҳа, касе фиристодааст, ки худи ӯро ба хӯрдани гӯшти хароба маҷбур нахоҳанд кард.

Ногоҳ ба ёдам расид, ки ҳарчанд худ аз ин гуна мурғ боре нахаридаам, чунин молро дар яхдони қассобӣ як сол пеш ҳам дидаам. Ду сол, ҳатто се-чор сол муқаддам ҳам дидаам. Чаро боре напурсидаам, ки ин кори дасти кист, чаро-забон ба эътироз набаровардаам?

Аҷоиб хислате дорем мо, духтур. Баъзе расму они ё зухурот мисли маъракае паҳн мешаваду гузашта меравад. Гӯё худ аз худ пайдо мегардаду номаълум ғайб мезанад. Ёд доред, як вакт шахрамон аз кӯраҳои сихкабоб пур шуда буд? Атрофи театри опера ва балетро гиред. Дар ду тарафи фавворан хиёбони пеши театр ду кӯра дуд мебаровард. Таҳмин сад қадам онсӯтар, дар таги дарвозаи мошиндарои меҳмонхонаи «Вахш» кабобпази дигар савдо мекард. Назди даромадгоҳи банк кӯраи чаҳорум дуд мекард. Сад қадам ба тарафи муқобил дар нишастгоҳи тобистонаи ресторани «Помир» ҳам дуди кабоб ба осмон мепечид. Ин фақат дар худуди як майдоне ки қаду бараш аз сад метр беш нест. «Нуқтаҳои» сихкабоби боғи истироҳати шахр, атрофи

кӯли «Комсомол» ва баъзе ҷойҳои намоёиро ба хаёлам, сону шуморе набуд.

Гоҳо ба худ тасаввур мекардам, ки кас аз ягон баландие баромада, ба шахр назар андозад, эҳтимол, иморатҳо, гулгашту хиёбонҳои шаҳрро аз паси пардаи кабуди дуди кабоб дида натавонад.

Сонитар сихкабоб кам шуда ҷои онро санбӯса гирифт. Дар пеши ошхонаҳо, паҳлуи ҷойхонаҳо, паси дӯконҳои пиво танӯрҳои санбӯса шинониданд. Дар баъзе ҷойҳо, чунончӣ дар паҳлуи киностудияи Иброҳимҷои ҳатто кӯштанӯр муттасил, санбӯса мепухту аммо паи харидору хӯранда аз субҳ то шом канда намешуд.

Пештар агар касе дар ягон дӯкони нимкушод санбӯса мепухт, ба сараш рӯзе даҳ маротиба комиссияҳои санитарӣ, инспекцияи савдо, идораи сӯхторкушӣ меомад. Аммо дар ин айёме ки ман мегӯям, танӯрҳои дӯконӣ талаботи рӯзафзуиро конеъ кунонида наметавонистанд. Бинобар ин танӯрҳоро ба аробачаҳои пастак савор карда, болояшро бо як чуфт шифер пӯшонида, ба кӯчаву бозор баровардaнд. Акнун барфу борон он сӯ истад, аз осмон санг борад ҳам, танӯри санбӯса тасфон ва савдои чаккон буд. Акнун танӯри санбӯса худ ба чустучӯи хӯранда дар болои чарҳҳои равғанмолида медавид.

Ман ҳам дар катори кӯп сихкабоб мехӯрдам, аз санбӯса тановул мекардаму боре андеша накардаам, ки ибтидою интиҳои ин савдо дар кучост? Айнан мисли ҳамин ба ёдам расид, ки мурғи харобаро чандин сол боз мефурӯшанд, вале шахсан ман боре аз касе напурсидаам, ки чаро ин тавр мекунанд? Ҳар дафъае ки чашмам ба ин манзараи хузновар меафтод, дарҳол ба ёдам мерасид, ки ман ҳам депутати Совети шаҳрам, лекин чун депутат ба худ як тӯда вазифаҳои ҷамъиятӣ дорам, ки гоҳо барои адои онҳо фурсат тангӣ мекард.

Аммо он рӯз ба хона нарафта, аз нимароҳ ба магазин баргаштам. Гӯё худро дар сари кори ношояме даст гирифта бошам, ба маломат сар кардам: то кай мудохила намекунӣ? Борҳо дидай, ки дӯконҳои кооператив сабзавоту меваро аз колхозу совхозҳо хому хатала харида, то ба бозор расвою радди маърака карда меоранд. Дар натиҷа деҳкони колхозчӣ ангури тозаю ширини худро килояш нимсӯмӣ мефурӯшад, аммо ангури за боғи ҳамшафати он канда, бо мошини ташкилоти кооператив овардашударо касе ба бист тин ҳам

намехарад. Чӯтро ба даст гирифта, хуб ҳисоб кунед, мебинед, ки ҳар рӯз дар ҳамин як соҳаи майдаяки савдо ба давлат ва ҷамъият ҳазорон сӯмина зиён мерасад.

Аз чӣ сабабе дилам тақозо кард, ки аз фурӯшандаи мурғ чиҳо гуфтани ҷавонзани хандонрӯйро бифаҳмам.

Қассоб тушбераи тайёри коғазпеч мефурӯхт.

— Ҷавонзан? Ҷавонзани хандон? — дар ҷавоби пурсишам туршрӯёна савол медод фурӯшанда.— Ҳеҷ чиз нагуфтааст. Хандид, хандиду рафт. Ман бо харидорҳо сӯҳбат карда шинам, савдо чӣ мешавад, ака?

Дидам, ки бо ин зот муомила намепазад, дамаш баланд. Аз ҳавлии паси магазин ба ҳуҷраи директор даромада шаҳодатномаи депутатиро нишон додам ва матлабро арз намудам. Пас аз як дақиқа қассоби ҳавобаланд ба вақоҳате ки аз он ба ҷуз ҳалимӣ ва хайрхоҳӣ дигар маъное хонда намешуд, дар муқобилам нишаста, ба саволҳо муфассал ҷавоб медод.

— Он кас аввал пурсиданд, ки ҳамин мурғро ҳам одамон мехаранд? — аз камоли одоб ҳатто дар бораи шахси ғоиб бо лафзи ҷамъ сухан мекард қассоб.—Сонӣ ман гуфтам, ки ҳа, дусад кило буд. Аз нисф зиёдаш рафт. Сонӣ аз ман пурсиданд: «Медонед, ин мурғ ба чӣ монанд аст?» Ман аз кучо донам, ки ба чӣ монанд аст? Мурғ ба мурғ монанд нашуда ба шутур монанд мешуд? Сонӣ он кас пурсиданд, ки чӣ будани лагерьҳои концентрационии нацистиро медонам? Сонӣ гуфтанд, ки ин мурғҳо аз ҳамин хел лагерьҳо гурехтагӣ барин, гуфтанд...

Рӯзи дигар аз директор ҷавоб гирифта, рост ба комбинати гӯшт рафтам. Аз он ҷо ба фабрикаи мурғ. Оҳиста-оҳиста фаҳмидам, ки дар ин кор ходимони фабрикаҳои райони мурғ, Вазорати саноати гӯшту шир, хулоса, бисьёр мутахассисон дахлдоранд. Ҷанде пеш аз он воқеа дар Вазорати саноати гӯшту шир машварате барпо шудааст, ки бист ҳазор килограмм гӯшти ҳамин гуна мурғро чӣ тавр ба пул зананд? Қарор додаанд, ки аз мағзи устухони гӯсфанд желе* пухта, ба гӯшти хароба қатӣ кунанд ва аз он консерв бипазанд.

Се рӯз аз корам монда аз идора ба идорае гашта, аз ҷумлаи мусоҳибони бисьёр ягон нафарро пайдо накардам, ки ба ин масъала на фақат аз ҷиҳати ичрои

* Луоб, ларзонак.

плани истеҳсолӣ, балки аз нуқтаи назари оқибати ин кори хом низ нигоҳ мекарда бошад. Қасе нагуфт, ки ба ҷуз зарари моддӣ аз кушта ба бозор баровардани мурғи хароба боз зиёни маънавӣ ҳам мерасад: ба система ҳочагии мо ва ба ин васила ба идораҳои давлат ва ниҳоят, ба худи давлати мо лаънат мерасад. Ҳа, дар он ҳолат, ки мурғи лоғари баднамое то ба тарозуи магазини давлат расидааст, ба ҷуз як тӯда зотҳои бепарвофалаки худбин дигар касе айбдор набуд, аммо лаънат рафта-рафта ба номи давлат мешикаст.

Пас ба Қомитети республикавии назорати халқ даромадам. Яке аз роҳбарони он рафиқи ҳаммактабу ҳамяроқам аст. Ӯ ба ин ҷо чанд бор ба аёдат омада буд. Назди вай даромада, воқеаро нақл кардам.

Масъалаи гӯшти мурғи хароба боиси тафтишу мубоҳисаю мунозираи доманадоре гардид.

Баъдтар маро ба комитети райони партия даъват карда гуфтанд, ки ба вазифаи раиси комитети райони назорати халқ таъин карданӣ ҳастанд. Ин, албатта, кори ҳамон рафиқи ҳаммактабам буд. Ман, ростӣ, нарозӣ шуданамро медонистам, на барои рад кардани таклиф далели мантиқдори эътимодноке оварда тавонистам. Фақат гуфтам, ки ба тарк кардани завод дилам намешавад. Ба ин завод пеш аз ҷанг даромада будам. Вай маро ҳунар омӯхт, ба курсҳо, мактабҳо фиристода, маълумотам дод, аз шогирди челонгар то ба мартабаи механик, сардори цех расонид.

Котиби райком гуфт, ки аксари ходимони ташкилотҳои партиявӣ, советӣ як вақт коргар будаанд, е колхозчӣ.

Вазифаи навро қабул кардан лозим омад. Сонитар ба райони назди шаҳр гузаронидаанд. Хулласи калом, ҳамин тавр шуд, ки гӯё ман худ худамро ба калонша-вандаҳои назорати халқ манзур кардам. Аз тарафи дигар, дар завод сардори гурӯҳи назорат будам ва ба ин вазифа гузаштанам гӯё давоми мантиқии кори ҷамъиятӣ буд.

8

Аз ошхона садои зарфшӯии занҳо мерасид. Ҳоло барои гӯши Иброҳимҷон садои гуворое буд он. Қош ӯ сиҳат мешуду акаллан бо ҳамин кор машғул мегардид, ки пештар аз дилу ҷон бадаш медид. Ҳа, зарфшӯй дар

назари ӯ мисли хишовак полез ё нигаҳбонии кӯдаки гирёне аз машғалаи дилнокаш буд. Лекин ин нозҳо, ин корро ба нағзу ганда, бобу нобоб чудо карданҳо ҳама аз серию ношукриҳо буд. Нотоб шуда, чунон ки дар урфият мегӯянд, як поят ба лаби гӯр бирасад, баъд мефаҳмӣ, ки ҳаёт чӣ неъматест ноёб! Ҳатто ҳамон табақшӯям ҳам. Обро, масалан, ширгарм мекунӣ. Мебинӣ, ки барои шустани равғани косаю табақ ҳарорат кифоя нест. Боз гармтар мекунӣ. Аммо акнун даст месӯзад. Ночор дастро гоҳ ба оби нимчӯш расонида ва гоҳе пас кашида, як-ду косаро мешӯӣ. Даст ба гармӣ одат мекунад, ҳатто аз он ҳаловатеро ҳис мекунад. Баъд гарами табақу табақча ва косаву кошуқҳои тоза шустаро дида, чашмат ҳам роҳат мекунад.

Эҳ фалак, ростӣ ҳам барои фарзанди инсон як лӯнда муаммоӣ, гунбади пурасрорӣ! Чаро рӯзгорро чунин тартибу тариқат бахшидай, ки кас то даме ки аз саломатӣ маҳрум нашавад, қадри онро нашиносад? Чаро барои хубтар, возеҳтар дидани ситораҳои баланд кас бояд ба чоҳи паст ё танғнои амиқ фарояд!

Иброҳимҷонро кабинети бесарусомон ба ёд омаду дилаш чиғӣ карда рафт. Як сӯй — дегчаю оташдони электру косаю табақи ношуста. Як сӯй — ғилофи киноаппарат, кассетаҳои холии парешон. Деворҳо пур аз расмҳои калон-калони ранга ва сафеду сиёҳи гуногун — намунаи беҳтарин кадрҳо аз фильмҳое ки ба худаш ва рафиқонаш писанд омадаанд. Таги миз пур аз шишаҳои холии машрубот. Дар рӯи миз батареяҳои кӯҳнаи аз кор баромада болои ҳам хобидаанд... Тасмаҳои бисёре ки бо онҳо аппарат ва куттии батареяро ба китфу миёни худ мебаст, то ки ҳамаи ин асбобу анҷом, ки баҳузур як пуд вазн дорад, ҳангоми роҳ гаштан бикинашро абгор накунад...

Дар таки девор — кати сайёр. Ба рӯи он бистари гарми сафарӣ, ки геологҳо, кӯҳнавардон ихтироъ кардаанд. Онро Қамар ҳадья оварда буд ва ӯ ба сафарҳон дур ба гӯшаи УАЗ-и капитадорашон партофта ҳамроҳ мебурд. Дар домани кӯҳҳои барфпӯш, дар қаритарсида, ҳавои тозаро бо халоват ба димоғ кашида мехобид. Бале, кайф карда мехобид, вале ягон маротиба ба сараш саволе меҳмон нашуда буд ки чаро Қамар ба ӯ чизҳои даркорӣ, ашёи ғалатӣ тӯҳфа мекунаду ӯ

боре ба вай савғое ба ёдгор наовард? Рост, шароби гаронбаҳои импортӣ зиёфат мекард, пачка-пачка сигорҳои хушрӯю хуштаъм меовард. Лекин, якум ин ки ин чизҳо ҳама бар зиёни саломатианд. Сониян, Қамар аслан кам шароб мехӯрд.

— Янгаат ба хона роҳ намедиҳад,— мегуфт ӯ узрхоҳона.— Вай мисли подшоҳи занбӯрони асал. Аввал даҳонатро бӯй мекунаду баъд ба ошён роҳ медиҳад. Ягон чизи бечо хӯрда бошӣ, шарти каллаатро канда мепартояд.

Чаро ба қадри ягона чӯраи чониаш намерасид ӯ? Наход барои одам шудан, қадршинос шудан ҳам хатман ба бистари беморӣ афтодан шарт бошад...

Ивон-амак ба пойгаҳи кати Носир Аббос омада, аз тирезаи дуюм ба берун чашм дӯхт. Иброҳимҷон ба чеҳраи пурочинг, вале нуронии ӯ, ба андоми мутафаккиронаи ӯ назар карда, худ аз худ хиҷолат кашид. Чӣ чин задааст ӯро, ки чигунагии инсонро ин қадар деб пай мебарад? Ба хулқу хислати Зардодхон ҳам аз ҳаракатҳои зоҳириаш баҳои ноҳақ дода, сахв карда буд. Ин мӯйсафеди ботамкин ва некдил ҳам факат се рӯз қабл аз ин ба назараш дурушту дағал намуда буд. Барои эроди ҳаққонии пирамард дар хусуси махмадонияш ҳангоми сӯҳбати Алихон Зардодхон қариб монда буд, ки чавоби нохуш гардонад. Қариб монда буд бигӯяд, ки ман сухани ба худам маъқулро гуфта одат кардаам, кори ба худам писанд омадаро мекунам.

Хайрият, васвасаи шайтонро рафъ намуда, худдорӣ карда буд.

Ана, мӯйсафед ҳам, ба хушбахтӣ, он хел зоте набудааст, ки ду рӯзи аввал ӯ мепиндошт. Вай ҳам ба дарди худ, ба дикқи нафас, ки рӯзе чанддақиқагӣ азияташ медиҳад, нигоҳ накарда, хушбин аст, аз вақоҳаташ аз сухан ва оҳанги гуфтораш ғайрат, ҳамият хувайдост. Лекин гоҳо миёни ду навъ ҳолати рӯҳӣ мекалавад. Аксаран бардам, хушҳол ва чақчақист. Аммо, баъзан аз ягон воқеа ба рикқат меояд, мутаассир мегардад. Он гоҳ ашки пирона ба рӯи оҷингҳояш чорӣ мешавад, овозаш ларзон, нигоҳаш андӯҳолуд мегардад. Пас аз соате боз хотираш меосояд, қиёфаи андешамандонае мегирад ва доир ба воқеае ки мутаассираш карда буд, ба изҳори афкор медарояд. Гоҳо ҳолати мутафаккирона соатҳои дароз таркаш намекунад.

Вай беморӣ эрка аст. Эркан Зардодхон. Аз беморон

ягона касет, ки шиму куртаи худро дар либосовезаки таги дари палата овехта, рӯяшро бо чойпӯши касалхона печонида мемонад ва ҳар гоҳ ки дилаш хост, тағйири либос карда, ба сайри атроф меравад.

Пагоҳӣ, баъди муоинаи духтур ана аз ҳамин имтиёзаш истифода бурда, ба кӯча баромад ва як соати том ғайб зад. Пас бо чашмони ғиряолуд омад.

— Чӣ шуд, Андреич? — ба ташвиш афтод Носир Аббос.

— Хеч. Хотирҷамъӣ, муаллим.

Носир Аббос дигар савол надод. Зоҳиран, медонист, ки пурсуков натиҷаи матлуб нахоҳад овард. Хоҳад, худаш нақл мекунад.

Дар воқеъ Ивон-амак дар сари миз муддате фикр-фик бинӣ кашида нишаст ва, ниҳоят, гуфт:

— Дар пояи ҳайкали Ленин пионерҳо посдорӣ мекунанд.

— Ҳа-а,— мад кашид Носир Аббос.— Муддате инҷониб ҳамин они расм шудааст. Нағз. Бисёр нағз. Ҳам барои худи бачаҳо, ҳам барои калонсолон.

— Медонед, Носирҷон, Павлик Морозовро дар ҷангали хилват ба пионерӣ қабул карда буданд.

— Дар ҷангал? Чаро?

— Аз тарси душманҳо. Аз райкоми комсомол ҷавоне меояд, ки дар деҳа ташкилоти пионерӣ барпо кунад. Мебинад, ки дигар имконият нест, танҳо як писаракро ба ҷангали бекас бурда, бо риояи расму қоидаи маъмул ба сафи пионерҳо қабул мекунад. Акнун бинед, чӣ қадар пионер... Акнун бинед...

Сухани Ивон-амак дар гулӯяш печид. Иброҳимҷон аз ҷараёни андешаи ӯ пай бурд. Пирамард бо низом саф кашида, зери савти нақора ба пояи ҳайкали пешво омада рост истодани бачаҳоро дида, дилаш ба риққат омадааст.

Акнун хаёли ӯ дергоҳе ба фочиаи Павлик Морозов, ба пионерони имрӯзаи дар назди ҳайкал дар қитъаи эҳтиром истода банд хоҳад буд. Аз тирезаи бемористон ба манзараи шаҳр чашм медӯзаду хушаш ба ким-кучоҳо сайр мекунад.

— Ҳа, Ивон-амак? — рӯи кат нимхез шуда пурсид Носир Аббос.

— Тамошои шаҳр.

— Тамошои шаҳр аз тирезаи бемористон. Ин ҳам як кайфияте доштагист? — боз гуфт Носир Аббос.

Дақиқае дар палата сукут ҳукм ронд.

— Ҳар рӯз тамошо мекунам, муаллим. Лекин ҳар дафъа ба назарм як хусни тоза мерасад.

— Андреич, медонед сабаб чист? — пурсид Носир Аббос.

— Чӣ?

— Соли чандум ба ин ҷо омада будед?

— Чӣ буд? Соли 1922. Ҳатто рӯзаш дар ёдам ҳаст: бисту якуми феврал.

— Пас сабабаш дар ҳамин.

— Нафаҳмидам, муаллим.

— Яъне шаҳр ба дидаи шумо мисли шахси зинда-ест, ки дар пеши назар ба воя расидааст.

Иброҳимҷон низ аз кат фаромада, назди тирезаи дуюм омад ва ба берун чашм давонд. Аз паси девори касалхона замин тадриҷан паст шуда, то ба дарёбод мерафт, пас боз андак-андак баланд шуда, то ба доманаи адирҳои зумуррадфом мерасид ва дар ин масофат, ки онро табиат гӯё барои бехтар намоиш додани хусни шаҳр шакли ҳавзамонанде дода бошад, биноҳои се-чоркабата, қасрҳо, хонаҳои серошёнаи нав комат афрохта буданд. Байни иморатҳо дар ҷое бештар, дар ҷое камтар дарахтони сабз ба назар мерасиданд, ки ба намуди умумӣ як нармии дилпазире мебахшиданд.

— Шумо, муаллим, дар бораи Нусратулло махсум нақлҳо шунидаед, албатта,— ба гап даромад Ивон-амак.— Мо чӯрахои қарин будем. Дар бисьёр ҷангҳо хампаҳлӯ будем. Сонитар, охирҳои тобистони соли 1929 буд, ба хаёлам, ҳа охири тобистон буд. Ҳанӯз Тоҷикистон республикаи мухтор буд, мо дар ҷое ки ҳоло майдони ба номи Чеслав Путовский аст, вохӯрдем. Ӯ маро ба идорааш таклиф намуд, таъин кард, ки албатта дароям. Вай Раиси Комитети Иҷроияи Марказӣ буд. Ба истилоҳи имрӯза, Раиси Президиуми Совети Олӣ. Ман ба КИМ рафтам.

Дар кӯчаи Чапаев як бинои дуошёнаи сафед хаст. Ана ҳамин бино дар вақташ якқабата буд ва дар он чандин идораи калон ҷой мегирифт. Гӯш кунед, муаллим, кадом идораҳо: Комитети Марказии Партияи Коммунистии Тоҷикистон, Совети Комиссарони Халқӣ, Комиссариати халқии маориф, Комиссариати халқии савдо, Комиссариати халқии ҳифзи сиҳат. Шояд боз ягон идораро фаромӯш карда бошам. Охир кариб чилу панҷ сол гузашт. Агар ҳамин палатаи панҷкасаро ба се хис-

сан баробар таксим кунед, яктоаш хонаи рӯда барин дарози камбар мешавад. Кабинети раиси КИМ хамон кадар «вусъат» дошт...

Иброҳимҷон ба сӯҳбати Ивон-амаку Носир Аббос, хусусан ба нақли пирамард бепарвоёна, бидуни шавқе ву мароке гӯш медод. Хисси тааҷҷуби доимӣ аз суръати афзояндаи тараққиёту таҳаввулот ба хама маълум аст. Хатто Иброҳимҷони бистухафтсола хангоми сайругашт дар шахри **худ бинохои айёми собикаро ки** дар чои иморатхои хозира буданд, пеши назари хаёл оварда, аввал дилаш аз фарах моломол мешуд, сипас гашти беамони чархи айёмро лахзае эҳсос намуда, вучудашро як хиссиёти вохимаангезе фаро мегирифт.

Хар боре ки аз пеши Хонаи матбуот мегузашт, ба ёдаш мерасид, ки киностудияи ӯ, ки ҳоло дар чандин бинои серошёна, павильонҳои бузурги барҳаво базӯр мегунчад, як вактхо ана дар хамин ҷо, дар хавлии на чандон калони паси **толори концерти филармония** ҷойгир будааст.

Дар рӯбарӯи магазини «Афсона» айёми мактабхонии ӯ калонтарин дӯкони китобфурӯшии республика воқеъ буд, ки ин гуна дӯкон ҳоло дар хар гӯшаи шахр чандтой ёфт мешавад. Дар чои хонаи чахорошёнае ки дар кунчи он ателъеи «Зинат» воқеъ гаштааст, бузургтарин универмаги Тоҷикистон буд. Он бинои якқабата пастакро бо навозиш «Люкс» меномиданд, ки ба забони франсавӣ сифати чизхои пуршукӯҳу дабдабанок аст. Дар болои боми «Люкс» соате устувор буд ва он дар охирхои умраш як рӯз мегашту ду рӯз дам мегирифт.

—Хаво охиста-охиста торик мешуд. Дар кӯчаву хиёбонҳо чо-чо чароғ фурӯзон мегардид. Ивон-амак ханӯз аз пеши тиреза ба иморатхои нави шахр нигариста, дафтари хотираи худро сокитона варақ мезад. Иброҳимҷон бисёр мехост бидонад, ки чаро китфи рости Ивон-амак кач аст. Мисли он ки як халтаи пурборро бар китфаш нозёи партофта бошанд, ба тарафи рост хам гардида, саҳле ба кафо кашола шуда менмуд. Албатта, одам дар ин дунёи пурмочаро зиёда аз хафтод сол умр бинад ва Ивон-амак барин ду чанги чахонӣ, чанги гражданиро аз сар гузаронад, ки дар шаҳрҳои Тоҷикистон назар ба хамаи дигар кахрамонхои мамлакат чандин сол бештар идома дошт, эҳтимол, китфаш як сӯ истад, худаш хам чандин маротиба печутоб хӯрда, качалаку буҷалак шавад. Лекин ба хар ҳол донистанаш хуб мешуд. Агар ин нуктаро Носир Аббос мепурсид, Ивон-амак дарҳол ҷавоб медод. Онҳо хар ду басе каринанд. Додару бародар барин. Ҳангоме ки Ивон-амак «муаллим» гуфта мурочиат мекунад, оҳанге эҳсос мешавад, ки гӯё «писарам» ё «додарам» мегуфта бошад.

Шояд Носир Аббос савол надода хам донад, ки чаро китфи Ивон-амак кач аст. Иброҳимҷон пагоҳӣ, аснои беруи рафтани Ивон-амак пурсид, ки чаро номи мӯйсафедро вайрон талаффуз мекунанд

— Вайрон не,— ба лахни ҳукми қатъи бахснопазир ҷавоб дод Носир Аббос.— Талаффузи кадимии тоҷикиаш ҳамин. Ивон-амакро нисфи республика мешиносад. Вай як вактҳо Вана буд, сонӣ Ивон шуд, баъдтар — Ивон-ака, ҳоло — Ивон-амак. Умед хаст, ки Ивон-бобо ҳам шавад... Ин номро дӯстонаш додаанд, халқ додааст. Ба худаш хам маъкул. Точикӣ гап задан нашро гӯш кунед, магар завкатон намеояд?...

Аз дари палата доду валвалакунон Қамар даромад:

— Эҳа-а-а, ёфтӣ ҷоята, дароз кардӣ поята! Аз кӯчакӯчат маълум, ки имрӯзу фардо баромаданӣ нестӣ!

Ӯ яктаҳи дарози кабуди бемористонро пӯшида гиребонашро то охир бардошта буд, то куртаи расмию галстуки мӯди гулдораш ба назари ходимони табобатхона нарасад. Вакти ёдат кайҳо гузашта буд, вале барои кинооператори кордидаю корбудкун режими табобатгоҳ садди роҳ шуда наметавонист.

Қамар Иброҳимҷонро ба оғӯш кашид. Пас ба дигар сокинони палата бо нимтаъзиме салом дода, гапашро давом кунонид:

— Лекин, ҷӯра, касалӣ бас, оҳу вох тамом! Имрӯз ба Алихон телефон карда будам. Гуфт, ки пас аз чанд рӯз даббаатонро бардошта мебарад.

— Худат дабба! Ходаи гардафшонак! Ман кай оҳу вох карда будам, ки ин хел овоза паҳн мекунӣ?

«Хода» лақаб гирифтани Қамар бечиз набуд. Гарчи кадаш он кадар хам баланди сирф набуд, азбаски газгӯшт ва сияҳчурда буд, ба назар дар воқеъ хам, ходахон солдидаи меваовезаки деҳконҳо барин менамуд.

Касе аз ошноҳон шӯхаш як байти Нозими Ҳиравиро андаке тағир дода, дар хаққи Қамар гуфтааст:

Монӣ ту ба шабҳои зимистон, Қамарро,
Зеро ки дарозиву сиёҳиву хунук!

Ин байтро худи Қамар бо завқ такрор менамуд. Хатто намегуфт, ки дар мисраи сонӣ аз як ҷиҳат муболиға рафтааст. Рост, ӯ мисли шаби ялдои зимистон дароз асту сиёҳ, аммо бар хилофи фасли сармогин хунук нест, баръакс аз чеҳраи сиёҳгуна, вале банамаки ӯ зиёи фазлу нури файз меборад.

— Дарёб, чӣ овардам,— халтачаи коғазии мевадорро рӯи сандукча гузошта, боз як чизи коғазпечи дигарро рӯи даст нигоҳ дошта, пурсид Қамар.

— Чизе, ки бошад, гаранг накарда, кушо, бинем.

— Фикр кун, ба фикр накардан одат карда монӣ, ҳучайраҳои мийяат шах мешаванд.

— Мегӯянд, ки он ҳучайраҳо на фақат аз кор нафармудан, балки аз шунидани гапҳои фачу лач ҳам шах мешаванд.

— Ана, ана, дидӣ? Ҳамин ки мийяро андак кор фармудӣ, даррав забонат ҳам ба чунбиш омад. Гапа кам куну дарёб, ки чӣ овардам.

Бозие ки чӯрааш таклиф кард, Иброҳимҷонро хуш омад. Аз ҳавои дасти Қамар маълум буд, ки он чизи овардааш чизи вазнинакест. Бешак, хӯрокӣ нест, ҳарчанд ки тарҳаш ду пачка қанди буридан паҳлӯи ҳам печонидашударо мемонад. Чӣ бошад он?

— Ба соат нигоҳ мекунам. Се дақиқа мӯҳлат. Наёбӣ, шаҳратро медиҳӣ.

Иброҳимҷон овони бачагӣ, чистонгӯӣ ва чистонёбиҳоро ба хотир овард. Агар ҷавоби чистон душворӣ кунад, ичозат дода мешуд, ки саволҳои туфайлӣ дода, моддаи чистонро барои худ равшантар намоед:

— Он чиз ҷондор аст ё бечон?

— Бечон.

— Мехӯрдагӣ ё намехӯрдагӣ?

— Мехӯрдагӣ.

— Тобистон мешавад ё зимистон?

— Тирамоҳ.

— Шаб мешавад, ё рӯз?

— Шабу рӯз.

Ва ҳоказо.

Касе ки бо вуҷуди ин ҷавоб наёфт, «шаҳрашро медиҳад». Вой ба ҳоли шахсе ки шаҳр медиҳад, яъне сари итоат ҳам мекунад. Шахси ғолиб асири худро чунон ки аз рӯи дастури бисёрасраи фотеҳони боғурур мекунанд, ба ҳар навъе ки хоҳад, «азоб» медиҳад: хаёлаш мезанад, мекӯбад, ба хари ланги яғир ҷаппа савор

карда, ба рӯяш сиёҳии дег ва ҳар гуна ифлосиҳо молида, дар кӯчаҳои шаҳри таслим кардааш чарх мезанонад ва фақат пас аз силсилаи тӯлонии азияту укубат ва шармсориҳо ҷавоби чистонро мегӯяд.

Қамар дурбини калону гарони афсарӣ оварда буд. Воқеан, мушкил аст ба хаёли одамӣ даррасад, ки ба аёдати беморе дурбини сахрони харбӣ биоваранд.

— Ба ту, М. С., боз чанд рӯз поён фаромадан мумкин набудааст. Ана бо ин асбоб аз тирезаат кӯчаи калон, аз инаш боғи истироҳатро тамошо мекунӣ. Гӯё ки «тотой» шуда бошӣ.

— Раҳмат, ҷӯра. Ал-дарозу — аҳмақун вал калтаву-фитнатун, мегуфтанд. Дар мисоли ту мебинам, ки қоида воқеан бекистисно намешудааст.

— Ту, азизам, базӯр аз он дунё баргаштӣ. Ягта дурбин чист? Ба шодиёна тайёрам аз пушти кӯҳи Қоф бошад ҳам, паризоди дилхоҳатро пайдо карда биоварам.

Дили Иброҳимҷон шуввӣ карда рафт. Дар чашмони Қамар оташаки айёронае медурахшид. Суханҳои ӯ ҳамеша чунинанд, бо ҳазлу шӯхӣ, киноя омезиш ёфтаанд, аммо ҳоло дар он ифодае ки лаҳзае дар чашмонаш пайдо шуд, аз ким-чигуна маънии ниҳонӣ огоҳ буданаш хонда мешуд.

— Хоҳӣ, аппарат оварда дар ҳамин ҷо фильм нишон медиҳам. Фильми дилхоҳата,— мелаққид Қамар.— Хоҳӣ, суратӣ ягон нозанина меорам. Агар аз чашми бегона андеша кунӣ, илоҷе мекунам, ки танҳо мебинӣ. Дар шаҳри мо ҳам устое пайдо шудааст, ки позитиви рангаро ба даруни курачаи пластмассӣ андохта медиҳад.

«Сурати киро мегӯяд ӯ? «Нозанин»-аш кист? Наход ин лаққии кунҷков пай гирифта, аз таги воқеа, ки ба хаёли Иброҳимҷон сирри пӯшидаест, огоҳӣ ёфта бошад? Чӣ тавр, аз кучо, ба кадом роҳ?»

— Мо комитети ачот таъсис кардаем. Раиси комитет бандаи фақир, каминаи камтарин.

— Чандон фақиру камтарин несгӣ-куя. Номи туро дар ду дунё аз рӯихати хоксорон чӯянд, ёфта наметавонанд.

— Ту фармой, ки номи маро аз рӯихатӣ хоксорони соддалавҳ начӯянд. Ман аз хоксороне ки кадри худашона медонанд... Миёни гапама буридӣ, беодоб. Ва ҳол он ки бемористон бояд як навъ мактаби одоб бошад.

— Ин тавр бошад, ту ҳам бинё, мана якта кати холӣ ҳаст.

— Хайр, бас. Ман аз Комитети наҷот гап мезадам. Агар медонистӣ, ки онро барои наҷоти ту, М. С. сохтаем, чон-чон гуфта, гӯш медодӣ.

— Чон! Чон! Тасаддук! Ҳазор раҳмат, лаки дар лаҷ ташаккур. Боз чӣ?

— Ҳамроҳ-ака — аъзои комитет. Фаҳмидӣ, чӣ хел ташкилоти, обрӯманд? Комиссар Мегреч Тоҷикистон аъзои комитети наҷоти ту барин як хурӯсаки нодон.

— Дашном накун, касави сари танӯр.

— Хайр, нотобиата ба инобат гирифта, дигар чизе намегӯям. Набошад, бо собуни ман ҷомашӯй накардай.

Қамар боз чӯраашро оғӯш карда баромада рафт.

* * *

Боре Хиромон гуфта буд, ки «Ман шуморо муносиб нестам». Хм, пичинг буд ин гап, якин. Зеро рафтораш, гуфтораш онҷунон буд, ки Иброҳимҷонро ҷуръати азиме лозим мешуд, ки худро дар паҳлуи ӯ тасаввур кунад. Тасаввур кунад, ки Хиромон ақаллан ба саволҳояш бо рӯи хуш посух медиҳад.

Хоҳиши дидани ӯ, шунидани садои ӯ гоҳо он қадар боло мегирифт, ки дар вуҷуди Иброҳимҷон дигар ба ҳеҷ гуна афкору эҳсосот ҷой наметонд.

Рӯзе матни фильмеро ба забони модарии худ тахия мекарду дар ҷустуҷӯи қадом як калимае луғати тоҷикӣ-русии Муҳаммадҷон Раҳимӣ ва Людмила Владимировна Успенскаяро варақ мегардонид. Ногоҳ ба сараш ҳаёле расид, ки аз ҳамин луғат фоле бубинад. Пештар мардум аз девони Ҳофиз фол медиданд. Ғайр аз ин қатор-қатор фолномаҳои махсус будаанд.

Иброҳимҷон чанд саҳифаи охирро варақ зада, чашм пӯшиду ангушти ишорат ба ҳар ҷои саҳифот расонида, чаҳор калимаро ба рӯи коғазе бардошт:

Қабулгоҳ.
Қавмӣ,
Қаландархона,
Қишр.

Ана фолу мана фол! Дарёбу бигир «Қабулгоҳ». Қабулгоҳи кӣ? Қабули кӣ? Насиби кӣ хоҳад шуд қабул ё чавоби мақбул? Ё ба ҳарифи ношиносу ноаёне кайҳо насиб шудааст?

Қавмӣ — сифати авлодӣ, ирсӣ. Ин ба кӣ дахл дорад? Аввал, ҷони бародар, коидан қуръапартой ё фолбиниро бояд аз худ кард, баъд ба ин кор даст бояд зад. Сифати авлодӣ ба Иброҳимҷон дахл дошта бошад, чӣ маъное дорад? Агар ба Хиромон оид бошад, пас ба ҷуз он ки ӯ писараки сесолае дорад ва модараш, мисли волидаи Иброҳимҷон соле қабл аз ин фавтидааст, дигар чизе дар ин бобат намедонад.

Қаландархонааш чист? Агар маъвои Иброҳимҷон бошад, ҳамин боби фол дуруст аст. Рост, ӯ хоҳ дар студия, хоҳ дар кӯчаи серодаму хонаи хилват бошад, худро қаландари бесару сомоне ҳис мекунад.

Ё ҳамаи орзую омоли ӯ қишр аст, пустлохи хушки ноарзандаест? Умуман барои инсони ҳозиразамоне ки понздаҳ сол дар мактаби советӣ хондааст ҳоло дар деги санъату техникаи кино мечӯшад, фолбинӣ чӣ номаъқулист?

Оё олимону адибон, соҳибдилони оламсанҷидаву оламдида таъкид накардаанд, ки ишқ эҳсосест пок ва дар вуҷуди кас рӯҳу равони тоза меорад? Ку он рӯҳу равон, ку он илҳоми ҷӯшон, тавонои ҷисму ҷон, ки Иброҳимҷони ошиқ мебоист ҳис мекард?

Аз муҳаббат талхҳо ширин шавад,
Аз муҳаббат мисҳо заррин шавад.
Аз муҳаббат мурда зинда мешавад.
В-аз муҳаббат шоҳ банда мешавад.

Шоир ва файласуфи кабир Ҷалолиддини Румӣ фармудааст. Аммо дар кучост он ширин шудани талхихои ишқ? Иброҳимҷон ба ҷои ҷоми висол даст бар домани хаёл зада, худро бо ким-чи гуна машғулоти пуче таскин доданист.

Парешон аст бечора. Мисли як даста хаспора ё мӯи саре дар зери ҳамлаҳои боди беҷар. Он мӯйро қабза карда мефундоред, ба ҷояш мехобонед, лекин ҳамин ки панҷа аз он дур бурдед, боз ҳар сӯй парешон мешавад.

Дил пайваста дар шиканҷан гумону шубҳаи азобофарин метапад, ки оё рӯзи висол хоҳад даррасид? Оё чунин рӯзи нишот дар ояндаи дур ё қариб вуҷуд хоҳад дошт?

Ҳайҳот, аз субҳи содиқ, аз поёни шаби ҳичрон нишоне ба назар намерасад. Ӯ лангари соатеро мемонад, ки гоҳо ба сӯи осмони умед боло мебаранд, вале бори яъс пайкарашро боз ҷонибӣ замини ачз мекашад.

9

Хуб кард Қамар, ки дурбин овард.

Иброҳимҷон кампалро чоркат карда, ба пештахтаи тиреза густарид ва рӯи он нишаста, дурбинро ба кӯча рост кард. Дурбинро эҳтиёт шуда кор фармудан лозим. Худо накарда, яке аз калоншавандаҳои бемористон, ё ягон табиби тундхӯи бемурувват, ё касе аз ҳамшираҳои, камшафқат дида монад, эҳтимол, баҳонае ёфта, ӯро аз ин дилхуш маҳрум созанд. Дар олам чӣ мӯл — баҳона. Аз чӣ сабабе бошад, коре ки карданаш мамнӯст, назар ба коре ки карданаш савоб ё ҷоиз бувад, дар зиндагонӣ сершумортар аст. Ё ба назар ҳамин тавр менамуда бошад?

Рӯзҳое ки Иброҳимҷонро ҳанӯз аз бистар хестанӣ ва бисёр ҳаракат карданӣ наменомданд, ойнаҷаи майдаяки дар рӯи ғилофи риштарошаки электрӣ ҷаспонидашуро пеши чашм доштa, ба ҳамин васила ба берун менигарист. Он вақт оғози моҳи апрель буд ва шафтолузори ана он ҳавлии сари кӯча ғарқи шукуфа буд. Ҳар бехи шафтолу гӯё фаввораи гулобифоме буд ва дар ҳар дидан Иброҳимҷонро чун машъали афсонавие моту мабҳут менамуд. Он рӯзҳо ӯ ба эҳсосоти қадаре зӯртар тоб оварда наметавонист ва азбаски дар овони сиҳатиаш ҳам ба ҷилваи рангҳо ба шӯри рангу лавнҳои дилошӯб бепарво нигоҳ карда наметавонист, ҳар дафъа аз шиддати ҳисс қариб нафасгардон мешуд.

Акнун дарахтон аз гул фаромадаанд ва чунон ки одамеро аз наздик насанҷида бошед, чӣ гуна касе будданашро нахоҳед донист, анбӯҳи дарахтон низ аз дур ҳама ба як ранг метофтанд.

Аз рахнаи девори табобатхона одамон ин сӯву он сӯ мегузаранд. Оре, ба деворҳои бетонии оҳанинасос рахна андохтаанд.

Пеш аз он ки дар он гӯша корпуси нави табобатхона рост шавад, роҳи мардуми бисёре аз ҳамон самт мегузаштааст. Биноро сохта, барои онон гузаргоҳе ҷудо накардаанд. Иброҳимҷон аз ойнача медид, ки гилкорон рахнаро рӯзе бо хишти пухта, бори дигар бо хиштҳои калони силикат, дафъаи сеюм бо тахтасангҳои бузурги бетонӣ аз нав мебастанд. Аммо саҳари дигар рахнаи наве пайдо мешуд. Боре оҳантахтаҳои фарох оварда, ба сутунҳои пӯлодин бо кафшери электр васл карданд.

Саркорон, аз афташ, гумон доштанд, ки ин гуна садди устуворро бульдозер ҳам ҷунбонида наметавонад.

Вале субҳи дигар девори оҳанин бо пояҳои пӯлодинаш ё дар ин сӯ, болои чӯи боғ ё дар он сӯй-рӯи роҳи пиёдагард парчини замин мехобиду бачаҳо портфель ба даст ба мактаби худ мешитофтанд, занҳо ҳалтаю сабад дар даст, ё дастархоне дар тори сар ба корубору бозори худ мерафтанд.

Роҳи мардумро баста мешудааст? Хоҳӣ, ки роҳи кӯҳнаро бандӣ, аввал роҳи наве бикушо. Ин фикр ба андозае содда ва равшан аст, ки кас дар ҳайрат меmонад: наход зотҳое бошанд, ки ҳамин ҳақиқати оддиро ҳам дарк накунанд?

Пирамарде оҳиста-оҳиста, хаёлмандона қадам монда мегузарад. Кафшаш заминро мерӯбад. Дар дасташ — тӯрхалтае. Тахмин як кило пиёз, як кило картошка, аз боло — як бухонка нон. Дурбини хуб ҳатто пӯстлохи ҷудо шудаистодаи пиёзро баръало нишон медиҳад. Аз афташ, пирамард нафақахӯр аст. Назди ҳамсараш меравад, ки мисли худаш бештар ба хотираҳои умри гузашта машғул аст.

Троллейбусҳо шоҳҳои дарозашонро ба қӯшасими электр шуввосзанон совида, дартоз мегузаранд. Кош ҳоло Иброҳимҷон сиҳат мешуду савори яке аз ин троллейбусҳо ба сайри Душанбеи азизаш мебаромад! Бигузор даруни салон аз мусофирон моломол бошад. Бигузор пояшро зер кунанд, ҳалтаҳои хоколудашонро ба шими нав дарзмолкардааш расонида гузаранд! Ғингӣ нахоҳад гуфт.

— Намефаромадай, чаро дар сари роҳ сутуни масчид барин шах шуда истодай? — дӯғ мезанад зани хашмгине.

— Оҳ арвоҳ занад ин қавми лаванда! — ба унвони ҳамсояи ноҳинҷораш мегӯяд мусофири дигаре...

Бигузор дашном диҳанд. Фақат ба қатори одамони бардам баргаштан, боз дар чустучӯи Хиромон ба кӯчаҳо баромадан, ба троллейбусҳои пагоҳию бегоҳӣ лиқ пур аз мусофирон савор шудан мехоҳад Иброҳимҷон.

Ана ҳо дар он ҷо зери нури офтоби серҳарорати баҳорон кӯлмаке медурахшад. Вай аз борони ҳаминшаба мондааст. Кай ба гӯшаи хаёли Иброҳимҷон меомад, ки кӯлмаки оддии канораи пиёдагард, ки гоҳ-гоҳе оби онро роҳгузарон шалаппосзанон пош дода мегузаранд, ин қадар банур, ин қадар дилкаш, ҳатто метавон гуфт,

ин қадар зебо мешудааст? Кай медонист, ки ба мобайни мардуми шаҳр даромада, дар кӯчаву хиёбонҳо ҳеҷ ҳел гаштан, аз ҳавои тоза нафас кашидан, чашмҳоро нимпӯш карда, ба офтоби оламтоб нигоҳ дӯхтан, то ин дарача роҳатафзо будааст?!

Бемори ҳамсояпалата, мӯйсафеди лоғари кӯсан намехост дар пайраҳаи боғи бемористон қадам мезанад. Ҳар замон шалворашро бардошта мемонад. Бечора, ба ин гуна шалвори резинкадор одат накардааст. Намедонад, ки резинро онро кӯтоҳ ва тарангтар кардан мумкин.

Вай ҳар саҳар ба кироатхонаи шӯъбаи терапия рафта, дуру дароз намоз мехонад. Замин тар набошад, бағон канори боғ рафта, аз рӯймоли миёнбандаш ҷойнамоз сохта ибодат мекунад. Аммо баҳорон кариб рӯз дар миён борон меборад, аксаран боронӣ сел мезанад ва ӯ ночор ба кироатхона даромада, намоз мехонад. Дар самти ғарби он хона лавҳаи калоне овехтаанд. Лавҳаро ҳодимони шӯъба дар арафаи иди панҷоҳсолагии СССР тартиб додаанд ва расмҳои ранган аз журналҳо бурида гирифташудаи он аз ободии ҳаман республикаҳои Иттифоқ ҳикоят мекунанд. Мӯйсафед рӯйҷои бистарашро бурда, аввал рӯи суратҳоро мепӯшонаду баъд ибодатро сар мекунад. Аз афташ, метарсад офаридгори ҳаждаҳ ҳазори олам гумон накунад, ки ӯ ба сӯи Қаъба нею ба рӯи расми зебои Крещатик, ё филиали музе В. И. Ленин дар Тошканд, ё мехмонхонаи «Душанбе» нигоҳ карда, сачда мебарад.

Гоҳо ба вачд омада, садояш баланд мешавад ва ба долон мебарояд, ба гӯши бошандагони палатаҳои наздик мерасад.

Пас аз намози бомдод «Субҳоноллоҳ, субҳоноллоҳ!» гуфта калимоти мадҳу саноро ба даргоҳи парвардигор кариб ним соат такрор мекунад. Сипас соате номҳои худовандро бо илтичо зикр менамояд: «Ё Карим! Ё Рахим! Ё Ғаффор! Ё Ҷаббор! Ё Саттор! Ё Қаҳҳор! Ё Халлоқ! Ё Раззоқ!...» ва ҳоказо. Ҳайрият, ки ҳаман наваду нӯҳ номи парвардигорро намедонистааст, аз дил мегузаронад Иброҳимҷон.

Вақте ки Иброҳимҷон бо ӯ дар як ӯток — дар палатаи дувоздаҳум мезист, мӯйсафед рӯи кят чорзону зада, сар ба мурокиба мебурд ва соатҳои дароз зери лаб пичир-пичир худоро парастиш мекард, то ба ҳадде ибодат мекард, ки ба ҳоли ӯ раҳми Иброҳимҷон меомад...

Э ачаб, худи духтури мӯҳтарам Алиҳон Зардодҳон низ аз рахна гузашта меоянд. Аз рахнаи побарҷое ки сардорони ин кас кайҳо боз зӯр зада, бастан мехоҳанду ҳеҷ ба мурод намерасанд.

Иброҳимҷон ӯро бо дурбин гӯё аз як қадам масофа мебинад. Пешонии баланду фарохаш ба ӯ намуди мутафаккирона медиҳад. Қаллапӯш надорад. Мӯи сиёҳи мавҷдораш дар шуои офтоб ялаққос мезанад. Риши ғуллиашро зоҳиран нав тарошидааст, ки манаҳаш, ду бари рухсораш бехи турбӣ марғелонӣ барин қабудча метобад.

Рост мегӯяд Ивон-амак. Парерӯз хангоми сӯҳбати духтур ба ӯ луқмаҳои пичингомез доданаш хуб нашуд. Зор монад ин феъли ҳардамдигари ӯ. Сад бор ба худ қавл додааст, ки забонашро нигоҳ дорад, ба одамон баҳудаву бехуда пичинг нагӯяд. Зарофатгӯиашро ба Қамар ва дигар ҷӯраҳои ҳамсолаш кор фармояд, кифоя. Аммо ҳамин ки миёни мардум афтод, аз он қавлу шарт дар хотираш чизе наемонад ва такозои табиат боло мегирад. Дар одамшиносии ӯ пештар ҳам хатоҳо рафта буд. Лекин ҳеҷ кадоми он ба ин дарача қабеҳи маҳз набуд. Ё чи ҳол таъсири касбаш бошад, ки ӯ, чун кинооператор, дар навбати аввал ба зоҳир, ба он чизате ки дар навор акс меёбад, эътибор медиҳад?

Не, касб чӣ айб дорад? Баръакс, нахустин меъёри кори ӯ — интихоб аз рӯи маъною мазмуни аз назарҳо нихонист. Оё умдатарин чизати персонажҳои фильмаш, ба таъбири мунаккидон, фидокорӣ, софдилӣ ва хунарварӣ нест? Бале. Пас шояд гап дар тачриба бошад? Дар тачрибаи одоби муошират, хусусан.

Шоире гуфтааст.

Марди хирадманди хунарпешаро
Умри ду бояст дар ин рӯзгор,
То ба яке тачриба андӯхтӣ,
Умри дигар тачриба бурдӣ ба кор

Умри ду он сӯ истад, Иброҳимҷон ҳанӯз як умрро акаллан ба нисфаш нарасониддааст. Синни ӯ дар пеши умри одамони рӯзгордида чист? Гӯё фақат як серияи фильми доманадорест, ки студияҳои телевизиони Ховару Бохтар вақтҳои охир ба сари тамошобинони хонанишини ҳавола мекунанд...

Дар пайраҳа Ивон-амак ҳам пайдо шуд. Ба духтур гарму ҷӯшон мулоқот карданд. Муносибати Зардодхону

Ивон-амак низ ачиб аст. Умуман Иброҳимчон дар палатаи кунчакӣ худро гоҳо бегона ҳис мекунад: Ивон-амаку Носир Аббос, духтур ва Ивон-амак бо ҳамдигар мисли падару писар, додару бародар муомила мекунанд ва, рости гап, ӯро баъзан рашк домангир мешавад, чин занад. Парерӯз Иброҳимчон бори нахуст чашмони гирялуди мӯйсафедро дида ҳайрон шуда буд. Каримчонака ҳам. Духтур дар палата буд. Авзои мутааччиби онҳоро дида, баъди ба долон баромадани Ивон-амак бо киёфае ки наздиктарин шахси худро аз қасди бади касе ҳимоя мекарда бошад, гуфт:

— Ивон-амак ҳамин хел. Тааччуб накунед. Савол ҳам надиҳед, илтимос. Як вақтҳо, чанд сол пеш аз ин худам ҳам оби дидаи ин касро дида, ба ташвиш афтода будам. Мо ҳамсояи девордармиён. Ивон-амак ба ҳараки пеши даромадгоҳ нишаста, газетаи «Комсомольская правда»-ро мехонданду юм-юм мегиристанд. Сонӣ он рӯзномаро ёфта хондаму аз таги воқеа пай бурдам. Ҳоло қариб дар ҳаман шаҳрҳо ба ёдбуди шаҳидони Ҷанги Бузурги Ватанӣ ҳайкалҳои ёдгор сохтаанд. Ҳайкалҳои шаҳрҳои қаҳрамон хусусан боҳашамат, пуршукӯҳ. Дар ёд надорам ин воқеа дар Одесса рӯй дода буд, ё дар Севастополь. Хулоса, дар яке аз ин ду шаҳр. Як офицери солхӯрда аз пеши ҳайкали ёдгор мегузаштааст. Мебинад, ки ду-се нафар ҷавонони сабукмағзи ширакайф дар пояи ҳайкал бо овози баланд, беадабона хандаву шӯхӣ мекунанд. Машъали ҷовид фурӯзон аст. Яке аз онҳо ба тахтасанги покиза пой ниҳода, аз алангаи оташ сигор дуд мекунонад. Ҳо, аз оташи мукаддас сигор дармегиронад.

Полковник ба ӯ маломатомез чизе мегӯяд. Вай ба ҷои хиҷолат кашидан баръакс аз осмони ҳафтум меояд. Полковник кайҳо, баробари дидани ин манзараи таҳкиромез ба ғазаб омада, аз хашм меларзидааст. Пас аз ҷавоби авбошонаи он ҷавон ба буни гардани ӯ муште фароварда, аз пой меафтонадаш. Баъзе бӯзбалаҳои сабук ба куввати ҷавонии худ ғарра мешаванд. Хабар надоранд, ки ба одамони ҷангдида, гарчи солхӯрда ё ҳатто пир шуда бошанд ҳам, ҳазл кардан кори бехатар нест.

Полковникро ба милиция мебаранд. Қонун ба худатон маълум: корашро ба суд ҳавола мекунанд.

«Комсомольская правда» аввал ҳамин воқеаро нақл карда буд. Сонӣ мактуби хонандаҳоро дарҷ мекард. Ҳа-

зорон пиру ҷавони мамлакат бо як забон полковникро тарафдорӣ мекарданд, ки расман як боби қонунро вайрон карда буд, аммо ин кирдорро ба хотири ҳимояи инсоф, одамият, ба муҳофизати эҳсосоти муқаддаси мо карда буд.

Ивон-амак ҳамон мактубҳоро хонда мегиристанд. Баъд худашон ҳам ба редакция як мактуби калон навишта фиристоданд.

— Шумо, чаҳор кас, муддате дар як хона истиқомат мекунед. Агар ҳамдигарро хубтар бишиносед, ҳамзистӣ, табобат ҳам осон мешавад,— гуфт Зардодхон ва илова намуд: — Бо ҳамин мулоҳиза аз хислати мӯйсафед боз як-ду мисол оварам. Пештар ҳар рӯзи ид дар Зебомайдони* Маскав паради ҳарбӣ мешуд. Перорсол ин хел парад фақат дар иди Октябрь шуд. Ивон-амак аз ҳамин навигарӣ ҳам ба риккат омада, оби дида карда буданд.

— Ҳа? — гуфтам ман.

— Иди якуми майро нағз мебинам. Иди баҳор, якдилӣ. Лекин паради ҳарбӣ, паради армияи инқилобӣ минбаъд фақат рӯзи иди Инқилоб мешавад. Фаҳмидед, духтур, мо ёди Инқилобро, эҳтироми онро дар шуури худ торафт маҳкамтар, амиқтар чой медиҳем? — мегуфтанд ин кас оби чашмашонро пок карда.

Худашон ба шумо гуфтагистанд: соле се-чор моҳ вақташон дар ҳамин ҷо мегузарад. Рӯзҳои Съезди бисту чорум ба пеши ман омада гуфтанд, ки дари хонаи телевизорнокро кушода диҳам.

Мо он дарро одатан шабона, пас аз таоми шом то соати ёздаҳ мекушоем. Рӯзона кушодан мамнӯъ. Мудири шӯъба розӣ нашуд. Ночор ба назди сардухтур рафтам. Кӣ будани Ивон-амакро фаҳмонида, баъд илтимоси он касро арз кардам.

«Майлаш, гуфт сардор, лекин одам бисёр чамъ нашавад. Ба ҳар ҳол бемористон, режим дорад». Дарро кушодем. Як-ду маротиба нигоҳ кардам, рӯмолча дар дасташон тайёр. Ҳар дам мегиристанд. Дар ин хислати мӯйсафед таъсири ҷароҳатҳо ва садамаи ҷанг ҳам ҳаст. Лекин сабаби асл дар сохти дилашон. Кӣ медонад, ҳоло мо пир шавем, чӣ хел мешуда бошем..

* Духтур Майдони Сурхро дар назар дорад. Ӯ дуруст мегӯяд. Маънои аслии «Красная Площадь» Зебомайдон аст, аммо аз чӣ сабабе ба забони точикӣ (мутаассифона, на танҳо ба точикӣ) тарҷумаи носаҳеҳи ин ном машҳур гаштааст.

* * *

— Мариванна — санитарзанро аз долон ба палата даъват намуд Каримчон-ака.— Илтимос, хоҳар як дақиқа сабр кунед.

Мария Ивановна дастчӯбаю латтаи полшӯякашро ба девор такя дода, мунтазир шуд. Каримчон-ака як дона себи сурхи дарвозиро аз сандуқчаи назди каташ барорварда, бо коғазе бадиққат пок кард. Себ аз тозагӣ дурахш пайдо кард.

Пас ба мисли он ки дар дасташ себ нею гавҳари нестандарчаҳоне бошаду ҳоло атрофу акнофро аз ҷилою дурахш мунаввар сохта бошад, нӯг-нӯги пой қадам ниҳода, ба санитарка наздик шуд.

— Марҳамат, Мариваннаи азиз!

Санитарка ҳам ин ҳама доругирро дида, себро ҳамчун як тӯҳфаи гаронбаҳое ба чеҳраи пуртабассум ва ҳаракати эҳтиромкорона қабул кард, ҳарчанд хуб медид, ки ширан себ дар бадали ҳафт моҳи тирамоху зимистону баҳор хеле костааст, дар баъзе ҷойҳояш оҷинг афтодааст.

Мегӯянд, ки одамони табиатан хушсӯҳбату хушҳол ба фишори ҳун барин касалиҳо ҳаргиз гирифтор намешаванд. Пас чаро ин дард аз гиребони Каримчон-ака гирифтааст? Охир, аз ӯ кушодарӯйтар шудан ҳакко ки амри маҳол аст. Ҳар дақиқаи ҳаёт барои ӯ гӯё ид аст. Ҳар як чизи муқаррарию одатӣ барояш сарчашмаи хурсандист. Масалан, дина қабл аз наҳорӣ ду дона гули хасакро бардошта омад.

Роҳравон бӯй мекарду «ҳай-ҳай читу хушбӯй, бай-бай читу дӯстрӯй!» гуфта чунон тавсиф мекард, ки аз даҳонаш шираю шакар мерехт.

Иброҳимчон бо тааҷҷуб медид, ки гулаш ақаллан садбарг ҳам не, балки настарани оддист, ки солҳои охир дар майдону хиёбонҳои шаҳр, дар боғи ана ин бемористон низ беҳадду ҳисоб шинонидаандаш. Медонист, ки вай андак намуди дилкаш дошта бошад ҳам, накҳати казой надорад.

Вақте ки Каримчон-ака бонкаеро пури об карда оварда, гулро ба дарун он гузошт ва худ ба дар рафт, Иброҳимчон аз кат фаромада, бонкаро бардошта, гулро бӯй кашид. Гумони ӯ дуруст буд.

Ба Каримчон-ака зиндагонӣ бояд осон бошад, фикр мекард Иброҳимчон. Зеро ҳусни ҳар чизро ҳатман муболиға мекунад. Ба олам чунон менигарад, ки гӯё барои рӯзгори гоҳ талху гаҳе ширин не, балки ба сайри аладдавоми идгоҳе омадааст. Ачобатро бинед, ки ҳамин мард ба гипертония гирифтор шудааст. «Чаро?»— боз ба худ савол дод Иброҳимчон ва гӯё ба саволаш дарҳол ҷавоб мехоста бошад, ба Каримчон-ака нигарист, ки ба китобхонӣ тайёрӣ медид. Вай як китоби калони аз бисёр ҳондан фитшудае дошт. Шакли мансури «Шоҳнома». Рӯзе як ё ду бор онро бароварда, ба чашм айнак гузошта, чанд дақиқа бо овози баланд мехонд.

Вақти хониш сар ва дастонашро ҳаракат медод, гӯё ки чӣ гуна синон бар синаи ҳариф задани паҳлавоне ё чи тавр назди шоҳ бо низом сухан гуфтани фиристодаеро намоиш медод.

Аммо имрӯз ба хондан фурсат наёфт. Ба назди Носир Аббос ҷӯрааш омад.

Ҳамон шахсе ки аз рӯи нақли худаш аз роҳбарони ташкилоти назорати халқ буд.

Иброҳимчон пештар дар палатаи ҳамсоя мехобиду овози ин мардро, ки ҳафтае камаш ду бор ба аёдат меомад, аз паси девори тунук шунида, **бо шавқ фикр** мекард, ки чӣ гуна касе бошад. Овози марҳум амаки китобфурӯши вай айнан ҳамин гуна овози бами пурра, бонқтидор ва ғулғуландоз буд. Аёми бачагӣ ҳар сари чанд гоҳ ба чои кори амакаш мерафт, ки сардори идораи китобфурӯшӣ буд. Ҳар дафъа ӯ ба додарзодаи худ китобҳои ғалатӣ ҳадя мекард. Шарофати лутфи ӯ буд, ки Иброҳимчон назар ба ҳамсинҳои худ хеле пештар ба забони русӣ китоб хонда мефаҳмидагӣ шуд. Вай ҳанӯз ба саргаҳи долони дарози нимторик дохил нашуда, пай мебурд, ки амакаш дар идора аст ё не. Агар бошад, гулдуроси овозаш аз паси дари ғафси рӯкашдор ва мехчакорӣ ҳам берун меомад. Агар набошад, мунтазир менишаст. Аз бекорӣ ё накшн хушн қатори мехчаҳои кулоҳчадори ялаккосии рӯи дари салобатнокро тамошо мекард. Ё плакату эълонномаҳои деворҳоро мехонду тамошо мекард, ки ҳамаи онҳо китобхонирро тарғиб менамуданд. Нохост ҳис мекард, ки фазои бино ба як тарзи гуворо ба ларза даромад.

Ин овози тавонои амакаш буд, ки роҳравон бо касе гуфтугӯ мекард. Ё аз он сабаб, ки сохтмони овоз амаки худаш, чону чигараш буд, ё аз он сабаб ки ин ҳолат маҳз хосияти худи он овоз буд, дарҳол долони нимто-

рик, кабулгоҳи идора, ҳаман дунё ба назараш равшану фарохтар мегардид.

Тонфае хастанд, ки махсус машқҳо карда, овози худ, оҳанги гуфтори худро сайқал медиҳад, «бехтар» мекунад. Чунон ки баъзехо гашт, нишасту хести басавлат, чандин шакли дастфишорй, сахехтараш, тариқи дастдихиро ҳангоми вохўрй аз бар мекунанд. Иброҳимчон ошное дорад, хоҳ дар сари кор бошад, хоҳ дар хона ё кўчаю бозор,— оҳанги гуфтораш ба монанди малакест, ки ҳамин ҳоло аз осмон афтодааст, махсус барои он фуруд омадааст, ки ҳусну кубҳи ин оламро ба чашми нобинои дигарон кушода диҳад ва ононро ба ягона роҳи дурусти зиндагонй ҳидоят кунад, ки онро фақат ў медонаду худо. Ба меҳмон вай «Мархамат, биёед» мегўяд. Вале аз оҳангаш маънии зайл хонда мешавад: «Худат мебинй, ки ба шарафи мусоҳибам чандон муносиб нестй.

Аммо чй тадбир? Модом ки ба остонаи хона омадай, акнун ворид бишав, майлаш, чанд дақиқаи гаронбаҳоро ба садака додан лозим меояд...»

Иброҳимчон дар бораи овози чўраи Аббос, аз лутфу мехрубониҳои марҳум амакаш ба хаёл рафта, дуруст нафаҳмид, ки онҳо чиҳо мегуфтанд. Ҳамин қадар ба гўшаш даромад, ки чинояти кадом як гурўҳи фиребгарон, ки маблағи бузургеро ба киса зада, «фалон иншоот сохта шуд» гўён як даста ҳуччатҳои қалбакй пешниҳод карда будаанд, дигар фош шуда, ҳақ ба чояш карор гирифтааст.

Ин кор, аз афташ, бо фаъолияти Носир Аббос алоқаманд будааст, ки ў изҳори хурсандй мекард, дастони дўсти худро гаштаю баргашта мефишурд.

Аммо чараёни сўҳбати ороми онҳо тағир ёфт магар, ки Носир Аббос кўтоҳ-кўтоҳ ва бошиддат сурфа кардан гирифт. Аён буд, ки изтироби ботинй азияташ медиҳад.

— Не, ман дўсту душмани одамони чудогонаро нагуфтаам, азони давлат, чамъиятро мегўям. Сабр кун, миёни гапама нашикан,— эътироз кард Носир Аббос.— Барои душман будан автомат бардошта, ба кўча баромадан шарт нест. Ман он акидаи ифротомези солҳои пеш аз чангро ҳам такрор карданй нестам, ки ба назари баъзе зотхои фавкулодда зирак дар хар гўша як хўша душман, як даста нобакори никобдор пинҳон буд. Душмани навъи дигар, душмани дўстнамои замони осо-

ништаро мегўям. Ҳамонеро ки либоси дўстро дар бар кардааст, аз даҳонаш савганди вафо қанда намешавад.

Аз вачоҳати дўсташ пайдо буд, ки чиз» гуфта, эътироз кардан мехоҳад, вале азбаски чўраа про ба хаячон овардани нест, фақат сомеъ буданро салоҳ мебинаду бас.

— Бе мисол мунозира таъсир надорад,— ба суханаш давом карда гуфт Носир Аббос.— Қасри осмонбўси ранси номдорро шунидай? Набошад, гўш кун. Худаш ҳақиқатан шахси хизматнишондода. Дар вакташ ботлоқзори касноғузарро боғу бўстон кардааст. Колхоз сохтааст, онро обод кардааст. Аз чанг баргашта, дубора қомати хоҷагиро бардоштаааст.

Ана ҳамин одам дар сари роҳи калон меҳмонхонае сохт. Биноро бар болои ғулбахои гафси бетонй созонид, ки нўти баландтарин дарахтони атроф базўр ба остонааш мерасад. Аз он бино чй суд? Аз чоштгоҳ о ними шаб танўр барин тафсон, гумон мекуни, ки ба даруни хумдон даромадай. Зимистон бошад,— сайронгоҳи бодхои дайду. Натича чй шуд? Дар сари роҳи калон қаср не, меҳмонхона нею ҳайкали ғурури пуч, муҷассамаи бодигии бемаънне худнамой мекунад.

— Носирҷон,— гуфт чўраи Аббос,— мо гоҳо фаромўш мекунем, ки кор, мубориза ва умуман зиндагонй торафт мураккабтар мешавад. Ва ҳамин зайл шуданаш ҳам табиист.

— Хўш? Баъд?

— Ҳар қадар душворй кашй, зарурати бартараф кардани он душворй ҳамон қадар зиёдтар мешавад.

— Яъне мубориза сол аз сол мураккабтар, мушкилтар, аммо ба ҳамин дараҷа заруртар ҳам мешавад. Ту ҳамин тавр гуфтан мехоҳй? Лекин дар кучуди аксари одамон кайфияте ҳукмрон аст, ки акси инро тасдиқ мекунад: яъне мо ба чамъияти созгору мутаносибу мукаммал торафт наздиктар мешавем. Ҳар қадар наздиктар бирасем, ташвиш ҳамон қадар камтар мешавад. Бигў, ҳамин кайфият аз кучо сироят мекунад?

— Шояд аз табиати одамй барояд, ки ба ҳар ҳол як андоза коҳилй, танпарварй хоси аксари ин тонфа аст. Одамизод гарчй хурсандии худро дар заҳмат ва маҳсули он мебинад, вале дар орзую хаёлаш бахтро дар осоиш, истироҳат ва сайру сафон бардавом тасаввур мекунад.

— Рост. Барои тасдиқи ин ақидаи ту як мисол оварам.

— Ана ин гапи дигар! — бо овози пуриқтидораш фазои хонаро ба ларза андохта, хушхолона гуфт чӯраи Аббос.— Аз ин чо сиҳат-саломат баромада, ба хона биё, Носирҷон, баҳсу мунозираро дар ҳамон чо давом медиҳем.

— Ҳа, муғамбир. Хайр, биё, гуфти ту шавад, баҳс лозим не... Дина духтурамон ба ману ана ин писар, ба мулло Иброҳим ичозат доданд, ки дар ҳудуди ошёнаи дуввум сайругашт кунем. Лекин ҳампалатаи дигарамон Каримҷон-ака моро бо лифт ба ошёнаи саввум бароварда. Аз телевизор якта фильм тамошо кардем. Фильми оличаноб — «Вокзали Белорусь». Яке аз чаҳор нафар чӯраҳои фронтӣ, бухгалтери корхонаи калоне Николай... Николай... фамилияаш аз ёдам рафт, хайр, ҳамон Николай зимнан мегӯяд, ки муборизи дар фронт осонтар бӯд назар ба талоши ҳаррӯза дар ин чо, дар шароити ҳозира. Он чо, мегӯяд, хати фронт муайяна буд, ин тараф ту ва дӯстони ту, ҳо ана дар он тараф, дар сангару ҳандақҳои рӯбарӯ душман ниҳон аст. Фурсати муносибро дарёбу бикӯб бар сараш!...

Носир Аббос аз ғалладони сандукча як дона валидол бароварда ба таги забонаш партофт.

— Носирҷон, мон ҳамин гапҳоя, бас кун,— гуфта чӯрааш бархостанӣ шуд. Вале Носир Аббос аз бозуи ӯ дошта, ба курсӣ нишонид ва суханашро идома дод:

— Ташвиш накаш. Мо таҳти назорати духтурамон машқ карда истодаем. Дидаю дониста, хотираҳои ҳаячоноварро накл мекунем, то ки ба ҳаёти пурвалвалаи берун аз худуди бемористон тайёр шавем... Ҳа, гӯш кун, баъд воқеае рӯй медиҳаду Николай мардаки худпарасти пастеро муште мезанад. Пас ба чӯрахояш рӯй оварда, мегӯяд: «Кайҳо боз ҳамин тавр возеху равшан надида будам, ки дар муқобилам ҳариф истодааст. Якта фуровардаму дилам аз ғусса холӣ шуд ..» Фаҳмидӣ?

— Фаҳмидам, Носир, фаҳмидам.

— Фаҳмида бошӣ, бигӯ, ки ҳамон раиси саду панҷоҳ ҳазор сӯми колхоза барбод дода, меҳмонхонаи нодаркор сохтагӣ дӯст аст ё душман?

— Э ту боз сар кардӣ-ку!...

— Не, ту бигӯ: дӯст аст ё душман?

— Хизматҳои пешинаи ӯро худат гуфтӣ. Агар ҳаман инро ба инобат гирем, вай дӯстест, ки хато кардааст.

— Гӯш кун, чӯра, ту роҳбари ман ҳастӣ. Одами ҷаҳонгашта, соҳибтаҷриба. Росташ гӯям, фахр мекунам, ки ту барои як марди хирадманду баобрӯи кишварам дӯсти ман аст,— овози Носир Аббос қадаре лаҳзиш хӯрд, вале ӯ як сурфа карда, изтиробаи худро фурӯ нишонид.— Бигӯ, чаро гоҳо дар идора, дар сари кор як хел гап мезанию берун аз идора — дигар хел?

— Нодуруст мегӯй, азизам. Ту ҳоло нотоб, духтур бифаҳмад, ки ман бо ту баҳсу талош мекунам, дигар ба ин чо роҳ намедиҳад.

— Ба ҳар ҳол барбодиҳандаи моли ҷамъиятро дӯст номидӣ.

— Дӯсти саҳвкарда гуфтам. Одамонро дар шароити мо ба дӯсту душман тақсим кардан салоҳ нест.

— Бо вуҷуди он — не. Не! Вай аввалҳо дӯст буд. Ба яксаду панҷоҳ ҳазор сӯм дар мухити кишлоқ то бист-бисту панҷ иморати хуб пӯшонидан мумкин. Дар як вақте ки нисфи деҳконон дар хонаҳои похсагини бӯрёфарш истиқомат мекунанд, ранс бе изни мардум, бар хилофи раъю фармоиши партия кор кард. Дар шароити деҳот раиси правления, котиби ташкилоти партиявии колхоз таҷассуми инсофу адолати сохти ичтимоии мо ҳастанд. Бар иловаи он коре, ки ба ту гуфтам, он шахс баъзан ба шаҳр омада, занакабозӣ ҳам мекардааст, як автомашинаи сабукравро ба ошнояш додааст. Ҷамъи ин кирдорҳо душманӣ мешавад, зиёнкорӣ ҳисоб меёбад. Ба номи аъзои партия, ба унвони сарвари кӯп доғ гузоштан душманист, бародар. Аммо ӯ фақат бо як танбеҳи райком халос хӯрдааст. Чаро?

— ...

— Чаро ҳап нишастай?

— Мехоҳӣ, ки ӯро ҳабс кунанд? Албатта, ӯ ба чазои вазнинтар сазовор будааст. Лекин... Охир, ҳаматарафа андеша кардан лозим. Ҳама тарафашро дидаю санҷидан лозим.

— Ҳама тарафи киро? Ҳама тарафи чиро? Ҳамон зотро? Агар вай ҳафтоду ҳафт тараф дошта бошад ҳам, ҳоло — таъкид мекунам: ҳоло! — ҳамааш вайрон аст, маҳор бастааст, аз захму мараз, фиску фучур иборат аст. Ҳамааш ҳоло — боз таъкид мекунам: ҳоло! — зидди қонун, қонда, хилофи одат ва адлу инсоф аст.

Иброҳимҷон рӯболо хобида, ба мунозираи чӯраҳо

гӯш медоду дар дилаш мегуфт, ки дар вазифаҳои сер-
ташвиши давлатӣ, партиявӣ ба Носир Аббос барин ода-
ми аз ҳад зиёд ҳассос кор кардан басе мушкил бояд
бошад. Тоифаи ҳассос мисли аксари санъаткорон: ар-
тистон, нависандагон, бастакоронанд. Мехоҳанд, ки ҳа-
маи нуқсони табиат ва ҷамъият дар як моҳ ё ҳеч набо-
шад, дар зарфи як сол бакуллӣ нест шаваду олам гу-
листон гардад.

Вай гуфтаҳои Хиромонро оид ба навъҳои табиати
одамӣ ба хотир овард. Яке молихулиё, дигаре балғам-
мизоҷ, яъне флегматик мешудааст. Саввумӣ холерик,
оташинмизоҷ. Боз сангвиник, ипохондрик ва ғайра ва
монанди ниҳо ҳастанд. «Лекин аҷиб, ки худи ман гоҳ
маҳзунтабиати парешонхотирам, — мегуфт Хиромон,—
гоҳе шаккоку оташмизоҷ. Гӯё ба як ниҳол аз чанд да-
рахт пайванд карда бошанд. Пас чаро нагуфтаанд, ки
ҳамин хелаш ҳам мешавад? Мисли ҳамин гуна ниҳоли
серпайванд. Ё ба монанди баъзе сангҳои ғарибсурати
дарёбод, ки як қабаташ зард аст, қабати тирафоми чи-
гаритоб ҳам дорад, сонӣ онро як рахи мисли бӯр сап-
сафеде бурида мегузарад, бар илован ин як табақа
ҳам дорад, ки рангаш номуайяни хол-хол аст. Ва аз
болон ҳамаи ин «алочаи нақшин» — сангро рахи норан-
чие уреб бурида мегузарад...»

Табиати Носир Аббос низ, зоҳиран, ҳамин гуна аст.
Ҳар дафъае, ки Иброҳимҷон ӯро бидуни либоси табо-
батхона тасаввур карданӣ шуд, гоҳ чун марди ҳалими
бағоят орому солор пеши назараш ҷилвагар мешавад,
гоҳе чун сарбози солҳои аввали Октябрь. Сарбозе, ки
дар пахлӯяш ғилофи дарози чӯбини маузер овезон аст,
ба китфу миёну сари синааш тирнавори Максим печи-
дааст ва ӯ бо виқори шахсе ки замонаро дигаргун сох-
тааст, аз кӯча бо савлат қадам мезанад ва душманони
замонаи нав, бадхоҳони инқилоб аз паси пардаҳои ти-
реза ва таркиши дарҳо ба ӯ тарсону ҳаросон нигарис-
та, ба кунҷу канораҳо ҷой мешаванд.

Носир Аббос ва ҷӯрааш муддате сокит буданд. Баъд
ҷӯрааш аз ҷой бархост, парешонҳолона ба тиреза, ба
дари палата нигоҳ афканду гуфт:

— Меравам. Лекин пасфардо омада, туро оромтар
бубинам. Хуш бош.

Ва бозуи Носир Аббосро фишурда, ба дар рафт.
Мӯи сараш парешон, яктаҳи табобатхона фақат ба як
китфаш андармон буд.

— Хм, баъди содир кардани гуноҳ хизматҳои пеши-
на чӣ аҳамият дорад? — худ ба худ савол дод Носир
Аббос. Аҳли палата бо фикру хаёлот банд буданд. Но-
гоҳ Носир Аббос мисли он ки ба саволаш ҷавоб ёфта
бошад, ба Каримҷон-ака рӯй оварда, бо ҳарорат гуфт:

— Кӯза агар ба зарбаҳои рӯзгор тоб оварда ната-
вониста, чингаву пора шавад, чӣ суд аз он ки «як
вақтҳо аз гили тоза сохта шуда буд» гуфта худро тас-
кин диҳем? Оё беҳтар нест, ки барои дертар поидани
кӯза лои онро беҳтар расонем, худи онро дар оташи
хумдон хубтар пазонем? А, чӣ гуфтед?

— Ҷони гапа гуфтед, муаллим! — сухани ӯро тақ-
вият кард Каримҷон-ака, лекин ин гапро бо оҳанге ме-
гуфт, ки гӯё илтимос мекард: «Аз барои савоб, муал-
лимҷон, ором шавед...»

* * *

Душмани одамизод ба дарди қалб гирифтор наша-
вад. Навакак Иброҳимҷон дар пештахтаи тиреза ни-
шаста, бо дурбин бошад ҳам, аз нафосати рӯзи офто-
бии баҳорон нашъа мебурд.

Ҳоло парчини бистар шуда, аз шиддати дард дарун-
дарун менолад. Агар ба такрор шудани дард худи бе-
мор сабабгор бошад, ягон хӯроки нобоб тановул кар-
да, ё баръакси таъиноти духтур ҳаракати беҷое наму-
да, худро хаста карда бошад, ин қадар алам намекард.
Ҷои тааҷҷубу таассуф ҳам дар он ки коре накарда, ба-
одобу ором менишинию дарди бетараҳҳум нохост ома-
да, аз гиребонат мегирад ва ба ҷаханнами азоб меан-
дозад.

Дар бачагӣ ба гулӯи Иброҳимҷон донаки олу дар-
монда буд. Оби чашмонаш шув-шув мерехт. Яке об ме-
дод, ки бинӯш, дигаре таклиф мекард, ки нони қоқ би-
хӯр, то ки донакро ба поён тела бидиҳад. Саввумӣ ба
тахтапушташ тап-тап зада, ким-чи гуна дуое мехонд.
Имрӯзҳо Иброҳимҷон ҳамин гуна як дардро ба муддати
чанд сония, не, балки то даҳ-понздаҳ дақиқа ҳис
мекард. Лекин ӯ аз куҷое қувват ёфта ашки чашмонро
ба ашкдон бармегардонид.

Тасаввур кардан лозим аст, ки як порча пӯсти моли
навкуштаро ба тахтапушти кас, ба рӯи шонаҳо часпо-
нидаанд. Акнун фарз кардан даркор, ки ҳамин пӯст дар
зарфи ним рӯзи офтобӣ не, тадриҷан не, балки бано-

гоҳ, дар зарфи ним дақиқа хушк шуд, ҳачман ду баробар кӯчактар гардид ва ба ҳам кашида шуду пӯсту устухони касро низ баробари худ ба ҳам кашид.

Ҳар кас инро ба худ тасаввур карда тавонист, азияти Иброҳимҷонро, андозаи сабру бардошти ӯро дар мукобили ҳамлаҳои пайдарпаи дард дарк карда метавонад.

Гоҳо дар дақиқаҳои мушкил ба назараш чунин менамуд, ки марг ба шакли шабаҳи ноаёне, чун боди сарде дар фазои хона, дар долонҳо, рӯи ҳавлии бемористон дар парвоз аст. Ё ана дар паси он тарнове, ки борони рӯи бом аз он шарросанон ва ғулғулакунон поён мерезад, камин гирифтааст.

Ачиб дар атроф шаҳри бузурге доман пахн кардааст. Ҳама сиҳат-саломат, машғули корубору ғаму шодии худ. Аммо дар ин ҷазира одамони хаставу нимҷон, ҳатто рамаке ба ҷон ғун шудаанд.

Зевари камсухани меҳрубон омада сӯзандору мекард. Иброҳимҷон дар интизории пасанда шудани ранҷ дандон ба дандон ниҳода, рӯболо мехобид ва барои худ мояи таскин меҷуст. Ана барги зумуррадгуни дарахти заранг, ки ба сари тиреза навдае ҳам кардааст. Ё мана порчаи офтоб, ки ба пештахтаи тиреза ё пойгаҳи кат афтодааст. Инҳо нишонаҳои ҳаётанд. Бояд хурсанд шуд. Ӯ ҳоло боз сиҳат хоҳад ёфт, қувват хоҳад гирифт, хурсандиҳо хоҳад кард. Рӯҳияи одам як зайл наметмонад. Ҳар як рӯз, ҳатто соати умр ба фаслҳои гуногуни сол шабеҳ аст. Охир дар дохили ҳар як фасл аломатҳои фасли дигар ҳаст! Оё дар тирамоҳ кас сабзаи баҳористонро намебинад? Ё дар тобистон, хусусан тобистони кӯҳсорони баланд, гӯшаҳоеро намебинад, ки зимистонро ба ёд меоваранд? Ё дар баҳор нишонаҳои тирамоҳ, ё зимистон ё тобистон дида намешаванд? Мешаванд.

Иброҳимҷон ба ҳаман ранҷҳо, азобҳо тоб меорад. Ба шарте ки рӯзе ба матлаб бирасад. Ба висоли ёр. Ба дидори зеботарин, боақлтарин, боназокаттарини занони олам, ба васли Хиромон.

Ғамат дорам, маро шодӣ ҳамин аст,
Зи бахтам ҷои озодӣ ҳамин аст.
Зи бедодат харобобод шуд дил,
Дар ин вайрона ободӣ ҳамин аст*.

* Аз Камоли Хӯҷандӣ.

«Ба шарте ки рӯзе ба матлаб бирасад», гуфт ӯ. Аммо ба пеши кӣ шарт мемонад ӯ?

Ба кадом ҳакку ҳукук?

10

Ҳасан Абдуллоро, ки ба аёдати Ивон-амак меояд, Иброҳимҷон бародари тавъами ӯ пиндошта буд: ҳамон гуна рӯи гирда, чашмони мешии андаке сабзтоб дошт ӯ. Сохти лабу даҳону манаҳу пешонӣ, ҳатто гардану гӯшҳошон тақрибан як хел. Агар ӯ номи ин мардро намешунид ва ҳис намекард, ки вай тоҷикиро назар ба Ивон-амаки забондон ҳам ба ҳар ҳол тозатар талаффуз мекунад, ҳамчунон дар гумон мебуд, ки онҳо бародаронанд. Охир, дар байни тоҷикон, ки дар тӯли таърихи дароз бо қавму нажодҳои мухталиф басо омезиш ёфтаанд, чӣ қадар хоҳед, одамони малламӯй, ҳатто сафедмӯй ва сурхмӯй, одамони чашмонашон кабуд, сабз ва обиро мебинед.

Иди ғалаба дар пеш буд ва омадурафти Хасан Абдулло ва рафиқони вай, ки ҳамагӣ бо Клуби ветеранҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ робита доштанд, торафт зиёдтар мешуд.

Иброҳимҷон аввалҳо ба мазмуни сӯҳбати онҳо сарфаҳм намерафт. Масалан: «Бачаҳо дар комиссариати харбӣ баромад карданд», «Бачаҳо аз ёддоштҳои ҷангиашон маҷмӯа месозанд» мегуфт Хасан Абдулло ва Иброҳимҷон ҳайрон мешуд, ки бачаҳо дар комиссариати харбӣ чӣ гуна баромад мекарда бошанд? Ё сухан аз концерти хаваскорони санъат мерафта бошад? Агар ин тавр бошад, ёддоштҳои ҷангӣ ба онҳо чӣ дахле дорад?

Фақат баъдтар ба ёдаш расид, ки дар бораи ҳамдигар «бачаҳо» гуфта сухан ронданҳои як қабил мӯйсафедон аст. Дар вокеъ, онҳо ба ашё, вокеот ва одамон бо ҷеҳаки айёми шабоб ё давраи камолоти худ назар мекунанд. Рафиқони ҳамсиннашон — иштирокқунандагони муҳорибаҳои граждании солҳои 1922—26 дар Тоҷикистон, ветеранҳои Ҷанги Ватанӣ барояшон «бачаҳоянд».

Дар гуфтушуниди Сари Хосор, Сталинобод барои номҳои кӯҳнаро истеъмол мекунанд, ки аз забони умум қайҳо баромадаанд:

— Ёд дорӣ, ба Сангвор мерафтем?

— Ҳа, ту он вақт дар Лакай-Тоҷик будӣ. Сонитар ба Пахтаобод гузаштӣ...

Агар сухан аз нархунавои молу матоъ биравад, ҳаъз ба ҳисоби пули кӯҳнае, ки то соли 1960 маълум буд, сӯҳбат мекарданд:

— Ба наберача ба панҷсаду бист сӯм якта валасафеди олиҷаноб харидам. Э, бирав, гуфтам, бачекам, кайф кун-е, дар замони мо-ку ғайр аз хару хингил саворне набуд...

Ин дафъа хотири Ҳасан Абдулло мушавваш менамуд.

— Зиқ шудам, Андреич, зудтар мебаромадӣ...

— Чӣ зиқ мешавӣ, ба ту ҷуроббофӣ фармудаанд?

— Плансозӣ чӣ? Ҷуроббофӣ дар пеши вай ҳеҷ гап не. Плани сохтаамро ба маҷлис хонда додам, маъқул нашуд.

— Гардан метобанд?

— Не, не, — бо шитоб эътироз кард Ҳасан Абдулло, яқин, барои он ки рафиқаш арзи ӯро мабодо ҳамчун шикоят аз «бачаҳо» маънидод кунад.— Ҳама розӣ. Худат медонӣ, ки хамааш муштоқи ягон супориш, ҳатто бачаҳое хастанд, ки ду-се вазифаро якбора ба гардан мегиранд.

— Пас чӣ шудааст?

— Ё рӯзи таъинкардаи ман маъқул нест, ё чое ки аз рӯи таксимот расидааст.

— Набошад, рӯйхатро хомакӣ соз. Таксимоти супориш ва рӯзи мулокотро худашон ҳал кунанд. Олам гулистон.

Ҳасан Абдулло ба рафиқаш бо чашмони шефта нигоҳ карда истоду гуфт:

— Барои хамин хам мегӯям, ки тезтар баро, Андреич. Қаллаи ту, ба ҳар ҳол, дигар-дия.— Муддате хомӯш монда, илова намуд: — Ба ид табрикномаҳо омада истодаанд. Аз комитети ветеранҳои комбинати мебели Душанбе, аз мактаби рақами 45-и Ҷилликӯл табрикнома омад. Илтимос мекунанд, ки биёед.

— Бисёр кори савоб, биравед.

— Ту баро, хамроҳ равем...

— Ман ин ҷо ба истироҳат наомадаам, Ҳасан. Ба асабам нарас... Ба кариби имтиҳони мактаббачаҳо сар мешавад. Сонӣ — таътили тобистона. Интизор накунед, чанд кас чамъ шаведу биравед.

— Ту баро, хамроҳ меравем.

— Ҳасан, баъзан кӯдаки таппа-тайёр мешавӣ-а!

— Хайр, чӣ? Одам синну солаша гирад, аз сари нав кӯдак барин мешудааст.

— Ман мегӯям, ки кӯдак барин шавад ҳам, дертар шавад.

— Хайр, майлат.

— «Майлат» — норозиёна ғур-ғур намуд Ивон-амак ва ранҷишомез сари худро ба дигар сӯй тоб дода сокит монд. Ваҷоҳати ӯ ба забони ҳол мегуфт, ки ин масъалаҳо ҳаргиз муносиби баҳсу мунозира нестанд, аммо ту маро бехуда дилтанг мекунӣ. Гӯё ман барои хавою хавас ин ҷо хобида бошам.

Ба назди Ивон-амак дирӯз ду нафар зан омада буд. Якеро мӯйсафед Алиева гӯён хитоб мекард, дигареро бо ҳавсалаи том: Наталья Коробкова-Степанова гуфта, ному фамилияи дуошёнаашро пурра ба забон мегирифт. Ба назари Иброҳимҷон муносибату муомилоти ин мӯйсафедон баъзан хандаовар менамуд.

Соли гузашта ӯро сардори гурӯҳашон ҳафтае қабл аз рӯзи Армияи Советӣ ба хонаи офицерон фиристода буд. Ба ӯ гуфтанд, ки Комитети умумииттифоқии ветеранҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ як гурӯҳ иштироккунандагони ҷангро аз шаҳри онҳо бо тавсифномаҳо мукофотонидааст. Иброҳимҷон мебоист маросими супурда шудани он тавсифномаро барои журнали хроника ба навор мегирифт.

Маҷлиси ветеранҳо оғоз шуду яке аз онҳо аввал дар бораи шакли тозаи тарғиби анъанаҳои ватандӯстона — онд ба мусоҳибаҳое, ки бояд дар ҳавлиҳои калон-калои гузаронида мешуданд, маърӯза кард. Мӯйсафедон бо ҷӯшу хурӯши ҷавонона ин масъаларо батафсил муҳокима карда, нақшаи амалиёт тартиб доданд. Ивон-амак дар ҳайати раёсат менишаст.

Вақте ки мукофотсупорӣ сар шуд, Иброҳимҷон бо чароғдори худ ба кор шурӯъ намуд. Аммо дар яке аз лаҳзаҳои ин маросим ӯ кариб монда буд, ки кори худро худаш расво кунад. Садри маҷлис номи яке аз ветеранҳоро гирифта, эълон намуд, ки фалонӣ барои хизматҳои шоиста дар тарбияи ватанпарваронаи насли ҷавон ва иштироки фаъолона дар корҳои оммавию сиёсии клуб бо тавсифнома мукофотонида мешавад.

Ин буд, ки пирамарди қадпасти рухсораш пурочинге, ки пойҳои каҷи кавалеристӣ дошт, қачал-қачал қадам ниҳода, ба мизи раёсат наздик омад. Тавсифно-

маро гирифта, дасти раисро бифишурд. Пас рӯ ба аҳли зал овард, ки тақрибан панҷоҳ нафар ҳамин гуна мӯйсафедон, аз ҷумла се-чор нафар занҳо менишастанд ва бо овози гирифтаю дупӯстаи пирона фарёд кашид:

— Ба хизмати Иттиҳоки Советӣ тайёрам!

Иброҳимҷонро, ки ҳамаи ин манзараҳоро гоҳ аз чапу рост, гоҳ ҳам шудаву гоҳе болои курсие баромада, ба навор акс мекунонид, даст баногоҳ ларзид ва худ бехтиёр пиккос зада хандид. Хайрият, худи ҳамон лаҳза худро ба даст гирифта, чунон вонамуд, кард, ки нахандидааст, он садои бегона хиширроси аппарат буд, ки ҳангоми такон хӯрдани дасташ шунида шуд.

«Ба хизмати Иттифоки Советӣ тайёрам!» Ин нидои ҷанговарони барною тавоноро аз даҳони пири ларзони кӯчпо шунидан, ростӣ, як қадар хандаовар менамуд. Лекин дар чунин як вазъият хандидан, ҳеҷ набошад, носипосӣ буд.

Аксари ин пирони рӯзгордида агар аз панҷ-шаш пиллапояи зина саҳле бошитоб бароянд, бояд ним соат ҳарсасзанон нафас рост кунанд. Бо вуҷуди он сарфи назар аз заъфи тан, онҳо рӯҳи бардами шикастнопазире доранд. Дар воқеъ, ҳоло ҳам, фардо низ ва то нафаси вопасин ба хидмати Ватан ҳозиру нозиранд. Кӣ медонад, шояд ин хидматро аз мулло Иброҳим барин ҷавонони ба қомати мавзунашон ғарра, ки гармию сардиҳои рӯзгорро нодида, дар ишқи як духтар дил бохта, аз хомӣ ба бистари маризӣ ғфтодаанд, чандин маротиба ҳалолтар адо кунанд!

Иброҳимҷон сахт изо кашид. Маълум мешавад, ки ӯ ба риши сафеди пирон ба қадри бояду шояд эҳтиром надоштааст, дар тарбияи ӯ аз як чиҳати басе нозук нуқсоне рафта будааст. Вай то анҷоми он рӯз ҳар замон худ ба худ аз ҳаё сурх шуда, ба худ таъкид мекард, ки сазовори маломат аст.

* * *

Ивон-амак ба гусели чӯрааш рафт. Носир Аббос ҳам кайҳо ба долон баромада буд. Иброҳимҷон оҳиста-оҳиста ба тағи дари палата баромад. Рӯзҳои нав аз бистар бархостанаш мустақилона ақаллан ду қадам роҳ рафта наметавонист. Гӯё малакаи бистуҳафтсолаи роҳгардиаш ба якбор барбод рафта бошад, худро кӯ-

даки ба рӯи замин ҳанӯз ягон қадам нагузоштагӣ барин ҳис мекард. Як ҳафтаи том поҳои ӯро молиш дода, дар рӯи бистар ба ӯ машқҳои сабуки гимнастикаи муолиҷавӣ омӯзонида, осори карахтию ночунбонии сеҳафтаинаро тадриҷан барҳам медоданд.

Дар гӯшаи истироҳат чанд кас доминобозӣ мекард. Ҷавони лоғари захирранге дар сари онҳо рост истода, бейст мечунбид. Чунбиши ӯ даме рақси арабӣ ё ҳиндиро ба хотир мерасонид, лаҳзае ҳаракати дорбозеро, ки вазнаш яктарафа майл карданисту ӯ мекушад мувозанатро барқарор намояд. Аксаран китфу косаш ночунбон, аммо миёнаш ба мисли камари духтараконе ки чанд сол муқаддам бо чанбарак хула-хупбозӣ мекарданд, тоб мехӯрд.

Беморони ғарибе хастанд, ки тамошояшон гарчӣ шуғли ҳузновар аст, лекин ноҷор ҷолиби диққат мешавад. Аз тирезаи қироатхона бинои беморони асаб менамояд. Яке аз беморони он шӯъба ба дарди ҳайратангезе гирифтор аст. Дар мағзаш, ба гуфти Зардодхон, маркази идоракунандаи ҳаракати пой осеб ёфтааст, ва ӯ ҳамин ки аз ҷои нишасташ бархост, дар пайроҳаҳои боғи бемористон ғайрихтиёр метозад. То ба дарё ё деворе барнахӯрад, то танаи дарахте ё дасти имдодгареро нагирад, худро боздошта наметавонад. Гӯё касеро таъқиб мекарда бошад, бо шасти тамом медавад. Алҳазар, алҳазар.

Зевар мегӯяд, ки ҷавони заҳирранг бо чунбиши худ дарди ҷонкоҳи меъдаю рӯдаҳои захминашро андаке пасанда мекунад. Дирӯз ӯ дар сари миз бо се нафари дигар доминобозӣ мекард. Ногоҳ дардаш гирифту аз сари миз барҷаст ва ба «рақси» пуразоб оғоз кард. Шариконаш то охири рақси ӯ бо хавоси парешон мунтазир буданд. Мегӯянд, ки ӯ шароби знёде нӯшида, худро ба ин ҳолат расонидааст. Бар болои ин боре ким-чи гуна спирти техникӣ хӯрдааст. Ҷавонӣ-дия, чаро оқил кунад коре, ки боз орад пушаймонӣ, фармудаанд хирадмандон. Рӯзе аз алам дар ҳамин ҷо, дар табобатхона ҳам арақ нӯшида, чака маст шудааст. Хамшираҳои раҳмдил «профессор дар ин аҳвол бубинад, аз табобатхона пеш мекунад» гӯён ӯро дар анбори рӯйҷою пӯшок руст кардаанд.

Бечора, пӯсти рӯяш ба ранги коғази равғанолуда: на тарҳи раге, на ақаллан андак нишонаи хуне. Бо ҳамин аҳвол аз он канори бинои дароз, аз шӯъбан ҷар-

роҳӣ меояду номаълум аз дур Зеварро тамошо мекунад. Ҳатто дар ҳамин бемористон чанд кас ошиқи зори Зеваранд. Аммо касеро ҳадде нест, ки дар ин хусус ба худи ӯ ҳарфе бигӯяд, ишорате бикунад. Аён аст, ки дар қавоби изҳори меҳр Зевар мисли баъзе духтарони бахуснашон ғарра сухани дурушт намегӯяд, дашном намедиҳад. Фақат як нимтабассуми писхандолуде карда, аз «ошиқи зор» рӯй метобад ва бо ҳамин кори ӯро тамом мекунад.

Ҳар шанбе Зевар шабона ҳам навбатдорӣ мекунад. Он шаб ошикони дармонда дар долони шӯъбаи терапия махсусан бисёр сайру ғашт мекунанд, дар ниҳони дил, аз афташ, оҳҳои сарди бадард мекашанд.

Аз он канори долон шавқуни марди ғафси шикамкалоне шунида мешавад. Ӯ дина дар адл мобайни долон рост истода, ба сари ҳамшираи кадбону бонг мезад, ки одами нозуктабиати асабонист, касалаш вазнин аст, эҳтимол, аз умраш фақат чанд рӯз боқӣ монда бошад ва ба оху воху нолаю афғони дигарон тобу тоқат надорад. Бояд ӯро ҳар чи зудтар ба палатаи яккаса бигзаронанд. Ӯ коре надорад, ки ин хел палата ҳаст ё не.

Имрӯз фарёд мекард, ки телефони шӯъба вайрон. Дар куҷо дидаанд, ки телефони бемористон кор накунад? Магар тақдири одамони носиҳат барои калоншавандаҳои ин муассиса бозича аст, ки ба телефон барин асбоби зарурӣ аҳамият намедиҳанд?

— Сардухтурро зуд ба назди ман биёред! — дағдаға мекард бемори нозуктабиат ва дар он сӯи долон тақудави ходимони табобатхона авҷ гирифт.

Маълум мешавад, ки касали корчаллон муаммои палатаи алоҳидаро ҳал кардааст. Ҳамин хел дӯғу даранг кардан гирад, ба пеши мардак телевизор, радиоприёмник, телефони алоҳида ҳам оварда мемонанд, аз дил гузаронид Иброҳимҷон.

Бузургии вичдон ва ҳаловат аз рӯзгор ба ҳамдигар номутаносибанд, яъне вичдони кас ҳар қадар қавитар, покитар бошад, соҳиби он ҳамон қадар дар ташвиш ва ранҷу азият аст ва баръакс вичдон ҳар қадар заифу олудатар бошад, ҷони соҳибаш ҳамон қадар дар ҳаловат.

Ҷӯрааш Қамар ҳикмати шӯҳиномезе гуфта буд, ки агар вичдон дар воқеъ хосияти азоб додани вичдондоро медошт, дар кӯчаҳо фақат пӯсту устухони одамон мегаштанд.

Аз тану тӯши он бемори ничиқ пайдост, ки ӯ аз чунин хатаре эмин аст.

* * *

Сокинони деринаи палатаи кунҷакӣ ойне доштаанд, ки ҳар кас ба қадри тавонаш бар бистари беморӣ афтодани худро бо ягон воқеаи дигари хаёташ муқоиса мекардааст. Нақле ки Иброҳимҷон рӯзи ба ин палата кӯчиданаш дар бораи саргузашти гӯгирддонаи охирин аз Носир Аббос шунида буд, аз ҳамин қабил тамсилот будааст.

Дар ин палата пинҳонӣ аз духтур ва Зевар муқаррароти табобатхонаро вайрон карда, пас аз хӯроки нисфирӯзӣ хоб намекарданд.

— Рӯзона хобем, шабона хоб тунук мешавад,— гуфта буд Ивон-амак рӯзи дигар ба Иброҳимҷон ва гӯё аз номи ҳама таклиф намуд: — Лекин, писар, агар шумо хобидан хоҳед, мо халал намерасонем, ҳап ёзида мехобем.

— Бахузур сӯҳбат кардан гирад,— дар ҷавоб гуфт Иброҳимҷон,— агар сӯҳбат ачоиб бошад, хоб мегуреазад, вагарна овози касе ба хоб монеъ шуда наметавонад.

Ивон-амак ба Носир Аббос маънидор нигоҳе партофт. Яъне, дидед, Носирҷон, чӣ изҳороти ҳавобаландона!

Оре, Иброҳимҷон баъзан ягон суханро хуб насанҷида, барнакашида мегуфту пас пушаймон шуда, даруидарун ба таб месӯхт ва сухани хом ё духӯра баромадани худро гоҳ ба ҷавонӣ ва камтаҷрибагӣ ҳамл кунад, гоҳ бо алам эътироф мекард, ки аслан рӯзи тақсими фаҳму фаросат дар ғафлат будааст. Ҳозир ҳам ӯ хичил шуд, ки ба ду нафар одами аз худаш калону боақлтар эҳтимоли сӯҳбати дилгирро нисбат дод.

Бозии анъанавии аҳли палатаро Ивон-амак сар кард.

— Ман,— гуфт ӯ,— худама мисли аробаи кӯҳнаи шалақ ҳис мекунам, ки усто Зардодхон мурватҳо, чарх ва тиру шотуҳояшро тарангтар кашида, губчакҳояшро равғани тоза молидааст.

— Ман мисли касе ки аз минбар кашола карда

фароварда бошанд, — гуфт Носир Аббос, ки якпаҳлӯ ёзида, рӯй ба Ивон-амак мехобид ва аз ӯ савол кард: — Оё шуморо боре аз минбар фаровардаанд? Не, ман намегӯям, ки албатта вақти сухан карда истоданатон. Фарз кардем, вақте ки ба сӯи минбар бо нияти нутқ равона будед, ё мисол гирем, номатонро ба рӯйхати нотиқон даровардану баъд нохост онро хат заданд.

Шумо бо дили пуризтироб, ки тук-тукаш хатто ба гӯшатон мерасад, мунтазири навбати худ нишастаед. Мунтазиред, ки ҳозир садри маҷлис эълон хоҳад кард:

— Сухан ба рафиқ Аллаев, тайёрӣ бинад рафиқ Баллаев.

То навбати шумо боз чанд каси дигар мондааст! Тук-туки дил шиддат мегирад. Ба сари синаатон менигаред, аз тапиши қалб ларзидани нишони сарисинагӣ ва гиребонатонро мебинед. Сухани рафиқон Баллаев, Валлаев, Галлаев, Заллаев ва Қаллаев ба поён мерасад. Ҳозир бояд раис эълон кунад:

— Навбати рафиқ Маллаев, тайёрӣ бинад рафиқ Паллаев.

Рафиқ Паллаев — шумо. Тук-туки дил ба гуп-гуп ва сонӣ ба гурс-гурс бадал мешавад. Аммо сухани рафиқ Қаллаев ба анҷом мерасаду чунин эълоч шунида мешавад:

— Сухан ба рафиқ Маллаев, тайёрӣ бинад рафиқ Саллаев!

Паллаев аз мобайн биафтод.

Одамӣ чунон сохта шудааст, ки баъзан ҷисми ӯро рӯҳаш азоб медиҳад, баъзан рӯҳро — ҷисм. Дар айни чиллаи тобистон рӯзи истироҳати худро дар универмаги серодами ҳавояш дами вайрон гузаронида, барои зимистони оянда либосу пойафзол меҷӯста бошед, бидонед ки ҷисматон, яъне зарурати ҳифзи он аз сармо рӯҳро дар вартаи азоб андохтааст.

Баръакс асное, ки дар маҷлисе мунтазири навбати сухан менишинед, рӯҳи ба шӯриш омада ҷисми шуморо озор медиҳад. Ба замми ин ба шумо бо овози баланд, бо табассуми ҳалимона хабар медиҳанд, ки номатонро касе аз рӯйхат баровардааст. Дил фишор мехӯрад, тук-тукаш паст ва номураттаб мегардад, дар бадан ким-чи гуна арақи сарди ғиҷиноваре медамад.

— Боре нақши рафиқ Паллаев ба зиммаи ман афтода буд,— ҳикояташро давом кунонид Носир Аббос.—

Устои ман ба нафақа баромад. Қарор доданд, ки аз номи шогирдон ман нутқи табрикӣ кунам ва тӯҳфаи шогирдонро бисупорам. Худам дар ҳазлу ҳачв чандон кобил нестам, аммо бо кӯмаку маслиҳати рафиқон як табрикномаи шӯхи саршор аз ҳазлу мутоиба тартиб додем. Чандин рӯз кашокаш карда, тӯҳфае тайёр кардем, ки хеле зебанда ва дар айни замон шаклӣ ҳазломезе дошт.

Рафиқон Аллаев, Баллаев, Галлаев ва дигарон гап заданд. Паллаев аз байн биафтод. Сонӣ Саллаев, Фаллаев, Чаллаев, Яллаев, Ғаллаев ва Ҳаллаев низ ба минбар баромада, баъзеҳо то даҳ-понздаҳ дақиқа вақтро гирифта, табрикномаҳои хушку холию дилгиркунандаро хондан гирифтанд. Як қисмашон айнак бар болои бинӣ гузошта, чашм аз коғаз наканда қироат мекарданд ва аз аҳли зал ҷамъе ҳамёза мекашиданд, камсабртарон омодан хуррок мешуданд.

Садри маҷлис эълон кард, ки таклиф омад табрикгӯиро бас кунем. Бокимондагон ба сахнаи клуб баромада, номаҳои худро ба соҳибчашн бисупоранд.

Симои ноадолатиро нахустин бор ҳамон рӯз возеҳ дида будам.

Гоҳо ба сарам андешаи маъюсонае меояд, ки агар танҳо ба умеди такмили вичдону ақоиди худ шавем, ошнобозӣ барин як иллати бузургеро бо маҳалчигӣ, миллатчигӣ, ҷӯрабозӣ, ришвахӯрӣ барин шохаҳояш ба ин қарибӣ аз ҳаёти ҷамъият нест карда наметавонем. Олимон бояд ҳар чи зудтар мошинҳои электронии одамшиносӣ ихтироъ карда, ба кӯмаки мо бирасанд. Холо дар баъзе ҷойҳо, масалан дар ГАИ ва институтҳои тадқиқот санҷиши одамон ба зимман ҳамин гуна мошинҳо гузошта шудааст.

Дар ин асно бародари Иброҳимҷон ба палата даромад ва ӯ нафаҳмида монд, ки оё нзкли Носир Аббос ба поён расид ё ӯ боз чизе илова карданӣ буд.

Ҳамроҳ-ака аҳли палатаро хуб мешинохт. Бо Ивонамак ва Носир Аббос чун ошноҳои дерина вохӯрӣ кард. Дар палата низ чун дар кӯчаи кушод қоматашро рост дошта, ба тарзи низомӣ қадам мегузошт. Туфлии сиёҳи ялақкосиаш босавлат ғирчос мезад.

Иброҳимҷон саросема рӯи кат нишаста, гиребони бетугмаи яктараф кач шуда, ба китфаш фаромадаро дуруст кард. Бародараш хам шуда, ӯро бо оғӯш кашид,

аз рӯяш бӯсид. Пас рӯи додарро бо навозиш сила кар-
да: «Э бале, шер! Офарин, шер!» гуфт.

Аз ӯ бӯи хосаш меомад, ки солҳои дароз ничониб ба димоғи Иброҳимҷон нишаста буд. Бӯи махлути як қадар атромезе ки фақат аз сару либосу пайкари ба-
родараш меояд. Агар бӯи портфели навии мактаббача-
ҳо, куртаи тозаи дарзмолӣ, папироскуттӣ ва андаке қа-
ланфури марҷонро ба ҳам омезанд, ба ҳамин бӯи хуши махмуркунанда наздик мешавад.

Ҳамроҳ-ака хомӯш нишаста, тадриҷан қиёфаи чид-
дӣ мегирифт. Ҳар замон ба афту андоми додараш, ба бистар, тиреза, дурбин, сандуқчаи чизмонак, сақфу де-
вори палата нигоҳҳо афканда зери лаб «хм.. хӯш» мегуфт.

— Одам, шер, дарди дилашро ба ҷону ҷигараш на-
гӯяд, ба кӣ мегӯяд? — ниҳоят, савол дод Ҳамроҳ-ака.

— Қадом дард? — худро нофаҳмида вонамуд кард Иброҳимҷон.

— Бача нестем, шер, хуб не,— норозиёна рӯй гар-
донд бародараш.

Қамар омада, аз парирухе гап мезад. Ишораҳо ме-
кард, ки Иброҳимҷон розӣ шавад, сурати он нозанинро биёварад. Боз аз қадом як комитети ҳаҷот сухан мекард он лаккӣ, ки Ҳамроҳ-акааш аъзои он комитет будааст.

Бародар талаб мекунад, ки дарди дилашро гуфта диҳад. Чиро гӯяд? Чӣ тавр гирифтори ишқи Хиромон шуданашро? Магар ҳамин бародараш набуд, ки бахсу мунозираи бутун-бутун ташкилотҳо, маҳаллаҳо, гурӯҳ-
гурӯҳ одамонро ба осонӣ ҳал карда метавонисту носо-
зиеро ки дар онлаи додараш буд, ба ҷои бартараф кар-
дан баръакс мураккабтар мекард? Магар ҳамин марди хирадманд, ҳамин ходими маъруфу машҳури идораи корҳон дохилии республика рафиқ Ҳамроҳ Олимӣ на-
буд, ки бо раҳматӣ модари пиряшон аз як гиребон сар бароварда, Иброҳимҷонро зӯран ба хеши худашон хо-
надор карданд? Ҳар бор, ки Иброҳимҷон баҳонае ёф-
та, тӯйро ба таъхир андохтанӣ шавад, сахт карда ме-
гуфт:

— Бас! Шаш-ҳафт сол интизор шудем ки арӯс меёбӣ. Натавонистӣ, шер. Акнун, шер, ба гапи модар гӯш кун.

«Ба гапи модар гӯш кун» мегуфту гапи худашро ме-

гузаронид. Баъди он ки Иброҳимҷон бо зани ёфта до-
даатон зиндагонӣ намекунам, гуфт, бародарш ҳариф ҳар рӯз ӯро аз ҳаллочӣ мегузаронид.

Бародарони Иброҳимҷон аслан ду нафар буданд. Ҳамроҳ-ака — нахустин писар. Ба падараш ҳамроҳ ша-
вад гуфта, бо умед Ҳамроҳ ном додаанд. Бародара ҳимҷон аз насиҳат ё кохиши бародар ба танг омад, фикр мекард, ки агар ҳар дуи онҳо зинда мебуданд, ҳо-
ли ӯ чӣ будӣ? Инро аз дил мегузарониду дарҳол хиҷо-
лат мекашид. Ҳис мекард, ки аз хаёлоти шикоятомези ӯ бӯи носипосӣ меояд, гӯё чунин хулосае бармеояд, ки ҳуб шуд, ки аз бародарон ҳоло фақат яктоашон дар қайди ҳаёт мондааст бас.

Ӯ бародари ягонаашро хаёлан рӯи бистари марг ё миёни гулу гулчанбарҳо, тасмаҳои шоҳии сурху сиёҳ мотамосор дида, дилаш таг кашида мерафт. Дарҳол мижа таҳ карда, мекӯшид, ки ин манзараи мудҳишро зудтар аз назари андеша дур андозад. Ва худи ҳамон лаҳза дилаш аз меҳру муҳаббати риққатомез ба баро-
дар лабрез мегардид.

Воқеан, чӣ ҷои ношукрӣ! Ҳамроҳ-ака ӯро ба ҷои падар буд. Модараш нақл мекард, ки вақте ки Иброҳим-
ҷони шашмоҳа сахт касал шуда, дар гаҳвора ғаш ме-
кард, Ҳамроҳи чаҳордаҳсола «акнун, ухаҷонам мему-
рад» гӯён гурс-гурс сар ба девори хона мезад ва ҳой-
ҳой мегирист.

Бо мурури солҳо меҳру парастории бародар бар до-
дар торафт бештар мегардид. Аз рӯзе ки Иброҳимҷон худро мешиносад, гӯё ҳар қадамаш бо ғамхории ин марди мӯйис хотирнишон гаштааст. Дар ёздаҳсолагӣ соҳиби фотоаппарат шуда, суратгириро омӯхтанаш... Аз синфи як то курси охирини университет на дар хӯ-
року пӯшок, на дар кисахарҷӣ ё асбоби хониш ё тран-
зистору мотороллер барин чизҳо эҳтиёҷе ҳис накарда-
наш,— ҳама аз шарофати меҳрубонии бародар буд, ки орзӯҳои ӯро ҳатто дар шуури худаш шакл нагирифта, пай мебурд ва аз паи амалӣ гардиданаш мекӯшид.

— Ману янгаат ба ту бегона нестем, шер,— боз гуфт бародар.— Ту, шер, мебоист аз ғаму ташвиши худ мо-
ро огоҳ мекардӣ.

Иброҳимҷон чизе нагуфт. Бародар ӯро ба китф тас-
киномез тап-тап зада баромада рафт.

Одамон гохо ба махсули хаёли рангини худ дил мебозанд. Иброхимчон оид ба ин гуна қиссахо аз қабили Пигмалион* бисьёр чизхо шунидаву хонда ва фильми сараи америкони «Хонуми соҳибҷамоли ман»-ро низ дидааст. Нигоре, масалан, табиатан нармгуфтор ва хушрафтор аст. Табассуми латифи ӯ, ки аснои ҷавоб ба саволи дилбохта дар лабони дилрабояш медамад, ба назари дилдода чун аломати таваҷҷӯҳ ё хатто чун муждаи меҳр метобад. Хаёли барошуфта ва ба висол ташнаи ошиқ килки рангин бардошта, тасвираҳо, манзараҳои дилнавозе мекашад ва ҳар зоҳираеро ки дар рӯ ба рӯяш мебинад, хатман ранги матлуб медиҳад, аз ҳар сухани нигор оҳанги марғуб мешунавад, дурри мақсуд мебинад.

Мисли он ки ташнаи обро дар биёбонч сӯхта сароби бетарахҳум фанд мезанад, дар назар чашмаҳои ҷонбахш, наҳрҳои ҳаётофарин ба ҷилва меорад.

Мисли он ки дар назари роҳгумзадае, ки аз сармо карахт шуда, аз пой дарафтодааст гарми гирди гулхан, бистари нарми дӯсти куҳан, боғу бӯстони пур аз меваю гулу гулшан пеши дидагон меояд.

Ошиқи бечораро ба ин кӯи талбис ва пурхатар на харифе, балки андешаи муболиғакори худ дар бораи фазилату ҳусну хислати хештан меандозад. Чунон ки ин навъ фиреби маҳз дар камингоҳи сари кӯи ҳар фарде хаст ба назари ошиқ низ шахси ӯ аз будаш бехтару меҳтар метобад.

Ҳар гоҳ, ки эҳтимоли ин гуна гумони каззоб ба ҳаёли Иброҳимчон меомад, ҳис мекард, ки фикри даҳшатангез мадори дасту пояшро хушк мекунад.

Аммо муддате мегузашту андешаҳои талх парешон мегаштанд ва ӯ дар самои хаёлоти ширин аз нав ба парвоз медаромад.

Ӯро фақат якто кран лозим буд. Ӯ медонист, ки он кран КБ-100 ном дорад, баландиаш баробари иморати

* Пигмалион — мувофики асотири бостонии Юнон ҳайкалтароше будааст, ки чинси занро таваҷҷӯҳ надоштааст. Олиҳаи ҳусн ва муҳаббат Зӯҳраи зоҳро барои танбеҳи Пигмалион дар дили ӯ ишқи ҳайкали занеро меафканад, ки худ бо дасти хештан тарошидааст. Аммо ишқи ӯ ба дарачае афзуда, ба андозае муқтадир гаштааст, ки дар баданн ҳайкал ҷон дамидааст ва он ба зани ҷамилае табдил ёфта, оқибат ҳамсари ҳайкалтарош шудааст.

шашошёна аст, якбора панҷ тонна бор мебардорад. Дар шароити Тоҷикистон аз кранҳои миёна ба шумор меравад ва дар сохтмони бинохои чахор-панҷкабата кор фармуда мешавад. Аммо ба ҳар як крани борбардор бе изтироб нигоҳ карда наметавонист. Ҳам ба кранхои маноразарде, ки ба ракетаҳои баллистикӣ ба сӯи осмон ростшуда мемонанд ва онҳоро бинокорон КБ-100.1 меноманд. Ҳам ба кранҳои бузурги панҷаратане ки иморатҳои даҳошёнаро рост мекунанд. Пиёдаравон беихтиёр ба кранҳои канори роҳ ё кранҳое ки дар паси иморатҳои сари кӯча қомат афрохтаанд, бо умеде менигарист. Аз тирезаи автобус, троллейбус, аз дарунн «Москвич»-и худ ҳатман ба ҳамаи кранҳои ба назараш бархӯрда синчакунон менигарист.

«Рафту ҳамин кран ҳоло азони Хиромон бошад... Ман бехабар монда бошаму дар муддати ин як рӯз ӯ ба ин сохтмон кӯчида, ба ин кран гузашта бошад...»

Аз дур ба иморатҳои нотамом чашм дӯхта, пайкари Хиромонро дидан, шинохтан мехост. Вале магар аз дур касеро шинохта мешавад? Вай чашм дӯхта, аз ҳаракати милаи кран мехост дарёбад, ки оё онро дастони дилбараш идора мекунанд? Бале, бале, аз бисёр нигоҳ кардан, ҳар як ҳаракати миларо бо диққат таъқиб намудан ӯ рафта-рафта, ба андозае мушоҳидакор гашта буд, ки аз чунбиши манора ва милаи кран, аз назми ҳаракати боре ки он бардошта, дар ҳаво сайр медиҳад, услуби кори Хиромонро тафовут карда метавонист.

Ачаб офаридаест дили одамизод. Крани бегонаеро аз дур медид, хуб медонист, хеле хуб медонист, ки ин дастгоҳи шахси дигарест. Бо вуҷуди ин ба он сӯй мерафт, ба зери пояш нигоҳ накарда, чашм аз кран нақанда, дар саҳни ноҳамвори сохтмон пешпо хӯрда-пешпо хӯрда, пеш мерафт ва фақат баъди дидани каллапӯши мардонае дар байни тирезаҳои ба нури офтоб дурахшандаи кабинаи кран маъюсона бармегашт.

Ё, баръакс, ҳангоме ки сӯи иморат мерафт, якин медонист, ки Хиромон аз рӯи ҷадвал ҳоло кор мекунад, дар кабинаи худ нишаста, ба поён менигарад, ки кашакҳои симтанобро ба гӯшакҳои хамман лойбетон чӣ гуна мегузаронанд. Оре, хуб медонист, ки ӯ он ҷост, вале ҳамин ки чашмаш ба рӯймоли осмониранги ӯ афтод, ё гесувони ба гирди сар ҷанбарсон печонидашро медид, мисли он ки банохост дар ҷои ғайричашмдошт вохӯрда бошад, дилаш гӯё аз кин бармечаст ва чунон

бо шиддат метапид, ки аз ҳамлаи ногаҳонии хун дар як он тасфида рафтани сару рӯяшро ҳис мекард.

Ошхонаи назди он сохтмони аз гӯшаҳое буд, ки дили ранҷпарварди ӯро ҳамеша таскин мебахшид. Ин ҷо Хиромон аз падидор шудан, наздик омада салом додан ва пурсуков кардани Иброҳимҷон намекебид. Бинобар ин ҳам ӯ ин ошхонаи сутунзорро, ки девори байни толор ва матбахашро аз рӯи мӯд афтонида буданду дар фазои он бӯи пиёздоғ, бухори ошу сабзавот сайр карда, иштиҳоро мебаст, аз ресторанҳои оростаю пероста афзалтар медонист.

Тирамоҳон баробари ворид шудан ба он ошхона аввал ба либосовезак менигарист: оё боронҷомаи гулобии нигораш овезон аст, ё он рӯз, ки ҳаво серунтар аст, ӯ пальтои сабуки чигариашро пӯшидааст? Бигузор бо ӯ гуфтугӯ кардан муяссар нашавад, бигузор Хиромон ваъда ба мулоқот надиҳад. Фақат чеҳраи дилрабояшро як лаҳза, як сония бубинад, рухсори гулгун ва босафояшро фақат як он бубинад, ҳамин кофист. Бигузор ӯ бо дугонаҳояш саргарми сӯҳбат бошаду ба сӯи ӯ ҳатто назаре наафканад. Танҳо чанд сонияи овози дилхурӯши ӯро бишнавад, кифоя аст. Ҳамон савти ҷонофаринро, ки чун насими атрафшони мавсими гул форам, мисли нурҳои саҳарии хуршед нарму навозишгар, монанди суруди мурғони хушхон ё навои чашмасорон дилпазир асту то ба замири қалб мерасад ва он ҷо ҳар дафъа нақшҳои тозаи гуворо меафканад. Ҳамон оҳангеро ки маншаи ҳузури ҳаловат аст барои дили ташнаи висол.

Хайр, бигузор овозашро ҳам нашунавад. Ҳамин қадар басандааст, ки аз дур ба саломаш бо ишорае алек бигирад, ё ҳатто бигузор, ки ҳамин қадар ҳам илтифот нанамояд. Иброҳимҷон ҳазор бор розист, ки нигораш он ҷо бошад ва ӯ аз дур ақаллан болои дилҷӯ, пайкари мавзуни ӯро, нигоҳи бепарвои чашмони шаҳлои ӯро бубинад ва бидонад, ки моияи бахти ӯ зинда ва саломат аст, машғули корубору рӯзгори хештан аст.

Гоҳо, сарфи назар аз он ки ба дидори нигор мушарраф шудааст, ё на, аз ӯ ягон ҳарфи уммедбахше шунидааст ё на, дили Иброҳимҷон худ аз худ, бидуни сабабею сабабгоре аз риққат моломол мешуд. Ӯ ҳис мекард, ки дар айни замон ҳам хушбахттарин, ҳам бадбахттарин зодаи инсон дар рӯи олам маҳз вай аст.

Он гоҳ суруди маҳбубашро бо сӯзу гудозе замзама мекард:

Тарки ёри кардию ман ҳамчунон ёрам туро,
Душмани ҷонию аз ҷон дӯсттар дорам туро.

Гар ба сад хори ҷафо озурда созй хотирам,
Хотири нозук ба барги гул наёзорам туро.

Қасди ҷон кардй, ки яъне даст кӯтаҳ кун зи ман,
Ҷон зи каф бигзораму аз даст нагзорам туро.

Гар буруи оранд ҷонамро зи хилватгоҳи дил,
Нест мумкин, ҷони ман, к-аз дил буруи орам туро.

Як-ду рӯзе сабр кун, эй ҷони бар лаб омада,
З-он ки хоҳам дар ҳузури дӯст биспорам туро...

Агар кайфияташ нисбатан мӯътадил, вазъаш оромтар бошад, ҳамаи ғазалро мехонд. Аммо аксаран танҳо ҳамин байти охирро такрор ба такрор месароид. Савти оғоз, мобайн, авҷи аввал, авҷи дуюм ва навои анҷоми суруд — ҳамаи оҳангро бо ҳамин ду мисраъ мехонд. То даме гаштаву баргашта мехонд, ки оқибат дар чашмонаш сиришк медурахшид ва агар дар он ҳин берун аз хона бошад, аз атрофиён ибо карда, худро ба канори мекашид ва машғули коре вонамуд месохт.

Аҷабо, ӯ асири муҳаббат гаштааст! Ғуломи ҳамон эҳсосоти нохонда, бешафқат ва бемурувват, ки пеш масхарааш медошт, беақл.

То риш набарорй, ба кӯса наханд, гуфтаанд. Ҳикматҳои ҳалқ таҷрибаи рӯзгори ҳазорсоларо гунҷонш додаанд, нодон.

* * *

Алихон Зардодхон омада, огоҳ намуд, ки имрӯз дертар меояд. Не, дарҳол баъди хӯроки пешин не. Вай режими маъмулиро вайрон кардани аҳли ин палатаро донад ва аз он дидаю дониста чашм пӯшад ҳам, ба ин кори онҳо шарик шуда наметавонад. Майлаш, соати хобу рӯзонаро бо мутолиа ё сӯҳбат бигзаронанд, фақат овоэашон аз дар берун наравад.

Қаримҷон-ака китоби калони чопи сангиро, ки аз истеъмоли зиёд муқоваааш фит шуда, варақҳояш дарида, қатупату каҷубуҷ шуда буданд, аз сандуқак берун кард, ба пештахтаи тирезаи тарафи боғи шаҳр оварда монд. Пас шишахо айнакашро бо домани курта пок карда, бар болои бинии лӯндааш устувор намуд. Кур-

снеро оварда, ба тиреза наздик гузошта нишасту аввал ба чахор тарафи палата чашм давонид, бовар ҳосил кард, ки ба истирохати касе халал намерасонад. Сипас китобро аз ҷои хатчӯб гузоштааш кушода, ба кироат даромад.

Аз бозе ки ахволаш сабуктар шудааст ӯ рӯзона чанд дақиқаи ором ёфта, ҳамин китобро мехонад, ки нусхаи ба насри камобуранг гардондашудаи «Шоҳнома»-и Фирдавсист, сахеҳтараш, баёни хушки сюжети достон аст бас.

Иброҳимҷон як-ду маротиба аз ӯ пурсиданӣ шуд, ки Каримҷон-акаи хушсаводро чӣ ҳоҷатест, нусхаи асли ин китобро — ин шоҳасари безаволи чаҳониро монда, ривояти берангубӯи онро мехонад? Вале ҳар дафъа бо камоли вачд киссахонӣ кардани ӯро дида, аз пурсиш даст мекашид.

Каримҷон-акаро бобҳое ки масофи паҳлавонон ё ҷанги мағлубаи ду лашкар тасвир мешуд, алалхусус маъқул буд ва ӯро шавқу сурури беинтиҳое мебахшид.

— Рустами Дастон, паҳлавони соҳибқирон,— даст ташро дар ҳаво алвонҷ дода мехонд Каримҷон-ака,— гурзи гарони ҳафт ҳазору ҳафтсаду ҳафтоду ҳафтманиро бардошта, бар сари он габри баддину бадкеш чунон кӯбид, ки пайкари азимаш то ба миён бар замин фурӯ рафт ва равонаш ба ҷаҳаннам раҳсипор гардид....

Ин гуна қитъаҳоро Каримҷон-ака гоҳо такрор мехонд ва аз ғояти кайф ва нашъа каф бо каф месовид ва нидоҳои таҳсину ситоиш баланд карда, ба атрофиён музаффарона нигоххо меафканд, гӯё тавсифоти китоб ба қаҳрамонони достон не, балки ба худи ӯ дахл дошта бошад.

Аммо китобхонӣ одатан чандон тӯл намекашид. Тахмин як-якуним саҳифаро бо овози шунаво қироат менамуд, боз ҳамин қадари дигарро зери лаб нимғурма мехонду пас хомӯш мегардид. Баъзан умуман бо овози баланд намехонд, балки варақҳои латтакӯҳна барин шалҳашударо бо эҳтиёт гардонида, тасвирҳои фаровони китобро тамошо мекард. Дар ҳар чанд саҳифаи китоб ягон расми аҷибе ёфт мешуд, ки ба услуби мусаввараҳои асри миёна кашида шуда буд. Каримҷон-ака ба сурати воҳиманоки девҳои дарозчанголи шохдумдори танашон пури пашм, ки бар болои сарашон дар дохили доираяке маҳз қадомин дев будани онхо навишта шуда буд, ба тасвири шоҳон, паҳлавонон, за-

нони паричехра, ки чашмҳошон бениҳоят калон-калон менамуданд, вале бо вуҷуди ин ба сохибонашон мезебиданд, дуру дароз сокитона нигоҳ карда менишаст.

Китобхонии Каримҷон-ака имрӯз ҳам ҳамагӣ чаҳоряки соат давом кард.

Носир Аббос аз Ивон-амак маслиҳат пурсид, ки ба духтур аз зиндагонии худ чӣ тавр нақл кунад?

— О қисса дафъаи гузашта сар шудааст буд-ку! Магар ин тарафаш осон нест? — пурсид мӯйсафед давоми қиссаро осон пиндошта.

— Ин гуна қиссаҳоро ба ҳамдардон нақл мекунанд,— гуфт Носир Аббос.

Ивон-амак «фаҳмидам» гӯён сар ҷунбонид.

— Қас ҷароҳати худро пеши табиб бикшояд, хуб аст. Е ақаллан пеши касе, ки танга барин яраро табақ барин накунад. Агар ба муолиҷа кӯмак накунад, ақаллан сабабгори авҷи дард ҳам нашавад.

Ивон-амак гуфт:

— Агар ба одамшиносии ман андаке эътимод дошта бошед, ба Зардодхон бовар кунед. Марди худист. Мавзӯи кораш — гувоҳ.

— Рост, аз мавзӯи кораш аён, ки бо роҳи сабуки ҳамвор рафтанӣ нест,— ба фикри мӯйсафед розӣ шуд Носир Аббос.

Бо вуҷуди он вақте ки Зардодхон ба сӯҳбат ҳозир шуд, андешаманду парешонҳол буд, хомӯш менишаст. Иброҳимҷон қайҳо аҳд карда буд, ки агар духтур аз ӯ нақли қиссаи зиндагониашро талаб намояд (охир, ӯро бехуда ба ин палата накӯчонидаанд!), хоҳад гуфт, ки ӯ қиссаи чандон дароз надорад, аммо ҳамон ҳам чизи камаҳамиятест. Вале агар, чунон ки духтур гуфтанд, нақли ӯ барои тадқиқоти муҳиме зарур бошад, марҳамат, гуфта медиҳад, аммо пас аз ҳикояти муаллим Носир Аббос. Дар урфият ҳам мегӯянд, ки об аз хурду нон аз калон, салом аз хурду калом аз калон.

Оре, ӯ қарор дода буд, ки аз вай саргузашт пурсанд, росту дурӯғ чизе бофта, чони худро раҳо хоҳад кард. Лекин духтур ба сӯи ӯ ким-чи гуна нигоххоч маънидор ва асроромез афканад хам, алҳол саволе надодааст.

Вокеан, Зардодхон на фақат дар боби тиб, балки дар илми маош ҳам балад будааст. Дарҳол пай бурд, ки имрӯз кайфияти Носир Аббос сӯҳбатбоб нест. Ба ҳонае ёфту аз беморе сухан сар кард. Бемори бегона,

аз клиникаи дигар. Нақлаш гӯё ҳам ба сифати кафшери гап хизмат мекард, ҳам изҳори дарди дили духтур ҳисоб меёфту ӯро ба қатори ҳамсӯҳбатони баробарҳуқуқи ин палата дохил менамуд. Яъне ки ҳар кас аз корубори худ, фикру хаёлоти худ озод нақл кунад, ҳеч воқеае нест.

Баъд ӯ аз нозукиҳои кори ходими назорати халқӣ ба гап даромад. Оре, ба чои он ки дар ин хусус ҳикояти Носир Аббосро гӯш кунад, худаш мушоҳидаҳои аз сӯҳбат бо кадоме аз ҳамкасбони Аббос бардоштаашро баён мекард.

— Мураккаб аз он сабаб, ки, — мегуфт ӯ, — асосан аз тафтиши ичрои қарорҳои ҳукумат иборат будааст. Охир, тафтиши ичрои қарор ё қонун қисми муҳимтарини кори партиявист. Оё дуруст нест?

— Сад фоиз,— тасдиқ мекард Носир Аббос сухани духтурро бо завқ гӯш дода.

— Намоиши кори муассисае, рейд ба ягон соҳа ё корхона, худи тафтиши бевосита — навъҳои ҳамин тафтиш ба шумор мераванд.

— Дуруст.

— Барои он ки ҳалқаҳои поёнии назорат хуб кор кунанд, дар корхона ва колхозу совхозҳо мактаби назоратгарони халқ ташкил карда мешавад; барои роҳбарии гурӯҳҳо, постҳои назорат семинарҳо мегузаронанд. Оид ба ташкили тафтиш ва роҳу усулҳои тафтиш чамъомадҳои дастурӣ мегузаронанд.

— Дуруст, боз чӣ? — хандида, бо чеҳраи кушод пурсид Носир Аббос.

— Боз ин ки, комитети районии назорати ҳалқ дар силсилаи назорат ҳалқаи асосист. Душвории кор аз он иборат, ки ғайр аз раис дигар ҳамаи аъзоёни комитет ба тариқи супориши партиявӣ, чамъиятӣ кор мекунанд. Худи раис ҳам раис, ҳам котиби техникӣ, ҳам мирзои мактубу қарорнавис, ҳам ронандаи автомобиль, ҳам челонгари таъмиргари он.

Носир Аббос бо мароқи афзоянда табассумкунон гӯш медод.

— Акнун чанд мулоҳизаи худам дар асоси ин гуфттаҳо.

— Марҳамат, духтур, мо рольҳомонро иваз кардем. Биёед, онро то охир адо кунем.

— Нафъе ки комитет, фарз кардем, комитети районии назорат ба давлат ва халқ мерасонад, гоҳо аз

баъзе муассисаҳое ки даҳ-дувоздаҳ нафар он чо кор мекунанду мошинҳо, котибу шоферу дову дастгоҳи зиёде доранд, бештар аст. Лекин ходими назорат дар бораи танҳоияш фикр намекунад. Чаро ки фикри ӯ шабу рӯз ба андеша банд аст, ки чи коре кунад, ки харочоти давлат ба аппарати идораҳо камтар шавад. Аммо ҳамаи ин чиҳати зоҳирии кор аст. Ба аҳволи саломатии ходими назорат, агар аз нуқтаи назари тадқиқоти мо назар кунем, баҳсу мунозира, чанчолу кашокаш таъсири манфӣ мерасонад.

— Э, э, духтур, сабр кунед. Ичозат диҳед, ки ба шумо эътироз кунам. То ҳамин чо мушоҳидаҳотон дуруст буданд. Лекин оид ба мавқеи кашокаш ҳақ ба чониби шумо нест.

— Шумо ҳам, ба назарам, даъвое надоред, ки низоъу мунокиша ба сиҳати мардум хизмати марҳамро адо мекарда бошад?

— Не, духтурчон, лекин вай шакли мубориза ва омили пешрафти чамъият аст. Намакро шӯр гуфта, аз истеъмол бароварда намешавад.

— Шубҳа дорам, ки мунокиша чун воситаи пешрафти чамъият ҳалқаи ногузири силсилаи зиндагонӣ бошад.

— Беҳуда. Беасос шубҳа мекунед, духтур. Агар бо як амр, бо як қарори бамаъниию хушрӯй ободии чамъияту табиат таъмин мешуд, ҳочати ин ҳама дову дастгоҳ набуд... Одамӣ гоҳо ба назар чун мӯре менамояд, ки ба девори лағжоне часпидааст. То ба сари девор нарасида, ба поён мелағжад, аммо боз мебарояду мелағжад, боз ва боз часпида мебарояд. Аммо рӯзе аз рӯзҳо бар сари девор мебарояд, ба мақсад мерасад. Лекин ӯро девори тозае дар сари роҳ аст, зеро бинои зиндагӣ якошёна нест. Ба низоъу талоши харобкунандаи асаб зид будани шумо, табиби ғамхор, ҳодисаи табиист. Лекин баҳси байни ду кас, ё ду муассиса чист? Инқилобҳо, табаддулоти сохтҳои чамъиятӣ, чангу чидол ва хунрезиҳои азими даркору нодаркор воқеъ шуда будаанд, то ки чамъият ба поян имрӯзааш бирасад.

Аз дар Зевар намоён шуд, ки куртаи шинами атласашро пӯшида, ба рафтан омода буд. Ӯ хабар овард, ки Зардодхонро ба назди сардухтур даъват мекунанд.

— Ман, аз афташ, фикрамро фаҳмонда натавонистам,— аз чо хеста гуфт духтур.— Ман ҳам намегӯям, ки зиндагонӣ бояд ҳатман беихтилофу беталош

шавад. Мегўям, ки шояд илоче ёфтан муяссар гардад, ки таъсири ногувори ин кашокаш ба сиҳати одамон камтар шавад. Шумо, муаллим, нағз гуфтед, ки рўзгор бе намак намегузарад. Лекин, охир, ба нону ош ҳам намакро бо меъёраш меандозанд.

Ачабо ,мегуфт ба худ Иброҳимҷон. Гапи ҳар дуяш ҳам аз мантиқ холй нест. Пас кадомаш ҳақ? Ё ҳамин хел баҳс ҳам мешавад, ки сухани ҳар ду ҷониб баробар ҳақ ё ноҳақ бошад?

Ба ҳар ҳол духтурашон ҳам аной не. Аз байни духтурон бехуда ин қадар одамони фозилу окил намебарояд. Дар ин ҷои тааҷҷуб ҳам нест, чунки духтур ба шарофати касбаш бо фалсафаи рўзгор бисёр машғул мешавад. Ҳар кас тани худро бишносад, мавҷудотро, ҳаман ҳаётро бехтару тезтар мешиносад. Ҳаракати мондаро дар ҷисми худ ё пайкари беморон эҳсос кунад, ҳаракати онро умуман дар олам назар ба дигарон равшантар мебинад. Табиби ҳозиқ ҷисми одамизодро он қадар возеҳ мебинаду медонад, ки дигарон масалан, лўнда будани тарбузро.

Пас аз рафтани духтур Ивон-амак абрў гирех карду бо оҳанги таънаомез гуфт:

— Ба ҷои шумо мешудам, корро кашол накарда, маълумоти лозимаи Алихонро зудтар гуфта медодам.

— Шумо ачиб, Андреич, ман чй гуна «маълумот» дорам?

— Хайр, ман саҳв кардам. Саргузашт. Ба забони илми имрўза ҳама чиз маълумот будааст; ҳам саргузашти шахсу ҳам гуфтори радио, ҳам ахбороти идораи статистика. Мегўянд, ки шавқуни автомобиль ҳам як навъ «маълумот» будааст.

Носир Аббос чизе нагуфт. Ивон-амак ба Иброҳимҷон рўй оварда, бо ҳамон лаҳни накўҳиш гуфт:

— Ба ҷои шумо ҳам, писар, ҳамту мекардам. Хуб нест, ба хаёлам. Вай бо кори зарури илмй машғул. Ман ҳамин хел фаҳмидам бо ин ақли кўтоҳи пиронаам.

Носир Аббос аз чй сабабе аз нақли саргузашташ гардан тофт. Духтур маҷбур шуда, ҳар чизе ки дар бораи касбу кори ў медонист, ба мобайн оварда, то ба ҳамин восита риштаи сўҳбат яла шавад. Бо вуҷуди он Носир Аббос чизе нагуфт. Ивон-амак бошад, аз ин гуна ранг гирифтани кор норозист, хатто метавон гуфт, қадаре озурда ҳам шудааст.

Иброҳимҷон аз даҳони худи Зардодхон шунида буд,

ки ў бо Ивон-амак ҳамсояи девордармиён аст. Аммо намедонист, ки онҳоро риштаҳои дўстии дерина ба ҳам пайвастаанд. Соли панҷум аст, ки ҳар фасли баҳор дигаи нафаси Ивон-амак авҷ мегирад ва ў худро ба дасти Зардодхон месупорад. Ивон-амак ба ин духтури ҷавони пурдон ва пухтакор он қадар эътикод дорад, ки баъзе касон ба эшону муллоҳои азонмхон доранд.

Ивон-амак бо қиёфаи ранҷида зарфҳо ва газетаҳои дар рўи сандуқчаи чизмонакаш бе ин ҳам бо тартиб хобидаро аз сари нав ҷо ба ҷо карда, акнун мехост ба дар равад, ки яке аз ошноҳои табобатхолагиаш, писараки даҳ-ёздаҳсолае даромада омад. Ба пеши мўйсафед чанде аз беморони кайҳо боз хобида ҳамчун ба назди шахси наздикашон рафтуомад доштанд.

Мўйсафед писаракро ба сари миз нишонида, дар паҳлуяш худ нишаст ва табакеро ки пур аз себу нок буду рўяшро бо дастархонаки сафеде пўшонида буданд, ба сўи меҳмон-тела дод.

— Бигир, Сўҳробҷон, мева бихўр. Ҳамааш тоза шустагй,— рўйпўши табакро гирифта, муроот намуд Ивон-амак.

— Раҳмат. Якта нок мехўрам,— гуфт писарак бо тамкин.— Инҳо,— ў ба сўи долон ишора намуд.— хўроки хуштаъм пухта наметавонистаанд. Ҳайфи озука. Пагоҳй аз ширбиринҷашон бўи дастмоли дег меомад. Нахўрдам.

— Писарам, ин ҷо ҳам пазандаҳо ҳастанд,— эътироз намуд Ивон-амак,— лекин дар табобатхона таомро пеш аз ҳама ба нияти шифо мепазанд, на барои лаззаташ.

— Бо вуҷуди он, лазизтар пазанд, нияти шифо ҳам зудтар ба ҷо меояд,— гуфт Сўҳробҷон ва пирамард ба ин гапи бамантиқ ҷавоб ёфта натавониста, хиҷолатомез сурфа кард ва ба сақфи хона чашм давонид.

— Хайр, корҳо читу?— риштаи сўҳбатро ба дигар тараф кашид ў.

— Он қадар таърифй не.

— Боз чй шуд?

— Падарам омада буд. Ҳозиракак рафт. Ба анбори «Сельхозтехника» омада будааст. Мегўяд, ки кариб дар нисфи замин пахтая аз нав коштан даркор. Дар ҳаман район аҳвол ҳамин. Шумо машаққати кори саҳроя нағз медонед, худатон агроном.

— Ман зоотехник будам, Сўҳробҷон.

— Умрам дар саҳро гузаштааст, гуфта будед.

— Умри зоотехник ҳам дар саҳро мегузарад. Ман ба ғалаи аспон нигоҳубин мекардам.

— Ҳа-а, акнун фаҳмидам. Ба ҳар ҳол мо ёш-дия.

— Ҳа, ту ҳоло ёш. Лекин дигар бачаҳои ҳамсинат ҳам ту барин аз дунё бохабар мешуданд, ман ба гуфти шумо, тоҷикҳо, токиама ба осмон мепартофтам.

— Бачаҳои дигар ҳам дуруст, амак. Насли ҳозира пухта, ҳушёр.

Иброҳимҷон базўр аз ханда худдорӣ мекард. Қалонвор гап заданҳои ин писаракро оромона гўш дода ҳовидан ба ў дувшор буд. Ў ба Носир Аббос ва Каримҷон-ака нигарист. Онҳо ба сўҳбати пиру барно бо қиёфаи ҷиддӣ гўш дода менишастанд. Одат кардаанд, аз афташ.

Иброҳимҷон ба ҳар эҳтимол рўй ба тарафи тиреза гардонид.

— Обу ҳаво бисёр нобоб омад,— боз ба мавзўи маросангезаш баргашт Сўҳробҷон. — Оқибаташ бахайр шавад-дия.

— Ғам нахўр, бачем, боз ҳавои хуб мешавад, пахта нағз месабзад, нағз мепазад.

— Чӣ хел ғам намехўред? Иди май гузашту дубора пунбадона киштан лозим, амак! Зиндагонии мо, деҳқон мардум, ба пахта вобаста.

Сўҳробҷонро як бор ҷарроҳӣ кардаанд. Ҳоло ба захрадонаш рўдаяки борики резинӣ пайваста, як нўги онро ба дарунӣ шишаяке андохта, ба миёнаш баста мондаанд. Чанд муддат бояд дар ҳамин ҳол гардад. Сонитар боз як бор ҷарроҳӣ мекунанду вай асли қадим барин сиҳат мешавад.

Писарак ҳар пагоҳӣ ба Ивон-амак аз сари кўча як даста рўзномаи тозаи меорад. Аз муомилаи тарафайн маълум, ки онҳо ошноҳои дериназанд.

— Сўҳробҷон бачаи бағайрат, — гуфт мўйсафед.— Дар шўъбаи худашон ба як палата занҳои бемор дастёрӣ мекунад. Чӣ қадар зан дар он палата, Сўҳробҷон?

— Ҳашт кас.

— Ана, ҳашт кас. Офарин, бачем. Баъди воқеаи яхмос дигар ҳодиса нашудааст?

— Дар ҷое ки зан ҳаст, бе ҳодиса намешавад, амак.

— Рост, — сухани ўро қувват дод Ивон-амак, то ки ҳодисаи тозаро низ нақл кунад.

— Як занак аз маркази райони мо хобидааст. Дар

ҳамон палата. Ба ҷарроҳӣ тайёр мекунанд. Дастпонаш андак танг будааст. Аз ким-чи хел металли сахт. Дасташ варам карда истодааст. Бурида гирифтан он сў истад, ҳатто даст расонидани наметонад. Занҳо ба чизучора ҳарис меомадаанд.

— Воқеаи яхмос чӣ буд? — пурсид Каримҷон-ака.

— Ҳамту як воқеа шуду гузашт,— бо дили нохоҳам гуфт Сўҳробҷон.

Ивон-амак ба ҷои ў ҷавоб дод:

— Ин писар ба занҳо аз магазин, почта, бозораки таги дарвоза чизҳои даркориашона харида меорад. Рўзе яхмос фармоянд, овардааст. Ду зан дарди гулў шудаанд. Акнун Сўҳробҷон ба ҳамсояпалатаҳо «яхмос нест» ё «яхмосфурўш кўчидааст» гуфта ҷавоб медиҳад.

Ивон-амак ҳамроҳи Сўҳробҷон баромада рафт.

Иброҳимҷон хеста ба рўи каташ нишаст.

— Китфи Ивон-амак чаро каҷ шуда бошад-а? — ба ҳеҷ кадоме аз ду нафар мурочиат накарда, ба мобайни палата савол партофт Иброҳимҷон.

— Китфаш? Қиссаи китфаша аз ман пурсед! — ҳозирҷавобона гуфт Каримҷон-ака ва бо шавқ ба нақл сар кард: — Таг-таги пирамард қиссаҳои ачибу ғариб, аммо то хушаш наояд, намегўяд. Воқеае шаваду ягон хотира тоза шавад, худаш ба гап медарояд. Ё дар хузураш ягон кас аз таърихи гузашта маҳмадоной кунад, ба мунозира даромада меравад.

— Хайр, китфаш аз чӣ каҷ шудааст? — такрор пурсид Иброҳимҷон аз сарсухани Каримҷон-ака қадаре дилтанг шуда.

— Китфаш аз бардошта гаштани пулемёти вазнин яктарафа шудааст, — гуфт Каримҷон-ака.— Вақте ки аскарони сурх ба ҳудуди кўҳистон дохил мешаванд, кор фармудани пулемёти Максим як андоза душвор мегардад. Онро одатан ба ду қисм ҷудо карда, ба асп бор мекарданд. Дар лаҳзаи зарурӣ, хусусан агар фурсат танг бошад, ташвиши барзиёд будани васли он ба ҳама маълум. Сонӣ, дар сангистон аз ҷое ба ҷое кашола карданаш ҳам нобоб.

Аз ҳамин сабаб Андреич ду сол пулемёти дастии «Шош»-ро ба китфаш бардошта мегаштааст. Дастӣ бошад ҳам, хеле вазнин будааст. Қариб як пуд. Лекин кирон вазнаш садою тирандозиаш, воҳимааш ба Ивон-амак маъқул будааст.

Шош дар наздикии Воронеж аз сафедхо ғанимат меафтад ва дар катори лавозимоти полк ҳамроҳашон аз кишваре ба кишваре мекӯчад. Рӯзе Ивон-амак онро дар аробаи интендантхо* дида, дигар то ба даст овардан ором намегирад. Он вақт чавони бистуяксола буд-дия. Пулемёти аз «Льюис», «Кольт» фаркдоштаро бардошта ғаштан дар чавони гӯё як навъ бинои ифтихораш мешавад.

Калибри Шош калон, барои аз пой барафтонидани, масалан, фил як дона тираш кифоя. Командирхо аз садои воҳимаангези он розй будаанд. Мегуфтаанд, ки «пулемёти ту, Иван, ба чои тӯпи сабук хизмат мекунад». Бинобар ин ҳам аз кашокашу мунозираи вай дар болои тиру тирдони захиравй, чй гуна бардошта ғаштанаш он пулемётро чашм мепӯшанд ва аксаран тарафгирй мекунанд.

Китфаш ана ҳамон солхо кач шудааст. Сонитар, бохабар шуда, ба китфи дигараш мебардорад, аммо дигар дер шуда будааст. Солҳои сиюм дар Колхозцентр кор мекардааст, бо маслиҳати як духтур машқ карда-машқ карда, қоматашро хеле рост мекунад. Лекин дар Ҷанги Ватанй боз аз ҳамон китфи рост ярадор шуда, аз госпиталь дубора кач шуда мебарояд.

— Дар таърих Ивани муқаддас буд, Ивани Калита буд, Ивани сеюм. Ивани Бузург ё Ивани шаддод буд. Иван Андреевичи масалсаро буд, Иван Поддубнйй паҳлавон буд, лекин Ивани Кач набуд, ки ин ҳам пайдо шуд,— мегуфтаанд чӯраҳои ҳазлкашаш.

Ивон-амак дар чавоб мегуфтааст, ки одам кач бошаду дилаш рост.

12

Як саҳар Носир Аббос дар маркази районаш аз автобус фаромад, ки дар истгоҳ ду кас интизораш буданд. Яке нобино, айнаки гирдаи сиёҳ дар чашм, асое ба даст ба панчараи шипанги истгоҳ такя карда меистод. Дуюмаш, зоҳиран, барои шинавонидан ба ҳамрохи нобинояш «Салом, рафиқ Аббосзода!» гӯён ба ӯ наздик шуд. Баъд ба марди нобино нишора намуда гуфт, ки ин кас шумороро нигарон аст. Ва худ бирафт.

* Хизматчиёни харбй, ки ба таъминоти кӯшун аз лавозимоти чангй ва озуука машғуланд.

Нобино дасти ӯро фишурд. Сипас онро сар надода, аввал нарангушт, сонй бо навбат ангуштони дигараш-ро, кафи даст, пасн онро алоҳида-алоҳида пальмосид, гӯё кадом як нишонаи танҳо ба худаш маълумеро чустучӯ мекард. Ниҳоят, дар рӯи доғи нағзакдори ӯ аломати мамнуний падидор гашт. Ӯ гӯш ба атроф дода сабр мекард, то ки мардуми аз автобус фаромада пароканда шаванд. Баъд гуфт, ки ӯ дар комбинати таълимию истеҳсолии кару гунгҳо кор мекунад ва ба раиси комитети назорати халқй арзе дорад.

... Тафтиши комбинати таълими истеҳсолй худи ҳамон рӯз сар шуд. Мувофиқи қонда бояд камаш аз се ду ҳиссаи коргарони комбинат инвалидхо бошанд. Дар воқеъ камтар буд. Хайр, камтар бошад, хилофи меъёр аст, аммо хилофи қонун нест, чунки, дар ҳақиқат ҳам, инвалид кам бошад, хуб аст ва ҳоҷате нест, ки касе аз ин нукта ғамгин шавад. Лекин дар ин қабил муассиса кор бояд тарзе ташкил шавад, ки солимон бар очизон ҳукмфармой накунанд.

Дар комбинат бехтарин хонаҳо, хонаҳои ба чои кор наздику бароҳат дар тасарруфи солимон буд. Инвалидон бист километр дур аз коргоҳ истикомат мекарданд. Автобусе махсусе ки ба кашонидани онҳо мутасаддй буд, ба ичрои супоришоти солимон банд шуда, пайваста дер мемонд.

Сарбухгалтер ва дигар калоншавандаҳои комбинат ҳамаи корҳои сермаошро ба хешу табору муқарработи худ ҳадя карда буданд. Маоши инвалидон, хусусан нобиноён, назар ба солимон дучанд камтар буд.

Мувофиқи қонун кару гунгу нобиноёнро бояд ҳунарҳои нав меомӯхтанд, дар чойҳои дилхоҳашон ба кор таъин мекарданд. Комбинатҳои таълимиро давлат махсусан ба ҳамин мақсад — барои эҳтиёч накашидани очизон таъсис додааст. Аммо дар он чо ин қонун тамом фаромӯш шуда буд. Ба сари нобиноён дӯғу даранг мекарданд, агар аз ягон хусус яке шикоят кунад, «бирав, додатро ба худо бигӯ, ҳар чиз аз дастат меояд, бикун» мегуфтанд.

Он чо гӯё оламаки ношиносе, ба истилоҳи физикхо антиоламе буд, ки манзараҳои хузновари он на дар дидаи бино менишаст, на дар ақли солиме мегунчид.

Дар урфият кару гунг ё шалу нобиноро аз қадимулайём «одамони худозада» мегуфтанд. Боз мегуфтанд, ки

худозадаро банда набояд занад. Аммо ноинсофони он муассиса доди бедодгариро дода буданд.

Рӯзи дуввуми тафтиш чанде аз онҳо дар муқобили раиси комитети райони назорати халқ бо чеҳраҳои тамаллукбор рост меистоданд, Носир Аббос мебоист ба онҳо гуноҳашонро хулоса карда, эълон менамуд. Аммо ӯ сурати одамӣ ва сирати ноодамонаи эшонро дарк карда, ба андозае моту мабҳут шуда буд, ки даҳон ба сухан кушодан наметавонист.

Ӯ борҳо дар дилаш ё дар сӯҳбат бо рафиқон кори назорати халқро бо кори милиция, прокуратура ва суд муқоиса мекард. Кори ин муассисаҳо низ душвор аст, хулоса мебароварду ӯ. Лекин онҳо ба ҳар ҳол медонанд, ки бо пасмондаҳои ҷамъият: дуздон, ҳаннотон, кисабурон ва қаллобон сарукор доранд.

Агар ҳамин чиҳатро мулоҳиза кунем, мегуфт Аббос, ба ходимони назорат осон нест. Прокурор ё милиционер ба мулоқот бо зотҳои паст қаблан омодаанд. Аммо ходими назорат бо одамоне кордор аст, ки дар идорахои обрӯманд хизмат мекунанд, одамоне ки халқ ба онҳо мансабҳои муҳимеро бовар карда супурдааст. Аз байни ин қабила баромадани ягон нобакор ҳам ғайримунтазира аст, ҳам воқеаи аламовар. Мисли он ки аз дӯконе нон биёреду аз даруни он як газ танобӣ ғафси ифлос барояд. Дар воқеъ, солҳои пас аз ҷанг аз миёни нон баъзан мех, тугма, латтапорае ё ресмоне мебаромад. Холо нонро тоза мепазанд, вале аз байни мансабдорон гоҳ-гоҳе зотҳое мебароянд, ки чашми касро ба ачоиботи олами башар мош барин мекушоянд.

Носир Аббос дар рӯбарӯяш чеҳраҳои аракшори аз чоплусӣ ё бими подош кучукилебшудаи рохбарони комбинати инвалидонро дида, ҳис кард, ки мехоҳад ба ин зотҳо аввал мояи гуноҳашонро бигӯяд.

«Гуноҳи азими шумо ин ки нодонед,— мехост бигӯяд ӯ.— Ҳар кадоме даҳҳо сол умр дида, ҳанӯз намедонед, ки дар мамлакати мо фиреб бако надорад. Зердастеро ё забардастеро фақат муддате, ана равед ки ду ё се сол фанд зада метавонед. Баъд ногузир фош мешавед, чунки табиати ҷамъияти мо чунин аст, ки зӯроварӣ, найранг, ситам, чоплусӣ ва ҳоказо барои реша давонидан замина намеёбад. Чаро ки дар мамлакат милионҳо чашму гӯш нозири коранд, аксари кулли бошуури мардумон худро соҳиби тақдир, кор, давлати худ

мешуморанд. Ана ҳамин нуктаро надонистани шумо боиси бадбахтиатон аст...»

Ӯ мехост ба ин даста ҳамин суханҳоро бигӯяд. Аммо дар дилаш гуфт: «Садқаи сухан шавед шумо». Ногоҳ эҳсос намуд, ки дар сараш ким-чи гуна андешаҳои ба шаъни ӯ нозеби садистӣ пайдо шуда истодаанд. Ӯ мехоҳад, ки дар ин ҷо чархифалаки бузурге пайдо шавад. Вай ин зотҳоро ба сандуқҳои чархифалак занҷирбанд карда, тугмаи мотори электрикии онро пахш кунад. Ва ин тӯдаи беандешаҳо аз чарх задан; аз болою поён рафтан, аз зорию тавалло кардан, омурзиш пурсидан беҳолу бемадор гарданд. Аммо ӯ ҳамчунон ба нигоҳ доштани чархифалак ичозат надиҳад.

Чаро маҳз чархифалак? Чаро, масалан, фалах не, равед, ки агар ҳатман аз воситаҳои қадимаи кину азоб лозим бошад, чаро кундаву зиндон нею маҳз чархифалак? Чархе, ки асбоби дилхушии кӯдакон ё калонсолонро барнодил аст? Носир Аббос дар он дақиқа ба ин савол чавоб дода наметавонист. Чавоб намекофт ҳам.

Вай бо таассуф ҳис мекард, ки андешаҳояш дарҳамбарҳам шудаанд ва зӯр мезад, ки онҳоро ба сомон оварад:

«Давлати Советӣ барои одамони нотавон муассисаи махсус кушодааст, то ки ба чиҳати нукси ҷисмонӣ хорузор нашаванд, қадри инсонии худро мукаммал эҳсос кунанд.

Вале ин ноинсофон вуҷуди Давлати одилу баинсофро, вуҷуди қонуну қонунҳои инсонпарвараронаи онро аз ёд бурдаанд.

Пас ӯ, намояндаи ин давлат, ин ҳокимият, бояд кор ба кунад, ки онҳо муддати мадиде аз хотир набароранд, ки хато кардаанд.

Хато кардаанд!

Сахт хато кардаанд!»

Бори якум дилаш ана дар ҳамон комбинат хала зада, нафасаш танг шуда буд. Таъсири вазъи ӯро дида, бедодгарон аз хона баромаданд. Як гурӯҳ коргарон ӯро ба автобус савор карда, ба маркази район оварданд.

...Носир Аббос ҳикояташро тамом карда, ба рӯи кат ёзид. Зардодхон аз обгина ним истакон об рехта ба ӯ дароз кард.

— Раҳмат, духтур, лозим нест. Чи тавре ки худатон гуфта будед, оҳиста-оҳиста обутоб меёбем.

Зардодхон табассум кард.

— Ба шумо ҳамин хел наклҳо лозим. Аз сӯҳбати онрӯза ҳамин қадар фаҳмидам.

— Раҳмат, муаллим. Лекин ба ман ҳама хелаш лозим. Аз як сар. Аз ибтидои кор то ба рӯзи ба ин ҷо афтоданатон. Ва на фақат он воқеаҳое ки дар ҷои кор рӯй додаанд.

— Онлаи ман тинч. Янгаатонро дидед, писарҳоро, аз дур бошад ҳам, дидед. Онлаи ман, ба гуфти олимон, онлаи идеалӣ.

— Фақат онларо не, муносибати берун аз идорараро бо одамон дар назар доштам.

— Набошад, боз бегоҳӣ биоед, духтур. Воқеан, ман бояд худро аз гуноҳи дирӯза пок кунам, набошад ором шуда наметавонам.

— Боз қадом гуноҳ будааст?

Ивон-амак шитобон ба мобайни гап дэромад:

— Ҳеҷ воқеа не, духтур. Муаллим шӯхӣ мекунанд.

Аммо Зардодхон бо фаросат аз асли воқеа пай бурд магар, ки ба Носир Аббос таскиномез гуфт:

— Андренчу мо дӯстони қарин, ҳаводори ҳамдигарем. Хайр, бегоҳӣ меоям.

* * *

Иброҳимҷон рӯ ба тиреза хобида, чашм аз шӯълаи оташи ҷовидон намеканд.

Ин оинн савоби дар сари қабри шаҳидон машъала афрӯхтан кай ва аз кучо расм шудааст? Носир Аббос мегӯяд, ки аввалин оташи ҷовидро қариб дусад сол қабл аз ин дар Париж, зери Токи зафар бар сари мақбараи шаҳидон афрӯхтаанд. Ӯ нагуфт, ки ба он ҷо ин оин аз кучо омадааст. Эҳтимол, худаш ҳам надонад.

Иброҳимҷон диққат аз Ивон-амак савол кард. Сари ӯ бо хаёли дигар банд буд магар, ки саволи ӯро нафаҳмид ва гуфт:

— Соли 1966 аз рӯи лоиҳаи ҳайкалтарош Чередниченко Г. Г. ва меъмор Соломинов Г. В. сохта буданд.

Не, ӯ: «Чередниченко Ге-ге, Соломинов Ге-ве» гуфт. Ӯ ҳамин ҳайкали ёдгорро дар назар дошт. Вай ба ин ҳайкал меҳре дорад. Саргузашт ва фоҷиаи шаҳидоне, ки дар ин ҷо хобидаанд, ба хотираҳои мӯйсафед бо ришҳои зиёде марбутанд. Рӯзе чӯрааш Ҳасан Абдулло ба ёдаш омад, ба ӯ гуфт, ки фурсат ёфта, ба комитети комсомоли шаҳр дарояд, ба сарвари ҷавонон бигӯяд, ки

аз ҳоли ҳайкал огоҳ бошанд. Ба умеди посбону фаррошони боғ партофта мондан хуб нест. Пеш дур буд, намедид, аммо аз ин тиреза Ивон-амак чанд маротиба дид, ки бачаҳо омада, дар пояи ҳайкал бозӣ мекунанд. Аввал дақиқае алангаро бо ҳайрат тамошо мекунанд. Пас дар саҳни машъала бозӣ сар мешавад. Аз кучоҳо сангча оварда, ба ҳавзи пуроби атрофи машъала санг меғурронанд: «Канӣ санги ки чанд бор рӯи об мечаҳад ва дуртар меравад».

— Ба калонҳои комсомол албатта бигӯ. Эҳтиромн маҳалли покро аз хурдӣ омӯхтан бехтар...

Хайр, ин оин аз кучо омадааст? Аз Юнони қадим афсонаи мавзуии Прометей мондааст. Прометей худ аз одҳои баҳодур — аз оғлантҳое будааст, ки бо фармони худои Олимп — Зевс гумбази фалакро бо навбат бар дӯши худ бардошта меистодаанд. Лекин гарчӣ аз надимони худованд ба шумор мерафтааст, парастори одамон будааст.

Дар ҳамон замона ҳам одамон ба худо бочу хироҷ медоданд. Боре Зевс фармуд, ки говеро кушта, ду таксим намояд, нисфаш барои ӯ, яъне барои худо, ними дигараш — барои мардумон. Прометей говро кушта, гӯштро майда кард. Парчаҳои лаҳм ва нармро як сӯ гузошта, болояшро бо шикамба ва пӯсти гов пӯшонид. Пораҳои серрагу пай ва серустухонро ба дигар тараф тӯда карда, бар болояш чарбу равған гузошт.

Зевс қисми равғанпӯшро интихоб карда, фанд хӯрд ва хашмгин шуда, оташро аз хонаи мардум бирабуд, то аз гӯшти лаҳм бенасиб гарданд.

Прометей оташро аз маскани худо — Олимп дуздида, ба одамон баргардонид. Зевс дарғазаб шуд, ба сари одамони маъсум дарду балои бисьёреро фиристод. Пас фармуд, ки Прометейро ба яке аз бузургтарин, баландтарин ва дастнорастарин харсангҳои Кавказ занҷирбанд кунанд. Синаашро бо найза бишкофанд. Укоби азимеро фармуд, ки ҳар саҳар ба ҷигари паҳлавони нисондӯст минқор занад ва онро пора-пора канда бихӯрад. Укоб ҳамин тавр мекард. Лекин шаб, ки фаро расид, ҷои кастаи ҷигар боз пур мешуд, бар пайкари таҳамтан боз ҷон медамид.

Прометей ба хотири он ки дар хонаи мардум оташ фурӯзон бошад, ҳазорон сол ба ҳамин минвол ранҷ мекашид. Оқибат Ҳироқли паҳлавон укобро кушта, Прометейро аз шиканҷа раҳо намуд.

либоси худро ба гарду чанги дару деворахои мошин олуда, аз тиреза ба тарун чашм медавонид. Е, агар мусофирон камтар бошанд, аз дари пеш тозон ба зина баромада, ҳамаро аз назар мегузаронид ва бо ин кирдор ба даробарои одамон халал расонида, маломат мешунид. Даҳ троллейбус бигзарад, бист, сӣ, чил треллейбус ояду биравад, ки шарораи умед дар дилаш хамчунон хомӯш намегардид.

«Бахти дар ғафлати ман, бедор шав, мегуфт Иброҳимчон боз ба хараки истгоҳ нишаста. То кай мехобӣ? Э фалак, чаро ин гуна толеи шӯрида маҳз насиби ман шудааст? Толеи вожгун хоболуд. Аз миллионҳо одамон фақат якта-нимтааш ба дарди летаргия гирифтор мешавад, яъне ҳафтаҳо, моҳҳо мехобад. Вай мехобаду ба даҳонаш обу атола мерезанд, ки намурад. Бахтбаргаштае аз Ҳиндустон хатто панҷ сол хоб карда будааст. Бахти маро оё ҳамин мараз домангир шудааст?

Чаро гирифтораш шудам? Чӣ чизе ҳаст дар вуҷуди ӯ? Фатонаташ дар чист? Шояд дар он аст, ки дар чӣ буданаш ноаён аст? Олами ноаён пурасрор метобад, сирру асрор бошад, ҳамеша ҷозиба дорад.

Чӣ сафсатае мегӯям?!

Дар ҳуси аст фатонати ӯ!

Дар таровати беамсол, малоҳати беназир, назокати бемонанд. Дар ҳусни зоҳиру ботин. Дар назари воло ба молу пулу ашёи одаму олам. Дар завку ҳавас ба зебой ва нафосат.

Боз дар он нукта, ки ҳусни худро гӯё намебинад, гӯё аз ҷамоли хештан хабар надорад, зеро аз тоифаи занҳои нодираест, ки зотан боғурур ва сарбаланданд ва ба таҳсину офарини бинандаҳо, ҳайрону мафтун шудани онҳо эътиное надоранд...

Як-ду рӯзе сабр кун, эй ҷони бар лаб омада,
З-он ки хоҳам дар ҳузури дӯст биспорам туро...

Ороми ҷонам. Рӯҳи равонам. Ин чӣ рӯзест, ки бар сари ман овардай? Ин чӣ савдоест, ки ҳастии маро, тану ҷону фикру зикру орзую омоли маро тасхир кардааст? Роҳравон — туро, хобравон — туро пеши назар мебинам. Гоҳе ки ҳушам ба кор, ба рӯзгор, ба дирӯзу имрӯз аст, боз туро мебинам.

Вале фардо ба сарам чӣ ҳоле хоҳад расид? Оё саодати боздиди ту муяссарам мешуд бошад? Кай дили ҳайрони ман аз бодаи висол нашъабардор хоҳад шуд?

Оё чунин рӯзи мурод хоҳад буд?

Агар чунин айёми нишот даррасад, оё дили озурда, дили афгори ман кудрат хоҳад дошт, ки бори азими он шодкомиро бар дӯш бардорад?

Ба ман чӣ шуд, эй ёрон! Чиҳо мегӯям? «Дили ҳайрон...» «Бодаи висол»... Магар ин сухани Мачнунҳо нест? Наход аз акл бегона шуда бошам?..»

...Иброҳимчон соати даҳи пагоҳӣ ба сеанси якуми кинотеатри Ҷомӣ даромад. Аз рӯзе ки ходими киностудия шуда буд, хеле кам ба кинотеатр медаромад. Ходимони кино клуб доранд, ки он чо рӯзҳои муайян фильмҳои тозаи ҳама гуна жанру намудҳо намоиш дода мешаванд. Ҳатто якта-нимта фильмҳое ки фақат барои дидани онҳо, мутахассисони санъати кино, аз мамлакатҳои хорича меоранд ва тамошои он, ростӣ ҳам, барои дигарон гаронӣ мекунад.

Вай он пагоҳӣ ба кинотеатр барои он даромад, ки дар паси тавораи шишагин Хиромонро дид. То оғози тамошо даҳ-понздаҳ дақиқа монда буд ва Хиромон дар пештолори театр аз дасти писаракаш дошта, эълонномаҳои мусаввараро аз назар мегузаронид

Саломуалек карданд. Дар хусуси дилгир гузаштани рӯзҳои истироҳат, кам будани тамошогоҳ барои бачаҳои хурдсол сухане чанд радду бадал шуд. Одам кам буд. Иброҳимчон хаёл мекард, ки модоме иқболаш баландӣ карду онҳоро дар чунин чое ба ҳам рӯбарӯ овард, кош боз кӯмаке карда, бо Хиромон дар як чой менишонид. Вале ҳангоме ки онҳо паҳлӯи ҳам ба толори тамошо ворид мешуданд, Хиромон «Хайр, мо ба чои худамон меравем» гуфт. Вай ин чумларо бо оҳанге гуфт, ки ба назари Иброҳимчон, махсус таъкид мекард: ҳар кас чое дорад. Ҳам дар ин толор, ҳам берун аз он. Шояд одамоне бошанд, ки ба чои дилхоҳашон нишастан хоҳанд. Вале ӯ, Хиромон, дар чои худ хоҳад нишаст ва дар чои хеш нишастани дигаронро низ салоҳ медонад.

Боиси тағьири муносибат чӣ бошад? — фикр мекард Иброҳимчон. Эҳтимол, ба ӯ гӯшрас карда бошанд, ки Иброҳимчон оиладор аст. Занҳо ғайр аз воситаҳои маъмули ахборот байни худ боз як василаи ахбор доранд, ки басо дақику мураттаб амал мекунад Зан доштани Иброҳимчонро, бешак, хабар додаанду аммо илова накардаанд, ки бо ин зан ба риштаи никоки расмӣ дар

пайванд бошад хам, дар вокеъ дигар хеч гуна равобите надошту надорад.

Боз рўзхо паси хам мегузаштанд. Аксари рўзхоч шанбею якшанбе Иброхимчон ба хамон кинотеатр, ба сеансхои пагохй мерафт. Вале бесуд. Рўзе Хиромонро дар назди идораи сохтмон дида, зимнан гуфт:

— Хеле вакт шуд, ки Шарифчонро ба кино намебаред.

— Ха, акнун бачахои хамсояамон мебаранд,— гуфт Хиромон ва лахзае ба чашмони Иброхимчон чашм дўхта пурсид: — Шумо аз кучо медонед?

Иброхимчон сурх шуда, сар хам кард.

— Фильмхои бачагонаро дўст медоред?

— Не. Дар хамин гуна сеанс боре бо касе мулокот карда будам. Такрор шудани он мулокотро орзў дорам.

Хиромон муддате сокитона аз пахлўяш кадам мезад. Пас гуфт:

— Орзуи кас ба зиндагонй мутобик ояд, хуб аст. Аниктараш, ба он шароит, ки зиндагонй мухайё кардааст.

— Рост. Лекин инсон тарзе сохта шудааст, ки чизи дилхохашро орзу мекунад ва кам иттифок меафтад, ки аз шароити мусоид андеша кунад.

— Ин хам рост. Одам хислатхое дорад, ки боиси ранчу озораш мешаванд. Хислатхои шоистаи надомат.

Хиромон бо чавобхои тунди киноядораш шарораи умедро дар калби Иброхимчон хомўш мекард. Лек боз муддате мегузашту аз кадом гўшаи дил шарорае аз нав чон мегирифт.

Дар нахрхои калони киштипаймо барои шабона нишон додани мачрои киштиронй миноҳо мегузоранд. Пеш дар кафасаи мино фонуси муккаррарй фурўзон буд, ки онро минобонон шомгохон даргиронида, субхи дигар хомўш мекарданд. Акнун хочат ба фонус нест. Миноҳо фотоэлемент доранд. Рўзона хамагй соате рух намудани офтоб кифоя аст, ки батареяҳои мино аз нури он кувваи электр чамъ оварданд. Баъд тамоми шаб чашмак зада, нохудоёнро ба рохи дуруст хидоят мекунанд. Шаб торику тўлонй бошад хам, ба умеди рўзи нав, ба умеди рухи Мехр онро ба поён мерасонанд.

Иброхимчон хам хар дафъаи чавоби рад гирифтанаш ба кўи сарду зулмонии навмедй меафтод, аммо аз кадом як манбаи ниҳоние ба худ неруи тоза мегирифт ва ба таманнои висол, дар орзуи мулокоти нав зинда-

гонй мекард. У гоҳо дар хусуси достони Лайлй ва Мачнун андеша ронда, ба акидае меомад, ки аз ишки нокоми чунуни шудани Кайс афсона нест, факат бофтаи хаёли шоир нест. Мухаббат дар вучуди кас то ба андозае маизил гузинад, ки аз сўзи фирок азоби рухии вай тадричан ба азияти чисмонй табдил ёбад, дар чунин холат савдой шудан харгиз аз эхтимол дур нест.

Шомгохе рохравон хамон суруди дилкаши худро зери лаб месаруод, ки ханўз ба авчи нахуст норасида, аз донахои сиришк тар шудани рухсорашро хис карду дархол худро ба кафои катори автоматхои обфурўш гирифт. Ашки чашмонашро номаълум бо ангушт ва паси даст поккунон (хамин намерасад, ки аз киса дастрўймол бароварда, оби дида хушк кунад!) аз дил гузаронид, ки, аз афташ, фурсат расидааст, ки ба духтури бемориҳои асаб мурочиат кунад. Лекин худ ба хаёли худ захрханда кард, ки кадом девона назди табиб рафта гуфтааст, ки ошики шайдоям, дарди бедавои маро дармоне бояд?

13

Акнун Иброхимчон бе ёрии касе, хатто бе асо охиста-охиста гашта метавонад. Факат саросема нашудан лозим. Холо камтар мегардаду рафта ба чояш мехобад. Фармоиши духтур хамин. Аз ин сар то он сари долон — саду бист метр. Ду карат саду бист-дусаду чил метр. Бегохй низ як бор сайр мекунад, чамъ ним километр мешавад. Ба гайр аз чунбучўли дохили палата. Зардодхон ваъда дод, ки пас аз як-ду рўзи дигар ба фаромадан ба сахни хавлй ва боғи бемористон ичозат медиҳад. Он гох рўзе то се-чахор километр гаштанаш мумкин.

Вокеан, дина духтур аҳли палатаро ба муаллими роҳбараш, ба профессори институт, марди солхўрдаи гармчеҳрае нишон дода, дар бораи хар кас алохида маълумот дод. Нисфи гуфтугўи онхо ба забони лотинй ва забони машрутаи худашон мегузашт. Азбаски барои аҳли палата мавзўи сўҳбат маълум буд, хатто аз гуфтугўи лотинии ду табиб хам баъзе чизҳоро пай бурдан мумкин буд.

Профессор мамнун шуд, ки мусоҳибаи тадқиқии шогирдаш холо ҳозир хуб мегузарад. Вай боз изҳори қаноатмандй кард, ки пастрафти фишори хуни Каримчон-

ака назар ба меъёри маъмул тезтар ҷараён мекунад, ки дар ин хол хидмати Алихон намоён аст. Сонӣ профессор пурсид, ки ҷаро кати панҷум холист? Зардодхон гуфт, ки барои муваққатан холӣ нигоҳ доштани ин кат аз маъмурият иҷозат гирифтааст, то ки сӯҳбатҳояш ончо ба ишемия дар вазъи махрамона бигзаранд. Ӯ дар айни хол ба сӯи Носир Аббос ва Иброҳимҷон ишора намуд ва илова кард:

— *Инҳо ба ҳамдигар унс гирифтаанд.*

Сӯҳбат ба мавзӯи Иброҳимҷон кӯчид. Ибораҳои мубҳам радду бадал мешуданд:

— *Ҷавон чӣ тавр?*

— *Ханӯз хомӯш.*

— *Савол василан сӯҳбат нест?*

— *Агар майли ҷавоб бошад.*

— *Ба назарам, feminam quarite*.*

— *Probabile**.*

Зардодхону муаллимаш рафтанд. Онҳо, якин, эътимоди кулл доштанд, ки он чанд калимаи лотиниашон байни худашон хоҳад монд, барои гӯши беруна чун асрори тилисмот хоҳад монд. Вале Иброҳимҷон бо кӯмаки Зевар ба ординатура даромада, ба Қамар телефон кард ва ин калимаҳоро бо талаффузи на чандон саҳеҳ бошад ҳам, дикта кард ва чӯрааш пас аз дах дақиқа тарҷуман онҳоро гуфт.

— Ҳой М. С., — илова намуд Қамар, — агар ҳамин ибораҳоро духтурон, дар хакки ту намегуфтанд, ба пӯстинат кайк намедаромад. Модом ки дар бораи ту гуфтаанд, дигар асрорат фош шудааст. Фақат касе ки калла гуфта ошкадуро бардошта гаштааст, инро намефахмаду бас.

— Ту барин, тамошокадуро бардошта гашта бошад ҳам, эҳтимол, ҳамин хол рух диҳад, — қарздор намонам гуфта, ҷавоб дод Иброҳимҷон.

— Probabile, — ба забони табибон ҷавоб дод Қамар ва гӯшаки телефонро ба ҷояш гузошт.

Иброҳимҷон ба он канори долон расида нафасашро рост гирифт. Он ҷо дар паси тавораи шишакорӣ, дар майдончаи зинапоя гурӯҳе аз беморони сариполи шӯъбаҳои ҷарроҳӣ ва терапия рустӣ тамоку кашида, сӯҳбат мекарданд. Ҷавоне ки меъдаи худро аз ифроти шаробнӯшӣ аз кор бароварда буд, бо як даст панҷараи

* Зан сабабгор (Айнан: «занро бичӯед»).

** Эҳтимол (лотинӣ).

зинаро дошта, сигори дарозеро дудкунон миёни худро ба ҳамон тарзи ҳайратангез меҷунбонид.

«Пас, ҷон на барон ҳама ба як зайл ширин будааст аз дил гузаронид Иброҳимҷон. Дар олам ин хел махлуқот ҳам мешудааст».

Аз кабинети мудири шӯъбаи терапия мизу курсиҳоро бароварда, барои бемори мансабдор палатаи хоса муҳайё мекарданд. Ӯ ду рӯз ниҷониб дар хонаи алоҳида танҳо мезист. Вале ин саҳарӣ аз касе шунидааст, ки дар он хона одатан беморони назъӣ, шахсони имрӯзфардо мефавтидагиро ҷой медоданд. Баробари шунидани ин хабар ба долон баромада, ғавғо бардошт:

— Қӣ ҳуқуқ дод, ки маро ба мурдахона ҷой кунед!?

— Домулло, ин ҷо мурдахона не. Пештар кабинети сарвари ҳамширахои шафқат буд. Махсус барои шумо холӣ кардем онро.

— «Барои шумо» мегӯяд-а! Инсоф канӣ? — бонг мезад ӯ.— Намегӯянд, ки бечора бемор мурдахона будани ин катакро фаҳмад, ба чӣ ҳолат меафтад? Тавба! Маълумоти олидор шуда, психологияи касалро ба назар намегиранд. Боз эшон мутахассис ном доранд!

Акнун аз кабинети мудири шӯъба ҳам хурроки бемори эрка ба долон хоҳад баромад. Мудир бошад, коғазҳои даркориашро ба сари мизи Зевар оварда, нависонависашро давом медиҳад. Воқеан, сазои сараш. Аз афташ намедонад, ки чӯби нармро кирм мехӯрад.

Дуруст мегӯяд Носир Аббос. Мансаб, ҳокимият ба сари одамон, ҳатто амали начандон бузург ҳам маҳаки одамшиносист. Мисли маҳакест, ки ба зари холис бирасад, чилои онро биафзояд ва ба тиллои носара бирасад, мисашро бароварад. Мансаби баланд одами асил, назарбаландро ғайрату ҳиммати нав, начобат ва вусъати тоза, назари боз ҳам волотар ато кунад. Ноаслу ноахлро зуд масту беёд ва хонахароб созад, чунон ки истеъмоли тарёк дар ибтидо нашъае бахшад, пас нашъамандро расвои олам гардонад...

Мӯйсафеди кӯсае дар гӯшаи кироатхона нишаста, ба атрофиёнаш ривоят мегуфт. Ду-се нафар рӯзномаю мачаллаҳоро ба сӯе монда, ба нақли ӯ гӯш медоданд:

— ...Ҳазрати Зайналобидин* аз дасти кофирон гурехта, дар ҳамон қишлоқи гуфтаам руст шудаанд. Куффор омада, хамаро ба майдон бароварда, истиноқ

* Чаҳорумин (аз дувоздаҳ) имоми машҳури мусулмонон, писари имом Хусейн, набераи Халифа Ҳайдар (Алӣ).

мекунад. «Ҷон пинҳон шудан он ҳазрататро ту медонӣ!» мегӯяд. Ба ҳар бандаи мӯъмин «Ту медонӣ!», «Ту медонӣ!» гуфта дӯғу даранг мекунад. Ана аз барои ҳамин номи он қишлоқ Тумдонӣ шудааст.

Берун аз палатаи мо чӣ хел одамоне ки нестанд, ба худ меандешид Иброҳимҷон. Палатаи моро, ба истилоҳи ходимони кино, палатаи персонажҳои мусбат, палатаи қаҳрамонони эҷобӣ гӯянд, меарзад. Носир Аббос — раиси комитети районии назорати халқ — сарвари ин дастаи қаҳрамонон, бешубҳа. Ивон-амак муовини раиси Клуби ветеранҳои инқилоб ва Ҷанги Бузурги Ватанӣ. Яъне шахсест то мағзандармағзи устухон персонажи эҷобӣ. Каримҷон-ака коргари пешқадам, боз ихтироъкору навовар. Вай ҳам хуб ҷангидааст, нағз кор кардааст. Депутати Совети шаҳр. Депутати Совети меҳнаткашони пойтахти республика барин як шаҳри калон, шахси обрӯманд, хушодоб. Ҳама кораш ба Иброҳимҷон маъқул ва писанд ба ҷуз як чиз: «Шоҳномаи» аслро монда, нусхаи фаҷи онро хонда мешинад ва ҳол он ки саводи хуби форсӣ дорад. Хуш... Худи Иброҳимҷонро гарчанде ба тоифаи қаҳрамонони мусбат дароварда намешавад, ба тӯдаи персонажҳои манфӣ ҳам ҳавола кардан аз инсоф намебуд. Вай то алҳол фақат бо таҳсил, кор, заҳмат машғул буд. Гуноҳаш ҳамин, ки то тирамоҳи перорсол — то он рӯзе ки Хиромонро дид, бо зани никоҳияш зиндагонӣ накарда, бо ибораи маҷлисҳои тарбиявии муҳокимавӣ гуфта шавад, ҳаёти бадахлоқона ба сар мебурд. Имрӯз бо Фотимаю фардо бо Зӯҳро айшунӯш карда мегашт. Агар маҳсули боқимондаҳои урфу одати бою феодалӣ будани ин ҳолро ба эътибор бигиранд, яъне ба назар бигиранд, ки модари «қафомонда» ва бародари пешқадамаш забон як карда, ӯро маҷбурӣ ба хеши дурашон хонадор карданд ва сабабгори носозии оилавиаш гардиданд, ӯро низ ба яке аз сатрҳои поёни рӯйхати қаҳрамонони миёнаҳол даровардан мумкин.

Магар ӯро бо он ҷавоне ки шароби фаровоне ва кимчи гуна спирти техникӣ нӯшида, худро ба ҳоле расонидааст ва акнун субҳу шом дар интизори ҷарроҳӣ рақси арабӣ мекунад, ё бо ин кундаи ҷувоз, ки худро Нофи Замин пиндошта, дар табобатхона барин ҷое барояш палатаи хоса, телефони алоҳида талаб карда, аррос мезанад, муқоиса кардан равост?

Ҳаргиз.

Иброҳимҷон ба палата баргашт. Каримҷон-ака дар рӯи миз қоғазу корду тахтача ва бонкаю табақчаҳои бисёреро паҳн карда, ба тайёр кардани хӯрише аз алафу сабзавот омода мешуд.

— Хуш, ҳозир ба наҳорӣ даъват мекунанд,— худ ба худ бо овози шунаво ва хушҳолона мегуфт ӯ.— То он дам мо бояд худро аз витаминот серӣ таъмин кунем. Хуш, дар рӯи миз вазъияти аз ҳар ҷиҳат гигиенӣ. На духтурони хӯрдагиртарин эрод гирифта метавонанд, на Зеварҳони худамон.— Ӯ аз халтаи целлофанӣ, ки дар яхдони умумии шӯъба нигоҳ медошт, ҳар гуна сабзавот мебаровард.— Ана Мулло бодиринг! Барра бодиринг! Сара бодиринг! Гулбасар бодиринг! Шаҳдасар бодиринг! Бодиринг-диринг-диринг. Кӣ овардат? Муллочиринг. Хуш-ш, ана пиёзи кабуд, мана шалғамча, ки ба қавли муҳтарам Зардодхон, анбори витамини С будааст. Мана шибит, ана гашнич. Ҷаккаи тозаи равғанӣ! Фурсати як пиёла чой нӯшидани шумо нагузашта, як хӯриши олиҷаноб тайёр кунам, ки бобокалонатон дар хонаи хушдоманаш нахӯрдааст!..

Каримҷон-ака қариб ҳар рӯз салат месохт ва ҳампалатаҳо ба ҳавсалаи ӯ аҳсану офарин хонда, аз хизмати ӯ баҳра мебурданд ва шукрона изҳор мекарданд.

Ивон-амак ба пештахтаи тиреза парӯ шуда ва сар аз тиреза бароварда, ба дӯсташ Ҳасан Абдулло, ки дар поён меистод ва дар ин соат ба даромаданаш иҷозат набуд, ҳар гуна супориш, фармоиш ва дастури амал медод:

— Ордену медальҳошона ҳамаашон овехта раванд. Не, не. Планка, аввал ин, ки зеб надорад. Сонӣ, аз дур кас чӣ медонад, ки ин планкаҳо нишони кадом орден ё медаланд?

Ивон-амак аз муносибати нарму лутфомези Зардодхон сӯиистеъмол карда буд: дар ким-кадом гӯшаи боғ дар рутубат бисёр нишаста, шамол хӯрда буд. Дина Зардодхон шуши ӯро гӯш карда дид, ки хиш-хиши он зӯртар шудааст. Ба Зевар фармуд, ки Ивон-амакро муваққатан аз шӯъба берун рафтанӣ намонад.

— Медонӣ, Саид чӣ кор мекунад? Не, Саиди якдаста мегӯям. Як пиджаки сабук дорад, хокистарранг. Ҳам дӯхташ, ҳам рангаш ҷунон боб, ки хоҳӣ тобистон мепӯшӣ, хоҳӣ зимистон. Ҳамаи ордену медальҳоша ба ҳамон пиджак соз карда овехтааст. Ҳамин ки ба ягон ҷамавохӯрӣ рафтанаш лозим шуд, ҳамон пиджака ба

донча андохта мегирад. Дар маҳалли мулоқот оҳиста ба гӯшае рафта, пиджаки ордендора мепӯшад. Вассалом. Ҳар дафъа орденҳоя аз либосе ба либосе кӯчонидан осон не. Сари сина ғалбер мешавад.

Аз поён Ҳасан Абдулло, аз афташ, чизе гуфта эътироз кард, ки дар сухани Ивон-амак оҳанги таънаомез пайдо шуд:

— Оббо-е, ба ту гуфта истодаам, ки дурусттар фаҳмон. Нашавад, илтимос кун. Мо ба чаҳор тараф ба хотири тарбияи ҷавонон давутоз мекунем, барои саёҳат, ё худнамой не! Қаллая кор фармоянд дурусттар. Намуди берунии ветеран ҳам дар ин мавридҳо — мефаҳмӣ, дар ин мавридҳо, гуфта истодаам! — аҳамият дорад. Хайр, бирав, ғам нахӯр. Хушрӯ мегузарад.

Пирон ба хотири мардумони бегона, аз барои тарбияи ҷавонон ба мулоқотҳо мераванд. Клуби онҳо соле се маротиба — дар арафаи иди Октябрь, Рӯзи ташкил ёфтани Армияи Советӣ ва иди Ғалаба серкор, серодам мешавад. Ҳоло иди Ғалаба наздик меояд. Ин мӯйсафедон аз дарду ранҷи устухонҳои пиронаи худ, нороҳатии роҳҳои дур, аз мувофиқ будан ё набудани рухияи худ сарфи назар карда мераванд. Ташвиш, такудав, фикру андеша ба хотири дигарон бо мурури замон ба сари ҳар кас ҳам меояду баъд афзудан мегирад, аз афти кор.

Ҷавонон бештар дар ғами хештананд.

Дар яке аз мулоқотҳо Хиромон, хайрият, нармтар буд. Рӯзҳон аввали шиносой барин табассуми кушод мекард. Ҳатто худаш таклиф намуд, ки ба каҳвахона дароянд. Як порсӣ яхмос хӯрданд. Баъд чеҳрааш яла шуда, гуфт, ки Иброҳимҷон камтар май бифармояд. Пешхидмат шароби сабуки ангурӣ овард.

Оё Иброҳимҷон медонад, ки чаро Хиромон дар маноракрани борбардор кор мекунад? Ҳаваси техника? Не, Хиромон пештар экскаватор меронд. Механизми вай аз кран хеле мураккабтар аст.

Хубии кран аввалан дар он, ки вай аз ҳама гуна иморатҳои баланд ҳам баландтар аст. Пеши назарат — аз уфуқ то уфуқ — доимо кушода. Ё осмони соф, ё абрпораҳои рангини парешон. Масоҳати бекарон! Олам гӯё ҳадду ҳудуде надорад ва ту дар фазои беохир, дар оғӯши баҳри лоҷвардгун мурғвор парвоз мекунӣ, ё моҳисон шино. Ҳатто агар ҳаво абр бошад, абри ғафси тирафо-

ми сурбранг миёни замину осмон домон паҳн карда бошад ҳам, манзарае ки аз кран мебинӣ, дилкаш ва дилкушост!

— Вира! Вира, Хиромон!

Марҳамат, Хиромон борро боло мебарад.

— Майна! Ҳой, нозанин, майна!

Бор поён меравад.

Оё Иброҳимҷон медонад, ки кран боз чӣ фазилате дорад? Аз боло ба поён нигаристан, ҷунбучӯли одамони майда-майдаякро дидан ба кас ҳар хел фикрҳои фалсафӣ илко мекунад. Ба кас амиқтар, бавусъаттар дидани табиати одамӣ ва зиндагониро меомӯзад. Ана ба ягон баландие бароеду озмоед. Дарҳол мебинед, ки дар мағзатон ҳамин қабил фикрҳо пайдо мешаванд: «Одамизодро бинед-а, дар ҳамин биёбони хушклаб об бароварда (ё дар ҳамин тангнои сангистон чое ҳамвор карда) ин қадар хонаҳо, иншоотҳо бунёд кардааст... Акнун мӯрсон аз паи рӯзгори худ ҷунбучӯле дорад...»

Албатта, ҳамин гуна андешаҳо ба саратон меоянд.

Кори крандор боз як бартарӣ дорад. Рости гап, назар ба атрофиён андак ситорагармтар бошӣ, рӯзи дароз байни мардҳо будан осон нест. Ҳама бо ҳавас менигарад, як кисмаш бо дили соф, аммо кисми дигараш бо нияти таҳ қиромез. Ин хел мард ба ту чашм бидӯзад, мебинӣ, ки чашмонаш гӯё пармасон гирд мегарданд, бадани туро сӯрох мекунанд, пайкари туро аз зери комбинезон, аз таги пироҳанат ҳам диданист. Нигоҳи шилқинаш аз пой то ба сар ва боз аз сар то ба пой мелағжад ва чунон ки камераи аксбардори Иброҳимҷон гоҳ дар ину гоҳе дар он нуктаи объект таваккуф мекунад, нигоҳи часпаки ин кабил мардон дар миёни зан, дар чеҳра, гирди лаб, хусусан дар сандуки сина дармемонад. Кас худро тавре ҳис мекунад, ки бараҳна карда, ба хонае тела дода бошандаш ва аз берун ким чи гуна зотҳо чароғҳои бакувватро равона кунанду ту ҷои гурез надошта бошӣ.

Хиромон дар болои манораи кран аз субҳ то шом кор мекунад. Фақат ба танаффуси нимсоата ба пеши одамон мефарояд. Занҳо бо тааҷҷуб мепурсанд, ки чаро ӯ аз одамон гӯё канорачӯй мекунад? Ин кӯтоҳии феъли одамӣ эҳтимоле ҳаст, ки рафта-рафта ба одат табдил ёбад...

Не, ӯ аз ҳама гурезон нест. Ӯ аз ҷамъияти якта-нимта бадчашмон, аз мардони даҳонашон бефаровез ҳазар мекунад. Мардони хушрафтору баодоб, ононе ки ба ӯ ҳамчун ба инсони ҳамкор, ҳамкасаба, ё ба зани шоистаи

эҳтиром бо назокати зебандан инсон, бо мехрубонӣ ва хидматгузорӣ муомила мекунанд ва кӯшиш мекунанд ҳамин мехрубонӣ ва хидматгузориашон ба чашм назанад, ин гуна мардон ба Хиромон маъқуланд.

На ҳар кас тасаввур карда метавонад, ки барои бевазани бистусесола, чавонзани гармчехра миёни мардҳои бисёре кор кардан чӣ андоза душвор аст.

Нон. Зан. Шӯхрат.

Кадом як файласуф гуфта будааст, ки меҳвари талоши бани одам аз ҳамин се чузъ иборат аст. Хиромон агарчи расман фақат мактаби миёна ва ба ҳаловаи он омӯзишгоҳи касбии техникиро хатм кардааст, аз китобҳои соҳаи адабиёт, таърих, фалсафа ва техника он қадар хондааст, ки худро як шахси аз одаму олам ба андозае бохабар шуморида метавонад. Ба назари Хиромон ҳам, акидаи он файласуф яктарафа метобад. Ба акидаҳои мо бегона менамояд. Маҳз се унсури мазкур мавзӯи талоши бани инсон гуфтан муболиғаи нотарошидаест. Таҳаввулоти ҷамъиятро ба ин тарика шарҳ дода намешавад. Аммо ба хаёли Хиромон, дар ин акида ҷиҳати ҷолибе низ хаст, ки мунаккидон онро таъкид намекунанд. Онҳо одатан агар гурзи гарони танқидро ба даст бигиранд, ба сари андешаи ҳариф чунон мефароранд, ки на аз кубҳу хатояш осоре мемонад, на аз ҳусну атояш.

Бигузор Хиромон сахв кунад, аммо агар ӯ бо мисоли ҳаёти дар айни оғоз шикастхӯрдаи худ ба субут расонад, ки акидаи он файласуф андак ҷоне ҳам доштааст, ба ин чӣ хоҳанд гуфт?

14

Номи ӯ Абӯ буд.

Абӯ аввали номаш, нисфи он буд, лекин ҳама ӯро Абӯ меномиданд.

Аз дасти он бадаъмол, он муштзӯри бадсигол хонаводаи Хиромонро рӯзи равшан набуд. Абӯ медид, ки ӯ бо шавҳари худ, модари худ, кӯдаки худ шоду масрур аст, аз одаму олам дигар таманное надорад, чун мӯй дар дами оташ ба худ мепечид. Найрангҳо ба кор бурда, фитнаҳо меангехт, торҳон дасиса метанид

Хиромон ба деҳаи зодгоҳаш ба хотири модари пир рафта буд, вагарна рӯзашон дар шаҳр ба некӣ мегузашт. Шавҳараш аслан фарзанди шаҳр буд, муносиби ҳол дар шаҳр молу маконе дошт. Ӯ дар устохонаи таъмири назди гаражи колхоз ба сифати челонгар ба кор даромад. Хочагии ғаллакору чорводор мошину трактори зиёд надошт ва ӯ бо як нафар ёрдамчӣ аз ӯхдаи ҳаман кор мебаромад.

Хиромон дуртар аз деҳа, дар қаribии даромадгоҳи дара дар кони гили заводи цемент кор мекард. Бо экскаватори калон хоки адирро канда ва нарм намуда, ба самосвалҳо бор мекард.

Дар зарфи ду соле ки дар деҳа, дар хонаи модар мезистанд, шавҳараш боре нагуфт, ки биё, модарро бигирему ба шаҳр бикӯчем. Нагуфт, ки ба рақобати вахшёнаи ду-се разили дун таҳаммул овардан эҳтиёче надорад...

Хиромон аз нахустин рӯзи шиносоияшон боре нашунидааст, ки аз даҳони шавҳараш бар хилофи раъи ӯ ҳарфе берун омада бошад, боре надидааст, ки рост ба рӯяш нигоҳ карда, эътироз он сӯ истад, изҳори норизой карда бошад.

Ба рӯяш аксаран бо табассум, бо чашмони пурханда, пур аз нури навозиш, назокат ва муҳаббат менигарист ва мегуфт:

— Ихтиёр ба ту, чароғам.

Ё:

— Майлат, чароғам. Ба дилат нигоҳ кун. Хохӣ, ба ҷону дил, биравем, нахохӣ, ба дилу ҷон бимонем.

Қайфаш махсусан чоқ, рӯҳаш болида бошад, боз ҳам ошкортар изҳори эҳсосот мекард:

— Чанд бор гӯям, Хиромонам, фақат якта ғуломат ман...

Инро мегуфту қадаре сурх мешуд ва дарҳол худро ба коре андармон месохт.

... Рӯзе аз кор баргашта, шавҳарро хаставу афгор дарёфт. Ба ӯ Абӯ, тағои бригадираш ва писари тағо — секаса дарафтодаанд. Бахона ҳамин будааст, ки «дарахти колхозро нопурсиш буридай». Ва ҳол он ки беди афтонидааш дар заминни рӯи дарича воқеъ буд ва ҳанӯз як сол қабл аз он хушк шуда, танааш ба мӯрчахона табдил ёфта буд. Ҳанӯз ду сол мукаддам дар ду тарафи он беди сиёҳ худи ӯ ду нихоли сурхбед шинонида буд.

Аз таги варам як чашми шавҳараш тамом намемуд. Лабаш мисли лаби хум ғафс шуда буд.

— Башара читу? — дар ҳамон ҳолат ҳам зӯракӣ шӯхӣ мекард шавҳараш.

Хиромон чизе нагуфта, либоси тозаашро пӯшид. Ме-

хост рост ба маркази район биравад, то аз дасташ меояд, ғавғо бардорад, аз ин бедодгарӣ, зӯроварӣ, ноинсофӣ, ки соли дароз давом дорад, мардумро огоҳ намояд. Ӯ аз ҷанҷолҳои собиқа медонист, ки арз бурдан ба раиси колхоз ё Совети қишлоқ мисли он аст, ки мушт бар дарафш бизанӣ: ҳама ҳамкосаю ҳамдаму ҳамфикри ҳамдигаранд.

Аз дари боғ мебаромад, ки модараш аз роҳ баргардонид.

— Шавҳарат ҷеғ дорад.

Ночор ба наздаш баргашт.

— Нарав, райҳонам.

— Хамроҳ ёфта меравам.

— Ман на барои ин мегӯям. Боиси хусуматро худат медонӣ. Пурсуков сар шавад, чӣ мегӯем?

— Хайр, то кай тоқат мекунем? — муддати мадиде ба хаёл рафта, пурсид Хиромон.

— Бригадир афтода буд, гулакам. Аввал бифаҳм, баъд ба шикоят бирав.

Шавҳараш рост мегуфт. Ӯ ба мукобили се кас танҳо бошад ҳам, қарздор намонда буд. Абӯ пас аз он рӯз як моҳ ба назари мардум нанамоид. Хешовандонаш мегуфтанд, ки варақаи эъзомӣ доштааст, ба Хоҷа Обигарм рафтааст. Тағои бригадираш бо як қабурғаи фурӯ нишаста дар хонааш як ҳафта нолишкунон мехобид.

Дили Хиромон аз одамизод хунук шуда буд. Агар меъёри зиндагонии ҷамъият, чунон ки бояду шояд, конуни бародарӣ ва баробарӣ набошад, ҳайфи умр, ҳайфи зиндагонӣ, ҳайфи номи инсонӣ, мегуфт ӯ ба худ.

Шавҳарашро ба шӯъбаи корҳои дохилии комиҷроия даъват намуда, паспорт, ҳуҷҷатҳои ҳарбиашро аз назар гузаронидаанд. Маълум буд, ки ин санҷиш ҳам аз рӯи кимчи гуна бӯҳтони ҳамон зотҳои паст сурат гирифтааст. Баъди ин воқеа Хиромон гуфт, ки агар хоҳӣ, ба шаҳр мекӯчем. Шавҳараш, бешак, ба шаҳр баргаштанро мехост, вале андеша мекард, ки мардум гурехт гуфта, гумон набаранд. Гуфт, ки дар сари роҳи калон, дар даҳанаи канали истгоҳи обии электр ба ӯ кор таклиф карда буданд. Механики асбобу дастгоҳҳои дарғот ва дар айни замон ченкунандаи сатҳи об. Вазифа ин ки шабу рӯз аз сатҳи оби дарё огоҳ шуда меистад ва ҳар рӯз се маротиба — соати ҳашти пагоҳӣ, чаҳори аср ва дувоздаҳи шаб натиҷаи ченакро бо телефон ба маркази тадқиқи обу ҳаво арз мекунад. Ба механизмҳои дарғот нигоҳубин мекунад. Дар худи ҳамон ҷой хонаи бароҳате ҳаст. Газ дорад. Аз дуди оташдон халос мешаванд. Ба кори Хиромон ҳам роҳ хеле наздик мешавад...

Яке аз рӯзҳои охири март буд. Дар кӯҳсор бороне сел борид. Чоштгоҳӣ абрҳо пароканда шуданд. Оби наҳр оҳиста-оҳиста хира мегардид. Пешинӣ тамом каҳваранг шуд. Дар айни аср мавҷҳо хез кардан гирифтанд. Рӯи амвоҷ хасу хошок, кундаҳои урёнреша, ҳатто бутун-бутун дарахтони сарнагуншуда алвонҷхӯрон мерафтанд.

Коргарони истгоҳҳои электр, ходимони нигоҳубинкунандаи ҳаман иншоотҳои сари канал ва наҳр аз ҳамлаи сел қаблан огоҳ ва ҳама дар сари даҳана ҷамъ омада буданд. Анбӯҳи одамони ходаю сешоҳаю панҷшоха ва чангакҳои дастадароз бардошта манзараи балвои асриниёнагиро ба хотир мерасонид.

Дарвозаҳои оҳанин даҳанаро калон кушоданд. Ба канал дигар оби ифлос намерафт. Истгоҳҳои электр то аз нав тоза шудани наҳр танаффус хоҳанд кард.

Танаҳои дарахтон, кундаҳои бузурги ғелон рӯи мавҷҳои тираи кафколуд хез кашида, чаппаву роста шуда бо шаст омада, ба оҳантахтаҳои дарғот бармехӯрданд, ва музаффарона гумбуросанон гузашта мерафтанд.

Оби лой атоласои ғафсу нарм гашта буд, аз он сабаб садояш ҳам харваква барин бурро не, хастаю кунд ба гӯш мерасид. Сели девонаавзоъ дар болотар зарфи бузурги мазутро сарнагун кардааст ва кайҳо боз дар рӯи об доғҳои бунафшранги равғани нафт шино мекарданд.

Дарахте омада, байни ду пояи дарвозаи мобайнии дарғот кӯндаланг дармонд. Вай тути ғафси каллакшудае буд. Онро мебоист фавран дур меандохтанд, вагарна чӯбу чахси дигар ба осонӣ банд шуда, роҳи обро мегирифт ва он гоҳ кор хароб мегардид. Се-чаҳор нафар мардон чангаку ходаҳо дар даст аз боло истода, танаи тути пирро гаҳе кашола мекарданд, гаҳе тела медоданд, аммо чараёни зӯри об танаи тутро ба деворн бетонии дарғот сахт парчин карда буд.

Хиромон аз дур дид, ки шавҳараш ба забарраи оҳанини қафасаи дарғот овезон шуда, бо пошнаи мӯзааш ба танаи дарахт мекӯфт.

Мавҷҳо ҳамчунон боло мечаҳиданд, худро ба деворҳои дарғот, ба танаи тут зада, ба атроф пош мехӯр-

данд. Аз паси пардаи оби лойолуд, ки онро лой оболуд гуфтан саҳеҳтар менамуд, андоми шавҳарашро шинохтан душвор буд. Дар ҳар чанд зарбати ӯ танаи тути кӯндаланг фақат ба қадри як ангушт лағжида,, поён мерафту бас. Лаҳзае буд, ки пояш миёни тут ва кундаи бо шаст оянда монда, қариб мачак шавад. Хайрият, одамони боло аз наздик расидани кундаи гароне, ки пайкари худро зери об пинҳон карда меомад, ӯро сари вақт огоҳ намуданд.

Ногоҳ назари Хиромон ба Абӯ афтод ки дар соҳили мукобил махсус барои тамошои ҳарби одаму об рӯи харсанге баромада, издиҳоми сари даҳанаро мушоҳида мекард. Нигоҳи тези чашмони тамаъкори ӯ ба Хиромон, бешубҳа, бештар таваққуф мекард.

Сонияе туфанги панҷтираи дар девори хонаашон овезон пеши назари Хиромон омад. Азбаски шавҳараш ин ҷо вазифаи посбониро низ адо мекунад, ба ӯ ин туфангро додаанд. Хиромон тасаввур мекард, ки чӣ гуна пешонии ялаққосии ин шӯрапушти мағрурро нишон гирифта, куланги туфангро бо лаззати том пахш мекунад ва баъд миёни хасу хошоки амвоҷи лойолуд ғалтон рафтани ҷасади хунини ӯро тамошо хоҳад кард. Пас аз ин дархол манзараи дигаре пеши назараш омад: милиционерҳо ӯ ва шавҳарашро даст ба пушт баста ва пешандоз карда, ба кучое мебаранд ва аз паси маҷмааи ҳангоматалабон модари нотоб ва писараки нав ба роҳ даромадааш афтону хезон метозанд...

Шавҳараш боло баромада, оби дорчинранги сару рӯяшро бо дастонаш пок мекард. Дарахти кӯндаланг аз сари роҳи оби пурталотум дур андохта шуда буд.

Хиромон даст ба рӯй ниҳода, чашмони ашколудашро аз назари бегонагон пинҳон намуд. Чанд қадам ба сӯи хона гузошт, вале боз ба он соҳили наҳр, ба ҳайкали манфури душманаш, душмани шавҳараш, душмани модар, писар, душмани саодати бо заҳмат, бо саъю зӯру кӯшишҳо ба даст овардааш нигоҳе афканда, аз дил гузаронид, ки агар, худо накарда, дар ин соати пуртаҳлука ба шавҳараш осебе мерасид, ҳамон нияти аз дил гузаронидааш бешак ҷоман амал мепӯшид. Чунки маҳз кирдукори ҳамин шумзот, таъқиботи ҳамин нохалаф боис шудааст, ки шавҳараш, механики дах дасташ ҳунар касбукори асли худро партофта, ин ҷо омада, вазифаи одднеро адо менамояд ва ҳоло аз рӯи мачбурият бо наҳри лаҷомгусехта набард мекунад.

...Ҳар дафъа пас аз сели кӯҳистон дар соҳилҳои наҳр хезумчиний сар мешуд. Аҳолии дехоти атроф аз санглохи соҳилҳо, ҷазираҳои байни шохобҳо хезуми фаровоне мегундоштанд. Оилаҳои хушҳавсала сӯзишвории ду-сесолаи рӯзгори худро захира мекарданд.

Рӯзи дигар, саҳарӣ поёнтар аз даҳана дар ҷазираяки байни ду шохоб Абӯ ба мошини боркаш хезуми тар бор мекард.

Вақте ки Хиромон ба кори худ мерафт, шавҳараш мурватҳои лойпахшкардаи дарвозаҳои дарғотро пок карда, равғани тоза мемолид. Хиромон ӯро охирин бор дар ҳамон ҳолат дида буд. Пас аз як соати дигар ӯ ҳалок шуд. Ӯ фарёди гӯшхароши Абӯро шунида, фақат лаҳзае андеша кард, ки маънии ин фарёдро дарк намояд ва барои худ муайян кунад, ки оё ба ёрии ин шахс шитобидан лозим аст, ё не. Лекин шавҳари Хиромон мисли дигарон набуд. Сиришти ӯ, хислат ва табиати ӯ тамом дигар буд. Ӯ дар ин гуна мавридхо дергоҳе фикр карда наметавонист. Ӯ башаст давид ва душмани худ, бадхоҳи худро аз хатари марг ворахонида, худ ба зери чархи мошини ӯ монда халок гардид.

Суди район Абӯро ҷазое надод. Ӯро ҳамин қадар гунаҳгор донистанд, ки мошини колхозро ба эҳтиёҷи шахсии худ кор фармудааст. Боиси фалокат бошад, сабаби техникӣ будааст. Дар рӯи санглохи ковок баногоҳ аз болои паҳнсанге лағжида фаромадани домкрат будааст. Одамон ба Хиромон мегуфтанд, ки ҳукми суд аз рӯи адолат нест. Ба суди дигар мурочиат намояд. Аммо Хиромон ба касе мурочиат накард. Рӯзи дигари пас аз суд ӯ аз дур дид, ки Абӯ савори аспи таърифиаш аз пайроҳаи танги болои даҳана ба роҳи калон мефарояд. Тозон ба хона даромада, панҷтираро бардошта баромад, ба девори тахтагин такя дод ва нишон гирифт.

Тир ба асп расид.

Боз суд барпо шуд, лекин ин дафъа ҳаман фочиа аз сари нав таҳлил шуд ва Абӯро ба замми он ки бо аспаш аз баландӣ сарнагун рафта гарданаш шикаста буд, ба ҳабси даҳсола ҳукм карданд.

Хиромон ба шаҳр кӯчид. Дере нагузашта, модарашро ба хок супорид.

Муддати як сол ҳар моҳ аз маошаш маблағеро ба ҷарима нигоҳ медоштанд.

...Хиромон мочарои дубора шавҳар карданашро ёдоварӣ кардан намехоҳад, аммо пас аз он ки қиссаи ҳа-

риб ҳамаи рӯзгори пурошӯби худро гуфта дод, инашро ҳам илова накардан ноҷоиз мебуд. Хусусан, ки ҳамин моҷаро сабаб шуда буд, ки ӯ дигар ихтиёри шавҳар накарданро ба худ аҳд намояд.

Оре, ӯ як сол қабл дубора шавҳар карда буд, вале ақаллан ҳафтае нагузашта аз ӯ ҷудо шуд. Рост, воқеае ки боиси ҷудой гардида буд, чандон кобили таваҷҷӯҳ набуд: саҳарӣ Хиромон аз бистар хеста, ба рӯи шавҳари наваш нигарист, ки хуррок кашида мехобид. Даҳони ялаи ӯ ба назараш ким-чи гуна бенуру берӯҳ намуд. Ба хурроки канда-кандаи фосиладор ва нофорами ӯ дақиқае гӯш доду ба хаёлаш расид, ки садои шавҳари маҳбубаш, ки «Чароғам, фақат якта ғуломат ман...», мегуфт дар гӯшаш баръало садо дод. Бо чашмони ашколуд писаракашро аз хоб бедор кард ва ба яслӣ бурд.

Бегоҳӣ дертар аз кор баргашта дид, ки шавҳар Шарифҷонро мувофиқи таъиноти ӯ аз яслӣ овардаасту лекин бо як беэътинони бемурувватона аз банди як даст дошта, аз остонаи баланд бардошта мегузаронад.

— Кӯдака ҳамту мебардоранд? — тозон ба паҳлуи ӯ расида, бо ғазаб фарёд кашид Хиромон.

Мард ба тавраш ҷавоб доданӣ шуда, «хеҷ воқеа не, бача обутоб меёбад, мушакҳои баданаш, устухонҳояш сахт мешаванд» ва боз чизе мегуфт. Хиромон ба хона даромада, сару либосу дигар чизҳои мардакро саросема ба ғундоштан сар кард. Ӯ худи ҳамон дам қарор дода буд, ки бо он зот дигар як соат аз ҳавои як хона нафас нахоҳад гирифт.

Шавҳари бечора бо сари хам чамадон дар даст аз дар мебаромаду ҳанӯз мепиндошт, ки Хиромон ҳазл мекунад.

Оре, ҳар сари чанд гоҳ ҳодисае мешаваду ҳамин гуна қатъияти ғазабомез вучуди ӯро тасхир мекунад ва дар ин гуна лаҳзаҳо Хиромонро илочи аз роҳ боздоштан нест. Чанд бор Хиромон ба воситаи инженерон илтимос кард, ки бинокорҳо дар хузури занон носазо нагӯянд. Боре ҳатто ба сардори трест муроҷиат карда буд. Аммо як қисми мардон бе дашном гӯё рӯз гузаронида наметавонистанд. Даҳони шалаки худро ҳатто айб намешумориданд. На фақат ҳамдигар, балки андова, сатил, занбар, ҳатто хишту лойро ҳақоратҳои болохонадор медоданд. Ҳарчанд Хиромон дар баландии ошёнаи шашум кор мекард, гоҳо ба самъаш алфози қабеҳ даромада, димоғашро месӯзонид, дилашро сиёҳ месохт.

Боре ӯ чунон оташин шуд, ки кранро дар айни долузарби кор бепарастор партофта, рост ба Вазорати корҳои дохилии республика равон шуд. Он вақт онҳо дар кӯчаи ба номи Свириденко бино месохтанд ва барои Хиромон аз вазорат дида, собиқ идораи шӯъбаи дуюми милиция се баробар наздиктар буд. Вале ӯ рост ба вазорат рафт ва ҳамроҳи як майори мӯйсафеде баргашт.

Дар пеши хоначаи прораб «сӯҳбати мардона» шуда гузашт. Сохтмоне ки Хиромон кор мекунад, аз ҳамон рӯз аз дашному ҳақорат пок гардид.

15

Оре, духтур, зиндагонии Носир Аббос баъди таъин шудан ба вазифаи нав ҳам зоҳиран дар ҳамон маҷрои пешина ҷараён дошт, аммо зимнан доираи назар, шавқу мароқи ӯ, ҳатто қисман рафтору кирдори ӯ ба як тарзи аҷибе тағьир ёфт.

Дар марҳилаи оғоз ӯ худро чун донишҷӯе ҳис мекард, ки ба як кишвари ноозмуде барои таҷриба фиристодаандаш, ба кишваре фиристодаанд, ки ҳаргиз надидааст, лекин дар тарҳи он аз рӯи нақлҳои пештар шунидааш якта-нимта аломатҳои шинос мебинад.

Акнун ӯ дар кӯчаҳо мисли пешина ақаллан соате фориғболона сайру гашт карда наметавонист, ё агар ба колхозе, ё сохтмоне, ё худ корхонаи саноате биравад, ба сайёҳи беғаме монанд шуда наметавонист, ки аз дигаргуниҳои хуши ин муассисот ба ваҷд омада, шодмонӣ изҳор мекунад.

Агар пештар ӯ, масалан, дар ҳудуди ягон сохтмон медид, ки як қисми хишти пухтае ки бо автомобиль оварда рехтаанд, ҳанӯз ба замин нарасида, ба тӯдаи нимхиштиҳо мубаддал шудааст, ё хишти бисьёре дар чои хобидааш, бидуни он ки касе ё чизе онро пахш карда, ё кӯфта бошад, фақат аз таъсири рутубат аз ҳам рехта, ба қавле, «об шуда», ба хоктӯдаи сурх табдил ёфтааст, дар дил ҳаромкоронро дашном медоду ба роҳаш мерафт. Акнун ӯ ҷилд-ҷилд китоб хонда, ё бо мутахассисон сӯҳбатҳо карда, худро ба тарзи таъҷилӣ аз курси худомӯзи технологияи хумдони хишт мегузаронид. Акнун ӯ медонист, ки дар заводи хишт қоидаҳои тайёр кардани хишти хом ва пухтани он риоя нашудаанд; хоке ки аз он лой сохтаанд, ифлос будааст; лое

ки аз он хишт рехтаанд, ба қадри кофӣ кор нахӯрдааст...

Лойро ба симе буридаанд, ки аз меъёр дучанд ғафстар аст; ва ин гуна сим лойро намебуррад, балки медарронад...

Хиштро ба вагонакҳо соз начидаанд ва шакли он вайрон — качу буҷ шудааст; ба ҷои ҳашт фоизи эътидолӣ хишти хомро бо намии ҳаждаҳ-бистфоиза ба хумдони тафсон даровардаанд, чунки дар таъҷил будаанд, ки плани истеҳсолиашонро ҳар чи зудтар ба иҷро бирасонанд...

Режими ҳарорат чи дар камераҳои хиштихомхушккунак ва чи дар кӯраҳои хумдон риоя нашудааст.

Ба ёди Носир Аббос мерасид, ки мӯйсафеде боре дар ҳамин мавзӯъ гап кушода гуфта буд, ки «дар замони қадим хиштро ҳалол мепухтанд». Хишти пухтаи кадима чандин аср (асрҳо!) зери барфу борон ва офтоби тафсон хобида, ҳатто тағьири ранг намекард. Аз хишти пухта пайраҳа фарш мекарданд. Баъзе хиштҳо аз моломолу совиши тӯлонӣ миёнашон охурча мешуд, ё як тарафашон мисли табар дами тез мебаровард, аммо намешикаст.

Он ҳамсӯҳбати пир чиҳати дигари масъаларо қасдан ба инобат гирифтан намехост. Ё шояд яқин тасаввур ва муқоиса карда наметавонист, ки ҳоло дар як сол дар Тоҷикистон он қадар иморатҳои хиштӣ ё оҳану бетонӣ сохта мешаванд, ки он миқдор дар замони қадимаи ӯ дар бадали садҳо сол буньёд мегардид. Ӯ фақат аз сифати хишт ҳарф мезад, аммо мулоҳизааш яктарафа бошад ҳам, аз мантиқ ва ҳақиқат холӣ набуд ва Носир Аббос дар дил аламе ҳис мекард, ки афзалияти баҳснопазири асри худ, замонаи худро ба мусоҳиби пир исбот карда наметавонад.

Ё масъалаҳои ҳифзи техникаи зироатро бигиред. Носир Аббос акнун медонист, ки тракторҳо, мошинҳои пахтачинӣ, кӯрактозакунӣ, асбобҳои шудгор ва киштукор аз анҷоми тирамоҳ то оғози мавсими нав бояд мувофиқи қоидаҳои маъмули техникӣ нигоҳ дошта шаванд. Яъне:

аз хоку лою хору хас тоза карда шаванд;

аз боқимондаҳои равғани кӯҳна пок карда шаванд;

тасмаҳо, шлангҳо, занҷирҳо, асбобу олоти электрие, ки ин мошинҳо доранд, ҷудо карда гирифта, тоза карда, алоҳида нигоҳ дошта шаванд;

чарҳҳои резинии мошинҳо кушода гирифта, худи мошинҳо ба рӯи пояҳо устувор карда шаванд; боди дохили камераҳои резинӣ кам карда шавад;

ҷои ҳифзи мошин аз боду барфу борон эмин бошад...

Духтури мӯхтарам шояд шунида бошанд, ки қоидаҳои дар муддати зимистон нигаҳдории аккумуляторҳо худ ба сари худ як боби томи дониши техникист.

Носир Аббос гоҳо ҳис мекард, як гӯшаи мағзаш ба анбори параграфҳои рангоранги қоидаҳо, рақамҳои гуногун мубаддал шуда истодааст: барои як тонна-километр кори автомобиль ҳафтсад-ҳаштсад грамм бензин, барои шудгори ҳар як гектар замин дувоздаҳ килограмм сӯзишворин дизелӣ сарф мешавад.

Ҳаҷми тои пахта, ки дар завод мебанданд, ҳатман бояд фалону фалон сантиметр бошад. Агар бараш, ё қадаш, ё баландии той аз меъёр ақаллан чанд сантиметр зиёд ё кам бошад, ҳангоми ба вагон бор карда, ба корхонаҳои дури бофандагӣ фиристодани он таносуби ҳаҷму вази вайрон мешавад, тойҳои ғайристандарт ҷой «медузданд» ва ин боиси бар ҳадар рафтани ҳазорон сӯмина маблағи давлат мегардад...

Вай ба шумо, мӯҳтарам Алихон, якта-якта гуфта метавонад, ки барои беҳтар кардани чарогоҳи тобистонии чорво чӣ тадбирҳоро ба амал татбиқ кардан лозим; тафтиши анбори корхонаҳоро чӣ тавр бояд гузаронид, то ки қубуру чӯбу тахта, рангу фулузот, шиферу симтӯр барин ҳазору як навъ ашёи аз меъёр барзиёд пинҳон карда ва аз муомилоти умум ҷабран хориҷ намуда, ба моли мийита табдил дода мондаи баъзе зотҳои худбин ошкор гардад.

Ӯ ба шумо нақл кунад, хоҳед дид, ки аз истгоҳи роҳи оҳан то ба киштзори расонидани нуриҳои минералӣ, ё то ба заводи чармгарӣ хушсифат расонидани пӯсти чорво низ ба сари худ як мустақили илми амалиро монанд аст.

Ҳа, ҳа, баробари таъин шудан ба вазифаи раиси комитети районии назорат барои Носир Аббос ноҳияи пахновари кору бору ташвиши тоза кашф шуд. Аввал якта-дута китобу рисола хондан кифоя кунад, рафта-рафта ғарам-ғарам адабиёти оид ба истеҳсолот, хусусан, китобҳои мушкилфаҳми техникиро мутолиа кардан лозим омад. Вай гоҳо соатҳои ёздаҳ-дувоздаҳи шаб ба ягон мутахассиси ошно телефон карда, баъд либос пӯ-

шида, дар ҳамон бемаҳалӣ ба назди ӯ тозон мерафт, ки аз мутахассис тафсилоти ягон масъаларо фаҳмида бигирад.

Лекин ин ташвишхо ҳарғиз боиси ғусса ва дилтангӣ нашудаанд. Баръакс, дониши тоза дили касро фараҳ мебахшад, ба як навъ изтироби гуворое меандозад. Ҳалли муаммое бошад, ҳамеша илҳоми нав меоварад. Асаби Носир Аббосро шиддат гирифтани кор не, шабҳои камхобӣ, маҷлисҳои пайдарпай, даводавии бенизому беохир ҳам не, балки хаёлу андеша тадриҷан таъсири номатлуб мерасонид. Андешаи беҳадду канор аз муносибати одамон ба кор, ба вазифаҳои ҷузъии имрӯза ва вазифаҳои умумию бузурге ки назди ҷамъият, назди мардумон истодаанд. Як рӯз ба назараш олам чун гулистон менамуд, дар ҷашми хаёл медид, ки чӣ сар то сари республика, чӣ берун аз ҳудуди он, чуноне ки мегӯянд, аз Мағриб то Машрик, одамон бо дили соф, аз рӯи виҷдон барои ҷомаи амал пӯшидани мақсади деринаи навъи башар заҳмат мекашанд.

Рӯзи дигар дунё ба назараш тира мегардад. Ана он шахс, мегуфт ӯ ба худ, ҷоплус аст, вале нуқси худро чунон устокорона рӯпӯш медорад, ки эроде гирифта наметавонӣ. Мана он найрангсоз дар ғами он аст, ки курсии маисабро аз тагаш нарабоянд. Сирру асрори Алибойро, мисол гирем, ҳама медонад, вале намегӯянд. Зеро биме доранд, ки фаразан тарафи Алибой дастболо шуд, Валибой, ки язнаи Алибой аст, ӯро аз амал маҳрум хоҳад кард.

Хайр, ин муаммои мушкили муҷаррадро як сӯ монеду боз ҳамон масъалаи «хурду ҷузъии» муносибат ба техникаи деҳотро бигиред. Тасаввур кунед, ки дар аксари хоҷагиҳои район маҷмӯи он дастурҳоро, ки як ҳиссааш нав зикр шуд, риоя намекунанд. Касе мошини колхозро, чуноне ки душманони сохти колхозӣ дар ибтидой солҳои сиюм мекарданд, надуздидааст, ба ҷарие тела надодааст, ё оташ назадааст. Аммо аз он ки қоидаҳои ҳифзи техника муроот нашудаанд, дар як бригада панҷ-шаш ҳазор сӯмина, дар миқьёси колхоз — панҷоҳ-шаст ҳазор сӯмина, дар ҳамаи район такрибан як миллион сӯмина зиён расидааст. Бале, фақат аз он ҷиҳат, ки дар ҷой фалон қисми трактор занг зада, аз кор баромадааст, дар маҳалли дигар резини ҷархро ҷабран пӯсонидаанд, дар қитъаи саввум як зоти ғалатӣ ба

бордони мошини пахтачинӣ карам, бор карда, ба кучое бурдааст ва ғайра.

Асное ки ин гуна мисолҳо, ҳодисаҳо дар маҷлиси комитет муҳокима мешаванд, ё дар «қарорҳои дахлдор» акс меёбанд, таърифи зайл мегиранд: «ба моликияти ҷамъиятӣ ғамхорона муносибат намекунанд».

Хӯш, ҳодиса дар «қарори дахлдор» зикр шуд. Вазифа ҳам муайян шуд. Лекин ҳамин гуна як норасоиро чанд бор ошкор кардан, чанд карат дар қарорҳои дахлдор номбар сохта, роҳи илоҷашро нишон додан лозим аст, то ки ягон вақт дар ҳақиқат ҳам он нуқс ислоҳ ёбад?

Чанд маротиба?

Оё духтур ба ин савол ҷавоб дода метавонад?

Фарз кардем, ки ин масъалаҳо аз доираи амали ӯ дуранд. Пас Носир Аббос мисоли шиностаре меорад: барои табобати одамоне ки ба касали тарбод, канд, дизентерия, сил, саратон, касалиҳои хун ва рӯҳӣ, бемории саръ гирифторанд, бо қарори махсуси ҳукумат ҳар сол маблағи иловагӣ ҷудо карда мешавад, ки ба онҳо доруи бепул ё арзон дода шавад. Вале аз нисф зиёди ҳамин маблағ сол аз сол истифода нашуда мемонад. Шояд духтури арҷманд донанд, ки чаро ҳамкасбонашон ба ин масъала ин тавр хунук менигаранд? Е ҳамкасбони Алихон сарфаҳм намераванд, ки ин нукта ба сиёсати инсондӯстонаи ҳукумат дар боби ҳифзи сиҳати мардум вобаста аст?

Не, хуб сарфаҳм мераванд.

Пас, гап дар сари чист?

Дар сари он аст, ки мо бояд на фақат бар муқобили муқобилон мубориза кунем, балки бо худи худамон, бо камҳавсалагӣ, коҳилӣ, бепарвоии худамон низ пайваста набард намоем.

16

Тахмин соатҳои дуи шаб оварданд ӯро. Шаби навбатдории Зевар буд, ки ҳар ҳафта боре такрор мешуд. Зевар ва санитарзан чароғи сақфро афрӯхта, аробачаро тела дода даровардaнд. Ҳама, ба ҷуз Қаримҷон-ака, бедор шуданд.

Ҳамсинни Иброҳимҷон менамуд бемор, вале паҳлавонҷусса буд: поҳояш аз аробачаи касалкашонӣ қариб ду вачаб берун баромада буд. Йигити зебоандоми мал-

ламӯе. Агар мавриди суханпардозӣ мешуд ва суханорое ҳузур медошт, дар ҳусни ӯ ҳар чиз мегуфт, меарзид.

Духтури ношиносе ҳамроҳ омад. Эҳтимол, навбатдори қабулгоҳи бемористон бошад, аз дил гузаронид Иброҳимчон. Аробачаро ба кати холӣ ҷафс карда, беморро бардошта ба рӯи он хобониданӣ шуданд. Лекин санитарзан ва Зеварро, ки ҳар ду аз як тарафи кампал мебардоштанд, ба ин кор зӯр нарасид.

— Худам мехезам, даст нарасонед, ҳозир мефароям,— мегуфт бемор.— Духтур, ба инҳо бигӯед, ки маро ба ҳолам бимонанд. Охир ман саду даҳ кило вазн дорам.

— Дусаду бист кило бошед ҳам, ором хобед. Ҷон мунозира нест ин ҷо! — сахт карда гуфт духтур.

Иброҳимчонро аз ин гуна муомилаи духтур, ки дар чеҳрааш аз чӣ сабабе норозигии хашмолуде хонда мешуд, тамом хоб гурехт. Акнун ӯ ба воқеа бо диққат назора мекард. «Модоме ки ҷунбидан намемонанд, дардаш хавфнок будааст», гуфт ӯ ба худ.

Аробача дар ҳолате ки дар болояш бемор мехобид, чанд дақиқа истод. Сипас марди лифтбон, санитарзани пости ҳамшафат низ омаданд. Панҷкаса шуда, беморро ба кампалу рӯйҷо печонида, ба кат кӯчониданд.

— Аз барои худо, хандаи кас меояд ба ҳамаи ин доругир,— хандакунон мегуфт бемор.

— Боз таъкид мекунам: гап назанед. Шумо...—духтур лаҳзае сухани муносиб наёфта, хомӯш монд ва ниҳоят илова намуд: — Шумо одами тарбиятдида менамоед-ку!

— Бубахшед, ман дигар хомӯш. Мисли моҳиён безабон, монанди қабристон — сокит.

— Шуд,— аз ташбеҳи дурушти бешафқати бемор рӯй турш карда гуфт духтур.

— Шуд, шуд, — тасдиқ намуд бемор ва дар воқеъ хомӯш гардид.

Духтур синаи ӯро бараҳна карда, ба садои дилаш гӯш дод. Набзашро шуморид. Ба санитарзан рӯй овард:

— Канӣ кардиограф? Қабати поёнро бинед, илтимос, зудтар биояд.— Духтур аз ҷой бархост ва пушт ба бемор гардонида, ба санитарзан наздиктар омада, такрор намуд: — Зудтар!

Духтур ва Зевар баромаданд. Каримҷон-ака имшаб пас аз ким-чи гуна сӯзандоруи оромибахш сахт ба хоб

рафта буд. Дигарон дар бистарҳои худ нишаста, ба бемори навомада, нигоҳҳои ҳамдардона меафканданд. Аммо худи бемор гӯё шоҳиди бетарафи намоиши тарабангезе бошад, пайваста табассум мекард, ба ҳар сӯй хушҳолона нигоҳҳо партофта, гӯё дар ҷустуҷӯи ҳамсӯҳбати муносибе буд.

Зевар шприци майдаи дору дар як даст ва порае пахтаи спиртолуд дар дасти дигар ворид гардид.

— Духтари зебо,— ҷавон боз ба гап даромад,— номатон чист?

— Зевар.

— Зевар. Ин чӣ маънӣ дорад ба точикӣ?

— Ҳамту, асбоби ороиш.

— Шуморо зеби дунё, ороиши рӯзгор гӯянд, меарзад.

— Бемор, ба шумо гап задан мумкин нест.

— Пештар мешунидам, ки духтарони кӯҳистон ҷамила мешаванд. Чаҳор рӯз инҷониб ба ростии ин гап бисёр далелҳо дидам. Ҳоло кавитарини онҳоро мебинам.

— Ба шумо, бемор, гап заданро манъ кардаанд.

— Дар олам бераҳмон бисёранд.

— Хоҳиш мекунам, хомӯш бошед. Сиҳат ёбед, ҳар қадар имконият бошад, сӯҳбат мекунем.

— «Имконият бошад...». Шумо балоча, Зевар. Хайр, ба ҳамин қадараш ҳам ташаккур.

Иброҳимҷон пай бурд, ки духтур ва Зевар ба бемор чӣ андоза хатарнок будани лаққиданашро бо мулоҳизаи маълум нагуфта истодаанд. Аммо аҷобати касалии ӯ дар ин буд, ки, аз афти кор, ранҷе ҳис намекард.

Зевар пас аз сӯзандору кардан ҳам ба андоми бемор чашмони шаҳлои аз бедорхобӣ хуморину боз ҳам фаттонтар гаштаашро дӯхта рост меистод. Ҳамин ки бемор лаб ба сухан кушоданӣ мешуд, ангушт ба даҳони худ гузошта, ишора мекард, ки хомӯш бошад. Зевари ҳамеша ҷиддиро ба ин дараҷа меҳрубон дидан ғалатӣ менамуд. Гӯё бо каси дигар бадал карда бошандаш. Одатан ҳадди касе набуд, ки онд ба хусну латофати ӯ ҳарфе бигӯяд, ақаллан кинояомез хушомад занад, берун аз он доирае ки ҳадди муомилаи ҳамшираи шафқатро бо дигарон муайян мекунад, ягон қадаме бигзорад.

Ҳамшираи кардиограф сандуқча ва як даста симҳои рангорангашро бардошта омада, нақши танҳо ба чаш-

ми духтурон аёни вазъи калби беморро бэ чанд газ ко-
ғазиннавор навишта рафт.

Боз духтур ва Зевар омаданд. Ба сари синаи бемор марҳами хардал бастанд. Чароғи рӯимизиро ба кати ӯ наздиктар оварда, чароғҳои сақфро хомӯш карданд. Иброҳимҷон муддате ба пичир-пичири Зевар ва сани-тарзанак гӯш дода, ба хоб рафт.

Саҳарӣ аз мӯлҷари ҳаррӯза бармаҳалтар бедор шуда, дарҳол ба кати мобайнӣ нигарист ва онро холӣ дид. Рӯйҷо ва сачоқи онро иваз карда, бистарро бо ҳавсалаи том тахту ҳамвор карда монда буданд.

Каримҷон-ака дар каташ набуд. Ивон-амак бошад, рӯи кати худ мисли мардумони шарқ чаҳорзону зада менишаст. Носир Аббос масти хоб буд. Иброҳимҷон ба кати холӣ ишора намуда, назари саволомез ба Ивон-амак дӯхт. Мӯйсафед ҳам бидуни он ки овоз барорад, бо сараш имо кард, ки «рафт». Ишораи ӯ ба иловаи вачоҳаташ он қадар возеҳ буд, ки ба «куҷо рафт?» гуфта пурсидан эҳтиёҷе надошт.

Чизе аз поёни сандуқи синаи Иброҳимҷон, аз паси шушаш гӯё ғел-ғелон омада, роҳи нафасашро банд намуд. Ӯ дарҳол рӯи бистар ёзид ва аз болои сандуқча нитроглицерин* гирифта, ба таги забонаш партофт.

Ивон-амак қариби пешин хабар оварда, ки зани марҳум ҳамроҳи падараш ва директори институти тадқиқотие, ки ӯ кор мекардааст, ба Душанбе расидаанд. Падари занаш генерал будааст. Генерал-лейтенанти қӯшунҳои ракетӣ. Ҷавони марҳум аз олимони болаёқати геофизика будааст.

Хосияти касалхона аст, ки сирри касе ё вокеае, ё нуктаи номафҳуме дер намепояд. Ё сабаб дар бекории аксари бошандагонаш аст, ё дар он аст, ки ҳисси ҳамдардӣ боиси авҷи мароқ ба ҳолу ахволи якдигар мешавад. Ба ҳар онна, дере нагузашта, маълуми умум мегардад, ки фалон бемори навомада кист, чикора аст, ба кадом дард, кай ва чаро гирифтор шудааст? Шавкмандон ҳатто ба осонӣ метавонанд бифаҳманд, ки шахсе ки ба назди фалон бемор ба аёдат меояд, кист, бо ӯ чӣ робитае дорад ва ҳоказо.

Ана бо ҳамин гуна роҳҳо маълум шуд, ки генерал ба ин зудӣ бо самолёти ҳарбӣ омадааст; ҳоло дар гӯшаи

* Аз дорухои фавранамалкунанда барои рафъи дикки нафас ва халаи дил.

дурдасти бемористон чанд нафар ҳамроҳони ӯ ҷасадро ба тобути фулузӣ андохта, омодаи сафар мекунанд.

Зардодхон бо аҳли палата мухтасар пурсупосе карду рафт. Хавоси ӯ низ парешон буд: «Фоҷиаи марди мусофир ба кораш халал расонид» ба худ гуфт Иброҳимҷон ва дарҳол ба ин мулоҳиза худаш зид баромад. Не, духтур одами некдили ҳассосест, дар чунин соат набояд дар ғами корубори хештан бошад.

Ба палата се кас даромад. Пешопеш — генерал, марди тахмин панҷоҳсолаи чорпаҳлӯи пуррабадан. Чашмони ӯ сурх ва лиқ пур аз ашк буданд. Дар чунин як рӯзи барояш маъшум оби дида рехтани ӯ ҳолати табиӣ буд. Бо вуҷуди он ба назари Иброҳимҷон, ки гиристани ҳарбиён, алалхусус генералро ҳеҷ гоҳ надида буд, ин манзара басе ҳузнангез менамуд.

Аз паси ӯ ҷавонзане ворид шуд, ки рӯи худро бо дастонаш пӯшида, пешпо хӯрда-пешпо хӯрда роҳ мегашт. Шахси саввум марди қадбаланди аспрӯе буд. Аз андомаш сивупанҷ-сивушашсола буданаш аён бошад ҳам, мӯи сараш сап-сафед. Аз гиребонк баргардони пиджаке ки беэътиноёна кат карда, рӯи дасти чап уреб партофта буд, нишони тиллоии лауреатӣ овезон буд.

Онҳо даме дар мобайни хона ба кати холӣ нигоҳ карда рост истоданд. Каримҷон-ака, Ивон-амак курсиҳоро аз гӯшаҳои палата оварда, дар атрофи миз гузоштанд ва омадагонро ба нишастан таклиф карданд.

Генерал оҳи бадарде кашид, пас ба сақфи хона чашм давонида, бо овози ларзоне гуфт:

— Соати охирини фарзанди моро шумо дидаед... Қаме нақл мекардед...

Дар палата хомӯшӣ ҳукмрон шуд.

Ҷавонзан ноҳост бо овози баланди чигархарош ҳойҳой гирист. Падараш оринҷи ӯро фишурда, ором намуд ва боз аҳли палата муроҷиат кард:

— Шояд ягон чиз гуфта бошад? Васият... — давоми гап дар гулӯяш печид.

Боз муддате сукут ба миён омад. Дар таги дар духтур Зардодхон бо сари хам ба паҳлӯдарӣ такя карда меистод. Дар дасташ ким-чи гуна коғазҳо буданд, аз афташ, нусхаи таърихи бемории марҳум, справкаҳои лозима, ки дар ин маврид одатан ба мукарработи марҳум медиҳанд.

— Писаратон фақат механдид, шӯхӣ мекард,— гуфт Носир Аббос ниҳоят. Ба Иброҳимҷон «домод» нею

маҳз «писаратон» гуфта мурочиат кардани ӯ маъқул афтод.— Мо фақат як соат шоҳиди зиндагии ӯ будем. Вай аз ҳоли худ хабар надошт, ба хаёлам. Фақат шӯҳи мекард. Агар ин фочиа амри воқеъ намебуд, касе бовар намекард, ки ҳамин ҳел як паҳлавон-йигит аз ҳаёт баноҳост мерафта бошад.— Пас Носир Аббос гӯё ҳамаи захираи суханро тамом карда бошад, такроран гуфт: — Фақат механдиду шӯҳӣ мекард.

Генерал сар аз хаёл бардошта, ба чониби Иброҳимчон назаре афканд. Иброҳимчон низ чизе гуфтан мехост, аз киёфааш падидор буд, ки ба анчоми накли ҳамхонааш мунтазир аст. Лекин гуфта натавонист. «Мебахшед, ман сонитар...» зери лаб ғурунгос зад ӯ, гӯё дӯстони марҳум дар воқеъ имкон дошта бошанд, ки чанд соати дигар ба накли ӯ нигарон нишинанд.

Ивон-амаки бофаросат мусофиронро бо имо ба долон даъват карда баровард.

— Он чо як гӯшаи ором хаст. Рафтем, бародар, ба шумо боз баъзе чизҳо мегӯям, — ваъда дод ӯ.

Мусофирон, ғайр аз зани марҳум, бори дигар барои хайрбод омаданд. Олими аспрӯи сафедмӯй ҳамчунон ҳарфе намегуфт. Нигоҳи чашмонаш гӯё шах шуда буд.

Оре, ҳифзи оташ на ҳамеша муяссар мешудааст, аз дил гузаронид. Иброҳимчон ҳикояти Носир Аббосро доир ба охирин гӯгирддона ба ёд оварда. Ва хаёлаш ба воқеаҳои собиқа рафта, намоиши расмҳои як рассоми хориҷиро пеши назар овард, ки дар Эрмитаж* дида буд. Рассом ба чаҳор тахтаи мураббаи матои катонӣ расми чаҳор дона гӯгирдро кашида буд. Гӯгирди аввала нав буд, сараки лӯндаи доруолудаш андаке чило медод. Донаи дуввум хамин ҳоло оташ гирифта буд ва алаваш ба шакли оташи таркиш ба ҳар сӯй забонаҳои тез ёзонида буд. Донаи саввум то нима сӯхта, аз донаи чаҳорум танҳо ангиштаки борике боқӣ монда буд, ки камонсон кат шуда буд.

17

Хавоси ҳама парешон буд. Хӯрок аз гулӯяшон базӯр мегузашт. Алихон, ин табиби хушфахм низ ба сӯҳбат наомад. Гуссаю андӯҳ аз марги шахс, якин, на фақат вобастаи риштахои дӯстию рафоқат будаанд, фикр ме-

* Музеи давлатии санъат ва таърих дар Ленинград.

кард Иброҳимчон. Вагарна фавти он йигит ба онон ин қадар таъсири амиқ намегузошт. Чӣ сабаб буд, ки онҳо ба ин дараҷа ғамгин шуданд? Эҳтимол, чунин ҳолат, ки марди мусофир ҳанда дар лаб аз олам бигзашт. Эҳтимол.

Иброҳимчону Ивон-амак ба долон баромаданд. Қариб дуртар аз онҳо мӯйсафеди лоғари кӯсаи намозхон менишаст ва зери лаб вирд мегуфт.

Аробачаеро санитархо аз он канори долон, аз канори ба дарунтари ҳавлӣ даромадарафтаи бино кашолакунон омаданд ва дар пеши палатаи киччаки ба рост тоб хӯрда, сӯи лифт равон шуданд. Рӯи аробача бо рӯйчои сафед пӯшонида шуда буд. Бемор зинда мешуд, рӯяшро кушода мемонданд. Пас ҷасаде он ҷо мехобид: аз таги суфи тунук тарҳи пои лоғар ва теғаи тези биниаш аён шуда меистод.

— Имрӯз чӣ бало шуд? Болои ҳам ду мурда аз як шӯъба,— абрӯ гирех карда гуфт Ивон-амак.

Чӣ бало мешуд? — дар дил ба ӯ чароб гардонид Иброҳимчон. Ин ҷо бемористон аст, фариштаи аҷал доимо дар такопӯю парвоз аст.

Асрори азалро на ту доняю на ман,
В-ин харфи муаммо на ту хонию на ман,
Хаст аз паси парда гуфтугӯи ману ту,
Чун парда дарафтад, на ту монию на ман.

Хайём фармудааст.

Мӯйсафеди кӯса гӯё барои тасдиқи андешаҳои Иброҳимчон пичир-пичирашро қатъ намуда, ба ривоят даромад. Ҳар чанд Иброҳимчон дар паҳлӯи рости Ивон-амак менишасту аз ӯ дуртар буд, мӯйсафед маҳз ба ӯ рӯй оварда гап мезад:

— Парвардигор ҳазрати Ҷабраилро ба замин фиристод. Гуфт, ки фалон бандаам пир шуд, дигар мадори ҷунбучӯл надорад, ҷонаша гирифта биё. Ҳазрати Ҷабраил омаданд, ба афту андому ҳолу аҳволи он пирамард нигоҳ карданд-нигоҳ карданду рахмашон омад. Баргашта ба худованд гуфтанд, ки не, ман ҷонситон намешавам. Сонӣ, садкан номи покаш шавам, парвардигори раҳмону раҳим ҳазрати Микоэлро рохӣ кард. Он зоти азиз ҳам ба ҷон гирифтан ҷуръат карда натавониста пас гаштанд. Ана баъдаҳу оллоҳи таоло ҳазрати Азроилро чеғ зад. Он кас ҳам ба замин фаромаданду гашта омада «не» гуфтанд...

Аҷаб парешонхотиранд ровнёни афсонахои бостонӣ, аз дил гузаронид Иброҳимҷон. Афсонаеро мебофанду намегӯянд, ки аз ҳоли мантиқ ҳам бохабар бошем. Дар ҷое мегӯянд, ки худованд муқтадир аст, сфаридагонаш на фақат аз фармони ӯ сар печида наметавонанд, балки ҳаққи бахсу мунозира надоранд. Дар ҷои дигар мегӯянд, ки фалон ҳазрат аз иҷрои амраш гардан тофт, фалону бехмадон гуфта, маҳмадоной кард. Шайтон бошад-ку парвардигорро дар ҳар қадам мулзам мекунад, ранҷ медиҳад, ҷунон ки Ҳоҷа Насриддин шохону амирон, боёну вазиронро ҳандаҳариш менамуд...

— «Ҳама не гуфтанд, ту набояд ин тавр кунӣ!» — қатъӣ гуфт худои таоло,— наклашро идома медод мӯйсафед.

— Не! Не! — гарданшахӣ мекарданд ҳазрати Азроил.— Ҷаро ҳамаро ба як чашм намебинӣ эй худованд! Ҷаро дигар малоика бо кори ҳайр машғул мешудаанду мани шӯридабахт бо ҷонситонӣ? Онҳо ба сарашон шоҳ доранд? Ҷаро маҳз ман ба гандагӣ шӯҳрат меёфтаам?

Худованд гуфт:

— Қорат набошад, дӯстам. Ту аз масъулият натарс, аз таънаю маломат ибо макун. Худам коре месозам, ки ҳеҷ кас чон дода, аз ту домангир нашавад. Ба сари яке, масалан, девори кӯҳнаро тела медиҳам, дигареро ба об ғарқ мекунам. Заминҷунбӣ, тарма, сел, тӯфон, ҳазор навъи касалӣ, боз лаки дар лак баҳонаи дигар ёфт мешавад.

— Рост, баҳона мӯл,— ба гап ҳамроҳ шуд Ивонамак.— Авариян автомобиль, таркиш дар лабораторияҳои тадқиқӣ...

— Ҳа-а бале, ҳамин гуфтаҳои шумо ҳам ба сабаби аҷал медарояд,— истилоҳоти душворталаффузи Ивонамакро айнан такрор карда натавониста, ба ин тариқа хулоса баровард пирамард:

Зевар Иброҳимҷонро фарёд кард, ки ба кабинети процедура биравад.

Шомгоҳон ҷӯраи Носир Аббос омад. Ин ду нафар, ки мулоқотҳояшонро аксаран бо мубоҳисаю мунозира мегузаронданд, он рӯз хомӯш менишастанд. Фақат гоҳе ки ҷӯрааш аз чой бархоста, хайрухуш мекард. Носир Аббос аз касали сернозу ғавғо шикоят намуд:

— Такаббураш ҳамаро ба дод овардааст. Мард маъно ҳам ин хел сернозунуз мешавад? Тавба, зани ягон подшоҳ барин инҷикиаш. Дар ҳамин ҷо ҳам аз мансаб

истифода мебарад. Наход илоҷе набошад, ки нӯхтааширо андак кашида монанд?

— Кӣ будааст? — пурсид ҷӯрааш.

Ивон-амак бо майли тамом хеста, ба он канори шӯъба бирафт ва дере нагузашта, аслу насаби он зотро фаҳмида омад. Ҳангоми адои ин супориш комати Ивонамак, хусусан китфи качаш росттар шуда буд. Ҳм, китфи мӯйсафед, гӯё гувоҳи вазъи кайфияташ аст, мегуфт Иброҳимҷон. Табъаш андак равшантар бошад, качии китфаш фақат саҳле аён мешавад, димоғаш сӯхтагӣ бошад, он ба мисли манҷаники сари чоҳи об ба назар яктарафа метобад.

Ҷӯраи Носир Аббосро ҳамагӣ гуселонидаанд. Хатто Иброҳимҷон аз ориҷи Ивон-амак дошта, оҳиста-оҳиста то ба лаби зина рафт. Дар дили ӯ низ ба ин марди фурӯтани ботамкин, ки аз одамони обрӯманди диёраш буду дар рафтору гуфтори ӯ аз калоншавандагӣ нишонаҳои нозеб зоҳир намешуд, меҳре накш баста буд.

* * *

Ҳама хис мекарданд, ки бояд тадбире андешид, то ин вазъияти ғамафзои пуршиддат бартараф гардад. Кӣ адо хоҳад кард ин вазифаро? Бояд, ки калонсолон кунанд. Ивон-амак ё Носир Аббос.

Андреевич назди тирезаи тарафи боғи шаҳр рӯи курсӣ нишаста, ба хаёл рафта буд. Боди тунде мевазид, қатраҳои дар рӯи баргу навдаҳои тозаи дарахтон андармон шударо меафшонид. Пардаҳои тунуки тирезаҳои палатаро, ки бо камарбанде аз миён баста шуда будаанд, чун бодбони завраққо аз ҳаво пур карда, алвонҷ медод.

— Марги йигити баркамол гарон аст,— хаёлолуд гуфт Андреич ба касе рӯй наоварда. Ҳарчанд дар бемористон ҳаёту мамот ҳамеша ҳампаҳлуи якдигаранд, марги марди тануманд ӯро низ сахт мушавваш карда буд.— Лекин марги муфоҷот даҳчанд гаронтар. Дар умри дарозам марги муфоҷотро басе дидааму боз дили зормонда одат намекунад, ки намекунад Хусусан дар майдони ҷанг.

— Марг дар майдони ҷанг марги ногаҳонӣ намешудагист, Андреич? — эътироз кард Носир Аббос.

— Ногаҳоннаш ҳам мешавад, муаллим.

Каримҷон-ака аз кайфияти пирамард қабл аз ҳама

огоҳ мегардид. Вай кариб ҳар рӯз ба ӯ мечакид, ки аз саргузаштҳои ҷангиаш, аз воқеоти дидаву шунидааш ҳикоят кунад. Ҳоло низ пай бурд, ки Ивон-амак бидуни илтимоси касе чизе гуфтанист, номаълум аз бистар бархоста, ба наздиктари муйсафед рафт ва дар пойгаҳи кати ӯ нишаст.

Онҳо аз як маҳал, аз як корхона, ки дар он айём заводи асл меномиданд, се кас ба фронт рафта буданд. Ивон-амак ва бародарон Хасану Ҳусейн. Ҳусейн додари ҳамон Хасан Абдуллоест, ки ба аёдташ меоянд. Бародарон аз Ивон-амак ҳашт сол хурд буданд, дар пеши назари ӯ калон шуданд, дар таги дасти ӯ кор омӯхта, ба вояи расиданд.

Ҳар се дар як қисм хизмат мекарданд, лекин баъди муҳорибаи нахустин Ҳусейнро ба ротаи махсуси разведка гирифтанд. Вай соати холӣ, ки дарёфт, ба назди бародаронаш меомад. Чанд дақиқа чак-чак карда бармегашт. Ӯ барои шуҷоат кайҳо як орден гирифта буд.

Деҳаи Прохоровка ба таърихи Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар қатори шаҳрҳо, қалъаҳо ва деҳоти қаҳрамон дохил шудааст. Дар ҷангҳои хунини моҳи июли соли 1943 дар ҳалқаи Курск-Орёл ном баровардааст.

Дар назди ҳамин деҳа як ДЗОТ-и* немис пешрафти батальони онҳоро ба таъхир меандохт. Вай дар сари теппае, дар мавқеи дидгоҳаш фарохе ҷой гирифта буд ва аскарони моро имкони аз хандақҳо сар баровардан намедод. «Пешонии» он аз қабати якунимметран оҳану бетон сохта шуда буд ва ба он на гулӯлаи тӯпу мина асаре дошт, на бомбаҳои авиационӣ.

Командири батальон дар ҷамъомади мухтасари шабонаи фармондеҳон бо андӯҳ мегуфт, ки чаҳор танк ба он ДЗОТ расида натавониста нобуд шуд. Ҳама медонистанд, ки танк чи гуна аслиҳаи гаронбаҳост. Лекин командир ҳаргиз гуфтанӣ набуд, ки танк аз ҷони одам қиматтар аст. Вай, зимнан, гуфтан мехост, ки танки пӯлодин ба оташи тӯпи ДЗОТ тоб оварда натавониста бошад ҳам, инсон, ҷанговари ҳарбдида, қодир аст аз шуҷоат, хирад ва фаросати одамӣ зиреҳи мустаҳкамтаре сохта, бар он манбаи ақал зафар ёбад.

Аммо боз кӣ меравад? Даҳ нафар ҷавонмардони ротаи Андреич ва ротаҳои ҳамшафат дар ин роҳ ҷон фидо карданд.

---

* Истеҳкоми зиреҳпӯши тирандозӣ.

Моҳи июль дар кишварҳои маркази Россия соати сеи саҳар рӯз равшан мешавад. Ана дар ҳамин соат дар ҳандаки онон Ҳусейн пайдо шуд. Командири батальон пешопешаш меомад. Ҳусейн мисли ҳарвақта ором менамуд, вале чашмонаш аз кадом як андешаи ниҳонӣ барқи ифтихоромез мепошидаад.

— Андреич, Ҳусейн Абдуллоев ба ДЗОТ меравад,— гуфт комбат.— Фармони подполковник.

Ивон-амак гоҳ ба Ҳусейн бо тааҷҷуб менигарист, гоҳе ба командир ва Ҳасан, ки низ бедор шуда, ба назди онҳо омада буд. Бо тааҷҷубе ки бо ҳисси хичолат омезиш ёфта буд. Охир, ДЗОТ, ба ҳар ҳол, дар рӯбарӯи ротаи онҳост, дар минтақаи онҳост. Илочи онро ёфтан пеш аз хама вазифаи онҳост. Лекин Ҳусейн омадааст, ки танашро барои онон сипар кунад. Ивон-амак хуб медонист, ки ҳамин ки вазъият танг шуд, аз ротаи махсуси разведка ба кӯмаки ёрон дастае мерасад. Вале чаро маҳз Ҳусейн омадааст?

— Аз ротаи худам кас мераваад, рафиқ комбат,— қатъӣ гуфт Ивон-амак.— Ҳамин пагоҳӣ як илоҷ мекунем. Даҳони ДЗОТ-ро мебандем. Худам меравам.

— Гӯш кун, Андреич,— сахт карда гуфт комбат.— Ба ту гуфтам-ку, ин фармони подполковник аст. Мо ба пешат барои мунозира наомадаем. Ҳусейн аз ту як илтимос дорад. Гранатаи ту ба вай даркор будааст.

— Андреич, гранатаҳои италиёвӣ доред. Дар блиндажатон худам дида будам,— гуфт Ҳусейн.

Рост мегуфт. Андреич аз рӯи одати деринааш, ки ҳанӯз аз ҷангҳои замони инқилоб монда буд, аз ақибгоҳи ҳариф, ё майдони партофта гурехтан ӯ ҳар аслиҳаи ба назараш писанд афтодаро кашолакунон меовард. Рост, ӯ дувоздаҳ дона гранатаи италиёвӣ дошт. Гранатаи италиёвӣ дастадарози ноҳинҷор мешуд, аммо бо вуҷуди ин назар ба гранатаҳои дар таркиш басо пуриктидор ва дар сохт бисёр шинаму базеби худамон, рости гап, як бартарӣ дошт, ки шаддаи онро ба миён баста, рӯй-рӯи замин ҳазидан нисбатан камхатар буд. Рӯй-рӯи замин баробари пайкари сарбоз кашола шавад, танааш сад бор ба хошоку буну бутта, санғу кулӯх расад ҳам, ба осонӣ наметаркид, хавфнок набуд.

Сафари Ҳусейнро ҳаман тирандозони батальон, ҳаман батареяҳои артиллерии онон дастгирӣ мекарданд. Вақте ки ӯ аз ҷуворипояи кайҳо помол ва хокаш бодшуда гаваккашон мегузашт, тирборони ҳамаи автомат

ҳо, туфангҳои танкзан, миномёт ва тўпҳои сабуки батальон ба даҳанаи оташфишони ДЗОТ-и фашистон мерехт ва муваққатан онро ба хомўшӣ водор сохта буд. Аммо ДЗОТ бо ин ҳама бо фосила тири марг мепошид.

Пурхатартарин қисми роҳи байни хандақҳо ва ДЗОТ тахмин сӣ қадам майдоне буд, ки мисли кафи даст ҳамвор менамуд ва ақаллан ягонта чукурӣ ё теппаяки паноҳгоҳе надошт. Хусейн ба канори ҳамин тахтмайдон расида, ногоҳ ҷаста бархост, қачмакачак пеш давид ва аз чаҳор се ҳиссаи масофаро тай намуда, ба замин афтод ва ғелғелон боз чанд метр онсўтар рафт. Аксари онҳое ки ҳаракати ӯро аз дур муоина мекарданд, карор доданд, ки ӯ ҳалок шуд ва он чанд карат ғелиданаш аз шасти пешинаи тохташ буд. Хасан ба таги хандақ нишаста, ба гиря даромад. Комбат чашм аз телескоп канда, навмедона даст афшонид. Дар воқеъ бо дурбин баръало дидан мумкин буд, ки Хусейн ба чаҳор тараф дасту по ёзонида, рўболо бехаракат мехобид.

Баъдтар ӯ ба бародарон ва рафиқонаш нақл мекард, ки чун ҳис кард, ки пас аз охирин бор ғелидан аз диққати ДЗОТ, аз доираи тиррас берун шуд, ба шукронаи гузаштанаш аз арсаи ачал осмони софи Ватанро дақиқае тамошо карда хобид. Бо ихтиёри худ, дидаю дониста, ба хар тараф кўдаквор дасту по ёзонида мехобид, то ки тапиши дилаш сахле фурў нишинад, то ки барои ҳаракати минбаъда дар хаёли худ нақша бикашад.

Сонӣ ба ёди ӯ расид, ки дили рафиқон, командиронро бехуда барошуфта, ин чо бахузур мехобад. Бокимондаи рох бехатар буд. Ў гаваккашон ба сари теппа ва аз он чо ба боми дўнги ДЗОТ баромад. Рост бар болои сўрохи дарозрўяи истеҳком хазида омад. Аз он сўрохӣ аз милан як тўпи танкзан ва ду пулемёти вазнин жоласон тир меборид. Дуди тези борут димоғро метарконид.

Хусейн якта гранатаро аз дастаи дарозаш дошта, ба даҳони ДЗОТ ғурронид. Таркиш ба аъзои баданаш чунон мерасид, ки ӯ гўё себаки сабукесту рўи лаълпе гузошта аз таг бо мушти корӣ мекўбанд. Оташфишонӣ катъ гардид. Аммо ҳисси шодмонӣ ҳанўз ба шуураш нарасида, пулемётҳои душман боз ба кор даромаданд. Хусейн қадаме ба чап хазида, боз граната ғурронид. Баъд ҳар замон чӯй нваз намуда, паси хам гра-

ната мепартофт. Дами пулемётхо ва тўпи танкзан кайҳо ба дарун афтода буд, вале ӯ ҳамчунон бо фосилаи муайян гранатаҳои дастадарози Андренчро ба камингоҳи фашистон мепартофт.

Хамон рўз эълон шуд, ки номзади Хусейн Абдуллоев аз тарафи фармондеҳи дивизия ба гирифтани ордени дуюм пешниҳод шудааст. Ордени саввумро Хусейн барои диловарӣ дар акибгохи душман гирифт. Вале дере нагузашта, марг ўро аз байни дўстон бирабуд. Чавоне ки даххо маротиба аз вартаи халокат мардона гузашта буд, дур аз пешхатти фронт, дар лаби наҳри хушманзаре, дар соати ороми дамгирии полк ҳалок гардид. Ва Андренч дар марги ӯ худро гунаҳгор медонист.

Хусейн мисли ҳарвақта ба назади онхо ба меҳмонӣ омад ва Ивон-амаку Хасан спирти захиракардаашонро бароварда, секаса нўшиданд. Хама сархуш шуданд. Хусейн ба ёдоварии ватанаш, ҳусни диёраш сар кард. Зебоиҳои наҳри Қофарниҳонро, ки овони кўдакӣ ва айёми шабобашро дар соҳилҳои дилкушои он гузаронидааст, тавсиф намуд ва нохост гуфт, ки ба наҳр рафта оббозӣ мекунад. Сўи наҳр тозон мерафту ба минаи дар марғзори соҳил тасодуфан боқимондаи немисҳо бархўрда ҳалок шуд. Мисли он паҳлавон йигити хамин шаб фавтида, барбехуда, бемаҳал, ногаҳон ва пурфочиа ҳалок шуд.

Агар Андренч онҳоро шаробнўшӣ намемонд, шояд он фочиа рух намедод ва ҳоло ба иазди ӯ ҳар ду бародар ҳамроҳ меомаданд. Майнўширо, дар соати дамгирии қисмашон каме дилхушӣ карданро маҳз Андренч ташвиқ карда буд.

Бародаронро ба ҳам мукоиса кардан хуб нест, ҳатто эҳтимол, хилофи одоб ҳам бошад. Лекин ӯ чунин андешаеро аз сар дур карда наметавонад, ки Хусейн аз бародараш хеле тафовут дошт. Ва на танҳо дар ҷасорат ва мардонагӣ...

Ҳаво торик шуда буд. Боди тунди кўтохнафаси баҳорон ҳоло суст мевазид.

Аз алангаи машъалаи ҷовидон дар сақфи палата партави ҳамворе афтода буд.

— Забонаҳои ҳамин машъала,— гуфт Ивон-амак бе он ки ба сомеонаш рўй оварад, — гоҳо ба пеши чашмам ҳамон оташеро меоранд, ки аз мили автомати йигитҳои ҷавонмарг шарора пошида мебаромад. Гоҳо ба назари

хаёлам доги забонашакли хуни сурхеро меорад, ки мани сарсахт дар рӯи синаи ёру дӯстони шахидшудаам бисёр дидаам. Ёрони курбоншудаам... ҳам дар ин ҷанг... ҳам дар он муҳорибаҳо...

Овози мӯйсафед ларзид.

Иброҳимҷон дар ҳавои нимторик ба пайкари Ивон-амак нигоҳ карда, болои каташ ноҷунбон менишаст. Носир Аббос ҳам намеҷунбид, гӯё нафас ба дарун кашида буд.

Қаримҷон-ака оҳи сарде кашиду аз рӯи миз хумчойникашро бардошта ба дар рафт. Пас аз муддате чой оварда, ба Ивон-амак бо оҳанги узрхоҳона «ман чорӯро даргиронам» гуфт ва хонаро равшан намуд. Сипас аз ориҷи мӯйсафед навозишкорона дошта, ӯро ба сари миз нишонид ва бо овози нарми хузнолуд гуфт:

— Хезед, ҷӯраҳо, як пиёлагӣ чой нӯшем.

Ҳарчанд ба ҳама муроҷиат мекард, лекин асосан дар гирди Ивон-амак парвонасон чарх мезад. Нону ширинию меваҳоро ба наздиктари мӯйсафед тела дода, ба пиёлаяки эркаи афғонаш маҳз ба пирамард чой рехта медод.

Иброҳимҷон бо ҳайрат аз худ мепурсид, ки чаро ин мардак, ки худ даҳшатҳои ҷангро дида, аз ҳафтод маҳалли хунрезиҳо безор шуда омадааст, ба наклу ривоят дар бораи ҷангу ҷидолу ҳарбузарб ин қадар марок дорад? Ин одамро ошу нон надиҳеду аз воқеоти ҷанг накл кунед. Ихтилоти табиати одамиро тамошо кунед, ки дар муомила ва муошират ин қадар марди ҳалим, фурӯтан ва меҳрубон асту шуғли маҳбубтарини ӯ шунидани қиссаи ҷанг ё қироати ҷангнома.

— Дар маҳалдаи Иброҳимҷонино сартароши пире ҳаст. Вай баъди аз ҷанг баргаштан ҳатто дар пьеса ё фильме ба тирандозии артистон нигоҳ карда наметавонистааст. Боре писаронаш ӯро ба кадом фильми мазҳака кашола карда бурдаанд. Мӯйсафед ҳам «мазҳака бошад, одамкушӣ намешавад» гуфта, ба тамошо розӣ шудааст. Лекин он фильм аз кабили мазҳакаҳое будааст, ки қаҳрамононаш ҳамдигарро таъкиб карда, росту дурӯғ тирандозӣ мекунанд. Пирмард худи ҳамон дам аз толори нимторик баромада кандааст.

Рост, дар олам чӣ миқдор одам бошад, ҳамон қадар навъи одамизод ҳаст ва ҳар кадоми он бори хотироти рӯзгорашро ба тарзи худ бардошта мегардад.

Лекин бонси муносибати илтифотомези хозиран Каримҷон-акаро танҳо дар шавки ӯ ба хикояҳои фронтӣ дидан галат мебуд. Ӯ ба алами тозагаштаи мӯйсафед бо эҳтиром ва самимона ҳамдардӣ мекард.

Иброҳимҷон ҳам дар қатори ҳамхонаҳо ба сари миз нишаст. Аз наздик возеҳтар дида мешуд, ки пилки чашмони пирамард сурх шудааст.

18

Духтур омад, ҳамаро аз як сар дид, санҷид, вале ҳарфе нагуфта рафт. Гарчи барои ором, ҳатто қадаре хушҳол вонамуд кардани худ мекӯшид, хотираш мушавваш менамуд.

— Дар кораш нохушие рӯй додагӣ,— изҳори акида кард Ивон-амак, ки сирдони Алиҳон ҳисоб меёфт ва дар воқеъ аксари андеша ва гумоноҳояш тасдик мешуданд,— Гӯри бетакотук нест, кори беғалуғиш.

Қаримҷон-ака пеши сандуқчаи чизмонакаш диккак нишаста, «Шоҳнома»-ашро баровард. Пас мисли ҳардафъаина аз таги тирезаи равшан бахузур чой гирифта, айнак ба чашм гузошт ва акнун ба қироат оғоз кардани буд, ки Иброҳимҷон гуфт:

— Қаримҷон-ака, аз шумо як илтимос.

— Ба чону дил, додар,— дарҳол ҳалимона ҷавоб дод ӯ.

— Шумо одами нағз. Ба худо, бе рӯйбинӣ мегӯям, ба ман бисёр маъқул...

— Хӯш, хӯш. Ҷудо болобардор кардед-ку.

— Ҳушёр шав, Қаримҷон,— лукма партофт Ивон-амак.— Ҳозир аз осмон гирифта, ба замин мезанад ин писар.

— Не, Ивон-амак, ман аз Қаримҷон-ака як чиза хоҳиш кардани ҳастам.

— Хӯш, хӯш. Ҷудо болобардор кардед-ку.

— Илтимос ҳамин, ки асли ин китоба хонед. Яъне худи «Шоҳнома», достони манзуми шоира. Чунки ҳеҷ шарҳу тафсиру дигару дигар нусха ба аслаш баробар шуда наметавонад. Як худи савти мисраҳояш, оҳанги баёнаш — кони лаззат, олами ҳаловат, — ӯ даме тавақкуф намуд, баъд боз суханашро давом дод: — Албатта, хондани аслаш назар ба ин нусхаи насрӣ мушкилтар. Лекин одат мекунед. Саводи форсиатон хуб будааст.

Қаримҷон-ака гаранг ва дудила шуда, ба Носир Аб-

бос чашм дӯхт, зоҳиран, фикри ӯро дар ин хусус фаҳмидан мехост. Носир Аббос аввал хомӯшона ба аломати тасдиқ сар ҷунбонид. Иброҳимҷон ҳақ аст, мегуфт ваҷоҳати вай.

— Шумо наранҷед, Қаримҷон-ака,— пас гуфт ӯ,— лекин дар нусхае ки дар даст доред, бузургтарин осори назми ҷаҳониро хор кардаанд. Ин нусха мисоли... шаммаи чой, мисли... лимӯест, ки шира ва шарбаташро мақида партофтаанд. Ҳатто аз он ҳам харобтар, Қаримҷон-ака, чунки дар шамма ва пӯсти лимӯ ақаллан андаке аз бӯи хуш боқӣ мемонад.

Қаримҷон-ака китобро пӯшида, ба ҷояш бурда монд ва дар ҳолате ки аз чашм гирифтани айнакро фаромӯш карда буд, ба кати худ ёзид.

Некӣ мекунам, гуфта, гоҳо бегуноҳеро меранҷонӣ. Иброҳимҷон аз карда пушаймон гардид. Маҳмадоной шуд-дия, арвоҳ занад. Аз ёд бурдааст, ки гапҳои сахту сухт, эродҳои дабардӯққии ӯро бечора Қамар мебардорад, бо нозунузаш бародараш Ҳамроҳ Олимӣ токат меоварад.

Хайр, боке нест. Палатаи онҳо палатаи экспериментӣ, яъне таҷрибавию тадқиқӣ будааст. Онҳо ин ҷо ҳам табобат, ҳам обутоб меёбанд. Ивон-амак аз ҷангҳо қисса мегӯяд. Носир Аббос — аз ҷанҷолу кашокаши касбу кораш. Қаримҷон-ака ҷангнома мехонад. Дина дар пеши назарашон як йигити нозанин ҳайф шуд.

Оре, ин ҷо онҳо бояд обутоб хӯранд, ба қавли Алихон, ба идомаи талошу набарди зиндагонӣ омода шаванд, ба худ таъкид кард Иброҳимҷон ва дарҳол симон ғашовари прораби олуфтаи сохтмони Хиромон пеши назараш омад. Қиёфаи ҳамон худорои густоху беҳаё, ки муомилаи сард, ҳатто таҳқиромези Хиромонро дидаю дониста, даст аз тамаллуқ ва тамаъ барнамедорад.

...Ӯ кори худро анҷом дода, ба қарибии сохтмони Хиромон омада, дар масофае аз коргоҳи ӯ андаруни «Москвич» роҳи дилбарашро поида менишаст. Ба худ нақшаҳо мекашид, ки ҳамин ҳоло занги кран баланд шуда, аз хотимаи рӯзи кор мужда медиҳад. Ним соати дигар, не, бист-бисту ду дақиқа мегузараду дилбараш меояд. Ӯ таклиф мекунад, ки савори мошин берун аз шаҳр бираванд. Он ҷо фурсати мусоид ёфта, дарди дили хештан изҳор медорад. Бо хаёли висоли ӯ шабу рӯзҳои дароз зистанашро мегӯяд. Мегӯяд, ки ҷамоли дилафрӯзи дилбараш як он, ягон лаҳза аз пеши чашмонаш дур намеравад. Боз мегӯяд, ки ҳаёту мамоти ӯ акнун ба вуҷуди Хиромон, ба майли ӯ, ба як сухани илтифотосори ӯ вобаста аст.

Агар ин гапҳоро бигӯяд, ӯ ба самимияти эҳсосоти Иброҳимҷон дигар шубҳа нахоҳад кард. Он гоҳ доғи тирае, ки аз разолати як тоифа сияҳқалбон дар ибтидои ҳаёти онлавиаш дар шуури ӯ нишаста буд, тадриҷан зудуда хоҳад шуд, он захме, ки аз фоҷиаи шавҳар дар замири дили ӯ маскан карда буд, шифо хоҳад ёфт.

Дар банди хаёл буду ҳар замон аз дур ба дарвозаи шалақи сохтмон, дарвозаи мошину механизмҳо зада-зада яклабаю афтор карда менигарист. Хиромон ҳамроҳи ҷавонзане намудор шуд. Аз афташ, ҳамон гилкорзане, ки Иброҳимҷон ӯро ҳамроҳи Хиромон дар ошхона, дар таги дари идораашон борҳо дидааст. Танҳо набаромад-дия, бо таассуф аз дил гузаронид ӯ. Ҳар ҷо ки сангест, пеши бузи лангест. Ҳар сафар монеае ёфт мешавад, ки мулокоти онҳоро халалдор мекунад.

Хандаи баланди масруронаи дугонаҳоро шунида, боз ба он сӯй нигарист. Ҷавонзани гилкор хандон-хандон Хиромонро ба самте, ки мошини Иброҳимҷон меистод, нарм тела доду худ тез-тез роҳ гашта, ба канори дигари кӯча гузашт.

Лекин Хиромон даҳ қадам нагузошта, аз паси хонаяке прораб баромад. Сигор дуд кунонида, гӯё лоуболона қадам партофта баромад, аммо равшан буд, ки роҳи Хиромонро мепоид. Тавре гап мезад, ки бинанда гумон барад дар боби кор чизе мегӯяд. Дар воқеъ бошад, нияташ дигар аст. Чашмони беҳаёяш ҳаргиз ором нигоҳ карда наметавонанд. Мардумаки чашмаш раккосаки соат барин пайваста дар ҷунбиш.

Бечора Хиромон. Хусни табий, ин бартарии табиат атокарда бар акси худ мубаддал шуда, сабабгори носозию нороҳатиҳо, ранҷу озораш гаштааст. Ӯ қиссаи халокати шавҳар, нобакориҳои Абӯро накл мекарду чандон кушоду равшан набошад ҳам, ишора менамуд, ки аз он ҳама бадсозию ғарази Абӯ висоли Хиромон буд. Бале, мояи рақобат рашку ҳасад буд, мақсад аз байн бардоштани шавҳари Хиромон буд, хаёли фосиде буд, ки бо ҳар роҳу васила, ки бошад, ба васли Хиромон бирасад, коми дили худ бистонад.

То чи андоза ба сирати аҷдоди аҷдодони худ қариб аст тинати баъзе нусхаҳои бани-башар! Рост мегӯяд

Хиромон, маноракран барои ӯ на фақат коргох, балки низ гурезгоҳи дилпазир аст.

Лекин Иброҳимҷон мисли шавҳари Хиромон он қадар накӯкори махзу соддадил нест, ки аз мақру ҳияли ҳамчинсон ғофил бимонад. Фақат як ишораи дилбараш кифоя аст, ки дасти орзӯмандони оғӯши Хиромонро кӯтоҳ созад. Рост, вай аз ҷавонмардони арбадачӯю ҷангара нест, аз муштзанҳои номии шаҳр ҳам нест, аммо ба як-ду бодии лаҷомгусехта дарси адаб омӯхта метавонад.

— Шумо маро мунтазиред? — хандакунон пурсид Хиромон.

Ачабо, ҳар дафъа рӯҳияи ин духтар ба як тарзи ғайримунтазира наву ноозмуд аст. Ба мулоқоти ӯ қаблан омода шудан чи қадар амри муҳол аст! Дуруст гуфта буд боре худаш, ки табиати ӯ мисли нахлест, ки ба он аз чанд навъи нихол пайванд гузаронидаанд.

— Мошинсавор, ки омадаед, аз афташ, сайри ягон ҷойро таклиф карданиед. Ефтам? — хамчунон хушнудона суҳан мекард Хиромон.

— Ҳа! — бо шодмонӣ гуфт Иброҳимҷон ва аз дил гузаронид, ки ӯро ҳеҷ гоҳ ба ин дарача хуррам надидааст. Туф, туф, чашм нарасад! Пас накшахои дар хаёл тартибдодааш ҷомаи амал хоҳанд пӯшид. Имрӯз ӯ рози дили аз муҳаббат лабрезашро, ниҳоят, фошофош хоҳад гуфт.

— Рафтем! — Хиромон аз тарафи рости мошин гузашта, аз курсии пеш нишаст. «Аз курсии пеш нишаст, масрурона ба худ андешид Иброҳимҷон. Пештар аз кафо чой мегирифт, мисли меҳмон менишаст».

— Ба кучо меравем? — пурсид ӯ баъди ба роҳ андохтани автомобиль.

— Ба ҳамон ҷое ки худатон к а й ҳ о интихоб кардаед.

Иброҳимҷон худро мисли дузди навмашқе ҳис кард, ки бори нахуст ба «майдони корзор» баромада, худи хамон соат ба даст афтодааст.

Хиромон гуфт, ки бояд аввал писаракашро аз боғча бигирад. Шарифҷонро гирифтанд. Пас ба хонаи ичора нишастааш даромада, либоси тоза пӯшид.

Иброҳимҷон мошинро болотар аз ибтидои роҳи нави Кӯктош — Ёвон, дар хамон ҷое нигоҳ дошт, ки роҳи мумфарш ба домани Боботоғ печида баромада, қабл аз ворид шудан ба мобайни кӯҳсор муддате лаб-лаби

адири баланд кашола мешавад. Аз он ҷо зиёда аз нисфи водии Хисор — аз аҳбан Ҷормағзи Якка то домони дури каторкӯҳи сарсафеди Хисор чун дар кафи даст намудор аст.

Хуени диёри худро Иброҳимҷон басо дидааст. Ӯ чашм аз чамоли дилбар ва риштаи хаёл аз нақшаи он сӯҳбате ки мехост сар кунад, барканда наметавонист. Оҳ тақдир, мегуфт ӯ ба худ. Маълум мешавад, ки ту ҳам аз кӯчаи шафқат гузаштай, чӣ неъмате будани марҳамату навозишро медонистай!

Чи кадар шабҳои бехобӣ ӯ ба худ мазл ҳамин гуна як дақикаро тасаввур карда, танҳо аз пеши назари хаёл овардани чунин як мулоқоте аз ғалаёни эҳсосоти пуршӯру пурсурур нафастанг мешуд! Ташаккур ба ту, эй толеи тобон! Кӯр бод Иброҳимҷон агар боре дар умри минбаъда аз иосозгориҳои ту, ивболи меҳрубон, бинолад!

Модару писар дар канораҳои роҳ, дар нишебу фарози ёнаҳо чобукона тохта, аз гулҳои сахрой чида, даста мекарданд. Ин ҷо мисли дараҳои сероби дарунтари кӯҳистон гулҳои рангоранг фаровон насабзад ҳам, ба ҳар ҳол, ҷой-ҷой рӯида, хотири ҳаводоронро шод медоштанд.

Очаву бача ҳар кадоме дастае гул дар бағал ба назди мошин омаданд. Шарифҷон дар канори роҳ, рӯи сабза нишаста, бо лафзи ширини кӯдакона гуфт, ки гулхоро аз нав даста мебандад. Хиромон ӯро ба ҳоли худ гузошта, чашм ба сӯи шаҳр дӯхта буд, ки аз ду фарсах масофа туманолуд менамуд.

— Хушрӯй-а? — хаёломез гуфт ӯ.

— Кӣ?

— Шаҳрамонро мегӯям.

— Ҳа, шаҳрамон хушрӯй.

— Медонед, барои чӣ?

— Медонам. Худатон гуфта будед, ки ҳамин ки ба баландие баромадед, чунончӣ ба маноракран, ба саратон ҳар хел андешахои фалсафӣ меоянд. Ин ҷо аз маноракран ҳам баландтар.

— Шумо тавре гап мезанед, ки ба фикрҳои фалсафӣ гӯё зид бошед.

— Умуман не, аммо ҳоло мукобил.

— Хӯш, сабаб?

— Фалсафа — мачмӯи афкори муҷаррад, ман бошам, як чизи конкрет гуфтанам.

— Онд ба худатон?
— Ҳа.
— Ва ман?
— Бале, бале!
— Лозим не, акан Иброҳимҷон.
— Чӣ «лозим не»?
— Ҳеҷ чиз гуфтан.
— Чаро?
— Чунки... — Хиромон даме сухан мечӯст, — чунки маълум. Маълум, ки чи гуфтаниед.

Иброҳимҷон даступо гум карда, хомӯш монд. Рост мегӯяд. Албатта маълум-дия. Эҳтимол, фақат нодонтарини гӯлон надонад, ки марде ҷавонзанеро берун аз шаҳр ба хилватгоҳе бурда, ба ӯ дар ин хусус гап задан мехоҳад. Аҷиб, ки Иброҳимҷон ҳангоми фикру андешаҳои пешакии худ ҳама гуна ҷавобҳои Хиромонро худ ба худ андозу баркаш карда, асло чашм надошт, ки гуфтугӯяш ба чунин роҳи сарбастае даромада мемонад.

— Хиромон, ман он қадар муштоқи арзи дили худ нестам, ки иштиёқманди фаҳмидани фикри шумоям.

— Бубахшед, Иброҳимҷон. Ман ҳам маҳз ҳамин нуктаро дар назар дорам. Ман ҳеҷ гуна ҷавобе дода наметавонам.

Гӯё чи андоза ҷанголуд будани автомобильро донистан барояш ниҳоят зарур бошад, ангушти ишоратро ба паҳлӯи мошин андешамандона расонида-расонида, сечор қадам дур шуд ва ногоҳ рӯй ба пас оварда, ба Иброҳимҷоне ки аз ҳайрат шах шуда буд, такроран гуфт:

— Ҷавобе дода наметавонам...

Фақат дар бозгашт, дар қарибиҳои шаҳр дили Иброҳимҷон аз фишори ғусса каме озод шуд ва ӯ зери лаб мисраъҳои Камоли Хуҷандиро зикр мекард:

Он шӯх, ки рафт аз бари мо, боз кучо рафт,
Дур аз назари аҳли вафо, боз кучо рафт?

Дарди дили ранҷури маро з-он лаби ҷонбахш
Нодода башорат ба шифо, боз кучо рафт?

Он шоҳ к-аз ӯ хонаи дил шоҳиншин буд,
Аз кулбаи эҳзони гадо, боз кучо рафт?

Дил рафт ба бӯи ту зи масчид ба харобот,
Бечора, назар кун, зи кучо, боз кучо рафт...

Аз чӣ сабабе дар лаҳзаҳои дилтангӣ ӯро аз ҷумлаи шоирони шаҳири гузаштаи халқаш маҳз мисраъҳои

Ҳайём ё Камол ба ёд мерасиданд. Фиғони мисраъҳои онон ба назари ӯ лабхандомез менамуд ва табассуми байтҳошон аламомез. Шояд сабаб ҳам дар ҳамин ҳайси ашъорашон буд.

19

Иброҳимҷон дар кабинети электрокардиограмма паси тавораи сайёр рӯи нимкате мехобид. Ҳамшираи кардиограф симҳои аппараташро бар банди дасту по ва синаи ӯ часпониду худ баромада рафт.

— Устоҳо чеҳ мезанам, — гуфт ӯ. — Ин аппаратро боз ким-чӣ балое расид. Рангаш ба коғазиннавор пахш шуда истодааст.

Дақиқаҳо паси ҳам мегузаштанд. На аз ҳамшира дараке буд, на аз устоҳо. Иброҳимҷон қасде кард, ки дасту по аз бандакҳои резинӣ ва симҳо вораҳонаду ба долон барояд. Боз аз раъяш баргашт. Чӣ лозим? Ба кучо ҳам хоҳад рафт? Ба палата биравад, аздусар бекор менишинад. Чӣ фарқ дорад? Ҳавои ин кабинет тозатар. Се тирезаи калонаш васеъ кушодагӣ. Хонаро нақҳати гулҳои рангубаранге ки дар поён, дар сахни боғ меруёнд, пур кардааст. Хониши мурғони сари дарахтон ба гӯш мерасад.

Ду мард мубоҳисакунон ба кабинет даромаданд.

— ...Анҷоми тадқиқот аз ибтидояш маълум. Ин аксиома* аст,— мегуфт яке.

— Мебахшед, муаллим, ин аксиома нест, — эътироз мекард дигаре. Иброҳимҷон дар овози шахси дуюм садои духтури худро шинохта, хурсанд шуд, гӯё дар хилваткадае дер боз нишаста, ногоҳ оҳанги дӯстеро шунида бошад.— Тадқиқоте хаст, ки борҳо оғоз меёбаду анҷом не. Ҳамин хелаш ҳам хаст, ки оғозаш якесту анҷомаш-тамом дигар.

— Ман дар ғами он, ки вақтатон беҳуда наравад,— мегуфт соҳиби овози ношинос.

— Барои хайрхоҳӣ ташаккур. Лекин, муаллим, ман, ростӣ, ҳанӯз нафаҳмидам, ки аз ин гуфтугӯ мақсад чист?

Аз тарзи гуфтори Зардодхон аён буд, ки ӯ гап мезаду дар айни замон аз картотекаи кардиограммаҳо, ки дар ҷевони сербари ба катакчаҳои бешумор таксимшу-

* Даъвое ки хоҷат ба далел надорад.

да чой гирифта буд ва дар мобайни кабинет воқеъ гашта, онро ба ду хиссан баробар чудо мекард, чизеро мекофт.

— Ана халос! — таассуфомез гуфт он ки «муаллим» хитоб шуда буд.— Набошад, мухтасар карда гўям: аз ахбороти шумо ҳамин қадар пай бурдам, ки беморе, ки мавриди тадқиқот карор додаед, аз чиҳати физиологияи асаб фарди мўътадил нест.

— Дуруст, мўътадил нест, — тасдиқ намуд Зардодхон.

Мароки Иброҳимчон ба ин сўҳбат меафзуд, зеро ў пай бурд, ки сухан аз Носир Аббос меравад. Вай лаҳзае аз дил гузаронид, ки сўҳбати дигаронро гўш додан аз одоб нест. Боз дарҳол худро таскин бахшид, ки ба ин хона вай не, балки онҳо даромадаанд. Ба замми ин дастурпон ўро ходими табобатхона симпеч карда рафтааст. Ғайр аз ин, духтуроне ки мунозиракунон ба ин утоқ ворид шудаанд, хуб медонанд, ки дар паси чевони дароз се нимкат ҳаст ва эҳтимоли он чо хобидани бемори гўшу хушдоре ҳамеша вучуд дорад.

— Дуруст, мўътадил, нест, — такрор намуд Зардодхон.— Лекин чаро меъёр шуда наметавонистааст?

— Зеро касалии вай окибати ҳассосии фавкулодда аст. Ба рўйдодҳои рўзгор ва ба ҳодисаҳои чамъиятӣ ба ин дараҷа ҳассос будан аз доираи эътидол берун аст.

— Шумо, муаллим...

— Бардошт кунед, азизам. Шояд худатон ҳам ба акидае омада бошед, ки ин хислати ў ирсист, аҷдодист. Хайр, фаразан бо мурури замон пайдо шуда бошад ҳам, ба ҳар оина, ў як фарди ғайриоддист.

— Ман ҳам айнан дар ҳамин акидаам.

— Боракалло! Лекин илм, азизам Алихон, илми тибб, аз он чумла, бояд ба ҳодисаҳои типӣ мароқ зоҳир кунад. Алалхусус, ки шумо дар баробари хулосаҳои соф илмии тиббии худ ба пациент зимнан аз нуқтаи назари ичтимоӣ, яъне ҳамчун ба як типи чамъиятӣ низ бояд баҳо диҳед. Оё ҳамин тавр нест?

— Ҳамин тавр.

— Пас, ба акидаи ман, — ва на фақат ба акидаи ман, зеро ба ин фикр дигарон низ шариканд, — бахои шумо ба фаъолияти ин шахс, ба мавқеи вай дар чамъият баҳои ҳарчонба саҳеҳ ва ҳаққонӣ нахоҳад буд.

— Чаро?

— Гуфтам-ку: ў касал аст. Ҳассосии фавкулодда

низ аз мизони мукаррарӣ хориҷ аст ва ҳар чиз, ки аз меъёр берун аст, як навъ маризист. Ин нуктаро ҳочати исбот кардан нест.

Зардодхон муддате сокит буд. Иброҳимчон дигар якин карда буд, ки сухан аз Носир Аббос меравад. Мароки ў ба натичаи мунозира торафт зиёда мегардид.

Алихон чанд қадам ба сўи мизи кории соҳибаи кабинет гузошта, як даста коғаз, зохиран, кардиограммаҳои аз чевони кофта ёфтаашро бар болои оинаи миз партофт. Пас баргашта, ба мусоҳиб наздик шуд ва бо лаҳни нарму ороми худ ба сухан даромад.

— Аз сўҳбат сар карданатон дар ин хусус маълум, ки чанд дақиқа вақти холӣ доред. Иҷозат диҳед, муаллим, ба шумо бо мисоле ҷавоб гардонам.,

— Марҳамат, азизам Алихон. Дар сўҳбат мисол овардан бакуллӣ ҷоиз бувад.

— Дар матбуоти марказӣ дар атрофи як кори чиной мубоҳиса шуда буд. Ду роҳзани маст як касро дар шаби торик, дар кўчаи хилват куштаанд. Мактул фарёди имдодталаби касеро шунида, бо либоси хонагӣ ба кўча давида, бо роҳзанон дастбагиребон шудааст. Аксари хонандаҳо котилонро бечунучаро нафрин мехонданд, маҳкум мекарданд. Аммо аз байни онон касе ёфт шуда буд, ки ба ин ҳодиса акидан хосе дошт. Ў ба идораи рўзнома мактубе фиристода буд.

«Барои ба вукўъ пайвастани ин фоҷиа худи мактул ҳам гунаҳгор аст, — навишта буд он шахс. — Чаро ў безорӣ будани он ду нафарро дидаю дониста, ба кўчаи торик баромад?

Кадом аблаҳ намедонад, ки роҳзанон беярок намегарданд?

Чаро аввал милицияро огоҳ карда, баъд набаромад?..»

Мулоҳиза кунед, саволҳои он шахс ҳам бемантиқ нестанд, лекин, муаллим, аз рўи инсоф нест, ки гуноҳи котилонро, қисман бошад ҳам, бар гардани соҳибдиле бор кунанд, ки шуҷоат нишон дода, бо дасти холӣ ба нияти кўмак расониданд ба шахсе ба мукобили одамкушони кордида баромада буд.

— Шумо гуфтанӣ ҳастед, ки...

— Ҳа, гуфтанӣ ҳастам, ки ҳассосии фавкулодда ҳам ҳодисаи типист. Ва дар он айбе нест, балки хуснест ихтиёр. Владимир Ильич аз ҳассостарини ҳассосон буд. Дўстони ҳамсафаш гуфтаанд, ки ў ҳанўз дар охири ас-

ри гузашта дидаю дониста аз худ шамъе сохта буд ва он шамъро, такрор мекунам, муаллим, дидаю дониста, аз ҳар ду тарафаш худаш оташ дода буд, то ки хонаи зулмоти Россияи қабл аз инқилобро ҳар чи бештар равшан созад.

— Э, азизам, қоида мунозира ин хел намешавад. Шумо аз ҳаёти Ленин мисол меоваред, кас ҳайрон memonad.

— Набошад, аз тоифаи муқобил мисол оварам. Вақте ки ба ман дар ин мавзўъ тадқиқот сар карданро супориш намуданд, ба ҷустуҷўи пациент даромадам. Дар клиникаи дуввум як бемор мехобид. Аз шиддати ногаҳонии ғам сактаи қалб шудааст. Лекин ба назди ў рафта натавонистам. Сабаб? Сабаб — боиси ғаму андўҳаш. Домоди бемор ҳанноти бебоке будааст. ОБХСС* дастгираш кардааст. Хонаи падарарўс, яъне он марди сакташударо кофтуков карда, қариб як пуд тилло ёфтанд: аз даруни новадони ғўлбашакл, аз ковокии пояҳои кати кўҳнаи оҳанӣ, ки дар як гўшаи таҳхонааш занг зада мехобидааст.

— Хайр, Аличон, ихтиёр доред. Мавриди тадқиқот ба салохдиди тадқиқгар вобаста. Ман огоҳ кардам, ки ҳангоми муҳокима, эҳтимол, ҳамин гуна эродҳо ба миён оянд.

— Ташаккур, муаллим. Аз меҳрубониатон миннатдорам.

Ҳамшираи кардиограф, ниҳоят, устои аппаратҳои электрии тиббиро ёфта овард ва пас аз чанд дақиқаи дигар дасту пои Иброҳимҷонро раҳо карданд. Ў фикр мекард, ки дина Ивон-амак дуруст гуфта будааст, ки хотири духтур аз вачхи кораш парешон аст. Охир, ин хел «муаллими меҳрубон» дар атрофи Алихон Зардоб хон танҳо набудагист. Муаллим ҳам гуфт-ку: «ба фикри ман дигарон низ шариканд».

Ба палата баргашт, ки он ҷо боз ҳамон мусоҳибаи хазломезу бозимонанди пешина сар шудааст: «Қанӣ, ҳар кас бигўяд, ки ин ҷо рўи бистар хобиданаш чӣ ҳодисаеро аз зиндагонӣ ба ёд меорад?»

«Айнан конференцияи матбуот барин, — зери лаб писхандкунон рўи кат дароз кашид Иброҳимҷон.— Боз мунозира, мубоҳиса... Хайр, майлашон, — андаке мулоим шуда гузашт кард ў. — Дар бемористон одамон бо

* Шўъбаи оид ба муборизаи зидди дуздони моликияти социалистӣ дар назди идорахои Вазорати корҳои дохилӣ.

сўҳбати ҳамдигар зиндаанд. Чунон ки дар сафари мадид бо поезд рўзҳои дарозро бо хўрокхўрӣ ва картабозӣ кўтоҳ мекунанд. Дар ҳаммом суруд мехонанд... Дар стадион доду фарёд мекунанд... Дар сартарошхона хабарҳои тоза мешунаванд...»

Овони муаллимнаш чанд рафиқ тобистон ба саёҳати Маскав ва Киев рафта буданд. Дар вагон дўстон айнан ҳамин гуна бозӣ сар карданд: ҳар кас мебоист аввалин ёддошти айёми кўдакиашро нақл мекард. Азбаски хама гуфтанд, Иброҳимҷон низ аз қатор намонд.

Нахустин ёддошти ў ин буд, ки бародараш барои ў чанд харгўш оварда буд. Намедонад, ки он вакт ў сесола буд ё қадаре калонтар. Яке аз харгўшҳои майдатар ба ў омўхта шуда буд. Онро Иброҳимҷон дўст медошт, ҳатто шабона ба чогаҳи худ медаровард. Харгўш шаб то саҳар чанд маротиба ба мўйлабакони сихсихи дарозаш рўю гардани ўро хориш дода, бедор менамуд. Як пагоҳӣ хест, ки куртааш тар ва бўйнок аст. Ҳамдами чаҳорпояш дар бистар мезида, кўрпаро тар карда худ гурехтааст ва ў хоболудона ба чои тари ифлос ғелида ва дар ҳавои серуни тирамохрўя хунук хўрда, гиряро сар карда буд.

Нақли ў боиси хандаи ҳамсафарон шуд. Рўзи дигар рафиқон боз хамон бозиро давом доданд. Акнун ҳар кас аз ишқи нахустинаш ҳикоят мекард. Иброҳимҷон ин дафъа фақат сомеъ буд: чизи гуфтанӣ надошт.

Бигузор ҳамхонаҳо сўҳбат кунанд. Агар забони модариаш дар ихтиёри ў мешуд, ба қатори ҳазорон маколу зарбулмасал «Беморию бекорӣ» гуфтанӣ маколеро ҳамроҳ мекард. Дар рўзҳои дарози табобат ба чуз фикру хаёл, ёдоварии хотирот, муҳокима ва мунозира бо ҳамсоягон ё худ бо худ боз чӣ коре мемонад?

— Ман аз ҳаман шумо зиёдтар умрамро дар касалхона гузаронидаам, — мегуфт Ивон-амак. — Се бор дар чангҳои граждани, се карат дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ ярадор шуда, дар госпитальҳои сахроӣ, беморхонаҳои гуногун хобидаам. Ана акнун чаҳор сол боз ин дики нафаси лаънатӣ аз гулўям сахт гирифтааст. Сар намедиҳад, вассалом.

Ў дар мобайни палата рост истода, гап мезад ва ҳама бо шавқ гўш медоданд, ки чаро Андреич таърихи касалиҳояшро гуфта истодааст.

— Ана аз ҳамин сабаб ба шумо ягон чизи тоза гуф-

та наметавонам, — хулосаи ногаҳонӣ баровард мӯйсафед ва дар сари миз нишаст.

— Ман мегӯям, — нимхез шуд Каримҷон-ака. — Медонед, ОТК чӣ кор мекунад? Яъне шӯъбаи назорати техникӣ. Ҳар қисми тайёри асбобро, ки ба стандарт мувофиқ нест, шартошурт гирифта, ба як сӯ мемонад. Қисми аз ягон чиҳат нуқсондор аз қатори маҳсулоти тайёр мебарояд. Лекин онро намепартоянд. Аз нав ба цех баргардонида, рандаю суфта мекунанд ва бори дигар аз назари шӯъбаи назорат мегузаронанд. Фаҳмидед? Ин ҷо — ОТК! Шуд? — музаффарона гардан ёзонида хитоб кард Каримҷон-ака.

— Шуд. Нағз! — ӯро таскин дод ва таъриф ҳам кард саркори мусоҳиба Носир Аббос. — Акнун ман бигӯям? — савол дод ӯ ба аҳли палата ва поҳояшро аз кат овезон карда, ба нақл шурӯъ намуд. — Дар бачагиам назди ҳавлии мо қадоқгаре нишаста кор мекард. Ҳаво соф бошад, ба майдони сари кӯчаи калон, таги тут рафта, ҷои кор мекушод. Шамол бошад, дар паси иморати мо ҷафси девор менишаст. Барфу борон ояд, аз дарвозахонаи мо ҷой мегирифт.

Инвалиди якпояи хушфеълӣ камсухане буд. Бо таъиноти падарам зимистони хунук гоҳо ҷои гарм барова рда медодам, гоҳо як-ду хокандоз алави лахча. Аз субҳ то шом зарф қадоқ мекард. Аксаран зарфҳои чинӣ: коса, табақ, чойник, пиёла. Якта-нимта лапари чинии чароғҳои давра ё гулдонҳои накшин ҳам меоварданд. Зарфҳои шикаста ва баъзе чизҳои қадоқшудаи соҳибонашон бо узре наомадаро ҳамроҳи курсичаи пастак ва дигар асбобу анҷомаш дар ҳавлии мо монда мерафт. Ман сабади пур аз шикастапораҳоро медидам, ки бо эҳтиёт рӯи ҳам чида шудаанд. Наздаш баромада, корашро тамошо мекардам. Бо камоне ғир-ғир парман алмосиро мекашид. Бо болғачаи майдаяки заргарӣ аз сими мисин тиқ-тиқ часпакҳо месохт. Чинипораҳое ки гӯё дигар нимпула арзиш надоштанд, дар пеши назар ба зарфҳои базеби бутун мубаддал мешуданд.

Табибон ҳамон қадоқгари ҳунарманди ҳоксорро ба хотирам меоранд.

Иброҳимҷон, ки дафъаҳои гузашта дар ин гуна мусоҳиба ширкат наварзида буд, ҳоло изҳор доштани акидан худро ҷоиз донист.

— Дар сари роҳи ҳамвор баъзан сангҳо ногаҳон пайдо шуда, боиси қатъи сафар мегарданд, — гуфт ӯ.

Азбаски ба сӯҳбати ҳамхонаҳо аҳён-аҳён шарик мешуд, ба суханони ӯ ҳама бо шавқ гӯш медоданд. — Мошинсавор равонеду санге аз паҳлӯ, аз фарозие ғелон меояд. Ё бо суръат равонеду дар ҳамгашти роҳ надида мемонед, ки чанд санге дар миёнаи роҳ ғелида мехобад: ё аз боло афтодааст, ё бачаҳои шӯх қасдан барои ҳангома чидаанд. Санг гумбуросанон ба ягон ҷои мошин мезанад. Бо вуҷуди он ҳоҳо мошин безарар мемонад, фақат ягон узваш андаке пачақу қат мешавад. Гоҳо ба санги бузургтаре бармехӯрад. — Ӯ муддате таҳаммул кард. — Ронандаҳо одатан баъди тайи хеле масофа, пас аз хаставу шалпар шудан ба ин гуна касофат роҳ медиҳанд. Ҳайф аст агар кас дар ибтидои роҳ шикасте бинад ва ё аз нимарҳои мурод баргардад...

Ҳама хомӯш буданд.

— Ҳар шикастеро қадоқгаре хаст, додарам, — аз гӯшаи дигари хона дилдорӣ дод Каримҷон-ака. — Ба шумо духтур гуфтанд-ку, худо хоҳад, ҳоло асп барин бардаму бақувват мешавед.

— Рост, — тасаллои ӯро тақвият кард Носир Аббос. — Тани гарм бедард намешавад.

— Писар, ба чанд даромадед? — пурсид Ивон-амак.

— Бистуҳафт, Андреич. Лекин ман худамро нагуфтаам.

— Ҳа-а,— мад кашид мӯйсафед ба оханге, ки гӯё аз таги гап пай бурдааст.

20

Муаллима Аҳмадова чоштгоҳӣ ба шавҳараш сим зада, таъин карда буд, ки сокинони палата имрӯз ба хӯроки пешинии табобатхона нараванд. Ӯ тушбера хоҳад овард.

— Лекин ман аз хӯроки болаззат маҳрум-дия, — бо лунҷи овезон гуфт Каримҷон-ака.— Мани бечора бояд рафта твороги турши фач, ширшуллони марҷумакдор хӯрам.

— Тушбера таоми сабук. Як бораш зарар надорад, — таскин доданӣ шуд Носир Аббос.

Каримҷон-ака оханги ҳазломезашро тарк намуда, гуфт, ки таоми сабук гуфта мехӯраду фардо аз саҳар ҳис мекунад, ки бинҷ-бинҷи зормондан сараш аз нав сар шудааст.

Иброҳимҷон дар хонаи Носир Аббос як бор палави

лазизе хўрда буд. Баъди кўчидан ба ин палата ҳам аз дўлман хушмазан муаллима чашидааст. Дар урфият дар ҳаққи ин хел занон мегўянд, ки дасташ ширин аст. Ба фикри Иброҳимҷон, худи одам боистеъдод бошад, ҳама кораш аъло мешавад. Не, ин ақида чандон саҳеҳ набудагист, боз худ ба худ эътироз намуд ӯ. Шахсоне ҳастанд, ки дар касби худ гулдастанд, лекин либоси кўдакро дуруст пўшонида наметавонанд, ё шўрбо пазанд, тагаш мегирад. Ин гуна нусхаҳо ҳатто дар байни занҳо ёфт мешаванд. Истеъдод аксаран яктана мешавад. Ҳатто мегўянд, ки закиён маҳз барон ҳамин ҳам закианд, ки фақат дар ягон соҳаи маҳдуд мумтозанд.

Иброҳимҷон дурбинашро бароварда, ба пештахтаи тиреза ҷой дуруст карда нишаст.

Дар кўчаҳо мардум кайф карда, кори писандидаашонро карда гаштаанд. Ҳар кучо дилашон хоҳад, ба ҳамон ҷо мераванд: хоҳанд, ба театру цирк мераванд, хоҳанд ба сайри лола. Айни вақти сайри кўҳу дашт, чаману марғзорон аст ҳоло.

Ана он марди шикамчадор ба як даст тўрхалтаи пур аз тухми мурғ бардоштаасту бо дасти дигар аз миёнбанди боронҷомаи мусоҳибаш дошта, беист мелаққад. Аз ҷунбиши даҳонашон маълум, ки шикамчадор фақат ҷоғ мезанаду ошнояш «ҳа, ҳа» гўён гўш медиҳад.

Дар ин тарафи кўча се ҷавони хушлибос ҷўраи худро, ки аз болои пўшоки беморхона пиджаке дар бар кардааст, миёнагир карда чақ-чақ мекунанд. Ҳар се ҷавонмардон мўйлабчаҳои нозуку маҳини хушрўе доранд. Сигорҳои дароз-дарози хуштаъм мекашанд.

Қосаи давр, қошуқ ба навбат, аз дил гузаронид Иброҳимҷон. Вай ҳам дар вақташ мўйлаб монда буд. Тамоку, ҳатто чубуқ мекашид. Ба нўги чубуқаш каллаи Мефистофель* шинонида шуда буд.

Савдои мўйлабмонӣ аз хотири ҷамъу дили беғам ба сар мезанад. Дил ғамгин бошад, мўйсари муқаррарӣ ҳам салмаи сақат менамояд. Хўш, замони пеш чӣ тавр буд ҳол? Замоне ки ҳама ришу мўйлаб доштанд? Он вақт нишонаи кайфият худи мўйлаб не, балки вазъи он буд. Чӣ тавр шона хўрданаш, чӣ қадар ҷилою дурахш доштанаш, ба кадом сўй — ба поён, ё боло, ё худ рост ба самти баноғўш — тоб дода шуданаш аз аҳволи руҳияи соҳиб, чун оина, гувоҳӣ медод.

* Персонажи фочиаи Иоҳан Вольфганг Хёте — «Фауст», тимсоли шайтони васвос.

Мўд барин ҳаваси дар сироят чустучолок нест, зоҳиран. Як вақт кўчаҳоро гиторнавозон пур карданд. Ҷавононӣ аҷдодонашон европой дар кифт гитор овехтанд, тоҷику ўзбек рубоби қашқарӣ бардоштанд. Боз рохравон навохта метавонистанд. Ростӣ, мафҳуми «навохтан» барои аксари кулли он гитору рубоббардорон муболиға мебуд. Онҳо бештар лоуболона нохун зада, аз асбобашон садое мебароваранду бас.

Соӣ транзистор ба мўд даромад. Фарз кардем, се ҷўра дар кўча равонанд. Ҳар се транзистор дорад. Аз яке суруди афғонии радиои Қобул берун меомад, аз дигаре — садои оркестри ҷаз, аз саввумӣ — репортажи мусобикаи завракронон.

Дар сабатчаи духтараке, ки аз магазин бармегашт, пахлўи шишаҳои кефир транзистор месароид.

Дар пештахтаи бозори колхозӣ, назди деҳқони мўйсафеде, ки гашничу шибит мефурўхт, транзистор механд.

Дар соҳили кўл, дар пали юнучқазор — транзистор. Дар ҳараки зери сафедор — транзистор. Дар гардану кисаву портфели ҳар мактабхон — транзистор.

Чист мўд? Иброҳимҷон инро яқин намедонад. Лекин он, бешак, мисли бодест, ки агар бивазад, ба ҳама ҷой, ба ҳама гўшаву канораҳо сар мехалонад ва бар тафовути боди муқаррарӣ камандаркам чизе монеаи сари роҳаш шуда метавонад.

Иброҳимҷон духтараки фарбеҳаки миниюбка пўшидаро ба ёд овард, ки дар таксии маршрутӣ дида буд. Минӣ будани юбка, ё ба таъбири Қамар, «минияти юбка» ҳангоми гашт чандон ба чашм намезанад. Лекин духтаракони минипўши хушпайкар ҳамин ки ба чое нишастанд, ё чашми бинои мардон кўр бод ё аз васвасаи шайтони раҷим паноҳе бояд!

Он духтарак аз қабили заноне буд, ки минӣ пўшидан мехоҳанд, вале ба ин иқдом ботинан ҳанўз тайёр нашудаанд. Дар микроавтобусҳои маршрутии Душанбе ҳама рўбарўи якдигар менишинанд. Ҳарчанд касе ба духтарак ошкоро нигоҳ намедўхт, ў худ ба худ изо мекашид, сурх мешуд, сафед мешуд. Ба сақфи микроавтобус, ба гиребону гардани рононда менигарист. Аз тирезачаи ялаи шафати рононда рост ба рўю мўи ў боди нофорами рутубатомезе мевазид, бо вуҷуди ин ў гўё гарм шуда бошад, сарбандаки сегўшаи нейлониашро аз сар кашида, дукат карда, ба рўи зонуяш партофт.

Чист, охир мӯд? «Хоҳӣ нашавӣ расво, ҳамранги ҷамоат шав?»

Ё баръакс?

Э хайр-дия, ҳар чӣ ҳам бошад аз он тазоҳуроте нест, ки дар зиндагонӣ ягон ҷиҳати ниҳоят муҳимеро ҳал кунад...

Ҷавонони муйлабчадор бирафтанд, аммо он мардаки шикамчадор акнун тугмаи боронҷомаи сомеашро байни ангуштон бозӣ доронида ҳамчунон бефосила гап мезад. Бечора ошнояш бо қиёфаи хостаи махзунона базӯр ба аломати тасдиқ сар меҷунбонид.

Худо нарасонад ба сари кас ин хел ҳамсӯҳбатони хушхавсаларо. Боре Иброҳимҷон аз дасти яктои онҳо ба варами шуш гирифтор шуда, ду ҳафта аз бистар барнахоста буд. Нисфишабӣ аз район омада, дар майдони ба номи Айнӣ аз автобус фаромад. Фаромаду ба он кас вохӯрд. Он шахс аслан одами обрӯманд, ходими хеле хидматҳо нишондодани соҳаи санъат буд. Аммо нутқаш на танобе дошту на ниноне. Дар адл миёнаи майдон, мобайни меҳмонхонаи «Душанбе» ва музеи таъриху кишваршиносӣ Иброҳимҷонро дошту ба гап даромад. Фалон-фалон корҳоро хуб анҷом дода, баҳои сазовор гирифтааст. Боз ниятеро доштааст, ки фалон корро саранҷом бидиҳад, ки мундариҷаи он мухтасар чунин аст.

Ва ӯ баён кардани мундариҷаро оғоз намуд, вале афсӯс ки нақл аз мухтасарӣ хело дур буд. Боди сарду рутубатноки ноябрӣ торафт сахттар мевазид. Хунук аз як қабат костюм ва боронии Иброҳимҷон гузашта, таъи шонахояшро тадриҷан карахт мекард. Троллейбусҳои охиринии нимишабӣ холӣ омада, ба вокзал гузашта мерафтанд ва ҳамчунон холӣ аз он сӯ бармегаштанд ва ба истироҳатгоҳашон мешитофтанд.

Аммо шахси обрӯманд, ки аз зиёфати баъди ҳимояи диссертация аз толори банкети ресторани «Душанбе» баромада буд ва машруботи истеъмолкардааш тани ӯро гарм нигоҳ медошту ба нуткаш авҷу ривоҷ мебахшид, акнун ба ҳасрат сар карда буд, ки ҳасудон ва бадхоҳонаш кори охиринии ӯро бо ҳар восита ба таъхир меандозанд. Ташкили гурӯҳи эҷодкорон кашол мешавад, чунки фалонӣ ягво мекунад, беҳмадонӣ аз рӯй шона мезанад, аз таг — фона.

Соат кайҳо аз ёздаҳ гузашта буд. Иброҳимҷон сели суханӣ ҳамсӯҳбаташро боздоштанӣ шуда, қасдан даст боло карда, ба соаташ дурудароз нигоҳ кард. Ин ҳаракат ҳам таъсире набахшид. Барои тасаллои хотири гӯянда: «Хайр, муаллим, ҳеҷ воқеа нест, ба ташкилоти партиявӣ мурочиат кунед, лаҷоми фитнагаронро кашида мемонад» гӯён аз ориҷӣ ходими санъат дошта, ду-се қадам ба сӯи истгоҳи мошинҳо кашола кард, то ки ақаллан аз худуди ин майдон берун барояд ва ин иқдом шояд ишорате шавад, ки аз майдони фарохи сӯҳбатбоб берун омадем, акнун хона ба хона рафтан ҳам мумкин.

Лекин ҳаракатҳои Иброҳимҷон ноаёну нодида мемонданд. Ноқил ба ҳикояту шикоят бо рағбати афзоянда давом мекард. Ғами санъатро хӯрдан даркор, мегуфт ӯ. Санъат худ ба худ равнақ намеёбад. Дар сари рохи сохибистеъдодон набояд монеае бошад...

Иброҳимҷон бо таассуф фикр мекард, ки қадом як маркази бисёр муҳиме дар мияни ин одам аз кор баромадааст. Марказе ки рафтори касро аз назари танқид таҳлил мекунад, ба гуфтори ӯ назорат менамояд, аз ҷумла ба давомияти гуфтор. Соҳӣ таассуф ба хашм табдил ёфт. Вале ходими санъат одами дар воқеъ изтатманд буд. Синнаш ҳам аз Иброҳимҷон хеле калонтар. Раҷоиданаш аз одамият наҳоҳад буд.

Нигоҳи ҳасратомези Иброҳимҷон ба ҳайкали устод Айнӣ дӯхта шуд. Ӯ дар дил орзӯ мекард, ки кош устод баногоҳ зинда мегардид, солорона қадам монда, ба назди онҳо мерасид ва даст бар китфи ин мардаю гузошта, латифаи обдоре дар боби лаққиҳо мегуфту манаҳи ӯро мебаст.

Иброҳимҷон ҳикояти як вақтҳо аз бародар шунидаашро ба ёд овард, ки зарифе аз ҷоғи як ошнояш ба танг омада, охир ҳам сухани ӯро бурида гуфтааст:

— Маъзур доред, миёни суханатонро шикастам. Як варақ коғаз надоред?

— Дорам, марҳамат.

Зариф ба коғаз расми калони гӯшро кашида, ба мусоҳиб гуфтааст:

— Ошно, ана ин гӯши ман аст. Шумо гапатонро ба вай гуфтан гиред, ман ҳоло меоям...

Иброҳимҷон саҳари дигар дар таби баланд месӯхт. Қошкӣ ин гуна зотҳо якта-нимта бошанд! Ҳайҳот. Аз кучое ба саратон чун балои ногаҳонӣ пайдо мешаванду он мардаки шикамкалон барин аз рӯи эҳтиёт аз ягон ҷои либосатон маҳкам дошта, даҳони ҷуволи гапро яла мекунанд. Қошкӣ гапи даркорӣ бошад! Аз чӣ

тавр тарошида шудани ҳован, каланддаста ё барои чӣ лозим будани примус бо ҳавсалаи том лекция мехонанд. Бахс сар мекунанд, ки оё ба ширбиринҷ намак андохтан лозим аст ё не? Бо шавқи тамом мефаҳмонанд, ки дар қишлоқҳо атрофи полезу боғҳоро одатан ғав мекашанд, то ки гову хар ва бузу бузғола растаниҳоро помол накунад. Пас шарҳ медиҳанд, ки ғавро аз чӣ гуна чӯб месозанд, онро аз куҷо бурида, чӣ тавр меоранд. Рангу бӯи он чӯб, ғафсию дарознаш, сахтию бакодориаш ба чӣ андоза мешавад...

Иброҳимҷон аҳволи раҳмангези сомеи бечораро бо дурбин тамошокунон аз дил гузаронид, ки чӣ хуш будӣ агар ин ҷо як туфангчаи спортӣ ҳам медошт. Нағзакак нишон гирифта, тӯрхалтаи пур аз тухми он сермаҳсулро шарти мезад ва шояд бо ҳамин васила боиси наҷоти он сомеи ҷабрдида мегардид...

Муаллима тушбера оварда. Лагани пури таом ба чанд қабат дастархон печонида шуда, мисли он ки ҳамин ҳоло аз сари оташдон оварда бошанд, ҷӯшон буд. Чаккаи нарму равғанин бо кабудӣ омехташуда дар косаи алоҳида гирифта шуда буд.

— На бинам, на сӯзам,— гуфт Қаримҷон-ака ва баромада ба хонаи таомхӯрии беморон рафт.

— Ана ин машият! Илоҳо, дастатон дард набинад, хоҳарам! — дуо мекард Ивон-амак. Вай аксари калимоти тоҷикиро дуруст бехато талаффуз мекард, ба истиснои садоҳои «ғ», «қ», «ҷ» ва якта-нимта истилоҳоти душворталаффуз. «Маншат»-ро масалан, «машият» мегуфт, «дарвоза»-ро — «давроза», «ғаҳвора»-ро — «гавҳора».

Зану шавҳар дар сари дастархон бештар аз таҳсил ва тарбияи фарзандонашон сӯҳбат мекарданд. Онҳо се писар доштанд. Қалонӣ дар курси саввуми университет мехонд. Дуввумаш ҳамин сол политехникумро тамом карда, электротехник мешуд. Писари хурдӣ синфи ҳаштумро бояд хатм мекард.

Ҳаман онҳоро Иброҳимҷон як-думаротибагӣ дидааст. Бачаҳои қобили баодоб. Лекин ҳоло бехтиёр сомеи сӯҳбати зану шавҳар шуда, фаҳмид, ки калонашон боақл аст, дар фанни дӯстдоштааш — физика лаёқати хуб дорад. Аммо бо вуҷуди ин содда, ҳатто метавон гуфт, як қадар гӯлнамост. Писари миёна ба ду сол хурд будаш нигоҳ накарда, ӯро гоҳо хар барин кор мефармояд. Умуман дар табиати писари миёна хисла-

ти ташвишангезе пайдо шуда истодааст, ки ба кори вазнинтар ҳаргиз гардан намефарорад. Модараш аз рӯи навбат ба ӯ коре фармояд, ба ивази билети кино, ё қалами автомат ё ягон чизи дигар он корро ба зимман акааш ё укааш, ё ҳатто бачаҳои ҳамсоя бор мекунад.

— Метарсам, ки ин хислат рафта-рафта, ба хӯи бад нагардад,— мегуфт модар.

— Намегардад, мегузарад,— мегуфт падар.— Боз худат медонӣ. Охир ту мутахассиси ин соҳай.

Ивон-амак ва Иброҳимҷон ба долон баромаданд, то ки занушӯ озодона сӯҳбат кунанд. Вале Носир Аббос ҳангоме ки занашро гусел мекард, аз назди онҳо гузаштаравон дар хусуси гули хонагие гап мезад, ки дар бӯчкае дар гӯшаи кабинети корнаш дар район месабзад. Вай дар ташвиш буд, ки оё гулро касе об медода бошад, гарду чанги баргҳояшро ақаллан ҳафтае боре пок мекарда бошад?

Ивон-амак аз ин як пора гуфтугӯи ӯ хулоса баровард, ки Носир Аббос ба кораш пазмон шудааст. Вокеан, мӯйсафед каромот карда буд. Аббос баргашта, аз паҳлӯи ӯ ниҳаст ва бидуни мукаддимае гуфт:

— Гоҳо бехуда дилтанг мешудаам. Инро ба Зардодхон гуфтан даркор. Охир, аз ҳаштод то навад фоизи мактубу аризае ки ба комитети назорат меомад, ариза ё шикояти хусусӣ набуд, балки аз манфиати умум дахл мекард. Дар фалон ҷой ин тавр навигарӣ бояд ҷорӣ кард. Дар фалон соҳа тартиби кор бояд минбаъд чунону чунин шавад. Ва ҳоказо. Охир, кас чӣ тавр аз ин хурсанд намешавад?

Ӯ ногоҳ, ба сукут рафт.

— Бо вуҷуди он, кор душвор,— гуфт ӯ.— Бисёр мушкил! — боз лахзае хомӯш нишаста илова намуд: — Хабар доред, бемори сернозро мекӯчонанд.

Ҳар се нафар ба он гӯшаи долон рафтанд. Зевар ва санитарзанон ба ординатура мизу курсиҳои чанд рӯз пеш баровардаашонро баргашта мекашониданд. Қати баланди бемори эрка ҷафси девори долон урён меистод. Барои ӯ дар палатаи ҳашткасаи он сӯи ординатура бистар омода мекарданд.

Ҳа, нолиши ӯ ҳар чанд зӯр буд, табибони терапевт аз танаш ягон касалии казоӣ ёфта натавонистанд. Таҳлилҳо шаҳодат медоданд, ки ҳама узви мардак обчувози нав барин нағз кор мекунад.

Бемори сертаманно дар долон мукобили як шахси чиддисимо ва олимнамое истода, бо овози нарму пасти нолишомез чизе мегуфт. Он шахс, якин, сардори ў буд. Ҳамин гуна як шахси дигари ба китфаш яктаҳи беморхонаро партофтагӣ ба кашонидани зарфу транзистору дигар лашулуши бемор ба палатаи пав ёрмандӣ мекард. Дар андоми бемор ифодае нақш баста буд, ки ў гўё аз ин ҳангома заррае хабар надорад, дар ин кўчокўч на гуноҳе дорад, на хидмате; умуман ў ба корҳои дунё сарфаҳм намеравад; як одами гўлу гумроҳу маъсумест, бечора.

Ивон-амаю гуфт:

— Бачаҳоро модарон бо банкаи мураббо ё як мушт конфет дастгир мекунанд. Афташ, ба хаёлам, вачоҳати ҳамон гуна бачаҳоро монанд аст.

* * *

Ҳа, чӣ мебоист мекард Иван-амак? «Ман муаррих» гуфта, донам-надонам, тахмин-таваккал ҳар чиз навишанд, Ивон-амак хап шиштан гирад? Рост, он китобро хонда оташин шуд, сонӣ мактуб навишт, ки санаҳои мухорибаи дивизияи савораи Туркистон дар китоб ғалат нишон дода шудаанд. Адади кўшуни ҳарифро дар чое аз будаш зиёд нишон додаанд, дар чое — кам.

Аз ў пурсед, ки полки якуми савораи Олой, масалан, кай аз Самарканд баромад, кай аз Тахтакарача, Шеробод, Тирмиз, Деҳнав, Қаротоғ гузашт. Кай ба Душанбе, Файзобод, Ғарм, баъд аз он чо баргашта ба Нораку Кўлоб расид? То рўзу соату ҳатто дақиқаҳояш гуфта медиҳад. Ана олими мўхтарам раваду тафтиш кунад, якта хато бошад, ҳайфи ту, Андреич, гўяд.

Тавба, аз кучо мегиранд санаҳои тахминии подарҳавоя? О ин таърихи инкилоби як республика аст, афсонаҳои модаркалони олимтароше не...

Мусоҳибаи Ивон-амак бо олими чавон аввал ба мубохисаи кохишомез монанд буд. Сонитар мўйсафед ором шуда, гуфт, ки олими чавон дафтару қаламашро бароварад, ҳар чиз ў мегўяд, навишта бигирад.

Мухосираи Кўлоб, чунончӣ, нодуруст тасвир шудааст. Ҳа, ҳам дар таносуби кувваҳо, ҳам дар санаҳо саҳв рафтааст. Дар гарнизони Кулоб ҳамагӣ ҳаштод нафар аскар буд, навиштааст муаррих. Аз кучо гирифтааст ин ракамро? Қабл аз мухосира се гарнизон — азони Қизилмазор, Танобчӣ ва худи Кўлоб муттаҳид шуда

буд. Ду батальони нопурра — яъне чамъ чаҳорсаду ҳаштод кас буд. Аз чумла нимэскадрони савора. Он вактҳо нимэскадрон гуфтанӣ воҳиди кўшун буд. Эскадрони пурра — саду панчоҳ савори шамшерзан.

Босмачӣ ҳам кам набуд, чунон ки муаллиф навиштааст. Қайд карда гирад олими мўхтарам: Тўғай-Сарӣ, Ашўр-Тўксабо, Бароти Эшакбошӣ (ҳа, дар аморати Бухоро ҳамин хел мансабе будааст). Сардори ҳамаи ин дастаҳо — Абдукодир-Тўксабо — домоди Давлатмандбии овозадор. Чамъ қариб се ҳазор кас.

Ивон-амак 22 сентябри соли 1922 дар Яхсу ярадор шуд. Кисми онҳо роҳи Кўлобро баста менстод. Ўро барои табобат ба Кўлоб фиристоданд. Андак кувват гирифта, ба пой хеста буд, ки муҳосираи Кўлоб сар шуд. Аз 22 декабри соли 1922 то 4 феврали соли 1923. Ҳамон рўзе ки ҳалқаи муҳосира барҳам хўрд, Абдукодир Тўксабо ҷасади такрибан ҳаштсаду панчоҳ йигиташро дар майдон партофта, бо дусад кас ба тарафи Мўминобод, баъд ба Афғонистон гурехт, ва худи ҳамон рўз рамазон сар шуд. Дигар нўкаронаш ё таслим шуданд, ё ба ҳар тараф парокандa.

Навишта монад ба ягон чой, лозим мешавад. Аз онҳое ки тафсилоти ин ҷангҳоро дар хотир доранд, магар одами бисёр мондааст? Шариф Чалил, Ҳасан Абдулло дар Душанбе, Иосиф Погребецкий дар Кўктош. Боз кӣ? Тамом, вассалом. Имрўз-фардо инҳо ҳам даргузаранд, баъд кӣ ба хонандаи ин гуна китобҳо мегўяд, ки фалон чиз саҳеҳ асту фалонаш хато?

Сардори гарнизони Кўлоб Зуев буд. Навишта монад.

Намояндаи шўъбаи махсус — Трифонов.

Раиси комитети революционӣ — Саид Назаров. Котибаш — Мирзо Аъзам.

Босмачиҳо ошкоро ҳамла намекарданд. Чунон ки баъдтар дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ фашистон мекарданд, халқи маҳаллиро мачбурӣ пешандоз карда, аз дунболаш худашон меомаданд. Хеле аскар нобуд шуд, лекин сонитар илоҷ ёфтанд. Чаҳор пулемётро дар бомҳои баландтарин устувор карда, бо шувох панаҳ карданд. Ҳамин ки душман наздик омад, аз болои сари беярокон сафи босмачиҳоро алаф барин даравиданд. Дигар ин номаъкулиашро такрор накард босмачӣ.

Ҳа, муаллиф боз гуфтааст, ки ба Душанбе бо телефон хабар доданд. Ана дурўғ-а! Он вактҳо телефон дар хоби шаб ҳам набуд дар он музофот. Телефон ме-

шуд, ба хотири кӣ чилу шаш рӯз тоқат карда мешинд? Хӯрок бахисоб, тир қариб тамом шуда буд. Ҳафтаи охирини муҳосира ба ҳар як аскар башумор чаҳор донагӣ тир медоданд. Тавба, аз чаҳор тараф кӯшуни ҳафт-ҳашт маротиба зиёди душман ҳамла мекардааст телефони тайёр истода, ҳап мешиштаанд..

Аввал, ин ки косили зинда фиристода буданд. Дувум, ин ки ба Душанбе не, ба гарнизони Сари Камиш Он чо як батальон аскари сурх буд.

Санд Назаров як чавони говчигарро ёфта омад, ки ба рафтан розӣ буд. Аз ҳалқаи душман гузашта рафтан хатарҳои марговар дошт.

Зуев ба кафи даст барин коғаз хатчае навишт, ки фалон вакт инчониб дар муҳосираем. Тир намонд, озуқа тамом шуд. Дасти ёрӣ дароз кунед.

Барои қосид аспи оварданд. Лекин ӯ гуфт, ки аспатон лозим нест. Ман девона нестам, ки аспакӣ ба рох бароям. Харсавор меравам, гуфт. Яке аз аскарбачаҳо халачӯби ӯро гирифта, бо сими тафсои як нӯташро сӯрох кард. Номаро найчасон печонида, ба он сӯрох андохтанд, аз болояш хамир, лой молиданд. Ана хамин буд «телефони» муаррих тасвиркарда.

Вакте ки эскадронҳои Сари Камиш номаро гирифта, роҳи Кӯлобро пеш гирифтанд, ба полки саворае вохӯрданд, ки аз Душанбе меомад. Ин буд, ки муҳосирагарони Кӯлоб дар як рӯз торумор шуданд.

Боз муаллиф мегӯяд, ки командирони собиқ хама аз байни аскарони коргару деҳқон ба воя расида буданд. Ин гап асосан рост. Рост, ки садокати командирон ба инқилоб бахснопазир буд. Лекин як ҳиссаи фармондеҳон аз байни собиқ офицеронӣ армияи кӯҳна баромада буданд. Одамони бовичдон буданд, бинобар он ба озод кардани халқ аз зулму истибдод ҳанӯз дар замони ҳукумати подшоҳӣ камар баста буданд. Масалан, Шапкин, ки дар вақташ бо се полки савора ба тарафи Армияи Сурх гузашта буд.

Е командири полки савораи Олои Красильников Дмитрий Евстигнеевич. Аслан аз казакҳои давлатманди Дон, офицери армияи подшоҳӣ буд, дар гарнизони Тирмиз хизмат мекард.

Олими мӯҳтарам аз рӯи инсоф ҳукм кунад, бо ин гуна хатоҳо китоб баровардан хуб нест. Марҳамат, ҳочат ба миннатдорӣ нест. Ивон-амак он мактубро ба институти таърих барои ташаккур шунидан нанавиштааст.

21

Пас аз хӯроки шом Каримчон-ака ба тамошои телевизор рафт. Дар бораи чанг фильм нишон медоданд.

Дигарон дар атрофи миз менишастанд ва ба гуфтугӯи ботамкинии Сӯхробчону Ивон-амак гӯш медоданд.

— Кораш мӯл, барои хамин як хафта боз наомадааст,— дар бораи падар накл мекард Сухробчон.— Дар хона зан набошад, ба мардина мушкил мешудааст. Хусусан, ки имсол ба гарданаш вазифаи сардории механизаторхоя бор карданд.

— Ташвиши сардорӣ зиёд,— сухани ӯро кувват дод Ивон-амак.

— Ҳа, бисёр. Лекин ба карибӣ амакам меояд, ба падар насихат мекунад. Вай ба гапи амакам медарояд.

— Амакатон чикора? — беихтиёр «шумо» гуфта мурочиат кард Иброхимчон.

— Гап дар чикора будани одам не. Инсон бояд пеш аз хама акл дошта бошад. Вай ҳам падарам барин деҳкон, аммо гапаша гузаронида метавонад.

— Хайр, чӣ гуфта насихат мекунад? — савол дод Ивон-амак.

— Ҳа, писарам, қарсак аз ду даст гуфтаанд.

— Дар хусуси зангирӣ-дия. Худам чанд бор «Ота, зан гир» гуфтам, гап намезанад. На «ҳа» мегӯяд, на «не». Хаёл мекунад, ки зан оварад, ба ман моиндарӣ мекунад. Не, муомила ба ду тараф вобаста. Ҳамту не, Ивон-амак?

— Боракалло, — чавоби дӯсташро маъкул донист Ивон-амак.

Ба ҳоли ин сағираи калонгап дили аҳли палата месӯхт. Меваи бармаҳал пухтаро мемонд ӯ, ки рӯҳияи мардум ба қабули он ҳанӯз омода нашудааст. Дар кӯдакӣ аз модар ҷудо шуда, гӯё айёми бачагиро аз сар нагузаронида, якбора ба остонаи балоғат, балоғати яктарафаи маънавӣ расидааст. Ба сифати ягона ҳамдами падар ба калонвор муомила ва мулоҳиза кардани ходисоти рӯзгор, калонсон мухокима намудани масъалахои зиндагонӣ одат кардааст.

— Шумо, ака, аз гапи ман наранҷед,— гуфт ӯ ба Иброҳимчон.

— Аз кадом гап?

— Аз чавобам. Дағалнамо баромад, сабил... Хайр,

хуш бошед,— гуфт ӯ ба ҳама ва ба Ивон-амак алоҳида рӯй оварда, илова намуд: — Хайр, амак.

Гаронборона қадам партофта, кисаи яктаҳчаи кабуди бемористонро, ки Ивон-амак аз мавизу чормағз пур карда буд, номаълум ба паҳлӯяш ҷафс намуда баромад. Вакте ки пас аз як дақиқа тозон ба палата даромад, аз он тамкину салобати калонсолона дар вачоҳаташ осоре набуд.

— Биёед,— гуфт ӯ бо шиддат нафаскашон,— духтуратон дар телевизор. Гап мезанад. Ҳозир сар шуд.

— Духтури мо?

— Нон занад, духтури шумо. Ман Зардодхона намешиносам? Тез биоед. Каримҷон-амак таъин карданд.

Рох дур шавад ҳам, бо исрори Ивон-амак то ба миёнаҷон долон рафта, ба лифт савор шуданд ва ба қабати саввум баромаданд.

Оре, Зардодхон сӯҳбат мекард. Бо садон форам, талаффузи буррою возеҳ рост ба чашми ҳозирон нигариста сухан мекард:

...Шод бошед, ханда мекунед, месароед, аз ҳаяҷон кафкӯбӣ мекунед, бонги шодӣ мебароред.

Ҳисси шодмонӣ пирро барно мекунад. Қомати ҳамидаро рост менамояд. Ба дидаҳо дурахш мебахшад. Чине ки дар ҷабин аз андӯҳ пайдо шудааст, ҳангоми хушҳолӣ ҳамвор ва нопадид мегардад.

Ва баръакс аз ғаму ғусса гардиши хун дар рагҳо суст мешавад, рухсора сафед, мушакҳо халта, чашм нимкоф мегардад; сар бар синае ки бе он ҳам фишор мехӯрад, хам шуда, фишори иловагӣ медиҳад. Лабу лунҷи кас, мушакҳои рӯй кашол, ҷоғ овезон мешавад. Кас ба худ, ба атроф ва атрофиён бепарвою беэътино мегардад.

Тарс ё ваҳм аз тавонотарини ҳиссиёт аст. Ривоят мекунанд, ки дар замони қадим ба кишваре вабо омадааст. Подшоҳи мамлакат шахси одил, раиятнавоз будааст. Хашмгин ба ҷустуҷӯи вабо баромадааст ва дар биёбоне ба ӯ дучор омада, аз меҳмони нохонда пурсидааст:

— Ин дафъа чӣ қадар табааи маро бо худ хохӣ бурд?

— Ҳазор кас! — ҷавоб додааст вабо ва кори мусибатосори худро анҷом дода, аз он кишвар рафтааст.

Аз қазо баъди муддате он подшох бо вабо дубора вохӯрда, маломаташ кардааст, ки ба ваъда вафо на-

кардааст, ба ҷон як ҳазор панҷ ҳазор касро аз раияти ӯ нобуд сохтааст.

— На,— гуфтааст вабо.— Ин кори ман нест. Чаҳор ҳазор касе ки ту мегӯй, худ аз тарс мурдаанд...

Ваҳм ҳастин одамро хароб мекунад, алалхусус агар тарсу бим оммаро фаро гирифта бошад. Вале дониши одамӣ бар зидди ваҳм аслиҳан тавоност. Узви дастаи сӯхторкуш худро ба коми оташ беибо мезанад. Аспбози сохибтаҷриба бебокона рафта, аспи саркаши чароғпояшударо даст мегирад ва лаҷом мезанад. Шикорӣ ба пешвози шеру бабру филу хирс далерона меравад. Марде ки усулхои самборо* азбар кардааст, метавонад ба танҳой бар чанд нафар безориёни мусаллаҳ зафар ёбад.

Ин гуна одамонро одатан нотарс мегӯянд, ҳарчанд ки ҳисси тарс барои эшон низ бегона нест. Лекин онҳо ба қувваи дониш, ба таҷриба ва малака такя карда, тарсро мағлуб месозанд. Табиатан касе нест, ки натарсад. Парашютчиён қабл аз ҷаҳишҳои аввалин, дорбозон бори нахустин ваҳм мекашанд. Касе ки бори якум ба кони торике медарояд, ҳатман метарсад.

Духтури франсавӣ Ален Бомбар ба завракчаи хурдаки резинӣ савор шуда, бе обу озуқа, яккаву танҳо Уқёнуси Атлантикро тай намуд. Бар қасди буздилон завраки худро «Шаккок» ном дода буд. Гуруснагиро бо гӯшти мохӣ, ташнагиро бо оби борон рафъ менамуд. Дергоҳе борон наборад, оберо менӯшид, ки аз бадани мохиёни сайдкардааш фишурда мебаровард. Дар бадали шаступанҷ рӯз ба ҳамин минвол ба Америка бирасид ва исбот кард, ки бани инсон ҳак надорад, ки ҳатто ба чунин қувваи муаззами табиат, монанди Уқёнус, сари таслим фуруд орад.

Замони пеш мусофирони киштиҳои ба фалокат дучоршуда аз оби бекарону мавҷҳои муқтадир дида, бештар аз тарсу ваҳм халок мешуданд, зеро дар вокеъ хайбати Уқёнус чизи каму андаке нест.

Духтур Бомбар бо корномаи худ таъкид намуд, ки одам бо тарс бояд дидаву дониста дастбагиребон шавад ва ғолиб бароид.

Ба маҷрои асосии мавзӯъ баргашта, кайд мекунем, ки дили инсон на фақат асбоби муҳаррики хун, балки узви зоҳиркунандаи ҳолати эҳсоси вай, шодию ғами

* Самбо — намуди спорт, маҷмӯи усулхои набард бо ҳарифи мусаллаҳ.

ўст. Чи қадар ибораҳо, маколҳо бо мафҳуми дил мар-
бутанд: «Дил аз шодӣ аз сина берун ҷаст», «Дил ба
бозӣ даромад», «Дилам таг кашид». Ё ҳуд: «Дилам
зарра барин танг гардид», «Дил аз сӯзи фироқ мено-
лид», «Дилам хун шуд»...

Қаҳрамони ҳикояти Максим Горький Данко чӣ тим-
солест? Ба чӣ ишорат мекунад ӯ? Данко роҳи зулмо-
нии мардумро бо дили шўълавараш мунаввар сохт, зе-
ро қалби ӯ, ба фикри маҷозии ровӣ, аз эҳсосоти тоза
ва мусаффо моломол буд.

Одамон бошуурона ҳиссиётро бо дил алоқаманд ме-
кунанд. «Аз тахти дил дӯст медорам», «Дил дар ши-
канҷаи ранҷ», мегўянд.

Шоирони мухталиф фармудаанд:

Шўхи ман дӣ ба рахе масту хиромон бигзашт,
Ҳоли чандин дили осуда зи сомон бигзашт;

Носеҳо, бехуда мегўӣ, ки дил бардор аз ӯ,
Ман ба фармони дилам, кай дил бар фармони ман аст;

Зи рашк аз дида хун борам, гарам дар дил фуруд ой,
Зи дил фарёд бархезад, агар дар дида биншонам;

Нўҳ фалак дар вусъатободи дили девоназам
Ҳамчу халҳоле, ки дар пои магас тангӣ кунад;

Дилам аз ғусса танг омад, ки чашми мўр пеши ӯ
Бувад бахре ки дар ҷавфи ҳубобаш осмон ғунҷад.

Эҳсосот аксаран бо тағйири назми ҳаракати дил во-
баста аст. Аз ғусса суст гаштани тапиши дил; фишор
хўрдан, ларзидан, сих задани он ва ғайра. Ё баръакс,
аз шиддати шодмонӣ ҳам назми дил метавонад аз эъти-
дол барояд ва ба оқибати номатлуб оварад. Дар таърих
басе мисолҳо ҳастанд, ки ашхоси ғуногун аз зўрии эҳ-
сосоти гуворо ҳалок шудаанд, ба ибораи дигар, шоди-
марг гаштаанд.

Драмнависи номии Юнон Софокл дар зери садои
пурхурўши кафкўбии ҳаводоронаш, ки истеъдоди ӯро
эътироф ва тақдир мекарданд, дилқаф шуда буд. Ша-
ҳи Эрон Қайхисрави Снёвуш ҳангоми ҳандаи сахт ҳа-
лок гардид. Диагори юнонӣ чун фаҳмид, ки ҳар се пи-
сараш дар мусобиқаҳои олимпӣ зафар ёфтаанд, шоди-
марг шуд...

Дар анҷоми суҳан духтур эълон кард, ки дар сӯҳ-
батҳои минбаъдааш аз хусуси робитаи ҳиссиёт ва ди-

гар узвҳои дохилӣ, дар бораи алоқамандии эҳсосоту
ҷараёни кор ва ҳуд бахс хоҳад кард.

Он шаб эҳтироми аҳли палатаи кунҷакӣ бар табиби
худ як бар ду афзуда буд.

22

Алихон тасаввур кунад, ки маҷлиси комитети райо-
нии назорати халқ давом дорад. Яке аз масъалаҳои
рўзнома — масъалаи штати барзиёд дар колхозҳо.

Дар мобайни кабинет сардори управленияи хоҷагии
кишлоқ рост меистад. Онҳое, ки аз рўи ин масъала
тафтиш гузаронидаанд, арз мекунанд, ки дар ҳар як
колхоз ба ҳисоби миёна то дах нафар мудири хоҷагӣ ва
мудири анбор ҳаст. Чунки анбори ғалла алоҳида, анбо-
ри сабзавот ҷудогона. Боз анбори меваи тар ва хушк,
анбори асбобу анҷому афзоли чўбину чармин; анбори
таҷҳизоти оҳанин; анбори масолеҳи бинокорӣ; анбори
махсуси сўзишворӣ ва равғанҳои техникӣ ва ғайра ва
монанди инҳо. Ва ҳол он ки як нафар мудири хоҷагӣ
бо якта ёрдамчиаш — он ҳам соле дар ду мавсим —
айёми киштукор ва ҳангоми ҳосилғундорӣ — ҳамаи ин
анбору анборчаҳоро саранҷом карда метавонад. Ан-
бор — фақат як мисол, фақат як соҳаи кор. Дар дигар
соҳаҳои хоҷагӣ низ аҳвол ҳамин.

Носир Аббос ба сардори управления савол медиҳад.

— Рафиқ, шумо дар як сол сесад рўзи кор доред.
Бигўед, наход дар зарфи се сол — яъне аз ҷумлаи нўҳ-
сад рўз акаллан ним рўза фурсат ёфта натавонистед,
ки рўйхати ходимони штатии нўҳ колхози районро ди-
да бароед ва бо рўйхати нормативӣ муқоиса кунед?

Сардор хомўш меистад.

— Рўйхати нормативӣ доред?

— Дорем.

— Барои муқоиса оё ним рўз кифоя нест?

— Кифоя.

Касе лукма медиҳад, ки ним соат ҳам мерасад.

— Ҳа, мерасад,— тасдиқ мекунад сардор.

— Пас чаро ҳамин корро накардед? Ё ба хаёлатон,
дар гирду пеши идораи колхоз ҳар қадар нонхўри бе-
корхўҷа зиёд шавад, димоғи колхозчӣ ҳамон қадар чоқ
мешавад?

Сардор ҳамчунон хомўш.

Дар район кайҳо истгоҳи мошинҳои электрикии ҳи-

соббарорӣ (ЭВМ) ташкил шудааст. Вазифаи он осон кардани хисобу китоб дар хамаи муассисахои район, аз чумла дар колхозхост. Вале чанд сол гузаштаасту аз ин истгох ба колхозхо якпула нафъ намерасад. Дар хар колхоз ғайр аз гурӯхи табельчихо то сӣ нафар бухгалтерон, хисобгарон кор мекунанд.

Аз мудири истгох мепурсад:

— Чаро ба кори бухгалтерияи колхозхо кӯмак намекунед?

— Кӯмаки мо бехуда меравад-дия.

— Чӣ тавр?

— Карточкахои махсуси ЭВМ-ро хисобчиёни колхоз хушсифат пӯр карда наметавонанд-дия. Бинобар ин чавоби ЭВМ ғалат мебарояд.

— Магар ба хисобчиёни колхоз ёрӣ расонида, дуруст пур кардани карточкахоро омӯзонидан вазифаи шумо нест?

— Вазифаи мо-куя...

— Ё имкони ёрирасонӣ надоред?

— Дорем-куя...

— Пас чаро мадад намекунед? Оё тадричан ивази кардани кори мехнатталаби бухгалтерон вазифаи мухим нест?

— Мухим-куя...

— Чаро вазифаатонро бачо намеоред?

Мудири истгох дигар чавоб намедихад. Бо сари хам, гунахгорона ба зери по нигох карда меистад. Ӯ медонад, ки сари хамро шамшер намебуррад.

Ферман ширн колхоз мавзӯи мухокима карор мегирад. Ба раиси правления савол медиханд:

— Чанд модагови чӯшоӣ доред?

— Дусаду дах сар.

— Шумо, раис ва хамаи дар ин чо нишастагон хуб медонанд, ки дар баъзе колхозхои мамлакат, аз чумла республикаи худамон, нигохубини чахорсад-панчсад модагови чӯшоиро ахли як-ду онла ба зимма гирифтаанд. Ва ин корро чунон хуб ӯхда мекунанд, ки бинандаро ба холи хуши хайвонот, ба озодагии чои хӯрок, хуфтухоби он хавас меояд. Модагов аз фарбехӣ, аз тозагии сару гардану пою пистон химмас мезанад, ба хазор ранги дилкаш тобиш медихад. Шумо хамин хел фермахоро албатта, дидаед?

— Ха.

— Пас айб нест, ки дар як хочагии бузург, ки хазорон адад дасти коргар, хазорон захматкаши устухонаш бо мехнат шахшуда дорад, хамагӣ дусаду дах сар модаговро озода, дар бинои сафеди тоза нигох дошта, парвариш карда наметавонед? Ширро дар як мухити мӯътадили покиза чӯшида наметавонед? Оё шарм намедоред, ки очизии худро намоиш медихед? Хамин кадар вакт ба ахли колхоз намоиш медодед, ба онхое, ки шуморо ба умеде раис интихоб кардаанд, имрӯз — ба ахли хамаи район?

Даме сукут хукм меронад.

— Ба хаёлам, аз намоиш додани камхавсалагӣ, дӯлобкорӣ ва кохилӣ макеад ин набудагист, ки ба вазнин будани вазифаи раисӣ ишора кунед?

— Не! Не! — нохост гӯё аз хоб бедор шуда, саросема эътироз мекунад раис.— Рафик Носир Аббос, рафикони мӯхтарами аъзоёни комитет! — ба нутк медарояд ӯ, ки то алхол ба гардани кач маъсумона сомеъ буд: — Як бори дигар аз гуноҳам гузаред... Шумо гуфтагӣ камбудихоя хамеша даррав решакан мекунем. Хар кадар танкид кардед, дуруст. Тоҷи сар, нури дида. Мо аз хамин рӯз сар карда...

Ӯ катор-катор ваъдахо медихад ва дар хотири Носир Аббос лавхахои ба хамин монанд аз нав чилвагар мешаванд, ки дар он лавхахо даххо ин кабил ваъдахо накш бастаанд:

— Доир ба бартараф намудани камбудихо як катор чорахо муайян карда шудаанд...

— Барои нест кардани норасоихо, аз сари рох бардоштани мамониатхо ба хадди имкон кӯшиш мекунем...

— Кавл медихем, ки...

— Чора дида истодаем, ки...

— Ин масъала бомуваффакият хал карда хохад шуд...

Ва монанди инхо.

Дар яке аз мачлисхо директори як мактаби гӯшаи дурдасти район зани хушсурате, зохиран боиазокат ва пурмалохате низ хамин гуна ваъдахои тумтарок медод. Ба дурӯғ гуфтани мардони мансабдор то андозае токат овардан мумкин. Аммо ваъдахои хавой ба зан чӣ тавр намезебад! Бадани кас аз хаё бичиррос мезанад. Не, инаш аз хар гуна хадду худуд беруи аст...

Носир Аббос хохиш мекунад, ки Алихон Зардодхон гардани гафси раиси сельпоро пеши назар оварад. Ин гардан аз серравгании пӯст ялаккос мезанад. Хусусан

чинҳои ғафси ғабғабмонанди суп-сурхаш. Лекин сараш яктарафа хам ва кач, намуди бегунахонае дорад. Вай хам аз кабили соддамуғамбиронест, ки бо гарданаки кач аз тахлука начот ёфтанро тадбир мешуморанд.

Дар ошхонахои тобеи ӯ ифлосй хукмфармост. Сачоки дастпоккуи сип-сиёх, навишта шудааст дар хулосаи комиссияи махсуси назорати халк. Кас баъди даст шустан чуръат карда наметавонад, ки ба ин гуна сачоки чиркин хатто назаре афканад. Лаби истаконхо, косаю табакхо паридагй. Баъзе чангчахо кату пат, ё як-ду ангуштаяаш шикаста, ба холи хузноваре расидааст.

Дарунй матбах — сайронгохи пашша. Таки пой — пури пӯсту пӯчоки сабзавот.

Чаро? Чунки раиси хумгардан аз мудири ошхона тозагй талаб намекунад. Барои чй? Барои он ки саликаи худаш баланд нест.

— Девори чанд ошхонаро сафед кардед?

— Деворхоя худаш сафед.

— Медонем, худаш як вактхо сафед кардагй буд. Лекин аз рӯи қоида хар сол акаллан як бор аз нав сафед мекунанд.

— Ҳа.

— Чй «ха»?

— Як ошхоная сафед карда будем, ба хаёлам. Не, дута гуфтан мумкин.

— «Гуфтан мумкин» — тамасхуромез такрор мекунад касе.

Ӯ дар ин чо бо гардани кач истодааст. Медонад, ки пешхезй кунад, бой медиҳад. Аммо аз ин чо мебарояду аз пан дӯғу даранг, лофу газоф, маишати худ ва ёрони худ мешавад. Илоче бошад, ки кас ӯро ба коре бифиристад, ки равғани гарданаш каме об шавад. Кош равғани ноаён бошад! Ялтирос зада, чило дода, «Мана, тамошо кунед, гардан ин хел мешавад!» мегӯяд.

Чаро шахси гарданаш равғанбаста, вичдонаш, имонаш, инсофаш, ғайрату ҳамияташ миёни чарб монда нопадид гаштаро, масалан, ба ягон кори чисмонй фиристодан мумкин набошад? Чаро, дар воқеъ хамин гуна тадбир аз доираи имкон берун будааст?

Владимир Ильич дар анчумани саввуми иттифоқхои касабаи умуми Россия гуфта буд: «...Мо ба чуз шашсад хазор коммунист ва се миллион аъзои иттифоқи касаба барои ғалаба дигар армия надорем! Инро бояд дуруст фаҳмид!»

Коммунистони фидокор холо хам бо ифтихор худро сарбози партия меноманд.

Аммо аз эхтимол дур нест, ки ин зот хам дар маъракае даҳои пур карда, хамин гапро гӯяд, яъне «ман хам сарбози партия» гӯяд. Мабодо дар хузури чавонони наврас ин суханро бигӯяд, ки онхо аз гарму сарди рӯзгор, пасту баландихои зиндагонй ханӯз вокиф нестанд ва ба калонсолон аксаран ба чашми эътимод ва умед менигаранд.

Ба назари Носир Аббос симои ин шахс шум ва манфур мерасад. Ӯ ба худ кайд мекунад, ки дар дил ба ин зот ҳамчун ба душмани шахси худ нафрат ва адоват хис мекунад. Лахзае аз ин хулоса ботинан бесаранчом мешавад. Ба андеша меафтад, ки оё ин кораш ғалат нест?

«Коммунисте ки ба душман адоват намепарварад, оппортунист* аст» — ин хикмат ба ёдаш мерасад ва ӯ таскин меёбад.

Шуур тобеи вучуд аст, мегӯянд. Шуур аз паси зиндагй кашола аст, мегӯянд боз. Ин каломи ҳакимона ба чуз маънохои маълумаш чунин моҳияте ҳам дорад, ки сифати кадрхо хоҳу нохоҳ аз талаботи хаёт ба андозае қафо мемонад. Чунин аст акидаи Носир Аббос, ки гохо зарурати аз мансабе дур кардани ягон фалакзадаро хис карда, дар айни замон ба андеша меафтад, ки ба чои ӯ киро тавсия кардан мумкин? Охир, мантиқан касеро бояд муаррифй кард, ки акаллан як сару гардан аз ӯ баландтар бошад.

Он се нафари аввала ислоҳпазиранд. Аммо ин хикгардан, бешубҳа, душман аст. Бале, бале, Носир Аббос боз такрор мекунад, ки ҳариф на фақат он аст, ки бар мукобили хокимияти халк ошкоро набард мекунад ё мафкураи душманонро пинҳонй тарғиб менамояд. Ҳар як зараркунанда хам душман аст. Ин зот, ба акидаи Аббос, бошуурона набошад хам, беихтиёр ба кори умум зиён мерасонад. Ӯ чои шахси дигареро ба чй ҳилахое банд карда гаштааст. Чоеро ки дар дасти шахси софдил, боғайрат ва коркун кайҳо обод мешуд, ба харобй расонида, худ бо кайфу сафо машғул аст. Ӯро парвое нест, ки ошхонаи қаркин ва таомаш бемаза на фақат ба машоми хӯранда, ё меъдаи вай таъсири нохуш мерасонад ошхонаи ифлос ба номи район, кишвар хам иснод меоварад. Ба номи ободкунандагони ин кишвар, ки дар

* Муросозкори мунофик.

вокеъ қахрамонона кор мекунанд ва сад бор месазад, ки дар ҳар қадам хидмати ононро ба ҷои адо кунанд.

Имрӯз фақат як чузъи хурди «фаъолияти» ӯ мухокима шуд. Ба комитет аз найрангҳои бебоконаи зердастони ӯ — коркунони базаи сельпо ва фурӯшандаҳо низ мактубе омадааст, ки ҳоло санҷиши он дар пеш аст. Бигузор кирдори ӯро ташкилотҳои дигар ҳам муҳокима кунанд, ки ба чуз озод кардан аз вазифа ва чаримаи пулӣ чазоҳои дигар низ дар ихтиёр доранд.

* * *

Носир Аббосро Зевар ба кабинети процедура бурд ва Ивон-амак дарҳол ба Иброҳимҷон наздик омада, савол дод.

— Донистӣ, писар, Аббос чаро касал шудааст?

— Аз наклҳояш фаҳмидам.

— Чӣ фаҳмидӣ?

— Вазифаи наваш қасал кардааст: ҷанҷол, нохушӣ, кашокаш...

— Не, писар,— гуфт Ивон-амак.— Не! — бо хурӯше такрор кард ӯ.— Гап дар сари вазифа нест. Вай дарди дигаронро аз дарди худ зудтар ҳис мекунад,— ангушти ишорашро боло бардошта гуфт пирамард бо ваҷоҳате ки кашфи тозае кардааст ва рӯи палатаро як бор давр зада омада, илова намуд: — Дар назари аввал ин гап гӯё аз акл дида, бештар кори дил аст.

Боз рӯи хонаро давр зада омад.

— Ғайр аз ин барои дарки ин маънӣ аз ҳамин қавм будан ё акаллан ҳаводори он будан шарт. Қавме ки номуси башар аст. Ширан замин, гули сари сабади бани одам аст.

Тавсифи Ивон-амак ба нафси Иброҳимҷон аввал сахт расид. Аббос гули сари сабад асту ӯ, Иброҳимҷон аз чинси хасу хошоки беарзиш. Лекин мулоҳиза карда, эътироф намуд, ки рост, ӯ дар вокеъ, аз вуҷуди нарасонҳои рӯзгори одамӣ ғусса хӯрда, аз мураккаботи муносибати байни одамон андеша карда, ба ин ҳолат расидааст. Аз ояндаи халқ, мамлакат бисёр фикр кардааст. Он ҷамъияти нави аз ҳар ҷиҳат баркамол кай тамом шакл мегирад? Хислатҳо, зухурот, чизҳои матлубу марғуб ба ӯ равшананд. Вале нуксонҳои табиати инсон чӣ тавр ва кай аз байн мераванд? Гоҳо ба саволҳояш ҷавоби равшан меёбад. Гоҳо магзаш аз ҳалли ин кабил саволҳо оҷиз мемонад.

Рост, Носир Аббос инсон аст.

Инсон, охир, ҳамон аст, ки ба фақат ғами хеш, балки ғами дигаронро низ хӯрад. Ғами фардоро. Фардои худ, фарзандони худ, аммо дар баробари ин ғами фардои ҳамаи ҳамватанон, ҳаммаслаконро. Агар дар вуҷуди навъи башар ҳамин чизи мукаддас, ҳамин нури пок намешуд, таҳаввулот намебуд, дар бадали ин дах ҳазор соли охир вай аз табари сангӣ то ба киштии атомӣ ё ракетаҳои кайҳониврд намерасид, бешак.

Пахтакоре ки дар сахрои гарми офтобӣ ба обу арак ғутида кор мекунад, гарчи бо фалсафа машғул нест, фақат барои сер кардани шикаму нушопидани аҳли хонаводааш заҳмат намекашад. Духтарчае ки ғайр аз таги дари квартираи худ боз чанд зинаи дигар, таги дари хамсояи куҳансол, инвалид, атрофи даромадгохи хавлии васеи сивушашхонадорро мерӯбад, низ инсони хурдсол аст ва инсони баркамол хоҳад шуд.

Қас пойафзоли дарбеҳдори ҳамгузарашро дида наҳандад, балки дилаш фишор хӯрад, инсон аст. Равиши кори хамсоя, ҳамкасаба, ҳаммаслакашро дида, аз сидқи дил шод шавад, инсон аст. Мисли он олими фидокор, ки дар шароити сахти биёбони регзори Туркманистон солҳо тадқиқот мебурд, ки тадбире андешад, роҳе пайдо кунад, то ки кӯчи рег қатъ гардад ва дар болои регзор қабати замини қорам ба вуҷуд ояд, дар Қарокуму Қизилқумҳо миллион-миллион гектар регистон ба боғу бӯстон мубаддал шавад.

Ин нукта ба Иброҳимҷон ҳам акнун якин аст. Бале, акнун. Пеш вай дар акидае буд, ки ҳамаи саъю кӯшиш, ҷидду ҷахд ва талоши Носир Аббос барои шахсон фақат зоҳиран гӯё маъное дорад, аммо дар асл ботил аст. Чунки ҷахду талоши онон ба хотири он аст, ки ҷамъият ба пояи камолоти олӣ ҳар чи зудтар бирасад. Лекин, охир, маълум, ки ҳеҷ чиз, ҳеҷ кас, ҳеҷ гох ба камолоти мутлақ нахоҳад расид. «Мо ба нуктаи олии камолоти мутлақ расидем» гуфтани гап маъное дорад, ки қонуни никшоф аз амал бозмонд, диалектикаи таҳаввулот дигар вуҷуд надорад. Пас, саъю одамон дар кӯи такомулот ба хар ҳол бесуд ва ботил аст...

Ӯ медонист, ки ин акидаи тоза нест, бофтаи акли худаш ҳам нест, аз он бӯи мафкураи бегонае меояд, аммо дар замири шуур аз ин фикр халос шуда наметавонист.

Дуруст мегӯяд Ивон-амак. Акнун Иброҳимҷон хам

ба кирдори Носир Аббос бо назари худи ӯ нигоҳ хоҳад кард.

Касе, фаразан, назди худ мақсаде гузоштааст, ки ба сӯи фалон манзил ё маъвое пеш равад. Магар барои ӯ тафовут надорад, ки то анҷоми мӯҳлати юриш, то интиҳои қувваю мадори ӯ ба марра оё даҳ фарсах роҳ боқӣ мемонад ё ҳазор фарсах? Албатта, тафовут дорад. Ва на танҳо аз он сабаб тафовут дорад, ки ин тоифа одамон аз наздик шудан ба мояи мақсудашон масрур мешаванд, балки аз осон гардидани кори насли оянда, насли фардоина низ шодмонӣ мекунанд.

Қавме ҳаст, ки сарфи назар аз касбу кораш, дар вуҷуди он ҳиссиёт ба мадди аввал баромадааст. Вай мехоҳад, ки одами нав, инсони дар ҳар боб бенуқсону оқилу фозил, софдилу баномус баъди масалан, ҳаштод сол не бист сол не, балки пас аз панҷ сол, як сол ё бехтараш, фардо ё худ ҳамин асно ба майдони кор ояд.

Ивон-амак мегӯяд, ки замони пеш, хусусан асрҳои охир, инкишофи одамизод яктарафа ҷараён дошт. Таҳти таъсири инқилоби фан хиради инсон бо суръат рушд меёфту эҳсосот аз он қафо мемонд. Аз ин сабаб ин қабил одамон аҳён-аҳён пайдо мешуданд. Сохти нави ҷамъият, давлати мо аз рӯзи нахуст мекӯшад, ки фазилат ва савқи одамӣ ба як маҷрои умум бирезаду якҷоя ва баробар сабзад, ба ҳамдигар мавзуну мутаносиб бипайвандад. Бинобар ин ҳам акнун дар ҳар кишвар як-та-нимта не, балки садҳо, ҳазорон одамон ҷун муборизони бехрӯзин умум ба воя мерасанд. Замони нав мушкилу осон нагуфта, фарзандони худро пайваста дар ҳамин рӯҳия тарбият мекунад ва агар дар сириштӣ тарбиятгиранда ору номус, ғайрат ва ҳамият бошад, ҳатман муносиби идеалҳои наҷиб ба воя мерасад. Ҷун коммунист ба воя мерасад...

Хайр, дигар аз ин масъалаҳои мушкил фикр намекунам, ба худ гуфт Иброҳимҷон ва дурбинро аз таги болин гирифта, ба пештахтаи тиреза наздиктар омад. Аммо дурбинро ба кӯча рост мекарду аз дил мегузаронид, ки ин аломати шифо ёфтанаш аст, ки боз мисли собиқа аз ҳар боб андеша меронад.

Дар кӯча ҳамон манзараи ҳаррӯза: мошинҳо, одамон ба ин сӯву он сӯ мераванд. Одамон мераванд, мошинҳо медаванд. Мошинҳои рангубаранг, хурду калон. Одамон низ гуногун. Ҳатто аз ҷиҳати гаронборӣ ё сабукӣ одамону мошинҳо ба ҳам монанд. Яке бе бор тезу

сабук медавад. Дигаре зери маҳмулоти гарон фишшос мезанад. Ин ҷиҳат аз андоми роҳгузарон низ аён аст: яке ба қадри тавонаш бори фитрат бар дӯш гузоштааст; дигаре зери ин бор ҳатто гирехи ҷабин кушода наметавонад; саввуми на парвои одам дорад, на парвои олам.

Дурбин ҳам Иброҳимҷонро мисли рӯзҳои аввал машғул намедорад. Аз тамошои дурбинӣ зуд сер мешавад акнун. Хайр, табиати одамӣ ҳамин аст. Бори якум, ки ба тарафи кӯча менигарист, зери шуои офтоб дурахшидани кӯлмакеро дида, аз шодӣ кариб нафасгардон шуда буд.

Акнун хеле сиҳат ёфтааст. Бояд ба кӯча барояд. Аз рӯи ҷадвале, ки Ивон-амак ба сари худ сохта эълон кардааст, Зардодхон кабл аз ҳама ӯро ҷавоб медиҳад. То Иди Ғалаба ҷавоб надиҳад ҳам, ду рӯзи ид ҳатман бояд ичозат бидиҳад, ки пирамард ба мулоқотҳояш биравад. Бе ин намешавад... Сонӣ Каримҷон-ака мебарояд. Баъд Носир Аббос ва пас аз ҳама ӯро ҷавоб медиҳанд.

Ин навбати тартибдодан Ивон-амак аст, ки ҳамчун касали пурдида худро баробари табибон хирадманд медонад. Иброҳимҷонро ӯ шояд барои ҳамин ба охири рӯйхаташ фароварда мондааст ки ӯ ҳанӯз ба духтур чизе накл накардааст. Яъне муносиби унвони палата, ки тадқиқӣ меноманд, ҳоло коре накардааст.

Ӯ ба каташ ёзида, саҳифаҳои хотироти худро гардонидан гирифт. Аҷиб, дар «китоби» ёддоштҳои худ ӯ акнун саҳифае намедид, ки бо вуҷуди Хиромон марбут набошад. Гӯё ҳаман он саҳифотеро, ки айёми кӯдакӣ, наврасӣ, ҷавонӣ, солҳои таҳсил дар университет, кор дар маориф ва киностудия, ҳатто давраи яксолаи зандорнаш акс ёфта буд, касе аз китоби хотирахои ӯ канда партофта бошад, ё ҳаман он варақҳоро якҷоя дӯхта ва маҳкам барбаста бошад. Оре, силсилаи воқеоти солҳои гузашта ҳоло гӯё аз мадди хаёлаш дур рафта, ба саргузашти шахси бегона бадал шуда буд.

Ва ӯ аз ин ҳол шод буд. Ӯ хар як мулоқоти худро бо Хиромон, ҳатто ҳар як дақиқаи ин мулоқотҳоро бо изтироби фарогатбахше, ба фахру нозише ба ёд меовард.

Он рӯзи тирамоҳро, масалан, ки аз чоштгоҳ то охираш ҳамроҳ гузаронида буданд. Саҳарӣ аз хоб бархоста, ба равғаи молидани узвҳои мошинакаш сар кард. Узвҳои мошинро одатан пас аз тайи ҳар ҳазор километр равғаи мемоланд ва худи ӯ низ ҳаман он чанд со-

ли мошиндорнаш ҳамон тавр мекард, ҳатто гоҳо мўҳлати нигоҳубинро аз бехавсалагй дидаю дониста мегузаронид. Лекин акнун мошинаки худро ончунон меҳрубон буд, ки фақат модари мушфиқ метавонад ба фарзанди дилбанд ба ин поя ғамхор бошад.

Ана, аз мошиндорон пурсидан мумкин, ки баки сўзишвориро дар кадом сурат тоза мекунанд? Дар китоби дастурҳо навишта шудааст, ки ҳар сол камаш як бор — бехтараш аввали зимистон ё оғози тобистон. Аммо ин фармоншн китоб аст ва опро на ҳама бачо меоваранд. Аксари ронандагон мегўянд: ҳамин ки чирк пайдо шуд, бакро тоза мекунанд. Лекин Иброҳимчон сатилу тағораҳои янгаашро бензинолуд карда ва аз ў барон бесомоннаш таъпаю накўҳиш шунида, дар ҳар мавсим як бор баки бензинро тоза мекард. Барои чй? На аз барои он ки ҳангоми сафар бо Хиромон агар заррае чирк ё пағаи пахта ё ресмоне рафта дар гулўи карбюратор дармонад, ў илочи бартараф кардани ин монеаро надонад ё дар миёнаи роҳ аз равғанолуд шуда, банд-банд кушодан ва баргашта васл кардани ягон узви мошинаш шарм дорад. Не. Ў намехост, ки аз дақиқаҳои гаронбаҳое, ки тақдир ба ў барои сухбат бо Хиромон инъом кардааст, ақаллан лаҳзае сарфи дигар машғулот бишавад.

Шахси хоксори меҳнатнеро, фаразан, ба идораи калоне даъват кунанду номи яке аз мўътабартарин одамони мамлакатро ба забон гирифта, бигўянд:

— Ҳамин касро мешиносед, албатта.

— Набошад чй! — хитоб кунад он шахс, зеро сухан ҳақиқатан аз касе меравад, ки машҳури олам аст ва ўро фақат дирўз аз моҳ афтодагон намешиносанду бас.

— Ана ҳамин кас пагоҳ меҳмони шумо мешаванд. Хоҳиши худашон ҳамин аст, агар шумо зид набошед, албатта.

— Хеҳ! Кадом девона ба қабули меҳмон зид мешудааст? Хусусан ин хел меҳмон!

Бо вуҷуди ин муддате он шахс моту мабҳут бигардад. Фақат пас аз фурсате, баъди он ки ба ў ҳаман чидднятн ш вокеаро фаҳмонанд, ў бағоғоҳ ба як лўндаи ҳуш мубаддал шуда, ба андеша биафтад, ки чй тадбире созаду будушудн худро сарфи меҳмони азиз намояд, чони худро зери қадами ў пояндоз созад.

Метавон гуфт, ки Иброҳимчон ба мулоқоти Хиромон ҳар дафъа, ҳар сафари нав мисли ана ҳамин гуна

мизбоне мерафт ба истиқболи ҳамин навъ меҳмоне.

Хамон якшанбеи айёми тирамоҳ ду соат қабл аз вақти таъинкардаи Хиромон ба кўча баромад. Фасли хазонрезй буд. Боди сарсарй баргҳои нимхушкро такон дода ва барканда, ба сари кўчаву пайраҳаҳо мерехт. Тамоми шаҳр гўё боғи бузургеро мемонд. Бод тўдаҳои хазонро ин сўву он сў, гоҳо пешопеши автомобиль теладихон мебурд. Агар ин бод шабона мевазид, хазони фурўрехтаро фаррошон кайҳо рўфта партофта буданд. Аммо ҳоло ин манзараи ачибро чизе халалдор намекард. Чарҳҳои мошин ҳар чо-ҳар чо анбўҳи барги хушкро шуввосанон зер карда мегузашт. Раҳҳои сафеди рўи роҳи мумфарш базўр дида мешуд. Иброҳимчон баъзан фаромўш мекард, ки дар кўчаи шаҳр гаштааст. Фақат светафорҳо ўро ҳар замон хушёр мекарданд.

Ў дам ба дам ба соат нигоҳ мекарду зери лаб суруд замзамакунон дар кўчаҳо оҳиста мошин меронд. Нохост дар дилаш ҳавасе пайдо шуд, ки ба чойхонаи «Роҳат» рафта чой нўшад. Чаро ҳамин кадар мардум дар ин маъвои рухафзо бахузур нишаста, чой нўшида, истироҳат мекунанду ў худро аз чунин насиба бебаҳра месохтааст? Чаро ў бояд ҳамеша мисли роҳбалади сайёҳон аз гирду пеши ин чойхона бошитоб дартоз бигзарад? Боре ду кинооператори чехро ба ин чо оварда, тамошо дода буд. Дафъаи дигар ҳамроҳи меҳмонон аз республикаҳои бародари Осиёи Миёна — иштироккунандагони фестивали фильмҳо омада буд. Як маротиба худаш ҳам барои кадом сюжете як порча аз накшунигори сутунҳо ва сақфи чойхона ба навор гирифта буд. Аммо оператор ҳангоми кор аксаран ба мавриди эътибори худ махз ҳамчун ба манбаи нафосат назар намекунад. Вай нисбат ба чизе ки аксашро мебардорад, ончунон назаре дорад, ки дехкон ба гандуми тозаи тухмй ё хоки нарми ба тоб омадаю ба кишт омодае дорад, ки барои озмоиш бй каф бардоштааст.

Як чойник чой оварда, ба мўйсафедоне ки катҳои майда-майда барохатро пур карда менишастанд, даст рўи сина гузошта, таъзимкунон салом дод. Аз гўшаи ягонтан ин катҳо нишастан мехост ва ба худ чой мекофт.

— Муаллим, ин чо биёед, марҳамат, ана чои холй,— ду-се нафар пирамардон зичтар нишаста, барои ў чой холй карданд.

Иброҳимчон дақиқае ҳар тарафи иморатро бо шавқ

тамошо кард. Вале чӣ тавр аз иморат ба таърихи сохта шудани он ва аз мавзӯи сохтмон ба хаёти бинокорон, аз он ба манорақраши борбардор ва ниҳоят, ба Хиромон кашола шудани риштаи хаёлашро худаш нафаҳмида монд. Як вақт дид, ки атрофиён ба ӯ бо тааҷҷуб менигаранд: кайҳо боз бо даҳони то баногӯш воз ба сутуни мунаққаш нигоҳ карда мисли савдоиҳо табассум менамояд.

Аз ҳиҷолат: «Акнун равам... Аҷаб ҷои дилкушое!..» барин ибораҳои беробитаро зери лаб такрор карда, сӯи истгоҳи мошинҳо, ба паси театри драма давид...

Хиромон гуфт:

— Момои ман фармуд, ки барои намак кардан аз бозор карам бинорем. Мошинатонро кор фармоем, мешавад? — ӯ сохиби ҳавлӣ ва ҳамсояи худро ҳазломез момо меномид. Аз суханҳояш пайдо буд, ки Момояш ба Хиромон ва писараки ӯ хеле меҳрубон аст.

— Мошини ман хизмат кардanро ба Момон шумо бахт медонад,— гуфт Иброҳимҷон.

— Мошини накӯкор будааст.

— Моле ки ба сохибаш намонад, ҳаром, гуфтаанд.

— Ба сохиби хоксораш,— илова намуд Хиромон.

Иброҳимҷонро карамхарин Хиромон завқ мебахшид. Вай аз карами арзони кооперативӣ дарҳол даст кашид. Сар то сари бозори карамро давр зада, тӯдаеро хуш намуд ва ба сохиби он рӯй оварда:

— Ака, савдо карда намешинем. Ба нархи бозор ҳисобӣ мекунем. Чӣ гуфтед?

— Албатта, ба нархи бозор, хоҳар,— гуфт деҳқон дар ҳолате ки аз муомилан ғайриоддии ин ҷавонзан ба ҳайрат афтода буд, илова ба ин аз андоми хуши ӯ чашм канда натавонист, гӯё шах шуда менистод.

— Мо ду-се халта карам мегирем. Илтимос, худатон аз соз-созаш ҷудо кунед.

Мардак ба миёнаи тӯда даромада, гӯё харбузаи ширин интихоб мекарда бошад, хар як калла карамро аз назари таҳқиқ гузаронида, баъд ба дасти Хиромон месупурд.

Иброҳимҷон карамхарин янгаашро ба ёд овард. Вай ҳам ҳар сол як бӯчка карамро ба намак мехобонид. Деҳқон агар килои карамро бист тин нарх монад, янгааш аз даҳ тин сар карда, ду тин-се тинӣ зиёд карда, болоаш мебаромад. Ба сари дигар тӯдаҳо рафта, баргашта, боз як-ду тин илова мекард. «Мо бисёр мегирем-дия», мегуфт савдои сахти худро сабаб нишон доданӣ шуда. Оқибат, деҳқони бечораро ба ҳоле расонида, бинишаро ба заминҳо молонида, ба нархи арзонтар розӣ мекунонид.

Интихоби карам сар мешуд. «Инро гиред». «Не, намешавад. Ковок, дӯлмабоб. Гуфтам-ку: мо ба намак мехобонем... Инаш ҳам намешавад, бинед, акаи деҳқон, мағз-мағзаш пури пашшаяки сиёҳ... Дору занед намешуд сари вақт? Ин зормондая кир мекард...».

Зани бад нест янгааш. Ҳатто метавон гуфт, зани олиҷаноб. Оқила, хушсаризабон, раҳмдил. Ӯро ба ҷои модар, хоҳари калон мӯйису меҳрубон гаштааст. Лекин ҳамроҳаш ба бозор ё магазин бираві, зиқ карда, сил карда мекушаду тамом.

Боз Иброҳимҷон карамхарии Хиромонро тамошо карда, дар дилаш оид ба ӯ, ҳаёти ӯ саволҳои бисёре қатор карда, ба онҳо ҷавоб ёфтанӣ мешуд. Мегуфт, ки чаро хатто сабзавот харидани ин зан ба дигарон монанд нест? Вай ӯро борҳо дидааст, ки аз рухсораш, аз пайкараш, рафтору гуфтораш назокати хоси зани тоҷик меборад. Борҳо ҳангоми навозиши писаракаш Шарифҷон дидааст, ки аз қабили бехтарини модарони меҳрубон аст. Бо вучуди ин ӯ ҳамон Хиромонест, ки ба одам (рост, ки Абӯро фақат шартан одам метавон номид) тир андохтааст. Охир, ӯ аслан ба одам тир андохтааст, на ба аспи ӯ! Агар аз он қабл тирандозиро ақаллан боре машқ мекард, эҳтимол, тираш ба ҳадаф мерасид ва ин духтар ҳоло қотил буд... Чӣ тавр дар вучуди ин чавонзани фаттону дилафрӯз ин қадар хислатҳои мухталиф ба ҳам омадаанд? Чӣ тавр?

...Онҳо тамоми он рӯз якҷоя буданд. Тақрибан нимшабӣ аз кинотеатри ба номи Ҷомӣ баромаданд.

Дар кӯча якта-нимта борон меборид. Аз ким-кучоҳои дур овози тундар ба гӯш мерасид. Гӯё баҳоррӯя бошад, абрҳои осмон ҳам ба тарзи баҳорона парешону сабук менамуданд, чандон тираш бадҳайбат набуданд.

Ҳама хандакунон мазҳакаи ҳамин ҳоло дидаашон «Тӯй дар Малиновка»-ро муҳокима мекарданд, ба осмони абрпӯш, борони дона-дона чандон аҳамият намедоданд.

— Воачабо! Чи шуд, ки ман ба ту дил бохтам-а! — сухани яке аз персонажҳои фильм Попандопулои анархистро қох-қохзанон такрор мекард Хиромон ва дукат шуда, камарашро дошта, бо завқ механдид. Попандопу-

ло ин гапро бамавриду бемаврид, дар ҳар ҷо ва ба ҳар кас мегуфт ва бонси ханда мегардид. Охирин бор ин суханҳоро ба шахсе мегуфт, ки ӯро асир гирифта, ба қатлгоҳ пешандоз мебурд.

— Воаҷабо! Чӣ шуд, ки ба ту якбора дил бохтам-а! — боз такрор мекард Хиромон ва қоҳ-қоҳ механдид.

Нохост ба сари шаҳр борони сел фурӯ рехт. Ҷои гурез набуд. Баъди тар шудан қарор доданд, ки, майлаш, зери борон рафтан мегиранд. Қафшҳошонро ба даст бардошта, ҷӯйчаҳои оби борониро мисли кӯдакони шӯх қасдан шалаппосзанон пош дода, роҳ мерафтанд.

Иброҳимҷон Хиромонро то таги дараш гуселонид. Қайфияти мазҳака то дақиқан охир ӯро тарк накарда буд. Суханони Попандопулоро ҳамчунон такрор мекарду механдид.

Он рӯзи тирамоҳро бо хазонрезиаш, бо савдои карам дар бозор ва борони сели серун дар хиёбони бепанохгоҳе Иброҳимҷон хуб дар ёд дорад. Ӯ борони тирамоҳиро — ҳам сел, ҳам симсими дилбазанашро бад медид. Аммо мавсими сол, аз афти кор, аввал дар кишвари дил оғоз мешавад. Тақвими дилу тақвими рӯзгорон на ҳамеша ба ҳам рост меояд.

Борони оншаба дар ёди ӯ чун бориши пурфайзи баҳоррӯя монда буд.

23

Носир Аббос магар бо дасти чап аз хоб бархост, ки аз чизе норозӣ, ҳатто кадаре хашмгин менамуд. Ба хонаи таомхӯрӣ ҳар чаҳор нафар ҳамроҳ рафтанд. Аббос гӯё саҳари солеҳон бо касе дастбагиребои шуда бошад, дар он ҷо ҳам бо чеҳраи гирифта хомӯш менишаст. Твороги туршро бо қошуқча тит карда, бо дили нохоҳам каме хӯрду дигар ба чизе даст нарасонида, ҳатто ягон истакои чой нанӯшида, ба палата баргашт.

Иброҳимҷон ба Ивон-амақ ва Каримҷон-ака саволомез нигоҳҳо меафканд, мехост сабаби димоғи сӯхтаи Аббосро аз онҳо бифаҳмад. Аммо онҳо худ дар тааҷҷуб буданд.

Ҳамин ки ҳама дар палата ҷамъ омаданд, Носир Аббос Ивон-амакро сари миз дар муқобили худ нишонида, бо оҳанге, ки баҳси кайҳо саршударо идома медода бошад, ба ӯ мурочиат намуд:

— Ҳозир ман хезаму ба касе гӯям, ки тарбияи насли

мо бо ҳамаи хубиҳо, бартариҳои худ аз як чиҳат норасоне дошт, медонед, ба ман дарҳол чӣ мегӯянд?

— Чӣ мегуфтанд? Агар мусоҳиб шахси оқил бошад, мегӯяд, ки тарбия ҳам, мисли ҳар кори дигар бенуқсон намешавад, — чавоб дод Ивон-амак бо иштиёқ, зеро мехост бонси ҳоли парешони Аббосро ҳар чӣ зудтар бифаҳмад.

— Шумо, Андреич, даррав пеши гапа набандед. Мусоҳиб хоҳ оқил бошад, хоҳ не, фавран мегӯяд, ки не, нодуруст мегӯй. Агар тарбияи мо нуқсон медошт, миллионҳо фидокорони панҷсолаҳои пеш аз ҷанг ва пас аз он ба майдон намеомаданд. Ҳазорон-ҳазор фарзандони халқ барои ҳимояи Ватан, ҳаёти тозабунёди худ сина сипар намекарданд.

— Хайр, дуруст мегӯяд.

— Дуруст, аммо давомашро гӯш кунед. Мо ҷамъияти нав месозем. Ҷамъияте, ки на дар таърих ба худ назире дошт, на дар рӯи олам. Мо ҳар як барори кори худро натиҷаи хислатҳои неки бинокорони ин ҷамъият медонем. Ва беҳтарини онҳо аз ҳама чиз муқаддамтар донистани манфиати ҷамъият аст. Рӯихати хислатҳои хубро нависед, як дафтар пур мешавад. Ин ҳама хуб аст. Лекин ҳар як чизи бад ва хӯи ногувор, ки ба назар мерасид, мо онро зуҳуроти боқимондаи замони пеш эълон мекардем. Ё ҳеҷ набошад, осори боқимондаи ҷамъияти капиталистӣ... Боқимондаи хурофот дар шуури одамон... Доғи лаънатии замони гузашта... Ва боз кимчиҳои дигар...

Шабу рӯз, дар мактабу хона, мачлису машварат ана ҳамин маъно ба гӯшу ҳуши мо талқин мешуд. Магар боқимонда, ё доғи аз фалон чизмонда категорияи муваккатии умраш кӯтоҳе нест?

— Ҳа, ҳамту! — мегуфт Ивон-амак, вале аз вачоҳаташ аён буд, ки ҳанӯз пай набурдааст, ки Носир Аббос риштаи сӯханро ба куҷо бурданист.

— Пас, хоҳу нохоҳ, ба насли одамоне, ки ҳоло синнашон дар мобайни панҷоҳу ҳафтод аст, ва, рости гап, на фақат ба онҳо, дар айёми наврасӣ, баъд дар давраи ҷавонӣ чунин фикри на аз ҳар ҷиҳат саҳеҳ талқин мешуд, ки ҳар чизи манфӣ, нолозим ва нохуше, ки дар шууру дар рафтору кирдори одамони ҷудогона ё табақаҳои алоҳидаи аҳолӣ ҳаст, хеле кам умр дорад. Андаке зӯр занем, кифоя аст, ки худ аз худ аз байн биравад.

Рост бисёр айбу нуқси инсонӣ заминаи худро — он

заминаи иҷтимоиро, ки ғизояшон медоданд, гум кардаанд. Масалан, миллатчигӣ ё муносибати чоҳилона ба занон дигар ҳеҷ гоҳ ба он шакле, ки дар замони пеш ё солҳои аввали инқилоб буд, такрор нахоҳанд шуд. Аммо он иллатҳоеро, ки дар ниҳоди худи инсон аст ва манбаи он — табиати мураккаби худи одам, муносибати байни одамон аст, ҳодисаи муваққатӣ эълон карда, худамонро фиреб додани худамон ба кӣ лозим буд? Ба кӣ?

Иброҳимчон ба ин гапҳо гӯш дода, аз мулоҳизаи онҳо дида, хаёлаш бештар ба муаммое банд буд, ки чӣ тавр мумкин аст, ки кас баробари аз хоб хестан, ҳанӯз ба касе ҳамгап нашуда ақаллан рӯзномае ё маҷаллае нахонда ё китоберо варақ назада, бо чунин масъалаҳо машғул бишавад? Ё Носир Аббос тамоми шаб дар хобаш бо он рафиқи ғафсовозаш, ё дар маҷлиси комитети назорataш мубоҳиса карда баромада бошад? Ё саҳарӣ аз радио баромади мубоҳисаноки олиме ё адиберо шунида бошад? Воқеан, ӯ радиои гӯшакӣ дорад, ки зери болинаш мемонад ва онро то ними шаб ва ҳар саҳар гӯш карда мехобад. Не, радио ҳам барномаашро одатан аз чизҳои сабук: салому паёми бомдодӣ, мусиқии форам, гимнастикаи саҳарӣ ва ахбори муқаррарӣ сар мекунад. Ягон чизи баҳснок шунавонад ҳам, ин корро дар анҷоми рӯз мекунад, вақте ки мардум ба фикру андешаҳои фалсафӣ кам ё беш омода мешаванд...

Ба ҳар ҳол аҷиб. Хеле аҷиб. Канӣ, боз чиҳо мегӯяд?

...Худбинӣ, мансабталошӣ, ришва, ошнобозӣ, маҳалчигӣ ва даҳҳо нуқсони дигар кай барҳам мехӯрад? Вай, Носир Аббос, охири солҳои бистум аз даҳони муаллимони мактабаш мешунид, ки ҳаман ин касофат боқимондаи замони куҳан аст. Баъдтар дар маҷлисҳои комсомолӣ худаш ҳам ба ҳамин мазмун маърӯзаҳо мекард. Сонитар дар семинарҳои маҳфили сиёсӣ баромада арз мекард, ки ин иллатҳо боқимондаи замони лаънатии пешинаанд.

Дар ибтидои солҳои ҳафтодум, яъне имрӯз ҳам, ба ин мазмун маколаҳо мехонад, сӯҳбатҳо мешунавад. Боқимонда... Боқимонда... Доғи гузашта... Ба ҳар айбе, иллате нанигарӣ,— ҳамааш боқимонда. Ва ҳол он ки он иллатҳоро ба ду гурӯҳ чудо кардан лозим: ба он ки зодаи зисту зиндагонии пешина буд ва дар воқеъ, боқимонда сабилмонда аст ва он ки аз сиришти худи баний-одам сар мезанад. Модари яке ҳаёти нобаробар ва беадолати замони куҳан бошад, модари дигаре — худбинӣ, худпарастӣ, ба истилоҳи олимон эгоизми хоси худи инсон аст.

Не, вай ба даъвои маҳмадоноҳое, ки худи эгоизм — зодаи фалону беҳмадон чизҳо мегӯянд, эҳтироме надорад. Агар вуҷуди инсонро бо олами маънавиаш чун хона тасаввур кунем, эгоизм — деви хоназод аст. Аввал чанин, пас зочаяк, сонӣ тифл, баъд девбачае ана дар ҳамин хона ба воя расида, рафта-рафта ба деви сиёҳи худпарастӣ мубаддал мешавад.

Воқеан, натиҷа чӣ шуд? Онҳое ки ҳамаи хислатҳои бадро пасмондаи муваққатӣ мешуморианд ва эътимод доштанд, ки ҳамаи онҳо ба зудӣ нест хоҳанд шуд, акси ҳолро дида, қисме бепарво шуданд, «кори дунъё ҳамин будааст, хислати одам ба шир омада, ба ҷон меравад, одамро дигар кардан мушкил будааст» гӯён аз муборизаи фаъол ба канор баромаданд. Ҳиссаи дигар, онҳое, ки матинтар, устувортар буданд, гуфтанд, ки боқимондаҳоро ҷонсахт мегуфтанд, маънои ин ҳикмат равшан шуд. Модоме ки боқимондаҳо ҷонсахтанд, муборизаро бар зидди онҳо боз сахттар кардан зарур. Ва онҳо муборизаро давом доданд. Лекин агар дар ҳаққи тоифаи устуворон бигӯем, ки ҳамаи онҳо муборизаро бо қуввати пешина, ё чунон ки баъзе рӯҳшиносони холабеғами пардозгари сохтакор менависанд, бо қуввати дучанд идома медиҳанд, хеле муболиға мешуд.

Сохтмони ҷамъияти нав магар қабл аз ҳама ба дигаргунсозии аъзоёни он вобаста нест? Аз дигар сохтани одам барин пурмашаққатар коре дар олам набуду нахоҳад буд. Магар бесабаб мо ин кори мушкилро аз мақсадҳои асосии худ қарор додаем? Замини мамлакат ба шарофати замонаи нав дигар шуд. Замини зархезе, ки халқаш дар ҳар чанд сол қаҳтиро аз сар мегузаронид, нисфи аҳолиаш ҳамеша нимгурусна, нимбараҳна буд, ҳоло ба фаровонтарин сарзамини ҷаҳон табдил ёфтааст. Акнун ҳатто кӯдаки мактабхон медонад, ки ин табаддулот ба ивази чи қадар заҳмат, чи миқдор меҳнату машаққат ва қурбониҳо ба даст омадааст. Аммо дигар каршаққат ва қурбониҳо ба даст омадааст. Аммо дигар кардани одами ин сарзамин кори аз он осонтар нест. Ин ихтирои Носир Аббос нест, нуктаи ба ҳама маълуму равшан аст. Пас ин кори зӯрталабро ҳазл ба қалам додан ё ҳамаи мураккаботу мушкилоти онро возеҳу равшан гуфта надодан оё зарар надорад? Носир Аббос «зарар расони халқ» ё «душмани лаънатии халқ» барин ярлиқхои дахшатангези мағорбастаро аз архивхонаҳо баро-

варда, шамол доданӣ нест. Ӯ мехоҳад дар ин масъала возеҳияте, ки бояду шояд, барқарор гардад.

Фарз кардем, ба зуд барҳам хӯрдани норасоиҳои хулқи одамӣ бовар карда, ба воя расидани як ду насли аввали бинокорони социализм як андоза ҳолати табиӣ буд, зеро он аз камтаҷрибагӣ ба миён омад, аз он сабаб ба миён омад, ки социализмро нахустин бор мо месохтем ва таҷриба ҳам дар рафти кор ҳосил мешуд. Пас чаро, ҳоло, пас аз ним асри ғалабаи сохти нав ҳам ҳамон ақидаҳои кӯҳнаи яктарафаро такрор мекунем?

Дар палата дергоҳе сукут ҳукмрон буд.

— Гӯш кунед, Носирҷон, — садо бароварда Ивон-амак ниҳоят — Медонам, шумо ин саволро маҳз ба ман надодаед. Ғайр аз ин, маълум мешавад, ки дар ин бобат бисёр андеша кардаед, лекин барои ман ин чиз... ин масъала ҳатто дар гӯшаи хаёл набуд. Бо вуҷуди он ба шумо як мисол оварам.

— Гӯшам ба шумо, Андреич.

— Масъалаи тарбияи ҷинсии бачаҳо ба ёдам расид. Инсон хоҳ зану хоҳ мард — то калон шуда, ман барин мӯйсафед шуданаш, тақрибан ҳама чизе, ки ба муносибати марду зан даҳл дорад, мебинад, аз сар мегузаронад ва мефаҳмад. Оё ҳамин тавр нест?

— Бале, бале, Андреич, давом диҳед.

— Чаро мо тарбияи ҷинсии бачаҳоро, хусусан наврасонро аз мураккабтарин ва нозуктарин соҳаҳои тарбия мешуморем? Чаро мо аз кӯдакӣ ё ақаллан аз даврai ибтидои балоғат сар карда, ҳамаи маълумоти дар ин соҳа мавҷударо ба фарзандонамон якбора арз намекунем?

— Э шумо, Андреич, ачиб...

— Сабр кунед, Носирҷон... Чунки ақида дорем, ки аз чиҳати педагогика саҳв мешавад. Мо ақида дорем, ки на ҳама чизро гуфтан зарур аст, мисли рашк ва баъзе сабабҳои физиологии вайронкунандаи оилаи нав чиҳатҳое ҳастанд, ки худи кас бо мурури замон бояд сарфаҳмашон равад.

— Шумо гуфтанӣ ҳастед, ки маълумоти иҷтимоии инсон ба маҷмӯи ҳамин гуна донишҳои соҳаи равобити махрамонаи ҷинсӣ монанд аст? Ин муқоиса фақат аз як тараф асос дорад: аз он чиҳат, ки ба сари чавони, мисол гирем, шонздаҳ-ҳабдаҳсола якбора фурӯ овардани маълумоти зиёде чи аз роҳҳои сохтмони ҷамъият, чи онд ба масъалаҳои махрамона ва басе нозуки робитаи марду

зан барои шуури ӯ гаронӣ мекунад. Ва чунон ки бори гарон миёни ҳанӯз шахнашударо метавонад бишканад, ин гуна бори вазнини маънавӣ низ ниҳоли ҳанӯз обутоб наёфтаи чавонро, эҳтимол, маъюб намояд. Ташбеҳи шумо фақат аз ҳамин тараф асосе дорад. Дигар ба ин масъала, мебахшед, Андреич, дахле надорад.

Рост мегӯяд ин одам, ба худ андешид Иброҳимҷон. Худамон дар матбуот, дар сӯҳбатҳо эътироф мекунем, ки суръати дигаргуниҳои маънавӣ ва рӯҳӣ аз суръати табаддулоти иқтисодӣ қафо мемонад. Ҳар касе ки ба майдони зиндагонӣ қадам мегузорад, дар айни ҳол ба арсаи амалиёти иҷтимоӣ мебарояд. Агар вай дар хусуси мӯҳлатҳои кам ё беш аниқу возеҳи тағйироти маънавӣ тасаввурот дошта бошад, оё бад аст? Оид ба харочоту даромад, доир ба сохтмони хоҷагӣ ва маданӣ нақшаҳои панҷсола, нақшаҳои перспективӣ мекашем. Дар бораи ба фалон дараҷа бардоштани шуури одамон, ё конкреттар гӯем, дар хусуси барҳам додани фалону фалон навъи норасоиҳои ахлоқӣ — майпарастӣ ё ошнобозӣ, масалан,— нақшаҳои бист-сисола тартиб диҳем, ягон кас механдад? Олимони иқтисодшинос ҳар сари чанд гоҳ таносуби инкишофи истеҳсолоти гурӯҳи А ва гурӯҳи Б-ро таҳлил мекунанд. Агар ин таносуб ақаллан заррае аз доираи эътидол баромада бошад, ё ҳатто хавфи дар оянда на чандон наздик аз эътидол баромаданаш маълум шуда монад, сахт ба ташвиш афтода, дарҳол тадбире меандешанд. Дар соҳаи таносуби неъматҳои моддӣ ва маънавӣ низ тадқиқоти доимӣ бурда шавад, чӣ бадӣ дорад? Охир дар мамлакат хазорон нафар ҷамъиятшиносон, рӯҳшиносони дурандешу нуктафаҳм ҳастанд.

Иброҳимҷон боз ба мунозираи ҳамхонаҳо гӯш дод.

— Зор монад ин диалектика! — мегуфт Ивон-амак.— «Бо ту будан ҳам мушкил, бе ту будан ҳам мушкил». Гӯё ин мақолро дар ҳаққи диалектика бофтаанд.

— Диалектика ба шумо чӣ бадӣ кард? — аз нав ба хӯрӯш омада, ба сари Ивон-амак наздик шуд Носир Аббос.

— Бадӣ не, гаранг мекунад.

— Ҳм...— захрханда кард Носир Аббос.

— Ман гуфтанӣ, ки гоҳ бепарво мекунад каса, гоҳ сари калобая гум мекунад.

— Бепарво?

— Ҳа, ба он маънӣ бепарво, ки масъалаҳои мураккабро ба таг расида натавониста, «Э рав-е!» гуфта даст

меафшонӣ. Аммо онро аз эътибор соқит ҳам карда наметавонӣ.— Ивон-амак даст ба пешонӣ бурда, онро молиш дод ва зӯр зада, чизеро ба ёд оварданӣ мешуд.— Мисол-дия, Носирҷон, ба тарафдории ҷонварҳо намоишҳо сохтан ҳам кори инсон, аз гӯшти барра сихкабоб хӯрдан ҳам кори ҳамон инсон. Парерӯз аз як маҷаллаи ҳафтанна хондам, ки зане ба муқобили дар лабораторияҳо барои таҷриба истифода шудани харгӯш, саг, муш ва монанди ин эътироз карда, мақола навиштааст. Ҳафтан дигар писарчааш касал шудааст. Барои кӯдак дору лозим шудааст. Маҳз аз ҳамон навъи дорухое, ки дар натиҷаи таҷриба ба харгӯшу сагу муш ба даст меоваранд. Зан акнун аз истифодаи он дору даст накашидааст.

— Ба ҳар ҳол, диалектика айбе надорад. Гап дар каллаи худамон,— гуфт Носир Аббос ва ба долон баромад.

Вай ҳам кариб сиҳат шудааст, аз дил гузаронид Иброҳимҷон. Ҳоло ба кору бораш асли қадим барин машғул хоҳад шуд. Лекин минбаъд бояд эҳтиёт шавад. Ин тавр баногоҳ ба шӯр омада ба изтироб афтодан гирад, дилашро боз афгор мекунад. Иброҳимҷон пайти муносиб ёфта, аз ин нукта ба Зардодхон ишорате мекард, кори савоб мешуд.

24

Аз рӯи нақшаи киностудия Иброҳимҷон мебоист аз ҳаёти ҷангалбоне, аз парвариши ҳайвоноти ваҳшӣ филъм мебардошт. Нақшаҳои онон ҳамин гунаанд. Дар филъмҳои ҳуҷҷатии, масалан, дар зарфи сол бардоштаашон бояд корубору зисту зиндагонии мардуми ҳамаи соҳаҳои хоҷагӣ ва маданият инъикос ёбад. Хуб мешавад агар ҳатто чунин шохаҳои ҷузъии рӯзгор, ба монанди кори дорухонаҳо, фабрикаи бозичаҳо, нигоҳубини чарогоҳ аз нақша берун намонад.

Ӯ ба назди Хиромон барои хайрухуш омад.

— Чандрӯза меравед?

— Намедонам. Ба ҷангали кӯҳӣ бо кор аввалин бор меравам. Сардор мегӯяд, ки камаш ду ҳафта мемонӣ.

— Хайр, роҳи сафед. Мо дуогӯй, ки коратон барор гирад.

— Маро ҳамин қадараш кифоя, ки фаромӯш накунед.

— Бо касе шиносо шудан осон нест. Ошноро фаромӯш кардан ҳам саҳл нест.

— Шумо худатон барин одамони самимиро дар назар доред, Хиромон.

— Ташаккур.

— Аммо худпарастон ҳам ҳастанд, дар олам.

— Бало аз пасашон! Вокеан, кадом ҷангал, дар кучост он?

Иброҳимҷон ба самти ғарбу шимоли Душанбе ишора намуд, ки он ҷо фақат теппаҳои сабзапӯш ва аз паси онҳо кӯҳҳои кабудфоми сафедкулоҳ намудор буданд.

— Ман аз кабинаи кран ҳар рӯз ба шумо нигоҳ мекунам.

— Раҳмат. Лекин вай ҷангал аз ин ҷо намеомояд. Дур. Дар ҳамон ҷое, ки наҳри Алмосӣ аз домани пирьяҳҳо ибтидо мегирад.

— Майлаш. Бо вуҷуди он нигоҳ мекунам.

Хиромон ин гапро ҳазломез мегуфт, бешубҳа. Аммо ба Иброҳимҷон ҳар рӯз чунин менамуд, ки дилбараш ба сӯи ӯ аз дур назора мекунад, ҳар дам ёд мекунад, барори кор металабад. Иброҳимҷон хуб ҷараёни гирифтани кори сеҳафтаинаашро аз шафоати ғоибонаи Хиромон медонист. Рӯзе ӯ аспакӣ мерафту (нахустин бор дар умраш асп савор шуда буд) ҳамроҳи зини такбандаш ковокшуда сарозер афтода, ба оби сарди наҳр сар то по шилта шуд. Ҳаво хунук буд. Дар водиҳо бодом гул карда бошад ҳам, дар кӯҳсори баланд дам ба дам барф меборид. Бо исрори ҷангалбон чилави аспро ба ӯ дода, худ то бошишгоҳ пиёда дар кӯху кӯтал медавид, то ки, ба қавли он марди ботадбир, ҷигарашро сармо назанад.

Аз ин таҳлука муфт халос шуданашро низ ӯ аз шафоати ёр медонист. Дар борони сели тӯфонмонанди кӯҳистон роҳгум назаданаш, ба шароити ноозмуд ва гарони зиндагонии ҷангалбонон тоб оварда тавонистанаш ва аз силсилаи санҷишҳои сахти дигар гузаштанашро низ аз шафоати Хиромон, хайрхоҳии ӯ медонист, ки оқибати неки сафари ӯро нигарон аст.

Нияташ аввал ин буд, ки филъми бештар манзаравӣ мебардорад. Дар бораи зебоиҳои кӯҳсори дарахтпӯши Хисор. Дар бораи олами ҳайвоноти он: кабкҳо, мурғони хушилҳон, рӯбоҳ, гург, хирс, хуки ваҳшӣ... Муяссар шавад, аз «кирдукори» хирс муфассалтар ба навор акс мегирад. Лекин филъм асосан ҳикояте шуд доир ба ҷангалбон. Онд ба касби нодир ва муҳиме, ки аксари та-

мошобинон дар бораи вай тасаввуроти кофӣ надоранд. Чунки ин гуна касб дар Тоҷикистон пеш вуҷуд надошт. Ҳоло, ки давлат ва ҷамъиятҳои ихтиёрии ҳавохохони табиат ҳифзи растанӣ ва ҷонвароии кӯҳиро ба ӯҳда гирифтаанд, соҳиби ин касбро ба одамон муаррифӣ кардан савоб мешуд.

Рӯзҳои охир ба сӯзи фироқ базӯр тоқат мекард ва аз бесабрии худ худаш гоҳо ба ҳайрат меафтод. Пештар вай ба сафарҳои тӯлонӣ бепарво рафта меомад. Таҳияи як фильм аз ҳаёти қирмакпарварони Конибодом якуним моҳ кашол шуда буд. Боре нхтиёрӣ ба Хоруғ бирафт, то рафти сохтмони пояи нави ҳайкали Ленинро ба навор бигирад. Диққати ӯро ҳамин ҷиҳати сюжет ба худ кашида буд, ки сухан дар бораи нахустин ҳайкали ба кӯҳистони Бадахшон овардашудаи пешво мерафт. Ҳамон ҳайкали табарруке, ки дар заводи «Красный выборжец»-и Петроград аз биринчӣ рехта, соли 1925 онро аскарони сурх ба Хоруғ оварда буданд. Фильм дар панҷ рӯз тайёр шуд. Аммо Иброҳимҷон ду моҳи дигар дар Хоруғ монд. Ҳаво вайрон буд, самолёт намепарид. «Ана пагоҳ, мана фардо ҳаво яла мешавад» гуфта, ду мох дар интизорӣ гузашт. Аз ин таъхир Иброҳимҷон чандон ғусса нахӯрдааст. Охир ҳам мошинсавор то ба шаҳри Ӯш бирафт ва аз он ҷо ба поезд савор шуда, ба хона баргашт.

Акнун аз Душанбе тобу тавони дурӣ надошт.

Қисми аввали корро дар студия анҷом дода, фильмро ба рафиқонаш намоиш дод. Вай ҳанӯз беовоз буд ва худи Иброҳимҷон дар як гӯшаи зал истода, қаҳрамононашро муаррифӣ мекард, рафти воқеаро шарҳ медод.

Фильм тамом шуд. Чароғҳои толорро даргиронданд. Ҳама хомӯш менишастанд. Чизи ба наворгирифтааш ба худи Иброҳимҷон маъқул буд, лекин ӯ сукути бардавоми ҳамкоронашро дида, ба изтироб афтод, лаҳзае дар дилаш шубҳа пайдо шуд, ки зоҳиран бармаҳал хурсандӣ кардааст.

Ин дафъа ҳам аввалин шуда Қамар аз ҷой бархост.

— Нағз, Иброҳим,— гуфт ӯ.— Ёд дорӣ, фильми «Чӯпон»-ро ҳамроҳ гирифта будем. «Чӯпон» дар фестиваль мукофот гирифт. «Турфа шогирде, ки дар ҳайрат кунад устодро». Мебахшӣ, ман худро устоди ту эълон карданӣ нестам. Гуфтанӣ ҳастам, ки таҷрибаи ман аз ту калонтар. Ту аз «Чӯпон» дах лой гузарондӣ. Қойил. Офарин! — бо ҳаячон гап мезад, сигар бароварда, дуд кунонид.—

Ту ба мо шахсеро нишон додӣ, ки бинанда ба ӯ ҳатман дил мебандад. Талотуми сел... Боди девонаавзое ки сари дарахтонро ба пои ҳамдигарашон, ба рӯи харсангҳо хам мекунад... Гурги гурусна, хукҳои ваҳшӣ, хирсбачаҳои машгули бозӣ... Рӯзгори пурзахмати ҷангалбон. Ҳаман инро дида, кас ин мардро, чӣ гӯям? — Қамар даме пешониашро молида фикр кард,— кас худро дар пеши ҷангалбони ту ким-чи хел қарздор барин ҳис мекунад. Мақсад ҳам, ба хаёлам, ҳамин буд. Офарин, Олимӣ!

Оре, Қамар бар хилофи одат ҷиддӣ гап мезад. Агар ҳамин варианти нимхому беовози фильм ӯро ин кадар мутаассир карда бошад, пас тахмини муаллиф дуруст будааст. Дигарон низ ҳамфикри Қамар буданд. Сардор агар ҳузур медошт, низ таъриф мекард, бешак.

Иброҳимҷон аз тақдири худ меболид, ки ба муҳити одамони ростқавлу некдил афтодааст. Ӯ медонист, ки дар дигар ҷойҳо, ҳатто дар як-ду гурӯҳи дигари студияи худашон ҳам ҳасад, рашк ва нотавонбинии баъзе зотхо айши санъаткоронро талх мекунад. Шахсоне ҳастанд, ки ба зоҳирашон назар кунӣ, одами дуппа-дурует, окил, фозил, бамаънӣ менамоянд, вале агар навъе карда, аз ботинашон огоҳ шавӣ, аз барори кори ҳамкасб гӯё ба сарашон мусибати рафънопазире афтода бошад, сахт андӯҳгин мешаванд. Дар оташи ҳасуд месӯзанду бирён мешаванд. Ҳатто дар хона ба мотам мешинанд. Асари хуберо бубинанд, ба мардона, тантеҳона: «ин чиз хуб аст» гуфтан забонашон намегардад. Фақат баъди он ки асар аз тарафи ягон ходими номвари санъат эътироф шуд, ё пас аз он ки берун аз хоки республика, дар ягон кишвари бародарӣ, ё чуноне ки аксаран мешавад, аз тарафи мунаккидони Маскав баҳои хуб гирифт, ноилоҷ мегӯянд:

«Фалон чизатонро дидам, дуруст, мешавад». Гӯё акнун, фақат ба ҳамин қариби дида бошанд. Дар ҳамин ҷо ҳам ба эътироф кардан гарданашон ёрӣ намедиҳад, дар дили сиёҳашон теғи ҳасад забони инсофро буридааст.

«Эҳ фалак! — мегуфт Иброҳимҷон дар ин гуна мавридҳо дилтанг шуда.— Чаро инсонро, зеботарини мавҷудотро хислатҳои нозеб бахшидай?»

Ӯ аз киностудия баромада, ба ҷустуҷӯи Хиромон афтод ва ӯро аз даромадгоҳи трести сохтмон дарёфт.

Авзои Хиромон парешон менамуд.

— Бахайр? — бо хавотир пурсид Иброҳимҷон.

— Брон сӯхт...

— Брон? — Иброҳимҷон дарҳол маноракранро пеши назар овард, ки дар ким-куҷояш брон, яъне зирехи пӯлодин доштааст касофате сар зада, он сӯхта фурӯ рехтааст.

Хиромон бо лабханди таассуфомезе шарҳ дод, ки ӯро ба анҷумани бинокорони ҷавони Осиёи Миёна бирав гуфтаанд, аммо ӯ илтимос кардааст, ки каси дигарро бифиристанд. Ҳуҷҷате, ки барои ғайри навбат гирифтани билети самолёт ба ӯ дода будаанд, яъне брон, мӯхлаташ гузашта сӯхтааст, соқит шудааст.

— Хайр, охир ҷаро каси дигарро нафиристоданд?

— Айб аз ман. Аз КМ комсомол таъин карда будаанд, ки маҳз ман биравам. Дидед, бо чӣ гуна шахси бонуфуз шиносоӣ доред? — боз шӯхӣ кард Хиромон.— Аз афташ, ба сардорамон аз КМ комсомол ягон чизи нофорам гуфтаанд, ҳамл кардаанд, ки оташин шуда, хеле коҳиш кард. Ба ҳар навъе ки хохӣ, хошакалло, меравӣ мегӯяд.

— Худи анҷуман дар куҷо мешудааст?

— Тошканд.

— Ғам нахӯред, Хиромон. То фардо саҳар шуморо ба Тошканд расонам? Бо мошин меравед?

Хиромон мамнунона табассум кард, ба аломати ризо сар ҷунбонид. Иброҳимҷон ба соат нигарист. Вақти Душанбею Тошканд фарқ надорад. Анҷуманҳо, ҷамъомадҳои ботантана одатан соати даҳ-ёздаҳи рӯз сар мешаванд. Дар ихтиёри онҳо расо ҳаждаҳ соат вақт ҳаст. Афсӯс, ки роҳи ағбаи Анзоб ҳоло кушода нашудааст. Хайр, бо роҳи Тирмизу Самарқанд мераванд, дуртар бошад ҳам, камташвиштар ва барои «Москвич»-и Иброҳимҷон барин мошини на чандон зӯр мувофиктар.

Ҳар кас дар умри худ ақаллан як бор давраеро аз сар мегузаронад, ки онро айёми фирӯзӣ, даврони саодат, фасли комронӣ метавон номид. Дар он рӯзҳо олам ба назари кас ба бӯстони беғаш, ба чаманзори хушнакҳате табдил меёбад, ки он ҷо илова ба ҳамаи ин ҳусну накҳат, боз идгоҳи мардумон қарор ёфтаасту садои хандаю бозӣ, шодию суруди онҳо бар осмонҳо мепечад.

Солҳои бисёре бигзаранд, даҳҳо, садҳо воқеоти рангоранг аз сафҳаи хотир зудуда шавад ҳам, таассуроти он айём бо ҳаман тафсилоташ дар лавҳи ҳофиза мемонад.

Пас аз ҷудоии сеҳафтаина Иброҳимҷонро хамин гуна даврони санд дар пеш будааст.

Дар баромадгоҳи шаҳр Иброҳимҷон аз дӯкони рӯбарӯи ресторани «Зарафшон» чанд шиша оби минералӣ гирифт. Тӯшаи роҳ аз нону панир, ҳасиб ва миқдоре себ иборат буд, ки Хиромон гирифтааст.

Иброҳимҷон шишаҳои обро дар фарши кабина ҷо ба ҷо карда, мошинро ба роҳ андохтан мехост. Хиромон бо даст ишора намуд, ки андаке бардошт кунад. Ба рӯяш нигарист, ки ибоомез табассум мекунад. Ба ӯ чизе гуфтанист, аммо истиҳола мекунад.

— Гӯшам ба шумо, Хиромон.

— Ин сафари таъҷилӣ... ба шумо ташвиш шуд-дия...

— Хиромон, хуб медонед, ки барои ман ин ташвиш нест.

— Қоратон чӣ мешавад?

— Ба Қамар таъин кардам. Шумо ӯро надидаед. Ҷонон йигит.

— Пагоҳ ҳам рӯзатон ба бозгашт сарф мешавад...

— Қамар ягон чиз бофта мегӯяд. Вай усто. Ҳеч набошад, мегӯяд, ки як кораш чала монда будааст, ба назди ҷангалбон рафт... Хиромон, шумо чизи дигар гуфтан мехостед.

Хиромон ба тирезаи тарафи кӯча андешамандона чашм дӯхта менишаст.

— Ёд доред,— гуфт ӯ бо нимовоз,— маро ба домани Боботоғ бурда будед?

— Ёд дорам. Шуд. Фаҳмидам. Он рӯз мехостам изҳори дил кунам. Гуфтед, ки лозим нест. Аз он нукта дигар лаб накушо, гуфтед. Қавл дода будам. Қавл ҳамон аст, Хиромон.

Ба чеҳрааш нигариста, пай бурд, ки он чизе ки ҳоло гуфта, маҳз ҳамон суханест, ки Хиромон мехост аз даҳони ӯ бишнавад. Иброҳимҷон аз фаросати худ болида, бори дигар такрор кард:

—Гап якта. То худатон изн надиҳед, аз он хусус гап кушода намешавад.

— Раҳмат, акаи Иброҳимҷон. Шумо одами нағз.

— Туф, туф! Чашм нарасад.

— Хайр, рафтем. Не, сабр кунед. Одамони кадима пеш аз сафар фотиҳа мехонданд. Мо чӣ кор мекунем?

— Мо? Ман шуморо дуо мекунам, ки сафаратон бехатар шавад, дар анҷуман нағз баромад кунед, сиҳат-саломат ба хона баргардед.

— Чӣ некӣ кардам, ки ин қадар дуои хайр мешунавам?

— Ба ҳамсафарин ман не нагуфтед.

— Муболиға шуд... Хайр, қарз ба қиёмат намонад, ман ҳам шуморо дуо кунам... Хӯш... Чӣ гӯям? Ҳа! Илоҳо пири шоферони СССР дастгиратон шавад!

— Чаро маҳз СССР?

— Пири шоферони дигарро намедонам. Фақат ГАЗро мешиносам. Хайр, омин!

— Омин! Инсон кабир, ҳаёт муқтадир!

Ҳар ду хандакунон даст ба рӯй кашиданд ва ба роҳ даромаданд.

Агар сафар сафари оддӣ бошад, кас дар роҳ аз тамошои воҳаҳои сабз, деҳоти обод, аз манзараи пахтазорон ва киштзорони нопайдоканор ҳаловат мебарад. Чунки қарчанд табиат ба сари худ зебост, ҳусни он чое ки бо дасти одам обод шудааст, дучандон аст. Агар сафар ғайри муқаррарӣ, сафари онрӯзаи Иброҳимҷон барин амри матлуб бошад, на фақат воҳаҳои обод, балки даштҳои якранг, сангҳои урёни кӯҳсорони хилват ҳам ба назар нақши фирдавсро шабоҳат пайдо мекунанд.

Дар сафари оддӣ мошин, фаразан, дар лойдоне дармонд ва ронанда сар то пой лойолуд шуд. Дилаш ба ҳар ҳол зиқ мешавад. Вале агар дар пахлӯяш муҷассаман орзӯяш, вуҷуди барояш азизтарин нишаста бошад, лои ҷаспаки сарди ғичиновар, ки кафшро пур кардааст, ё ба сару гардан ҷаспидааст, чун ҷузъи муқаррарии сайри гуворо қабул мешавад. Ба соҳили ҷӯе, наҳре расида, либосҳояшро тоза мекунад, сару рӯй мешӯяд ва боз олам гулистон мешавад.

Дармондан ба лойдон ҳам воқеае нест. Бел ба даст гирифта, фаразан, соатҳои дароз даруни оби хунук бо меҳнати сахт машғул шудан лозим омад. Аз ин ҳам заррае нохушӣ намерасад, зеро офаринишн ба ҷон баробар дар ҳамин қарибиҳост, аз гӯшае ба кори шумо назора мекунад. Ӯ ба шумо эътимод дорад, дар дашти хилват шуморо ҳамроҳ, ҳомӣ, пуштибони худ, шахси наздик мешуморад.

Хиромон ҳилае ёфта, оби ширгарми шишаҳоро серун мекард. Ӯ шишаро ба латтаи тар печонида ва даст аз тиреза берун карда, ба шамоли роҳ медошт ва фақат чанд дақиқа кифоя буд, ки об нӯшидан боб шавад.

Ӯ боз таклиф кард, ки Иброҳимҷон ҳар вақт дам гирифтан хоҳад, ихтиёраш, аммо барои хӯрок махсус аз

роҳ бозистода, вақт сарф накунанд. Лозим шавад, нӯшорае кунад, вай нону ҳасиб ё нону панир бурида медиҳад.

Иброҳимҷон ба ҷону дил розӣ шуд. Агар ба ӯ таклиф мекарданд, ки як рӯз не, балки ҳафтаҳо бо нону об қаноат кунад, ӯ лом нагуфта, розӣ мешуд, ба шарте ки ҳамроҳи Хиромон, ҳампаҳлуи ӯ бошад, чеҳраи ӯро гоҳ-гоҳе бубинад, садои ӯ ҳар замон ба гӯшаш бирасад, бидонад, ки онҳо аз як ҳаво нафас мегиранд.

Иброҳимҷон эҳтиёткорона, вале тез мошин меронд. Бо ҳамаи суръате ки «Москвич»-и нимдошташ қобил буд зоҳир кунад, пеш мерафтанд. Аммо дар замири дил мегуфт, ки кош анҷумани бинокорони ҷавон дар Тошканд нею дар Мурманск ё Хабаровск, ё ақаллан дар Тифлис мешуд. Ё агар онро ба дигар ҷой кӯчонидан аз имкон берун бошад, кош фурсат мусоидат мекард ва онҳо ин ҳазор километр масофаро на дар понздаҳ соат, балки ақаллан як ҳафта тай мекарданд, то ки дар ҳар ҷо-ҳар ҷо дам гирифта, дар канори наҳрҳо, дар доманаи сабзапӯши кӯҳсорони сари роҳ нишаста, сӯҳбат ороянд ва ӯ аз дидори ин мавҷудан маҳбуба сер гардад. Агар аз чунин дидор сер гаштан умуман имкон дошта бошад.

Хиромон хушҳол буд ва бозне таклиф намуд.

— Биёед,— гуфт ӯ,— ба афсона таклид мекунем.

«Ҳоҷат ба таклид нест, аз дил гузаронид Иброҳимҷон. Ту, азизам, намедонӣ, ки ин сафар барои ман худ як атои афсонавист...»

— Симурғ қаҳрамони афсонаро бардошта, ба кӯи муродаш мебарад,— суханашро давом медод Хиромон.— Онҳо барои роҳи дурудароз гӯшту шир захира кардаанд. Симурғ таъин кардааст, ки ҳар гоҳ гӯшт талабам, шир медиҳӣ, шир бихоҳам,— гӯшт. Ба ҳамин минвол парвоз карда, аз болои дарёҳои оташин, ҷангалҳои касногузар, кӯҳҳои осмонхарош ва биёбоиҳои сӯзони бекарон мегузаранд, ки он ҷо агар «парранда парад, қаноташ, одамизод по ниҳад, зурьёташ месӯзад»... Шумо ҳам, акан Иброҳимҷон, об хоҳед, нон гӯед, нон хоҳед,— об.

— Хуб. Розӣ.

— Ёд доред, дар афсона девҳо ҳам ҳамин тавр акси гуфтан худ ё акси фармоиши дигаронро мекунанд?

— Девҳо? Дев бошад, ман розӣ не. Шумо куҷою дев куҷо?— Ӯ мехост «Шумо парӣ, фариштa, маликаи ҳусн» бигӯяд, аммо қавли худро ба ёд оварда, забон нигоҳ дошт.— Бемалол бошад, об гӯям, об дихед, нон гӯ-

ям, нон. Нахоҳед, ихтиёратон. Дар як рӯз аз ташнагӣ касе намурдааст.

— Э шумо аҷиб, ақаи Иброҳимҷон, — таънаомез гуфт Хиромон.— Ин ҳазл-дия. Гуфтан-катӣ ман даррав дев шудаму шумо — симурғ...

— Ҳазл бошад ҳам. Ман розӣ не, ман ин хел хазла намебардорам,— бо киёфаи ҷиддӣ эътироз мекард Иброҳимҷон. Ӯ борҳо пай бурда буд, ки Хиромон хаёли рангине, хаёли басе чобуки қобили парвозҳои баланд дорад. Вай аз ин ҳол аксаран меболид, аммо баъзан ба хаёл мерафт.

— Хайр, набошад биёед, маслиҳат диҳед, ки дар анҷуман баромада чӣ гӯям? Медонед, росташ, ман аз ҳамин азоби фикру хаёл халос шавам гуфта, ба Тошканд нарафтанӣ будам, ки нашуд. «Ба механизмҳо хуб нигоҳубин мекунем, планро фалон фоиз иҷро кардем. Ӯҳдадор мешавем...». Ин гапҳо ҳама даҳонзадаанд. Ягон чизи тоза гуфтан лозим. Охир, анҷумани Осиёи Миёна, ба ҳар ҳол!

— Худатон ба гап усто, Хиромон. Дар як соли охир ман се бор нутқи шуморо шунидаам.

— Наход? Кай? Аз куҷо?

— Аввал дар маҷлиси машваратии бинокорони республикаи худамон.

— Шумо набудед-ку!

— Дар гӯшае сомеъ будам. Маҷлисро Қамар ба навор мегирифт.

— Балоча! Барои коргурезӣ ягон рӯз аз киностудия пеш кунанд, чӣ мешавад?

— Аҷаб мешавад! Шогирди крандор мешавам.

— Ҳай-ҳай, боз гап ба ҳамон тараф рафта истодааст. Ҳӯ-ӯ ба ҳамон тарафи навакак гуфтаам.

— Не, ман гуфтанӣ будам, ки дар маҷлиси машварат хуб нутқ кардед. Дар хусуси дақиқаҳои ройгонрафта, сигоркашиҳои яксоатаи гилкорон, бетонрезон. Харзагӯиҳои бехудаи онҳо...

— Вай мавзӯъ барои машваратӣ дохили республика мувофиқтар.

— Пас...— Иброҳимҷон суръатро каме суст карда, як ба қафо, ба Хиромон нигоҳ кард.— Рӯзе аз кайфияти касби крандорон нақл карда будед. Ёд доред? Баландтар аз ҳаман иморатҳо, баландтар аз дарахтони баландтарин, дар оғӯши осмони соф ва ҳавои тоза нишастаед... Дар дақиқаҳои фориғ аз кор ба сари кас андеша-

ҳон ҳикматомез меоянд. Оид ба зиндагӣ, одамон, имрӯзу фардо... Ба хотиратон расид?

Хиромон «ҳа» гуфту ба андеша рафт. Зоҳиран, нӯги риштаи нутқаш ёфт шуд. Бигузор фикр кунад.

Нимшабӣ ба Китоб расиданд. Иброҳимҷон мошинро ба майдончаи паҳлӯи чойхонаи сари роҳ бароварда, такягоҳи пеши онро хобонида, барои Хиромон «бистаре» сохт.

— Андак дам гиред. Чаҳорсад километри дигар монд. Бомдодон боз ба роҳ медароем.

Худаш аз чойхоначӣ, ки дар гӯшае пинак рафта буд, палосе пурсида, рӯи тахтасуфае ба таги сар комбинезони шоферишро лӯнда карда, ёзид. Бо вуҷуди хастагӣ ба чашмонаш хоб намеомад. Гоҳ-гоҳе аз кӯча мошинҳои пурбор ғурросзанон мегузаштанд. Хусусан ғурроси автомобильҳое ки ба фарозӣ, ба сӯи кӯтали баланди Тахтақарача мебаромаданд, зӯртар буд. Вале хобаш ӯ на аз мағали роҳ гурезон буд. Ҳамон изтироби хушбахтона вуҷудашро тарк намекард.

Аз ҷояш бархоста, ба назди мошин рафта, нигоҳ кард. Хиромон дар хоб буд. Хотирҷамъ шуда, ба канори кӯча фаромад. Андак обе дар ҷӯяке шилдиросзанон ҷорӣ буд. Порча-порча нури моҳ аз миёни навдаҳои акнун барг ёзонидаи дарахтон гузашта, рӯи об, асфальти роҳ, катҳо ва дару девори чойхона хаёлолудона алвонҷ мехӯрд.

Ба обӣ софи ҷӯйча дастурӯй шуста, аз канори роҳ ба қадамзанӣ даромад. Ӯ фикр мекард, ки кай он рӯз мерасад, ки Хиромон ба пайвастани тақдири худ бо ӯ розӣ мешавад? Баъд саргузаштҳои ғаронии Хиромон, феълӣ аҷибу ғариб ва мураккаби ӯро ба ёд оварда, ба худ эътироф мекард, ки аз ҷавоб ёфтан ба ин савол оҷиз аст.

Гоҳо нақли Хиромонро аз ҳаёти пешинааш, алалхусус аз зиндагонии оилавӣ, аз хислатҳои шавҳари ҷавонмурдааш ба хотир оварда, мушавваш мешуд. Он ҳол, ки ёди он мард аз хотир ва сурати ӯ аз мадди назари Хиромон дур наафтодааст, ӯро ҳам таскин мебахшид, ҳам навмед мекард. Аз он ҷиҳат таскин мебахшид, ки Хиромон зани бовафо, содиқ ва соҳибдил будааст. Аз он нукта ғамгин мешуд, ки боиси канорачӯии Хиромон низ, бешак, ҳамин аст. Баъзан холисона мулоҳиза ронда, ба худ иқрор мешуд, ки ба он марди марҳум ҳасад мебарад. На фақат барои он ки ёди зани вафопешаро пас аз

марги бемаҳалаш ҳам ба муддати мадиде тасхир карда-аст, балки низ аз он сабаб, ки он кас Мард будааст. Қалби беғашу начибе доштааст. Оё он коре ки ӯ бенх-тиёр бошад ҳам, кард, аз дасти ҳар фарди дигар меояд? Оё агар ӯ ба ҷои шавҳари Хиромон мешуд, ба начоти ҷони душмани ҷонаш мешитобид, ки дар бадали ду сол манбаи ранҷу азобҳои онон буд? Ба гумон. Пас дар ни-ҳоди он мард чизе будааст, ки ҳатто идроки он барои Иброҳимҷон душворӣ мекунад. Пас Хиромон ҳақ буда-аст, ки Иброҳимҷонро ба ҳарамхонаи қалбаш, ки он ҷо ёди шавҳараш маскан гирифтааст, ба осонӣ рох наме-диҳад.

Дар ин гуна соатҳои бехобӣ ва пур аз фикру хаёлот ӯ зани никоҳнашро низ ба хотир меовард. Ба хотир ме-оварду дарҳол кӯшише ба кор бурда, фаромӯш кардан мехост, чунки ҳудро гунаҳгор ҳис мекард. Кошкӣ он духтарак табиатан одами бадфеълу зиштъаъмол мешуд! Он гоҳ «чаҳор айби шаръияш дар гарданаш» мегуфту аз ранҷи вичдон раҳоӣ меёфт. Гуноҳи он маъсума танҳо ҳамин буд, ки натавонист дили ӯро ба даст оварад. Духтари соддадиле буд ва тасаввуре надошт, ки ин корро чӣ навъ мекунанд...

5

...Саворе падид омад аз тухми Сом,
Ки Дастон-ш Рустам зиҳодаст ном.

Биёмад ба сони наҳанги дижам,
Ки гуфтӣ ҷаҳонро бисӯзад ба дам.

Ҳаметохт андар фарозу нишеб,
Ҳамезад ба гурзу ба теғу рикеб.

Зи гурзаш ҳаво шуд пур аз чек-чок,
Наярзид ҷонам ба як мушти хок.

Ҳама лашкари мо ба ҳам-бардарид.
Кас андар ҷаҳон ин шигифтӣ надид.

Дирафши маро дид бар як карон,
Ба зин андарафканд гурзи гарон.

Чунон баргирифтам зи зини ҳаданг,
Ки гуфтӣ надорам ба як пашша санг.

Камарбанд бигсусту банди қабоӣ,
Зи чангаш фитодам ҳаме зери пой.

Бад-он зӯр ҳаргиз набошад хисабр,
Ду пояш ба хок андаруи, сар бз абр.

Саворони ҷангӣ ҳама ҳамгурӯҳ,
Кашиданд аз ҷанги он лахти кӯҳ.

Ту донӣ, ки шоҳӣ дилу ҷанги ман,
Далериву кирдору оҳанги ман.

Ба дасти вай андар яке решаам,
В-ал он офаринаш пурандешаам.

Яке пилтан дидану шерчанг,
На хушу на дониш, на рою на ҳанг.

Ҳамоно, ки кӯпол сесад ҳазор,
Задандаш бар он тораки номдор.

Ту гуфтӣ, ки аз оҳанаш кардаанд,
Ба сангу ба рӯяш баровардаанд...

Ин порчае буд аз ҳикояти Афросиёб бар падараш оид ба нахустин набард бо Рустам, ки Каримҷон-ака аз «Шоҳнома» бо овози баланд мехонд. Аз «Шоҳнома»-и асил, ки писараш барои ӯ оварда буд. Каримҷон-ака ҳар рӯз ду-се бор аз достон парчаҳо мехонд. Баъди муоинаи духтур, ё процедураи муолиҷавӣ, ё хӯроки пешинию шом андаке дам гирифта, он китоби ғафси бузург рӯи даст мебардошт ва айнак ба чашм гузошта, қироат ме-кард.

Рост, дар мутолиаи бобҳои аввал душворӣ мекашид, вайрон шудани вазни мисраъҳоро ҳис карда, хоришро қатъ менамуд, ба андеша мерафт, дубораю себора ме-хонд. Гоҳо ба мазмуни баъзе калимаҳо сарфаҳм нараф-та, бо ҷабини пурчин гоҳ ба сахифаи китоб, гаҳе ба ҳам-палатаҳо чашм медӯхт.

— Пур... пур... пури Сом,— мегуфт ӯ худ ба худ хаёлмандона. Он гоҳ Носир Аббос ё Иброҳимҷон ба имдодаш мерасиданд:

— Писар. Пури Сом, яъне писари Сом.

— Ҳа, хӯш, раҳмат. «Аз ин духти Меҳробу аз пу-ри Сом...» шуд, фаҳмо, раҳмат,— боз ташаккур баён мекард Каримҷон-ака ва ба хониш идома медод. Ҳамин ки ба «Шоҳнома»-хонӣ малакае ҳосил кард, дигар дар ҷое ором нишаста қироат карда наметавонист. Ҳатман ба мобайни палата баромада, рост истода, бо ҳаман овоз мехонд. Аксаран ҷилди қариб нимпудии муқоваҳояш ғафсу гаронро бо дасти чап баробари сина бардошта,

дасти рости озоди худро ба зарби мисраъхо, ба оҳанги амал ё гуфтори қахрамонон ҳаракат медод. Аз ин ҳаракатҳо, бо изтироб сарафшониҳо баъзан айнакаш лағжида поён мерафт ва ӯ дилтангона китобро рӯи миз гузошта, саросема айнакро ба чояш устувор мекарду боз китобро ба даст мегирифт.

Ба остонаи палата ҳар дафъа беморони роҳгузар бо тамошо чамъ мешуданд ва бо тааччуб сар мечунбонидан.

Аҷаб коре кардам, ба худ меандешид Иброҳимҷон. Фишори хуни ин мард баланд аст. Ба изтироб овардани ӯ баробари корест, ки кӯдакеро ба бозию ҷастухезҳо дар лаби ҷарии бетаг иҷозат дихӣ. Ҳоло ӯ факат нахустин достонҳоро мехонад. Дар ин бахри беканор ҳамин ки бобҳои пуршӯри муассир пеш омаданд, ҳолаш чӣ хоҳад шуд? Бобҳои Рустаму Сӯҳроб, Рустаму Ашкбӯс, Рустаму Исфандиёр, дигар достонҳои пуртаъсире, ки қалби хонанда ё шунавандаро ба чунбиш меоваранд, ҳоло дар пешанд. Ҳоли Қаримҷон-ака чӣ хоҳад шуд? Акнун акси ташаннукӣ, бигӯй, ки хонандро бас кунад, суде намебахшад.

Мутаассибон ривоят мекунанд, ки оятҳое ҳастанд, ки ҳар кас кудрати зикри онҳоро надорад. Он касро, ки дилу имон заиф аст, қироати онҳо аз ақл бегона месозад. Ҳм. Агар мегуфтанд, ки қироати «Шоҳнома» кори ҳар кас нест, бовар кардан мумкин буд. Дар воқеъ, мухлисӣ назм бошӣ, ин китоб садҳо боб дорад, ки ҳангоми хонданаш гумон мекунӣ худи ту Рустами номварӣ ва аз шиддати изтироб нафасгир мешавӣ.

Худи шоир гуфтааст:

Ҳар он кас ки «Шоҳнома»-хонӣ кунад,
Агар зан бувад, паҳлавонӣ кунад.

Бесабаб нагуфатааст.

Иброҳимҷон шунидааст, ки як дирижёри америкой ҳангоми машқи «Концерти якум»-и Чайковский аз таъсири эҳсосоте ки ин асари симфонӣ илҳо мекунад, ҳар дафъа чунон ба ҳаяҷон меомадааст, ки то онро азбар кардани оркестраш ба касали рухӣ гирифтор шуда, ба табобатхона афтодааст.

«Шоҳнома» дар таъсиру амал аз ҳамин қабил осор аст.

Иброҳимҷонро ҷамъияти мо дар рӯҳи интернационализм тарбият кардааст, дар ҳавои эҳтиром ва эътибо-

ри ойну анъана ва хосиятҳои миллию тамаддуни ҷумлаи халқҳо ва қавмҳо. Лекин ба андешаи ӯ, агар адабиётшиносони олам ба як чой ҷамъ омада, конкурси достонҳои эпикии бостониро бигзаронанд, аз рӯи адолат бояд «Шоҳнома»-ро шоҳи достонҳо бишморанд. Осори Шекспирро куллаи драматургияи классикӣ медонанд-ку.

Чаро «Шоҳнома» ба кадри кофӣ дастраси хонандаҳон олам нест?

Ӯ фикр мекарду ба натиҷае меомад, ки ин нукта ба хоҳиши одамон вобаста нест. Гап дар забон аст. Ин чо забон монеа шудааст. Забоне ки василаи робитаи мардумон аст, дар ин сурат ба монеа табдил ёфтааст. Нафосати «Шоҳнома»-ро чӣ гуна метавон ба забони дигаре бекамукост гузаронид? Магар, ки аз ҳар миллат Фирдавсие ба дунё ояду ин корро анҷом диҳад. Охир осори Пушкинро ҳам тарҷума мекунанд. Вале Пушкине ки ба русӣ мехонӣ, дигар асту ба тарҷума мехонӣ, боз дигар...

Рост, Қаримҷон-ака ҳоло соддатарин порчаҳои «Шоҳнома»-ро мехонад. Ӯ ҳоло дар ахволи деҳконест, ки, фараз кардем, якумин бор ба саёҳати Маскав рафтааст ва ҳоло фақат шаҳомати аэропорт ва кӯчаю хиёбону бинохои баланди атрофи онро дида, чунон ки дар китобҳон қадима менавиштанд, ангушти шигифт ба дандони ҳайрат газидааст. Ӯ ба остонаи худи пойтахт қадам гузорад, ба маҳалҳои биҳиштмонанди он бирасад, чӣ хоҳад кард, ба чӣ вазъе хоҳад уфтод?

Иброҳимҷон парерӯз аз паси Зардодхон ба долон баромада, оҳиста гуфт, ки Қаримҷон-ака шоҳномахонӣ мекунанд.

— Медонам,— гуфт духтур.

— Вай «Шоҳнома»-и шумо дидагӣ не, духтур. Акнун аслаша мехонад. Сахт ба изтироб меояд.

— Хабар дорам,— такрор намуд Алихон.— Аммо зарари хониш аён нашудааст, баръакс фишори хунаш тадричан ба меъёр наздик мешавад.

Духтур ба андоми Иброҳимҷон лаҳзае табассумкунон нигариста илова намуд:

— Хондани асли «Шоҳнома»-ро худатон тавсия карда будед. Ҳамту не?

Иброҳимҷон ба аломати тасдиқ сар ҷунбонид ва дар саволи духтур «Акнун аз масъулияти кирдори худ ба тарс афтодай» гуфтаӣ мазмунро пай бурда, сурх шуд.

— Майлаш,— гуфт Алихон.— Ба Зевар таъин мекунам, дар айни китобхониаш маро огоҳ кунад. Санҷида мебинем.

Дина духтур дар ҳамин гуна асное ба палата ворид шуд. Каримҷон-ака дасти озодашро дар ҳаво алвонҷ дода, чунон саргармн шеърхонӣ буд, ки ба паҳлӯяш омадани духтурро, ҳатто ақаллан яктаҳи сафеди ӯро пай набурд. Алихон ваҷоҳати ӯро дида дарунноки механдид. Каримҷон-ака бо ҳарорат мехонд:

...Ду лашкар ба соли ду дарён Чин.
Ту гуфтӣ, ки шуд ҷунб-ҷунбон замин.

Ту гуфтӣ, ки шуд ҷунб-ҷунбон замин,
В-аз он сӯй Гарсевази пилтан.

Зи овози аспону гарди сипоҳ,
На хуршед пайдо, на тобанда меҳ.

Дурахшидани теғи алмосгун,
Синонҳои охордода ба хун...

— Як дақиқа,— гуфт Алихон ва китобро ба нармӣ аз дасти Каримҷон-ака гирифта, рӯи миз ниҳод ва худи ӯро ба кат хобонида, фишори хунашро санҷид, набзашро бишморид, ба тапиши дилаш гӯш андохт. Пас рӯдаяки стетоскопро ба гарданаш партофта, гуфт: — Хезед, Каримҷон-ака, ҳар қадар мехоҳед, хондан гиред.

Ивон-амак омад. Чашмонаш гиряолуд менамуданд.

— Чӣ шуд, Андреич? — даст ба китфи лоғари пирамард ниҳода, бо оҳанги навозишкорона, вале хавотиромез пурсид Носир Аббос.

— Кӯса,— гуфт Ивон-амак ва лаб фурӯ баст. Иброҳимҷону Носир Аббос ба ҳамдигар саволомез нигоҳ карданд. Каримҷон-ака, ки аз тақвияти духтур рӯҳ гирифта буду бо вуҷуди хаста шудани овозаш боз китоб бардошта, омодаи хониш мешуд, аз раъяш баргашт.

— Ғалатӣ будааст ин кӯса,— гуфт Ивон-амак.

— Қадом кӯса?

— Вай бемори ҳамсинни ман аз палатаи дувоздах.

Дигар аз ӯ чизе напурсиданд. Амин буданд, ки ҳамин ҳоло худаш ҳикоят мекунад.

Ивон-амак азбаски аз илтифоти духтур соҳибмиҳӣз буд ва ҳар вақт ки хоҳад, тағири либос карда, ба кӯчаҳои гирду атроф мебаромад, чанд бор пирамарди кӯсаро дар паси девори касалхона, дар паҳлӯи дӯкони нон дидааст, ки назар аз рафҳои дӯкон наканда, зери лаб пичиррос мезанад ва ҳар замон даст ба рӯй мекашад.

Имрӯз Ивон-амак аз ӯ пурсидааст, ки дар ин ҷо чӣ кор мекунад? Киро дуо мекунад?

— Ту номи ин нонҳоро медонӣ? — ба ҷои ҷавоб худ савол додааст кӯса.

— Набошад чӣ?

— Ман намедонам. Номи нонҳои тоҷикия медонам: ширмол, фатир, нони хона, чапотӣ, кунчидӣ... Боз як гала. Ку, ту бигӯ.

— Наздиктар биё, ба ту номаша гӯям,— таклиф мекунад Ивон-амак, вале ҳамин ки ба девори шишабанди дӯкон ҷафс мешавад, мебинад, ки худи ӯ номи на ҳамаи он нонҳоро медонад. Хайр, нони бӯлкаи мудаввар, хиштшаклаш маълум, бӯлкаҳои майдатари русӣ, венагӣ, франсавиро ҳам медонад. Вале он кулчаҳои равғанӣ ё ана он ба рӯяш кӯкнордона пошида, ё мана он саллача барин қабат-қабат печида, ё бӯлкачаҳои панҷтой ба ҳамдигар паҳлӯ ба паҳлӯ часпидаро чӣ мегуфта бошанд?

— Дар нархнома номаш навиштагӣ,— худро аз хиҷолат баровардани шуда мегӯяд Ивон-амак.

— Хайр, гап дар номаш не, Ивон. Аз рӯяш гардам, ҳамааш ҳам нон.— Тасаллӣ медиҳад кӯса.— Ман ҳар рӯз аз Зевар рустӣ ба ин ҷо меоям. Бин,— ӯ ба дари дӯкон ишора мекунад.— Нон мунтазири хӯранда. Нигарони харидор. Агар ҷудо ҳавасам равад, ана аз он кулчаи ғилдирак мехарам, кулчаи...

— Бубник. Ба русӣ — бубник.

— Ҳа, бӯблег. Бисёр бамаза. Як донааш панҷ тин. Панҷ тин-а!

Ивон-амак акнун пайхас меравад, ки мӯйсафедро ба тамошои дӯкони нон чӣ андешаҳое меорад.

— Чанд қаҳтиро дидаам ман,— мегӯяд пирамард.— Солҳои бисёр нони ҷав, зағора мехӯрдем. Ҳамон ҳам серӣ не. Ту кунҷора хӯрдай?

— Не, Дар фронт гӯшти асп хӯрда будам.

— Э, ина бинанд! Гӯшти асп ҳалол-ку? Пайғамбари мо Муҳаммад алайҳиссалом салламно васаллам фармудаанд.

— Пайғамбари мо аз афташ, сахтгиртар будаанд.— киноя мекунад Ивон-амак.— Сонӣ, мо гӯшти аспи аз таркиши бомба мурдаро хӯрда будем.

— Ба ҳар ҳол тахтакунҷора нахӯрдай.

Муйсафед ба рафҳои дӯкон муддате чашм давонида, мегӯяд:

— Ман ҳар рӯз ҳукумата дуо мекунам. Дар ҳеҷ замин, дар ҳеҷ замон ин хел серию пурӣ, ин хел арзонӣ амонӣ набуд. Чашм нарасад, гуфта дуо мекунам. Ина бин, Ивон, як нигоҳ кун: нон интизор. Дилам так кашида меравад, ки мабодо чашм расад... Калоншавандаҳо, ҳондагиҳо аз радиё нона эҳтиёт кунед, гуфта насиҳат мекунанд. Дилам зиррас мезанад, ки нон хорузор нашавад, ношукрӣ нашавад. Ҳукумати совет аз Нӯширавони одил ҳам гузаронд.

Ивон-амак аз хаёлоти пирамард, эҳсосоти пур аз самимияти ӯ ба риққат омада буд. Пирӣ-дия, аз дил гузаронид Иброҳимҷон. Аз саҳл гап ба риққат меояд. Набошад, ин хел одамон, ки ба қадри нон мерасанду ҳатто онро мепарастанд, лаки дар лаканд. Ҳамсояи онҳо, саҳҳатараш, ҳамсояи бародараш, ки Язнапоччо меноманд, айнан ҳамин хел одам. Вақти ҷанг бо рафиқонаш дар муҳосира монда, рӯзҳои охири муҳосира решаи гиёҳ ва пӯстлохи дарахтро ҷӯшонида хӯрдаанд. Аз анҷоми ҷанг се даҳсола гузашту Язнапоччо то ҳоло аз пеши дӯкони нон бо дасти холӣ гузашта наметавонад. Ҳарчанд медонад, ки хонааш пури нон аст, ҳар ду пои сунъияш чӯбин буд, ҳатто аз болои шим ҷои ғурмҳо, пайвандҳо, тасмаҳои ғафсу дурушташ намоён шуда менистод. Ҳангоми роҳгардӣ пойҳояш мисли ҷувози кӯҳна ғичиррос мезаданд. Ба ҳамон аҳвол ҳам бар иловаи дастовези ҳаррӯзааш ба тӯрхалта ду-се бухонка нон андохта меовард.

— О ин мардака чӣ кор кардан даркор-а? — ба ягон Иброҳимҷон ҳасрат мекард зани Язнапоччо.— О, дигар шудани замоная ин одам кай мефаҳмад, а! Халтахалта нони қоқа гавдорҳо омада мебаранд. О ин убол нест, а, мусулмонҳо?...

26

Хиромон ҳоло дар кучо бошад? Бо чӣ коре машғул аст? Дар сӯҳбати чӣ гуна одамон аст? Мабодо прораби сохтмонаш барин ягон олуфта хушомад зада истода бошад-а? Агар то ҳол ба Иброҳимҷон дар ҷавоби изҳори муҳаббат ягон чизи андаке равшан мегуфт, дилаш ин қадар дар шиканҷа набуд, ба ҳазор кӯчаву кӯи сарбаста даромада намебаромад. Чунон ки офтоб кувваи

тавонои ҷозибаро молик асту бо вучуди он сайёрахои атрофи худро доимо дар масофаи муайяне нигоҳ медорад, ӯ низ ошиқи бечораро на ба наздикиаш роҳ медиҳад, на дур рафтан мемонад.

Ба Душанбе расидан замоно Иброҳимҷон ҳатто сару рӯи худро аз ғубори роҳи дур пок накарда, ба аэропорт бирафт. Вақту соати ҳаман рейсҳои Тошканд — Душанберо навишта гирифт. Ҳарчанд медонист, ки имрӯз баргаштани Хиромон ва, фаразан, баргардад ҳам, ба кор баромадани ӯ мутлако истисност, ба сохтмонаш шитобида, аз дур ба чуссаи крандор нигарист, ки шахси дигарест, мардакест.

«Ба шаҳрҳои калони наздик ғайр аз рейсҳои мукарраҳ одатан рейсҳои иловагӣ мешаванд» — ба хотир овард Иброҳимҷон ва боз ба сӯи аэропорт шитобид.

— Аз Тошканд рейси иловагӣ намешавад? — пурсид ӯ аз зане, ки дар бӯдкаи бюрои маълумот менишаст.

— Шавад, эълон мекунем,— хамёза кашида, бо дили нохоҳам ҷавоб дод зан.

— Пешакӣ намедонед магар?

— Шумо пешакӣ медонед, ки имшаб чӣ хобе мебинед?

— Намедонам. Лекин мехостам, ки ягон одами хушмуомила ба хобам дарояд.

— Илоҳо, дарояд, аммо ҳамон одами хушмуомиларо саволҳои зиёдатиатон-кати гаранг накунед.

— Хӯш,— базӯр худдорӣ карда, аз пеши будка дур шуд Иброҳимҷон. Ачоиб хислате доранд баъзе одамон. Хаста шуда бошанд, ба саволатон мухтасар ҷавоб доданӣ шуда, чизе мегӯянд, ки бонси рӯда барин кашол ёфтани мунозира мегардад.

Худи Иброҳимҷон ҳам соз. Рейс, ки иловагӣ, яъне берун аз ҷадвал шуд, онро қаблан аз кучо мефаҳманд? Пеш аз пурсидан мийяашро як дақиқа кор мефармуд, ҳоло табъаш хира намешуд. Бе ин ҳам хотираш парешон буд-ку...

Рӯзи дигар миёни киностудия ва аэропорт гӯё тор метанид.

— Иброҳим, ин қадар моку барин ба кучо рафтуомад мекунӣ? — дар таки дарвоза мошини ӯро дошта пурсид Қамар.

— Ба ҳар ҷо: ба фабрикаи замбарғалтак, институти табассум, артели бодбаракбофон...

— Бозори ҳавобаландон намеравӣ?

— Туро лозим бошад, марҳамат, бишин, мебарам.

— Сабр кун, чӯра. Барои ту шуда, ман, ба гуфти кадимаҳо, он дунёямро сӯзонидам.

— Яъне?

— Ба сардор, ба ҳамин хел як одами хуб дурӯғ гуфтам.

— Аввал ин ки фарқ надорад: ба одами хуб дурӯғ мегӯй, ё ба зишт. Сонӣ, дурӯғгӯии ту навигарӣ нест.

— Бас кун, харзагӯ! Харат аз лой гузашт-дия. Якуним рӯз ғайб задӣ, сардор гумон мекунанд, ки ту дари кабинетро баста, матни «Чангалбон»-ро менависӣ.

— Хайр, чӯрагӣ ҳамин-дия.

— Чӯрагӣ бошад, чаро сирру пиёзата аз ман руст мекунӣ?

— Ҳоло ба дарачаи овоза кардан нарасидааст, чӯрачон.

— Ба ман гӯй, овоза мешавад?

Иброҳимҷон чизе нагуфту дасти ба дари мошин гузоштаи дӯсташро миннатдорона фишурд. Аммо Қамар ҳамчунон гилагузоришро давом медод:

—Вақтҳои охир бегона барин ту. Як бор хатто ба сарам хаёле омад, ки мабодо дар шаҳр дастаи роҳзанҳо пайдо шуда бошаду туро ба он даста кашида бошад. Ба ростӣ!

— Ин хел андеша ба ҳар калла омадан намегирад, чӯра. Ин каллая мо бояд эҳтиёт кунем.

Ин дам аз қаровулхонаи даромадгоҳ Иброҳимҷонро ба телефон даъват карданд.

— Акаи Иброҳимҷон! — аз гӯшак овози Хиромон баромад. Вай мехост «Ҳа! Бале! Лаббай!» бигӯяд, аммо нафас дар гулӯяш печиду садои безеби хирросие баромад, ки худаш ҳам чӣ нидое будани онро нафаҳмид.— Ҳа, Хиромон, ин манам, Иброҳим, ман — Олимӣ, аз киностудия, — саросема қатор кард Иброҳимҷон баъди гулӯяшро афшонидан аз тарси он ки Хиромон ҳазли бегонаҳо пиндошта, гӯшаки телефонро наовезад.

...Дар назди Почтамти калон вохӯрданд. Ин аломати хайр, аз дил гузаронид Иброҳимҷон. Ин ҷо мулоқоттоҳои деринаи чавонони Душанбе. Ҷои бахосият.

Хиромон гарм вохӯрӣ карда, дарҳол гуфт, ки агар вакт дошта бошад, ӯро бегоҳӣ ба сайри саҳро барад, бехтараш, ба ҳамон ҷое ки боре рафта буданд ва аз он ҷо, аз домани кӯҳ шаҳрро тамошо карда буданд.

Дар андом, хусусан дар нигоҳи чашмон, дар муомилааш дигаргунии хуше мушоҳида мешуд. Суханонаш нарм ва аз назокати ҳалимона рангин буданд.

Охири моҳи март, кӯҳу даман — ҳама сабзапӯш буд. Хиромон то ба сари кӯтал баромадан мошинро дар чанд ҷой нигоҳ доронида, гулҳои даштӣ мечид.

Ба ҳамон ҷои пешина расиданд. Ҳар ду берун омада, дар канори нишеби истоданд. Хиромон дақиқае шаҳри дар оғӯши тумани сафедтоб ором хобидаро бо шавқ тамошокунон хитоб кард:

— Чӣ хел нағз! А, акаи Иброҳимҷон, нағз, а?

— Бисёр. Фақат шаҳратона пазмон шудед?

— Ҳа, шаҳра!— хандакунон гуфт Хиромон ва дар чавоби киноясаш ангушт ба лаби ӯ гузошт, ки хомӯш бошад.

— Шаҳри хушбахт.

— Медонед, хуб шуд, ки ба анҷуман рафтам,— риштаи суханро ба дигар сӯй мекашид Хиромон.— Хеле суханҳои тоза, нақлҳои аҷоиб шунидам. Як устоҳо будаанд, ки... Охир, ман ҳамин касбама бисёр дӯст медорам...

— Касбатон ҳам хушбахт будааст.

— Хайр, Иброҳимҷон монед. Ман чиддӣ гап зада истодаам.

— Ман ҳам чиддӣ...

— Медонед, агар аз ман пурсанд, ки касбата ба чӣ хунаре ивваз мекунӣ, мегуфтам, ки фақат ба вазифаи пилоти вертолёт. Агар омӯзонанд, албатта.

— Ба ҳар ҳол, ивваз мекардаед-дия?

Гуфтугӯи онҳо қадаре гуфтушуниди ду ношунаворо монанд буд: яке суханро ба сари максади худ кашола мекард, дигаре қасдан ба ин эътиное накарда, харфи худро мегуфт:

— Ман аз шумо миннатдор. Раҳмат, акаи Иброҳимҷон.

Ӯ аз ориҷи Иброҳимҷон дошта, нармакак фишурд.

— Не, истед,— гуфт ӯ ва баногоҳ ба Иброҳимҷон наздиктар омада, даст бар буни гардан ниҳода, сарашро ҳам кард ва аз рӯяш, аз наздиктари кунчи дахонаш оҳиста бӯса кард.

Сабру тоқати пуртамкинтарини одамонро низ ҳадду ҳудуде ҳаст. Иброҳимҷонро инони ихтиёр аз даст рафт. Хиромонро маҳкам ба оғӯш кашид. Аз лабони атрогину аҷиқфомаш бӯсид. Ва худи ҳамон лаҳза хис кард, ки замин пеши чашмонаш гирд мегардад.

«Ачабо, мегуфт ӯ худ ба худ, ин зан аз чинси занҳои замини нест».

Иброҳимҷон, ягон гуфтан мехост, ки мани бистуҳафтсола, ки аз синфи нӯҳум инҷониб чӣ будани бӯсу канори духтаронро медонам, савганд мехӯрам, ки ин духтар аз тоифаи занони замини нест...

Бо чашмони аз тааҷҷуб калон кушодааш ба рӯи Хиромон нигоҳ карда менистод. Пас воқеаи рухдода, ниҳоят, ба шуураш даррасид ва ӯ бехтиёр боз ба Хиромон наздик омад.

— Шуд,— гуфт Хиромон бо ҷиддияти адоомез.— Медонед, бачаҳои шӯх ба пеши автомати об ё рӯзномафурӯш омада, чӣ кор мекунанд? Аввал аз рӯи қоида аз он ҳақ мегиранд. Сонӣ ба шавқ омада, бо ёрии ҳар гуна пулакча, симча ё чӯбчаҳо боз чизе ситониданӣ мешаванд.

— Фаҳмо,— ҷавоб дод Иброҳимҷон.— Дигар бачагӣ намешавад.

— Фарқи автомату одам ҳам фаромӯш намешавад?

— Ваъда медиҳам.

— Шумо ба ваъда уста, аз афташ.

— Ба вафо ҳам.

— Далел доред?

— Далел? — Иброҳимҷон ба кафо, ба сӯи «Москвич»-аш нигарист, гӯё далели даъвояш он ҷо бошад.— Барои шиносхтани ваъдабоз мӯҳлати дароз шарт нест. Аммо барои донистани вафопеша мӯҳлат зарур. Сабр кунед, исбот мекунам.

— Қаноъ, даст диҳед,— таклиф намуд Хиромон. Онҳо чуноне ки дар мулоқотҳои расмӣ мекунанд, дастони якдигарро сахт фишурданд.

Лекин ишқ кай ба чаҳорчӯбаи расмият гунҷида буд? Хусусан агар ба ҳисси тарафайн табдил шуда бошад?

...Хиромон хоҳиш намуд, ки дар назди магазини «Оламӣ бачаҳо» қарор бигиранд. Иброҳимҷон низ ҳамроҳаш даромад. Хиромон ба шӯъбаи пойафзол рафт. Иброҳимҷон — ба шӯъбаи бозичаҳо, ки он ҷо шӯре буд барпо. Дид, ки пулемёт-бозичаи хушрӯе мефурӯшанд. Ҳам садо мебарорад, ҳам аз милаш шарора мепошад. Ҳавасаш омада, барои Шарифҷон якто харид на чун Хиромон аз он гӯшаи магазин баргашт, ба дасти ӯ дод.

— Барои Шарифҷон?

— Дигар писар нест...

— Чаро ба ман медиҳед? Ба худаш диҳед.

— Не, худатон.

Хиромон аз андешаи ногуфтаи ӯ пай бурд ва розӣ шуд.

Вақте ки модару писар ба таки дарвозаи хавлии иҷора нишастаашон расиданд, кӯдак аз дасти Иброҳимҷон дошта кашола кард.

— Наявед, амат,— илтимос мекард ӯ.

— Боз меоям, Шарифҷон, писараки ширин,— ба риққат омада гуфт Иброҳимҷон.

— Ешт, наявед.— такрор намуд Хиромон ба лафзи писараш таклид карда. Зоҳиран, аз он сабаб, ки арзи чунин таклиф аз забони кӯдак осонтар буд.

Ҳамхонаи онҳо, ки Иброҳимҷонро аз тирамоҳи соли гузашта, аз рӯзи ду халта карам оварданаш аз бозор мешинохт, ба ӯ бо чеҳраи кушод муомила мекард. Зани умрдида, нағзу бадро басе озмудаву санҷида ки буд, аз чашмони Иброҳимҷон хондани орзӯю омоли ӯ барояш мушкил набуд.

—Дарвозаро кушоед, писарам, мошинатонро даророред,— таклиф намуд пиразан.— Бахузур, бехавотир чақ-чақ карда мешинед.

Иброҳимҷон ба гӯши худ бовар намекард.

— Э-э... кӯча ҳам тинч... менистод-дия,— забон хонда гуфт ӯ дар ҳолате ки дилаш аз шодмонӣ ба ракс даромада буд.

— Рост, мошинро даророред,— ин дафъа сухани момояшро қувват дод Хиромон ва бо оҳанги шӯх илова намуд:— Бачаҳо ягон чархаша кушода баранд, чӯлоқ шуда намонем. Моро боз ба лолачинӣ намебаред?

Не, Иброҳимҷон ба чашму гӯши худ бовар карда наметавонист. Дар Тошканд чӣ воқеае рух додааст, ки Хиромон ба ин тариқа дигаргун шуда омад? Ё ҳамин зайл анҷом ёфтани муносибати якунимсолаи онон ҳоли табиист?

Пас аз таоми шом Хиромон писарашро ба сари бистар бурд. Аммо Шарифҷон тозон омада, боз аз дасти Иброҳимҷон гирифт ва боз ҳамон суханони эъчозасари худро такрор намуд:

— Наявед, амат... Намеед? Хай? Наявед. Хай?

— Хайр, хуб,— Иброҳимҷон ӯро ба сари даст бардошта, оғӯш намуд, аз рӯяш, аз сараки чингиламӯяш бӯсаҳо кард. Чашмони ӯ мисли чашмони модараш шаҳлои ҷозибанок буданд. Аз ӯ накҳати фораме меомад.

Шарифҷон низ бо дили кӯдаконаи худ самимияти на-

возиши ин марди мехрубонро ҳис намуда, дастонашро бар гардани ӯ ҳалқа кард. Хиромон аз кунҷи хона ба ин саҳна даме назоракунон истоду пас пеши онҳо омад ва ҳар дуро якҷоя ба оғӯш гирифт...

* * *

— Чаро гиря мекунед?

— Гиря не.

— Ин оби борон аст? — Хиромон ангушти тари худро ба рӯи Иброҳимҷон расонид.

— Оби дида, аммо дигар хелаш.

— Медонам, дигар хел. Ба ҳар ҳол, хосият надорад.

— Ин бахосияташ, Хиромони ман. Ин сиришки сурур... Ман... ким-чи хел дилам суст шудагӣ.

— Қай боз?

— Худатон медонед.

— Эҳе-е! Ҳоло ба тӯҳмат ҳам мемонам? — хандид Хиромон ва сар бар синаи маҳбубаш гузошта, тапиши дили ӯро гӯш дод.

Оре, аз шиддати изтироб чашмони Иброҳимҷон чанд қатра ашк фишониданд. Вай ҳаргиз баобидида набуд. Дар кӯдакӣ мегиристу бас.

Дар он айёме ки ҳама мегирянд. Овоне ки гиря асбоби талош аст. Василаи эътироз, ё талаб, ё ғараз. Баъди калон шудан фақат дар вафоти модар гириста буд.

Чӣ тавр ӯ ба дилбараш бифаҳмонад, ки бори нахуст дар умраш ашки шодӣ мерезад?

Чӣ гӯяд?

Бигӯяд, ки то ҳоло дар зиндони подшоҳони қадима барин чоҳи торике буд? Рост, охир, ҳамин тавр буд! Магар он зиндагонии бесарусомон, бемаънӣ, бетартибу низоми пур аз фиске, ки ӯ ба сар мебурду онро айшу нишот медонист, ғояти саодат мешуморид, ба он чоҳи бетаги тор шабоҳат надошт? Ҳафтае бо ин, ҳафтае бо он... Ҳатто рӯзе бо ину рӯзи дигар — бо он... Дар хона зани никоҳнаш ошуфтаю парешон менишаст, ки ӯро, ростӣ, дӯст намедошт. Робитааш бо зане бештар аз ду моҳ ҳеҷ гоҳ тӯл накашидааст. Ба фильмҳои фоҳиши хорича, ки баъзан дар «экрани пӯшида» — махсус барои онҳо намоиш медоданд, тақлид карда, «ошиқу маъшуқи»-и дурӯза рӯи бистар бараҳна шароб менӯшиданд, магнитофон монда, рақсҳое мекарданд, ки аз одоби фозила ё ҳаёву ибо фарсаххо дур буданд. Шароби

мукаррарӣ ҳам не, барои зебаш, ба хотири мӯд виски, ром, коньякҳои хориҷӣ ёфта меомаданд. Робитаи байни зану мард, ки бояд аз маҳраммонатарин, покизатарин ва нафистарин лаҳзаҳои ҳаёт бошад, барои ӯ ва тоифае, ки ӯ сарукор дошт, ба намоиши шаҳвати урён, ба масх ва масхараи он бадал шуда буд. Магар ба ин гуна муҳит мехру муҳаббати одамӣ қадам менихад? Ба заҳчир баста кашола кунед, ки намеояд.

Тирамоҳи перорсол Қонваси худро бардошта ба сохтмони хавлии серошёна омад. Хиромонро дид ва дар соате чашмаш яла гардид. Шаби арафаи ҳамон рӯзро низ бо айшу тараби, ба кавли худаш, риндона ба сар бурда буд. Ҳанӯз хуморолуда буд, сараш гарон менамуд. Бо вуҷуди он хушёр шуд. Баякбор, батамом хушёр шуд. Дигар даъвоати ошиқи худро ба ҳар баҳона рад мекард.

Боре яке аз лӯъбатаконаш ба ҷону ҳол намонда, ба бошишгоҳаш бурд. Ҳамон рӯз Хиромон дар ошхонаи назди сохтмон, ки он ҷо Иброҳимҷон махсус ба дидораш рафта буд, рӯи хуш нанамуд. Иброҳимҷон сахт малул ва маъюс буд. Бинобар ин таклифи ошиқро қабул кард. Рафт. Нишастанду хӯрданду май нӯшиданд. Сархуш шуданд. Ногоҳ вазъи ӯ тағьир ёфт.

— Ҳа? — саволомез ба ӯ чашм дӯхт ҷавонзан.

— Хез, рангубори рӯята шуста биё, — гуфт Иброҳимҷон.

— Аҷиб... — истеҳзоомез китф ҷунбонид зан. — Пеш халал намерасонид-ку!

— Ҳа, аҷиб... — низ заҳрханда кард Иброҳимҷон. Баъди дасту рӯй шуста омадани маъшуқа ӯ лаби кат нишаста, ба андоми ӯ бодиққат нигоҳ мекард, гӯё бори аввал медида бошад.

— Чаро инту нигоҳ мекуни?

— Читу?

— Гӯё ман микробу ту — микроскоп.

Иброҳимҷон хеста, ба сари миз бирафт, қадаҳро аз шароб пур кард ва бо як дам нӯшид. Ӯ мисли пешина маст шудан, оламу аламро фаромӯш кардан мехост, лекин аз чӣ сабабе шароб «намегазид».

Зан аз кат ноумед ва озурдахотирона бархоста, пироҳани худро пӯшид ва гуфт:

— Як духтури шинос ҳаст. Табиби зӯр. Мехоҳӣ ошно кунонамат?

— Ба табиб ҳоҷат нест...

Магар ин қиссаҳоро ҳоло ба Хиромон нақл карда мешавад? Ба ӯ чӣ гуна фаҳмонидан лозим, ки дар якуним соли охир Иброҳимҷон эҳё шудааст? Имрӯз, вақте ки нахустин бор ӯро бибӯсид, сараш гирд гашт, кариб монда буд, ки ба нишебӣ ғелад. Навакак ҳамон ҳолат боз муқаррар шуд. Гӯё ягон шароби афсонавии мӯъҷизакоре ошомида бошад. Ҳамин ки назараш ба лабони ақиқранги ӯ, ё аз нафаскашӣ ҷунбидани сандуқи синаи ӯ афтод, ё рӯяш нармии махмалини рухсораи ӯро эҳсос кард, дилаш таг мекашад. Хаёлаш... Не, на фақат хаёл, балки ҳам ҷисму ҳам ҷонаш гӯё ба парвоз меояду ӯ гоҳ худро дар канори марғзори муаттар мебинад, гоҳе савори киштие, ки рӯи дарё не, дар фазои дараю водиҳо, кӯҳу дамани зебоманзаре шино мекунад.

Ин эҳсосотро ба дилбараш чӣ гуна арз кунад? Чӣ тавр бифаҳмонад, ки сиришки ӯ қосиди некпае буд, пайғоме овард, ки ранҷу азоб, ғаму ғусса дар кӯи ёр ба поён расидааст?

Чӣ хуш, ки Хиромон худ зирак аст, соҳибфаросат аст, ба шарҳу маънидодҳо эҳтиёҷе надорад.

— Медонед, Иброҳимҷон — гуфт ӯ нохост мӯи сари ӯро навозишкорона панҷа зада.— Дергоҳе ба шумо боварам намеомад. Ҳатто то ҳамин шаб... Ҳатто навакак гуфанӣ будам, ки мабодо маро низ мисли дигрон фаромӯш кунед.

— Инту нагӯед.

— Акнун намегӯям.

— Раҳмат. Мо бояд хонадор шавем, Хиромони ман.

— Шудем-ку!

— Не, тамоман, мегӯям, расман, абадӣ, мегӯям. Тӯй мекунем. Дар амонаткасса як тӯда пул дорам.

— Наход? Фикру зикрам пулғундорӣ буд, гӯед?

— Не, не!— Иброҳимҷон пушаймон шуд, ки ҷаро дар ҳамин гуна як вақти номуносиб аз пулу пулдориаш гап кушод. Зор монад, ин забони беинон.— Ман дар омади гап ғуфтам. Ҳамроҳи акаам зиндагонӣ мекунам. На вай, на янгаам як тин харҷ карданӣ наметонанд.

— Миллионер будаед-дия?

— Аз имрӯз эътиборан — миллиардер.

— Хайр, тӯй кунед. Ҳар кор хоҳед, кунед. Тӯи карнаю сурнайдор, ёр-ёру машъалдор кунед.

— Хиромон, бешӯхӣ мегӯям. Ман он қадар ҳам ҳаводори расму оинҳои рангубаранг не. Шумо ҳам тӯй

дидаед, ман ҳам. Барои ҳамин тӯй мегӯям, ки ошною ноошно огоҳ шавад. Ба зани бешавҳар бисёр чақа мешаванд. Хусусан агар хушрӯй бошад... шумо барин.

— Бадзот ба ҳама чақа.

— Ба хубрӯён хусусан. Дар ин чои баҳс нест. Абӯро фаромӯш кардед?

Хиромон ба андеша рафт. Иброҳимҷон боз хичил шуд, ки коҳи кӯҳнаро бехуда бод дод. Чӣ чине задааст ӯро?

Ночоя суханҳо мегӯяд. Ин, эҳтимол, аз ғалаёни шодмонӣ будагист. Бори соадат ҳам чандон сабук нест. Бисёр касон ҳастанд, ки дар асл боҳушу батамкин бошанд ҳам, дар лаҳзаҳои хушбахтиашон серманах, ҳатто гоҷ мешаванд.

— Яктан бадзотҳо ҳамон прораби олуфтаатон,— гуфт Иброҳимҷон барои он ки Хиромонро зудтар аз олами хотирот беруи оварад.

— Ҳа. Бадчашм. Худам ҳам безор шудаам.

— Илтимос, Хиромони ман: ягон даҳан гап занад, даррав ба ман гӯед. Як соз кардан даркор.

— Ҳамту зӯред шумо?

— Як илоҷ мешавад,— Иброҳимҷон қариб гуфта буд, ки дар мактаби самбо машқ кардааст, аммо, хушбахтона, ин дафъа сари вақт забон нигоҳ дошт. Дар воқеъ, ӯ соли аввали муаллимиаш рӯзи ид маст шуда, хуб шатта хӯрда буд. Ин воқеа ба чонаш алам карду аз бародараш илтимос карда, ҳамроҳи ходимони милиция дар курси самбо таълим гирифт. Аз мансаби бародараш ҳамон вақт як маротиба истифода карда буд.

— Ҳоло дар ҳеҷ ҷой ҳеҷ гап нею накшаҳои шумоя бинанд,— бо оҳанги таънаи ношаомез гуфт Хиромон,— хонадор нашуда занозания сар мекунед, ман зинда бева монда ба таки дари ҳабсхона тор метанам...

— Ғам нахӯред, акаам калони милиция.

— Бо вуҷуди он...

— Бовар кардед? Акан ман аз ҳамин хел зот, ки ягон гуноҳ гузарад, бегонаҳо афв мекунанду вай намекунад. Бо дасти худаш ба паси панҷара бурда мемонад.

— Панҷара... Милиция... Мавзӯъро дигар кунем ҳам, мешудагист?

— Узр.

— Хотирҷамъ бошед. Иброҳимҷон. Қасе ҳад дорад, ки ба ман аз бинӣ боло гап занад? Ягон калиди вазнин ё нимхиштиеро бардошта, чунон фарорам, ки...

Иброҳимҷон, воқеан Абӯро ба ёд оварда, Хиромони туфанг ба дастро пеши назар тасаввур карда, хандид. «Рост мегӯй, азизам, гапи касу нокаса нахӯр. Ҳамин ки аблаҳе ноҷоя чизе гуфт, фарор ба каллааш. Ман хастам...».

— Иброҳимҷон, хезед, ба кӯча бароем.

Ӯ медонист, ки соат кариб як шудааст, вале филҳол «хуб» гуфт.

Хиромон момояшро узрхоҳон бедор намуд ва таъин кард, ки то омаданаш аз ҳоли Шарифҷон хабардор бошад. Бача одати нимишабй бедор шудан надорад, аммо ба ҳар ҳол.

— Кӯчаҳо хилват. Эҳтиёт шавед,— ҳангоми гусел таъкид намуд пиразан. Аз оҳанги суханаш пай бурда мешуд, ки аз ӯро ташвиш додани духтархондаш зарае мало нест, баръакс, аз ахди Хиромон ба сайри нимишабй қадаре ба тааҷҷуб монда бошад ҳам, мамнун аст.

Дар кӯчаҳои чароғон даст ба даст дода, то бомдодон сайр мекарданд.

— Ягон шеър хонед,— хоҳиш намуд Хиромон вакте ки зери яке аз дарахтони кастонаи хиёбони назди театри опера ва балет даме таваққуф карданд ва Иброҳимҷон мавридро муносиб дида, ӯро ба оғӯш кашида бӯса кард.

— Ба чашм,— гуфт Иброҳимҷон ва дарҳол «Гуфтам: ба чашм» ном шеъри машҳури Камоли Хуҷандй ба ёдаш расиду онро хонд.

Пас сари Хиромонро миёни кафхо нарм дошта, чеҳраи ӯро ба равшании чароғ гардонид ва ба чашмонаш чашм дӯхт. Дар як онначан майдаяки чашми одамй ин қадар эҳсосу афкор акс меёбад: ҳам шодию фарах, ғаму андӯҳ ва орзӯю умед, ҳам чаҳон-чаҳон андешаҳо, мегуфт ӯ ба худ.

Аз чашмони шаҳлои нигораш нури шодмонй, шодкомй меборид.

Хиромон гуфт:

— Ба ман ҳамин хел шеърҳо маъкул: «гуфтам», «гуфто», «гуфтамаш». Ҳам хушрӯ, ҳам шавқовар. Гуфтугӯи худамон барин менамоянд ба назар, лекин чй қадар нафис!

— Набошад, боз гӯш кунед:

Гуфтам: эй симзакан! Гуфт: киро мегӯй?
Гуфтам: эй ахдшикан! Гуфт: чихо мегӯй?

Гуфтам: эй он ки надорй сари як мӯй вафо!
Гуфт: маълум шуд акнун, ки маро мегӯй.

Гуфтам: эй чон, аи дили сахти ту фарёд маро!
Гуфт: бо ман сухани сахт чаро мегӯи?

Гуфтам: аз бод насими ту шунидан чй хуш аст!
Гуфт: то кай сухан аз боду хаво мегӯй?

Гуфтам: ин зулфи парешони ту аз мушки Хитост?
Гуфт: то чанд парешону хато* мегӯй?

Гуфтам: аз дасти дили худ ба ҳалокам розй,
Гуфт: ин худ аи забону дили мо мегӯй.

Гуфтамаш, кай расад аз бахт паёме, ба Камол?
Гуфт: он рӯз ки аз мош саломе гӯй?

— Иброҳимҷон, шумо хуҷандиед?

— Аз Ҳофиз мехондам, шерозй мегуфтед? Точикам. Яксон вориси Рӯдакй, Фирдавсй, Ибни Сино, Хайём, Саъдй, Ҳофиз, Камол, Ҷомй, Носир, Шоҳин...

— Шуд, шуд. То саҳар рӯнхат хонданиед? Медонам, аз Мадагаскар наомадаед.

— Истед, Хиромон, мабодо шахрчй нестед?

— Шахричиҳо бисёртар дар байни шумо, зиёҳо, Ман як коргари оддй,— қадаре ранҷидахотирона гуфт Хиромон.— Шахрчй мешудам, кучой буданатонро перорсол мепурсидам...

— Ҳазл кардам, Хиромони ман.

— ...Мехостам аз худатон камтар накл кунед.

— Тарҷуман ҳоламро гуфта диҳам?

— Хайр, чй айб? Одатан пеш аз ҳар як нкдоми муҳим тарҷуман ҳолро менависанд, мегӯянд. Ин расми дерина.

— Ба чону дил,— Иброҳимҷон бо оҳанге ки ариза ё саволнома мехонанд, тез-тез гӯё кироат мекард:— Соли 1946 дар шаҳри Душанбе аз онлаи коргар таваллуд ёфта, дар ҳамин ҷо мактаби миёна ва университетро хатм кардаам. Падарам иштироккунандан Ҷанги Бузурги Ватанй будааст. Дар хурдсолиам вафот кардааст. Модарам соле қабл аз ин фавтида буд. Дар хусуси бародарам Ҳамроҳ Олимй маълумот расидааст. Вай ҳам шахси мӯътамад — полковники милиция. Боз чй? Ҳа, як бор берун аз хоки Ватан — ба Афғонистон ҳамроҳи

* Ба алифбои форсй «хито» ва «хато» як хел навишта мешаванд.

дастан ҳунарпешаҳо рафта омадам. То ҳоло расман зандор будаму дар воқеъ муҷаррад. Акнун...— оҳанги шӯх нохост ӯро тарк намуд,— акнун шумо зани ман,— ду калимаи охиринро таъкидкунон гуфт Иброҳимҷон ва ногоҳ аз роҳ бозистода, сари Хиромонро боз миёни дастонаш бигирифт ва аз даҳонаш бӯсид.

— Ҳа, азони шумо,— гуфт Хиромон.

— Зани аввалини ман... Зани чашму дида кушода дидаам.

— Хӯш-е, ақаллан чаҳордаҳум, гӯед...

— Не, Хиромони ман, аввалин.

27

Иброҳимҷон корҳояшро саранҷом дода, аз сардор ҷавоб гирифта, аз студия як соат пештар баромад. Ҳоло то поёни кори Хиромон хеле фурсат бошад ҳам, майлаш.

Борони реза меборид. Хуб шуд, ки бармаҳалтар баромад. Хиромонро савор карда, ба боғчаи Шарифҷон, баъд ба хонааш мебарад. Дурусттараш, ба хонаашон.

Барвақттар мераваду дар ҳамон ҷои муқаррариаш — дар канори роҳи калон, дуртар аз сохтмони Хиромон, зери чанор мошинро нигоҳ дошта, радио гӯш мекунад. Е китоб мехонад. Аз утоқи кори Қамар чаҳор шумораи фитшудаи маҷаллаи «Иностранная литература»-ро оҳистаяк гирифта буд, ки дар он романи овозадоре дарҷ шудааст. Бештар аз як сол аст, ки ҳама ба ин роман дарафтодаанд. Ку, вай ҳам бихонад, чӣ гуна асаре будааст. Қамар сонӣ мехонад, вай бениҳоят тез мутолиа мекунад. Китобхониашро каси ношинос бинад, гумон мебарад, ки ӯ бо мутолиа машғул не, балки ҳамту китобро оҳиста-оҳиста варақ мезанад. Матиро, ҳар чи гуна бошад, саҳифа-саҳифа гӯё фурӯ мебарад.

Не, дар наздикии Хиромон ба гумон, ки китоб хонда тавонад. Хиромонро, кори ӯро аз дур тамошо мекунад. Вай доимо ҳамин тавр мекунад.

Ҳозир, баъди гузаштани ду чорраҳа ба кӯчаи рост мебарояд ва аз дур крани ӯро мебинад. Аз тамошояш завқ мебарад, чаро ки, аввалан, худи маноракран асбоби ситорагарм аст. Агар барои асбоби оҳанин ҳамин сифат ҷоиз бошад. Бесабаб тоҷикон, ӯзбекон, умуман мардуми Осиёи Миёна онро бо навозиш «паҳлавон»,

«полвон» намегӯянд. Ободии макони онҳо, кишвари онон ба хидмати пуршарофати ин дастгоҳ марбут аст. Вай дасти бинокоронро сабук, мушкилашонро осон кард. Маноракран намебуд, ҳоло панельҳо, блокҳои бисьёртоннагиро кӣ то ба оғӯши осмонҳо бардошта, ба тори иморатҳои нӯх-даҳқабата мегузошт? Аз ҳамин сабаб ин дастгоҳи зотан бесулуқаи гардандарози лаклакшакл ба назари мардум гарм метобад. Аммо крани Хиромон махсусан. Дасти дилбари Иброҳимҷон гул аст. Нодуруст мегӯяд Хиромон, ки ӯ як коргардухтари оддист. Санъатгар аст ӯ. Ба ҳар кор камар бандад, он ҷозибаи санъатро касб мекунад. Ба ҳаракати милан маноракранаш, ба болою поён рафтани симтаноби боркаши вай таваҷҷӯҳ кунед. Ҳар кас рақси аспро дар цирк ё ипподром дида бошад ва тафовути рафтори онро аз лӯккаи аспи оддӣ дарк карда бошад, ҳамон кас тасаввур карда метавонад, ки крани Хиромон чӣ гуна бо низом, чӣ тавр нарм ва боназокат ҳаракат мекунад. Гӯё намегардад, балки муносиби номи соҳибааш мехиромад.

Э, кран наменамояд... Кучо рафтааст он?

Иброҳимҷон то ба таги дарвозаи шалақи сохтмон омад. Худоё, кран ғелида, якпаҳлӯ мехобад!

Ногоҳ гӯшаш қулф зад. «Волга»-и милиция оби кӯмакҳоро пош дода, башаст баромада рафт. Аз паси вай автомобили «Ёрии техникӣ» баромад. Иброҳимҷон пешпо хӯрда-пешпо хӯрда, сӯи майдони бинокорӣ мерафт. Мошини калладори милиция омад.

Кран ба девори нотамоми қабати чаҳоруми иморат афтодааст. Дар атрофи пояаш ва дар боло, он ҷое, ки кабинаи тирезаҳояш шикаста фурӯрехтаи кран ба ғӯлан бетонии оҳанаш қатшуда якпаҳлӯ такя карда мехобид, ходимони милиция, коргарони сохтмон, инженери идораи крану механизмҳои бинокорӣ, боз кимчи гуна одамон ҷунбуҷӯл доштанд. Ба дафтарчаҳо чизе менавиштанд, бо фотоаппарат акс мегирифтанд.

Ӯ ба издиҳом наздик шуд.

— Вазнин аҳволашон,— мегуфт яке ба ҳамсӯҳбаташ.

— Аҳволи кӣ? Киҳо? — саросема аз китфи он шахс дағалона кашида пурсид Иброҳимҷон.— Магар як кас не?

— Чаро як кас? Крандору боз як зан.

— Пас ду зан?

— Э гуфта истодаам-ку: крандору боз як зан! Яъне як марду як зан.

Хиромон! Хиромони ман! Эй чарх, ин чӣ рӯзест?!... Боз гӯши Иброҳимҷон чиппӣ маҳкам шуд. Ҷунбиши лаби одамонро медиду намешунавид, ки чӣ мегӯянд.

—Мани нодон,— худро маломат мекард ӯ,— ин шахску роҳгузар аст. Ӯ чиро медонад? Ман чаро ба ӯ часпида, савол медиҳам? Барои чӣ дар атроф ягон шинос наменамояд? Қанӣ он ҳама гилкорон, бетонрезон, ки ҳамеша ҳамроҳи Хиромон ба ошхона мерафтанд, як села шуда, ҳамроҳ аз кор мебаромаданд?»

Гӯшаш андаке яла шуд ва садоҳои атроф боз ба самъаш мерасид:

— Не, кран ҳеҷ гоҳ худ ба худ намеафтад. Нигоҳ кун, чӣ қадар порсанг* дорад. Қамаш сад тонн.

— Набошад, нодуруст монтаж шудагӣ.

— Ду сол боз дуруст буд-ку. Кранро тағоиат не, инженеру техникҳо монтаж мекунанд. Инспексияи давлатӣ акт монда, қабул мекунад, калла! Ин ҷо сире ҳаст.

— Рост, сир набошад, милиция намеомад.

— Милиция ба ҳар фалокат бояд давида ояд.

Яке калимаи «паспорт»-ро такрор мекард. Паспортеро аз боло ёфтаанд гӯё. Паспорти киро? Ба ин фочиа паспорт чӣ дахл дорад? Э, чин занад, паспорти манораҳранро мегӯянд, зоҳиран, ҳамон ҳуҷҷатеро, ки ҳамеша дар кабинаи кран асту ба он ҳамаи таъмироту нигоҳубини асбоб сари вақт қайд карда мешавад.

—Ҳайфо! Чӣ хел зани хушрӯй!— мегуфт яки дигар.

— Рӯяш хунолуд буд. Хубрӯияш ба ту аз куҷо маълум шуд?— эътироз мекард дигаре.

«Рӯяш хунолуд...» Боз гӯши ӯ куфл зад. Ҳис кард, ки мадори дасту пояш мекоҳад. Ҳамон дугонаи ҳамкори Хиромон. Чашмонаш гиряолуд. Э сабил, гӯш маҳкам, сар ғуввос мезанад. Намешунавад, ки ӯ чиҳо мегӯяд. Ҳа, ҳа... Хиромон ҳамроҳи кран чаппа шудааст... Ӯро мошин бурдааст... Ёрии таъҷилӣ, албатта. Не, не, зинда буд.

Зинда буд.

Зинда...

Пас чаро мегиряд ин зан?

Зинда *буд*...

Ҳоло чӣ?

Аз куҷо фаҳмидан мумкин, ки Хиромонро ба куҷо

* Балласти пояи манораҳранро мегӯянд.

бурдаанд? Қадом касалхона? Дар хонаҳаш ҷӯбини прораб телефон ҳаст. Лекин бо телефон аз дусар ҷавоб наҳоҳанд дод. Қамаш баъди як соат маълум хоҳад шуд, ки ӯро ба куҷо бурдаанд, аҳволаш чи гуна аст.

Чӣ бояд кард? «Рӯяш хунолуд...» Ба истгоҳи мошинҳои ёрии таъҷилӣ рафтан даркор. Мошин тайёр, фикру хаёл чӣ лозим? Айёми шогирди Қамар буданаш кори ин истгоҳро ба навор гирифта буданд. Он ҷо дарҳол ҷавоб медиҳанд, ки фалон беморро ба кадом табобатхона бурдаанд ва аҳволаш чун аст.

Иброҳимҷон мошин меронду гоҳ пеши роҳашро аён медид, гоҳ байни чашмони ӯ ва роҳи роҳгузарон пардан туман меафтод. Ҳангоми гузаштан аз чорраҳаи назди агентии шаҳрии Аэрофлот ғиҷирроси гӯшхарошии тормози кадом мошини вазнине баланд шуд. Аранг-аранг бонги дашном ба гӯшаш мерасид. Аз афташ, чорраҳаро бе навбат, ба чароғи сурх гузашт ва қариб бонси фалокати нав шуд. Боз дар куҷое анбӯҳи пиёдаҳоро башаст бурида гузашт. Зане фарёдкашон ҳакорааш мекард.

Диспетчери ёрии таъҷилӣ гуфт, ки андаке бардошт кунад, ҳозир ҷавоб хоҳад дод. Аммо ӯро дигар ёрои сабр набуд. Дарди ҷонкоҳе аз куҷо пайдо шуда омада, ҷоғҳояшро ба ҳам фишорид, гӯё устухонҳои манахро сасовида орд мекарданд. Базӯр имое карду ҷавони сафедпӯшеро назди худ хонда, ба ҷоғаш ишора намуд ва худи ҳамон лаҳза, дар худи ҳамон ҷой — рӯи хараки сафеди назди мизи диспетчер ба пахлӯ хобид.

...Нисфишабӣ дар палатаи дувоздаҳум ба худ омад. Дар ҳамон палатае ки он ҷо як моҳ ночунбон мехобиду дар арафаи иди май ба палатаи кунчакӣ кӯчониданд.

Чашм кушода дид, ки бар тори сараш гӯё хирмани пахтаро парӯ кардаанд. Пас аз муддате сарфаҳм рафт, ки ин пахта не, яктаҳи сафеди одамони ба сараш хамшуда, сақфи оҳакмолидаи хона, чароғи сафеди курашакл аст. Яке аз яктаҳпӯшон бародараш аст. Ҳа, албатта, барои полковники милиция дари баста нест. Ваҳту бевақт, мумкину номумкин нест. Бародараш. Барои ҷонаш, баробари ҷонаш. Шахси махбуби ӯ, ки ба ҷои падар тарбият карда, ба воя расонидааст. Шахсе ки ба ҷои сипосдорӣ Иброҳими ношукр сад бор, ҳазор карат дилтангаш кардааст, озораш додааст. Қадрношинос, ноинсоф, хар.

— Ҳа, шер! Ана чашм кушодӣ, шер! Ба чашмонат, акаат мурад, дарди ту ба ман занад, шер...

Вай бо эҳтиёт ба сари ӯ хам шуда, рӯяшро, мӯйлаби пармашро ба рухсори додараш молид. Духтури навбатдор ӯро аз китф дошта, рост кунонид. Рӯдаи резинии кислородро ба даҳони Иброҳимҷон дурусттар даровард, ба дарунтари комаш тела дод.

— Шер, вай зинда. Вай духтараки крандор зинда. Фақат андак маҷрӯҳ шудааст. Ҳеҷ вокеа не. Лекин ту, аҳмақ, шер. Дарди ту ба ман занад, ту нодон, шер,— боз ба сари Иброҳимҷон хам шуда мегуфт бародар ва аз чашмони ӯ ба рӯяш донаҳои сиришк метаровид, ба тораҳон мӯйлабаш андармон шуда, дар шунаҳи чарағ медурахшид.

«Зинда... Зинда...— пичиррос мезад Иброҳимҷон.— Фақат андак маҷрӯҳ шудааст...»

Саҳарӣ Қамар либоси беморӣ дар бар назди кат пайдо шуд. Ба сараш хам шуда, нарм, вале дурудароз оғӯш намуд.

— Мана тарсонидӣ, ошно. Дар дунё ҷӯра мӯлу якта ба эб наздиктараш ту,— мелаққид ӯ.— Ҳамон ҳам ба шарте ки минбаъд одами дуруст шавӣ, дамдуздӣ накунӣ, худсарӣ накунӣ, тарбияи мана гирифта, баақлтар шавӣ.

Иброҳимҷон мижа тах карда «хайр» мегуфт. Лаққидан бигир, мегуфт дар дилаш. Ман ба қадри ту ҳам намерасидам. Нодон будаам, аҳмақ будаам...

— Хайр, рафтам. Ҳоло ба пеши ту касеро наменомонанд. Лекин илоҷ ҳаст,— ӯ ба либоси касалхона ишора намуда, айёрона чашмак зад.

28

Зардодхон Ивон-амакро ба кат хобонида, набзи ӯро дурудароз санҷид. Ба соаташ нигоҳ карда, аз рӯи одати худ, ба ҳар тапиши набз сарашро як бор хаму рост карда мешуморид. Баъд мӯйсафедро рӯ ба поён хобонида, ба тахтапушташ стетоскоп гузошта, муддати аз он ҳам мадидтар гӯш кард.

— Чуқуртар нафас кашед,— мефармуд ӯ. Ивон-амак амиқ нафас мекашид.

— Акнун нафас гиреду нигоҳ доред.

Ивон-амак фармудаи ӯро мекард.

Дар ин асно аз гӯшаи дури долон садои ханда шу-

нида шуд. Ханда тадричан ба каҳ-каҳаи баланд табдил меёфт. Ин чӣ ҳодиса? Одами батамиз дар бемористон ба ин тариқа намехандад ҳаргиз.

Иброҳимҷон аз духтур рухсат гирифта, ба долон баромад. Дар қаноти чапи долон, дар он тарафе ки шӯъбаи ҷарроҳӣ воқеъ буду бо тавораи шишакорӣ чудо карда будандаш, чанд кас баробар механдиданд. Каримҷон-ака ҳам «Худаш чӣ гап?» гӯён баромад. Аз паси ӯ Носир Аббос, худи духтур ва, ниҳоят Ивон-амак курта-ашро пӯшидаравон берун омаданд.

— Чӣ гап? Чӣ шудааст?

Зевар аз он сӯ табассумкунон меомад.

— Зевар, чӣ ҳодиса? Кӣ механдад? — пурсид Зардодхон.

— Эркатулфора ҷарроҳӣ кардаанд. Профессор механданд. Ассистентҳошон-катӣ. Аз шиками эрка бези равған баромадааст.

Акнун дар шӯъбаи терапия ҳам ҳар касе ки маҷоли ханда дошт, механдид. Дар ординатура духтурон механдиданд. Дар гӯшае донишҷӯёни таҷрибаомӯз механдиданд. Бемороне ки дар пеши зинапоя ҷамъ шуда, рустӣ сигор мекашиданд, низ қоҳ-қоҳ механдиданд.

Дар бадали чаҳор-панҷ ҳафта эркатулфор ҳамаро аз ҷон сер кард. «Зарфи пешоба дастам кати намедорам. Ман дар касалхонаи Маскав табобат шудагӣ одам. Он ҷо ҳамроҳи пешобдон дастрӯмоли тоза медиҳанд. Ёфта медиҳед!» — гуфта зитир мекарду ду пояшро ба як мӯза меандохт. Баъд барои хонаи алоҳида, барои телефон, барои хӯрок арбадаҳо карда, ҳоли ҳамаро танг мекард. Қариб ҳар рӯз сардухтурро ба наздаш даъват кунонида, бо ӯ аз осмони ҳафтум истода, муомила мекард. Агар Носир Аббос ба воситаи ҷӯрааш нӯхтан ӯро андак кашида наменонд, ҳоло, эҳтимол, дар табобатхона барои худ санаторий дуруст мекард, мегуфт, ки ба деворҳо қолин овезед, ба ҳар гӯша телевизор монед, ҳар соат меваи тару тоза биёред.

Касали ӯро терапевтҳо муайян карда натавониста, мувофиқи талабаш ба шӯъбаи ҷарроҳӣ гузаронидаанд. Вай фиғон мекард, ки ба дарди саратон гирифтор будааст. Ҳа, ба дарди саратон гирифтор будаасту табибони бемурувват ба ҷони ӯ раҳме надоштаанд. Дар воқеъ, ҷарроҳон дар аснои муоина дар шиками ӯ зери панҷа ноҳамворие ҳис мекарданд.

— Ин варами саратон! Маро худи профессор ҷар-

рохӣ кунад! — талаб менамуд ӯ.— Шаҳр бедарвоза нест. Хоҳиши беморро ба инобат нагирифтан мумкин не! Қонуни советӣ талаб мекунад, ки...

Ва ҳоказо.

Ҳамин ҳоло ӯро ҷарроҳӣ кардаанд. Аз шикамаш, аз миёни рӯдаҳо бези равғанро бурида партофтаанд.

— Дар умрам ин хел гумроҳ нашуда будам,— мегуфт профессор ва оби чашмонашро бо рӯймолаке пок карда аз тахти дил механдид.

— Бези равған!— ҳитоб кард Носир Аббос.— Худаш бези равған! Нобакор! Паразит! — гарчи ӯ чандин муродифи тоҷикии ин калимаи юнониро медонист, лекин айнан ҳамин тавр: «Паразит!» гуфт.

Ларза ба андоми ӯ афтода, ранги рӯяш канда буд. Зевар ӯро аз бағал дошта, ба палата ҳидоят намуд. Ба қадаҳаки шишагини дорухӯрӣ валерианка рехта, ба об омехта нӯшонид.

Ҳама ба палата баргаштанд. Иброҳимҷон бенихтиёр пиқиррос зада хандид.

Носир Аббос сар аз болин бардошта, ба ӯ таънаомез чашм дӯхт.

— Нахандед, Иброҳимҷон. Мо механдем, ин безҳо ба тори сарамон баромада мегиранд.

Иброҳимҷон хиҷолатомез сурфа карда, рӯи каташ ёзид. Аз рӯи навбат духтур мебоист назди ӯ меомад, вале вазъи Носир Аббосро дида, пеши вай рафта, ба курсӣ нишаст. Чизе нагуфта, коре накарда, хаёлолуд ба тиреза нигоҳ карда менишаст. Гӯё ба ваҷоҳати худ гуфтанӣ буд, ки мунтазир аст, ки бемор ором бигирад. Ӯ онд ба роҳҳои ёрирасони осоиш, баъзе ҳилаҳои психологӣ борҳо ишора карда буд. «Зуд диққати худро ба дигар нукта равона кунед...— мегуфт ӯ.— Як дақиқа тасаввур кунед, ки шумо танҳоед; касе нест, вокеае рух надодааст, касе чизе нагуфтааст, коре накардааст. Ва ҳамин, ки оромӣ аз нав барқарор шуд, андешаатонро метавонед боз давом бидиҳед, лекин бо тааммул, ғаронборона, бо тамкин... Худнигаҳдориро омӯхтан лозим... Дигар чорае нест. Рост, барои беморе ки як бор ба дарди қалб гирифтор шудааст, роҳи дигар нест.

Ҳаман ин гапҳо ба гуфтан осон. «Худро ба даст бигиред...» Оҳани тофтаро ба даст гирифтан осонтар будааст...

— Духтур,— Носир Аббос қадаре таскин ёфта, ба

гап даромад.— Гуфта будед, ки ман асли қадим барин сиҳат мешавам.

— Гуфта будам. Боз мегӯям.

— Бе муболиға, а?

— Мутлақо. Лекин шарт ҳамон муаллим: сахт ба изтироб афтодан мумкин не мисли пештара.

— Чӣ хел ба изтироб намеафтед? Ана гӯш кунед. Як вокеа. Рӯзҳои нав ба кор таъин шуданам дар район аз идора мебаромадам, ки як шахс мошинсавор аз рӯ ба рӯ меояд. Аз як канори кӯча кубури об мегузарониданд. Кӯча пури хок, ноҳамвор буд, мошин суст меомад. Ваҷоҳати он шахс диққатамро ба худ кашид. Гӯё ҳайкали тайёр. Ҳайкали ғурур. Медонед рассомони карикатура сурати ҳавобаландонро чӣ навъ мекашанд: сараш қадаре яктарафа, биниаш дар осмон, ба олам бо нафрати хашмомез менигарад, гӯё мегӯяд: ҳой ғуломон, ҳой асирон ва фақирон, чаро нигоҳ намекунед, ки ман меоям? Ман! Ман-а! Чаро ба замин намеафтед? Ба саҷда намеравед? Садақаи ман барин як зоти ноёб шавед!

Синнаш ҳанӯз ба сӣ нарасидааст. Тасаввур мекунед? Ҳанӯз сисола нашудааст!...

— Ҳа, ҳамин хел зотҳо ҳастанд, афсӯс.

— Дар пеши ман омада қарор гирифт. Аз паҳлӯям гузашт. Аз рӯи они, садқаи сар, гуфта, салом додан мехостам, ба сӯям ҳатто нимназаре наафканд. Рост ба бино даромада рафт. Ба комичроия. Идораи мо ҳам дар ҳамон бино. Мӯи сарам, ба хаёлам, сих рост шуд. Пас гашта, аз дунболаш рафтам. Ба қабулгоҳи раис даромада, ба одамони дар навбат нишаста нигоҳ накарда, ҳатто ба рӯи котиба ҳам нанигариста эълон кард. Ҳа, матлабашро изҳор не, бодабдабае эълон кард:

— Ба раис гӯед, ки директори трест омад.

Хулласи калом, бенавбат даромад. Сабр карда истодам. Аз афташ, қиёфаи ғазаболудаи маро хозирон дида, ҳайрон шуда буданд.

Вақте ки аз кабинети раис мебаромад, аз дасташ дошта, дубора ба он ҷо даровардам. Раис ҳайрон шуд. Ҳам раис, ҳам он шахс, ҳам худи ман рост менистодем.

— Кӯчаи одоб гуфтанӣ иборае ҳаст,— гуфтам.— Ман мегӯям, ки кишвари одоб ҳаст дар рӯзгор. Дар он кишвар калонтарин, фарохтарин кӯча — кӯчаи хокорист. Афсӯс, ин кӯча камодамтар аст. Онро боядпеш аз ҳама коммунистон пур кунанд, обод доранд.

Шумо, директор, ба чӣ вақт аз худ худованди олам метарошед?

— Чӣ гуноҳ дорам ман? Барои чӣ маро аз роҳ бездошта, дӯғу дағдаға мекунед? — шӯрида рафт он ҳайкал.

— Ба атроф, ба замин, ба одам ҳам нигоҳ кунед вақте ки ба замини осӣ қадам мемонед.

— Аз комитети назорат шуданатон ҳоло як моҳ нагузаштааст. Шумо пасту баланди ин районро аз кучо медонед? — паст намеомад ӯ.

Ин дам ранс ба гуфтугӯ ҳамроҳ шуд:

— Пасту баланди район ҳамин, ки ин кас чиянн Саид Ризоевич, котиби якум. Эроди рафиқ Носир Аббос чон дорад, бародар. Ман ҳам аз ин хислати шумо бохабар. Агар худи Саид Ризоевич фахманд, ки ба ин тариқа обрӯяшонро рехта мегардед, шуморо навозиш намекунанд. Айб. Шуморо ба аъзоии партия бо умеде қабул кардаанд.

Сонтар вокеаро ба худи Саид Ризоевич ҳам гуфтам. Директор бо одамон саломуалек мекардагӣ шуд.

Носир Аббос аз чояш хеста, як пиёла чои хунук нӯшид. Боз омада суханашро идома дод. Ба ақидаи ӯ, дар мамлакати мо кайҳо боз синфҳои ба ҳам зид, ба ҳам душман набошанд ҳам, муносибати синфӣ ба кор, ба адои вазифа ва муаммоҳои мураккаб вуҷуд дорад. Сахехтараш, муносибати сиёсӣ. Яке ба кори давлат чонсӯз аст, ҳамчун фарзанди замонаи нав дилаш, чоныш, то мағз-мағзи устухонаш месӯзад. Дигаре мегӯяд: «Э садқаи сарам! Дилама хун карда мегардам? Дар ҳамин дурӯза дунё! Дилсӯзҳо кардан гиранд».

Ғаддортарин душмани Носир Аббос дузд не, ё авбошу дигару дигар қалтабонон не, балки он аст, ки мансаберо муваққатан бошад ҳам ду-се сол бошад ҳам, то «баромадани мисаш» бошад ҳам, бо ҳилаю тазвир сохиб шудааст, ноҳақ соҳиб шудааст. Душмани ғаддори ӯ онҳоеанд, ки чои дигаронро бо найрангу тадбир соҳиб мешаванд.

Баъзеҳо аз миёни халқи оддии заҳматкаш баромада, пас аз муддате мебинӣ, ки қарзу фарзро аз ёд бурдаанд, кӣ буданашонро фаромӯш кардаанд. Ба собиқ ҳамкоронашон — ба коргари каторӣ, ба ронанда, қаровул, фаррош бо назари султоне менигаранд.

Носир Аббос ин гуна зотеро бинад, тамом, хунаш ба сараш мезанад. Пайкарашро нафрату ғазаб ба ларза меандозад. Хаёлаш ба кор даромада, манзараеро, ки

мехост бубинад, пеши назараш ба чилва меорад. Дар хаёлаш ин гуна махлукҳоро шармандаву шармсор мекунад, азоб медиҳад.

Гардани фарбеҳи чандқабата ғаб-ғаббароварда гардани мисли кундан чубоз ғафси аз равған ялаккосанда ва шиками бодбони пур аз бод барин дамида — ба истисно якта-нимта беморон ё варзишгарон — бори ӯ аз манфуртарин диданиҳост. Ӯ борҳо соҳиби ин гуна гарданро хаёлан (сад афсӯс, ки фақат хаёлан!) аз мошини давлатӣ ба мобайни кӯча, пеши назари хазоиқ фароварда, пиёда ҳай кардааст. «Равғанро об кунед, ошно. Шумо дар мамлакати социалистӣ зиндагӣ мекунед. Ба атрофатон як назар андозед...»

Ё ин гуна зотро ба маҷлиси комитеташ даъват кардааст. Толори паҳновар аз одам пуру моломол. Ҳозирон каттагӣ, ғурури пучи ӯро, ки муносиби кадом як феодалест, бо тамасхур маҳкум мекунанд. Бинобар ин гарданғафс ҳоло аз шаст фаромада, ғарқи обу арақ мобайни мардум бо сари андаке хам менстад. Андаке хам, чунки чарбии таранги гардани лӯнда имкон намедиҳад, ки манаҳ то ба сари сина бирасад.

«Аз вазифааш озод карда, ба заводи хишт ба кор фиристода шавад. Гурӯҳи назорати халқии завод ӯхдадор карда шавад, ки ба ислоҳи ин зот, ба об шудани равғани изофаи ӯ назорати махсус таъин кунад...»

Сонӣ Носир Аббос ба худ тасаввур мекунад, ки гарданғафс ҳарсасзанону фиш-фишкунон пиёда ба кор меравад. Ҳангоми савор шудан ба автобус аз дар нагунҷида, бонси писханди мусофирон мешавад. Духтарон, чавонзанон қикир-кикир хандида, чони ӯро ба ҳалқ меоранд. Ӯ аз хидмати троллейбусҳо умуман даст мекашад, чунки дар аксари онҳо гӯё бар қасди ӯ, дар адл миёнаи дари қафо дастдораке шинонида, даромадгоҳи васеъро ба ду ҳисса тақсим кардаанд. Ӯ фақат як бор бо сару рӯи арақшор чуссаи худро яктарафа карда, ба дарун кашида тавонистааст. Баъд дар дилаш шукр кардааст, ки хайрият, дари пеш ин хел дастдораки зормонда надорад.

Боз тасаввур мекунад, ки кафшакам чӣ тавр хишти хомро гирифта, ба аробача бор мекунад. Ақаллан дах-дувоздаҳ бор хам нашуда, боз аз сару рӯяш шарросзанон арақ мешорад. Усто қасдан ҷанчол мебардорад, ки чаққонтар бичунб, хумдон мунтазир аст. Ҳа, маҳз ҳамон устое ки як ҳафта қабл бо ӯ дар сари як дастархон нишастанро ба худ ор медонист.

Оре, Носир Аббос инкор намекунад, ҳамин гуна ҳаёлҳо на ин ки гох-гохе ба сараш меоянд, балки метавон гуфт, вучуди ӯро ҳеҷ тарк намекунанд. Аз ҳамин сабаб, ба гуфти он чӯрааш, гохо сахтгириро аз ҳад мегузаронад.

...Аз дарвозаи анборе мебоист автомобили боркаш мебаромад. Вай холӣ буд. Ронанда мегуфт, ки водопроводи саҳни анбор имрӯз фишори кофӣ надорад, ӯ ба ҳавлии муассисаи ҳамсоя рафта, мошинро шустанист. Посбон мегуфт, ки рухсатнома биёр. Қонда ҳамин. Мунозира сар шуд. Аммо аз рӯи таомул бо посбон мунозира намекунанд. Итоат бояд кард.

Ронанда баргашт. Мудири анбор бо телефони дохилӣ фармуд, ки «Мон, мошин барояд». Посбон боз намонд. Вай ҳам одами мустақил аст. Аз идораи муттаҳидаи посбонон ва фақат ба сардори ҳуд итоат мекунад, ё ба қонун. Ӯ исрор мекард, ки рухсатномаи расмии хаттӣ биёранд. Рақами мошинро ҳам нависанд.

Посбон, бешубҳа, як дараҷа хурдагирӣ мекард, лекин аз ҳудуди қонун набаромада буд. Мудир оташин шуда, ба таги дарвоза омад. Ҳуд ба сари руль нишаста мошинро ронданӣ шуд. Гӯё ӯ ба сари руль нишинад, монеае нахоҳад буд. Аммо посбон дарвозаро накушод. Мудир ва ронанда ӯро дукаса тела дода, дарвозаро кушоданӣ шуданд. Қашокаш шуд, ба занозанӣ гузашт. Ду дандони пеши посбон шикаст, ба комаш рафт. Вай солхӯрда буд ва он дандонҳо аз охирин дандонҳои табиияш буданд. Ӯ ба идорааш телефон кард.

Арз, шикоят, мубоҳиса, муҳокима сар шуд. Носир Аббос мудири анборро аз кор озод кунонид. Ба сардори бевоситааш ҳам танбеҳ эълон кард, ки ҳамин хел муштзӯри азхудрафтаро дар пеши чашм нигоҳ дошта мегашту чӣ махлуке будани ӯро намедонист. Мехост, ки кор ба суд гузаронида, мудир ақаллан соле ҳабс шавад.

Талаби ӯ сахт буд, албатта. Аммо шояд баъдтар нарм шуда, ба ҷазои камтаре розӣ мегардид. Лекин ёру ошноҳои мудир ба пой хеста, ғавғо бардоштанд, ки Носир Аббос зулму тааддӣ мекунад. Ошнобозӣ, ки шуд, бе тарафдорию тарафгирӣ намешавад. Як тоифа ҳаст, ки адолати қонунҳои ҷамъияти моро эътироф мекунанд, вале ҳамин, ки ягон моддаи онро ба худи онҳо татбиқ карданӣ шудед, «Қанӣ адолат, кучо шуд инсоф?!» гуфта фарьёд мебардоранд. Хайр, фараз кардем, ки ин ҳам садакаи сар, хок бар сари ошнобозон!

Аммо ташкилоти ибтидоии партиявӣ ҳам тарафи онҳоро гирифта, қарор баровардааст, ки дар вокеъ ба ҳаққи мудири анбор ҷабр шудааст.

Носир Аббос ба ин қадараш тоқат карда наметавонист. Ба ташкилоти партиявии ои муассиса котиби райкомро ҳамроҳ бурд. Он ҷо хуни ҷигар шуда, фаҳмонида доданд, ки сухан нафақат дар бораи кирдори анбошона, на танҳо дар бораи ду дандони шикаста меравад.

— Безҳо! Безҳои равғаи! Безҳои касолат, касофат, кароҳат! Паразитҳо! — ҳамчунон мечӯшиду мехурӯшид Носир Аббос ва Зардодхон ба сари хам назди ӯ нишаста, гӯш медод.

Касолат, кароҳат, касофат... Рост, ба ӯ осон гирифта намешавад. Ва на танҳо ба ӯ. Ба ҳамаи онҳое ки бо ҳар гуна чирку фасод, ҳар ҳел ифлосиҳо сарукор доранд. Чунки, аз як тараф, бо нопокиҳо, ҳодисаҳои дилғашкунанда сарукор доштан ба сари ҳуд мушкил аст. Ба замми ин кас бояд эҳтиёт шавад, ки ба худаш ҳам чирк нарасад. Не, Иброҳимҷон ришва барин фасодро дар назар надорад. Дар олам одамоне ҳастанд, ки устухонашон аз азал поку асил аст, ниҳодашон, сиришташон беолоиш аст, онҳоро ҳазор карат ба имтиҳон андозед ҳам, заррае пастӣ, палидӣ намебарояд. Вай мегӯяд, ки ба Носир Аббос мабодо яъсу навмедӣ барин чизҳо сироят накунад. Яъс ҳам барои рӯҳи одамизод аз чирк монданӣ надорад. Вай зангест, ки сари вақт зудуда нашавад, пайкари пӯлодиро суда мекунад.

Шӯъбаҳои ҷарроҳиро одатан ба ду тақсим мекунанд, ҷарроҳии тозаву покиза ва ҷарроҳии захмҳои фасодии. Ҷарроҳ бояд аслан боэҳтиёт бошад, лекин ҷарроҳи захмҳои фасодин — дучандон бештар.

— Гурӯҳи моро вазир ба наздаш даъват карда буд,— хабар дод духтур.— Гуфта будам-ку гурӯҳи махсусе, ки минбаъд бо тадқиқ ва пешгирии касалиҳои нишемӣ машғул мешавад. Мо аз рафти кор ҳисобот додем,— Зардодхон даме хомӯш монд.— Ман аз шумо нақл кардам, муаллим. Вазир гуфт, ки шуморо ба беҳтарин санаторияи мамлакат,— духтур калимаи «мамлакат»-ро махсус таъкид кард,— мефиристанд чанд моҳ, ки лозим бошад.

— Ташаккур,— миннатдорӣ баён кард Носир Аббос.— Лекин, духтур, о ин ғалатӣ шуд-ку. Худатон гуфта будед, ки аз касалхона мисли пештара бардаму бакувват шуда мебароям.

— Аз касалхона нагуфтаам, муаллим. Баъди табобат, гуфта будам. Холо боз ду-се мох кор намекунед, накун,— нохост ба «ту» гузашта гуфт пирамард.— Ба мо одам зарур. Одами безбур. Ту аз вай чаро иҷозат мепурсӣ? Ба ҳар ҷой лозим бошад, фиристодан бигир. Одамони хондагӣ бояд донанд: сухани духтур — қонун.

29

Ивон-амак ба пахлӯи Иброҳимҷон омада истод, ки аз тиреза аланган оташи ҷовидонро тамошо мекард. Оҳиста ба китфаш даст расонид ва бо навозиш гуфт:

— Писар, ман фаҳмидам вая... ӯҳм... қиссаи шумоя...

Сухани пирамард ҷала монду ба ҷашмаш об давид. Чиро мегӯяд ӯ? Кадом қиссаро? Наход?...

— Шумо, ғалатӣ, Иброҳимҷон, руст кардан чӣ ҳоҷат? Ин чизи пинҳон мекардагӣ не-ку. Ин бахт аст, бахти калон... Ӯҳӯ, кошкӣ бахти ошиқӣ насиби ҳар кас мешуд...

Ҳм, гап дар як ҷой менистад? Ба қавли Носир Аббос, Аллаев ба Маллаев, Маллаев ба Саллаев, Саллаев ба Яллаев... Овоза аз Қоф ба Қоф рафт, гуфтан гирад.

— Дар он ҷоҳо,— Ивон-амак ба девори ғарбии палата ишора намуд,— менавиштаанд, ки замони ишқу муҳаббат, оилаю хонадорӣ гузаштааст. Лоиҳаи инкохи муваққатӣ, никоҳи гурӯҳ ба гурӯҳ, чупоне ки дар ҷамъияти ибтидоӣ буд, муҳокима мешудааст. Зотҳое будаанд, ки базм ороста, масту лоякил шуда, бо ҳамдигар зан иваз мекардаанд. Одамизод аз серӣ бехуд мешавад. Мегӯянд, ки ин мараз ба ҳама сироят мекардааст. Не, ҷанобони мӯхтарам! — нохост наъра кашид Ивон-амак мисли он пирамарди кӯчпое, ки дар Клуби ветеранҳо ногаҳонӣ фарьёд кашида, ӯро ба тааҷҷуб андохта буд.— Не! — такрор намуд ӯ бо овози пасттар ва баъд Иброҳимҷонро бо як даст аз китфаш оғӯш намуда, гуё сирре мегуфта бошад, ба пичиррос гузашт:

— Ҳусни одамҳои мо торафт зиёда мешавад. Агар ҳамту намешуд, ман ба тақдирам, ба ҳаман ҷабру ҷафоҳои кашидаам лаънат мехондам. Орзӯҳо ҷоман амал мепӯшанд. Бале, писар, офарин...

Риши Ивон-амак тоза тарошида буд. Аз ӯ бӯи одеколони арзони «Тройной» меомад. Боз аз чӣ сабабе аз

либоси бемористониаш бӯи рангҳои матбаа ба димоғ мезад, ҳамон бӯе ки аз рӯзноман тоза меояд.

Чашмони мӯйсафед чанд катра ашк фишонида буданд. Вай номаълум оби дидаашро бо остинаш пок менамуд.

Носир Аббос ин манзараро аз болои каташ тамошо карда, ба Иброҳимҷон мехромез табассум мекард. Гӯё мегуфт, ки оре, гуфтахои пирамард ба ӯ низ маъқуланд. Аз чӣ панг дорӣ? Баръакс фахр кун.

Ҳаман ин кори Қамар аст, бешубҳа. У ба духтур гуфтааст, духтур ба Носир Аббос, вай ба мӯйсафед. Ҳолo ба ҳаман шаҳр овоза мешавад.

Дар кӯча бод вазон буд ва шохаҳои дарахтонро хам карда, ба тирезаҳои палата мемолид. Партави оташи сари мақбараи шаҳидон дар рӯи деворҳои хона алвонҷ мехӯрд.

— Чорогро дарнамегиронем? — ба аҳли палата савол дод Носир Аббос ва дар рӯи каташ нимхез шуд.

— Ҳамту нагз, муаллим,— гуфт Қаримҷон-ака.

Ҳар чаҳор нафар рӯи катҳои худ мехобиданд. Акнун то вақти хоб дигар коре нест. Фақат соатҳои даҳи шаб духтури навбатдор меояд. Аз дар медарояду салом дода, хамаро аз назар гузаронида, «Аҳволҳо чӣ тавр?» гуфта савол медиҳад. Агар касе ба кӯмаки ӯ эҳтиёч дошта бошад, арз мекунад, вагарна хушбошикунон бармегардад.

— Андреич, аз саргузаштҳо чорта нақл мекардед...— бо илтичо гуфт Қаримҷон-ака.

— Чӣ хел саргузашт?

— Дидаю шунидаҳотон-дня.

— Матал намехоҳӣ?

— Саргузашти худатон аҷонбтар. Хайр, агар нахоҳед, матал гӯед.

— Буд набуд, будгор буд. Замин набуд, шудгор буд. Як коса дӯғ буд, ҳамекаш дурӯғ буд. Мешавад?

Қаримҷон-ака чизе нагуфт. Бо сукути худ фахмонданӣ мешуд, ки бача нест, ранҷидааст.

Аввали шаб чароғ наафрӯхтан дар ин хона одат шудааст. Одати бечо нест, аз дил гузаронид Иброҳимҷон. Вай ҳар шаб ба партави чароғи ҷовид чашм дӯхта, хаёлаш ба ким-кучоҳо меравад. Тамошои оташ бароят аз кӯдакӣ маъқул. Дар ягон гӯшаи ҳавлӣ ё кӯча бо чӯраҳояш гулхан афрӯхта, то ниман шаб коғазкӯхнаю шувоху тахтапораҳо кашонида, гирди оташ раксу бозиҳо мекарданд. Чанд сол қабл аз ин аз дараи Лу-

чоб фавворан газ баромад. Геологхо, аз афташ, нафт меҷустанд, аз чоҳи кофтаашон газ баромад. Ночор он газро оташ дардоданд, то ки ба саломатии мардум зарар нарасонад. Сутуни бузурги оташ наъракашон ба осмон печид. Мардуми куиҷков шабхо ба лаби дара омада, аз дур тамошояш мекарданд. Иброҳимҷон низ гоҳ-гоҳ он маъшукаашро ҳамроҳ гирифта, ба тамошо мебурд. Ҳавсалаи дигар ҳангоматалабон пир шуд. Вале Иброҳимҷон ҳамчунон ҳафтае ду-се бор ба қарибиҳои машъалаи муаззамаи ғуррон рафта, аз оташ чашм наканда менигоҳид. Баъзан дар дил мегуфт, ки дар ниҳоди вай ким-чӣ гуна нуксони маънавие хаст: ким-чӣ қадар мутаҳассисон аз оташи сӯхтор ба ташвиш афтодаанд, барои бастани роҳи газ чораҳо меҷӯянд, маҷлису машваратхо меороянд, давуҷеҷ мекунанд, маблағи давлат харҷ мешавад, аз Озарбойҷону Бошкирдистон устоҳоро даъват кардаанд, аммо ӯ мошинсавор омада, гулхан тамошо мекунад. Аз хусни забонҳои машъала, аз ғурриши муқтадири, он ки шабона то ба гӯшаҳои дури водии паҳновар мерасад, ҳаловат мебарад... Ё ин таъсири хуни аҷдодонаш бошад? Асари хуни оташпарастон, а? Охир нишонаҳои варосат ҳазорон сол поянда мемонанд.

— Андреич...— боз садои илтиҷоомези Қаримҷон-ака шунида шуд.

— Ҳа.

— Нақл кунед. Барака ёбед.

— Э, ту аз нақли ҷанг ягон вақт сер мешавӣ ё не? Фильм дар бораи ҷанг бошад, давида пеши телевизор меравӣ. Рӯзона то гирифтани овозат ҷангнома мехонӣ.

— Хайр, Андреич. Ҷангнома дигар, қиссаҳои шумо дигар. Ҳӯ-ӯ, якта гуфта будед-ку. Дар бораи бародаратон, додари Ҳасан-ака.

— Ин мардака бинед-а,— акнун ба дигарон шунавонида мегуфт Ивон-амак.— Қиссаи ҷанг, ҳикояти ҷанг, достони ҷанг... Ба дасти ягон мухбири хориҷӣ афтӣ, аз болон ту миллион-миллион пул кор мекунад. «Ана далели зиндаи ҷангҷӯии одамҳои советӣ»,— мегӯяд.— «Дар хоби шабаш ҳам ҷангро мебинад», мегӯяд.

— Номаъқул мекунад,— сахт карда гуфт Қаримҷон-ака.— Ман аз ҷанг безор. Лекин агар ҷиммакак нашишта, ягон фалоката хезонанд, дар хона ёнбош кашида намехобам.

— Акнун ба ману ту эҳтиёҷ ҳам нест-куя.

— Дар омади гап гуфтам-дия. Ҳа, Андреич-е, шумо

балочак-куя. Гапа номаълум ба дигар тараф мебаред-а. Хикоя кунед, чон Андреич, нақл кунед, ака.

— Хайр, чӣ нақл кунам...— Хаёломез гуфт ӯ.— Чизе гуфтан даркор, ки ақаллан дар китобҳо нанавишта бошанд. А? Чӣ гуфтӣ?

— Боракалло, Андреич, ман ҳам ана ҳамин хелаша мегӯям.

— Медонӣ, барои чӣ ба полки якуми мо номи Полки савораи Олой дода шуда буд? Гӯш кун. Полк Фузайл Махсумро дар ҷанги Қалъаи Лабиоб шикаст дода, ба Дарвоз гурезонид ва худ роҳи Ҷиргатолро пеш гирифт. Ба он ҷо аз Фарғона ду дастаи калон босмачӣ омада буд. Яке — дастаи бародари кӯри Шермат — Нурматмингбошӣ. Дигараш — аз они Аскар-полвон.

Очилхон вом бой сардори кирғизхои Қичик Олой буд. Вай ба забони русӣ гап зада метавонист, чунки дар Авлиё-ота — ҳозира шаҳри Ҷамбул — таҳсил карда будааст. Очилхон аз фармони бекҳо, кӯрбошиҳо сар печидааст. Онҳо мегуфтаанд, ки мо молу мулки туро аз дасти кофирҳо — яъне, мо, аскарони сурх — ҳимоя мекунем, ту ба мо андоз бидех. Вай гуфтааст, ки молу мулкама навъе карда, худам муҳофизат мекунам. Ҳамту гуфта боҷу хироҷи таъинкардаи кӯрбошиҳоро адо накардааст.

Ана ҳамон ду даста босмачӣ барои ҷазо додани ӯ ва ситонидани андоз омада буд.

Очилхон гурехт.

Фузайл Махсум дар Ҷиргатол озуқа, асбоби маишат ҷамъ карда будааст. Аэбаски полки мо бо сардории Евгений Михайлович Кравцов Фузайловро гурезонид, асбоби маишат ба мо монд. Рости гап, аз нимтанаҳои гӯсфанд, фатиру маска дида, аз захираи ҷаву беда бисёртар хурсанд шудем. Одати аскари савора ин ки аввал шиками аспашро сер мекунад, баъд ғами худаша мехӯрад.

Хм, овозаи полки моро кайҳо ҳама шунида буданд. Нурмат-мингбошию Аскар-Полвон, ҳатто ба мо рӯбарӯ нашуда, канданд. Пешсафи полк бо дурбин гурӯҳҳои дунболии ҳарифро медид. Аммо расидан, мушкил буд: ағбаи Қарамуғи калон яхпӯш буд. Пиряхҳои ҳазорсола. Мардуми маҳаллӣ, хусусан Ҷаббори кирғиз ёрмандӣ намекарданд, расида наметавонистем, албатта. Аз куҷое тахмин навад-сад дона намади калон ёфта омаданд. Ба рӯи ях намад партофта-намад партофта, аспҳоро аз ҷилав дошта пеш мерафтем. Намадҳоро аз

қитъаи гузаштаамон ғундошта оварда, боз ба пеш меандохтем. Гоҳо дусад-сесад кадам масофаро бе намад, лекин эҳтиёт шуда гузаштан муяссар мешуд. Сонӣ боз намад мепартофтем. Муболиға не-куя, лекин ин юриш як қадар бошад ҳам, юриши машҳури Суворовро аз болои Алъп ба хотир мерасонид. Нӯҳ километри ду тарафи агба ба ҳамин минвол тай шуд.

Босмачиҳо ҷасади нисфи йигитҳои таърифиашона дар Қичик Олой партофта, боқимонда гурехтанд. Полк он ҷо дувоздаҳ рӯз истод. Очилхон ғашта омад. Ҳамроҳаш даҳта қолини олампаноҳ оварда, ки ба командирҳои ҷасуратон, ба «полвон-аскарҳо» ҳадя кунед. Комиссари полк Жуков, марҳум Иван Иванович, ба Очилхон гуфт, ки ба мо тӯҳфа лозим нест.

Лекин ӯ ҳеҷ сарфаҳм намерафт, ки чаро аскарҳо ба ивази озодии овардаашон пешкаш намегиранд.

Нусратулло Махсум ҳамроҳи мо буд. Намояндаи расмии Ҷумҳурияти халқии Бухоро ва мутасаддии таъминоти кӯшун буд. Нусратулло Махсум ба Очилхон дигар хел карда фаҳмонид:

— Шариати мо намебардорад,— гуфт.— Барои аскарони сурх ҳадя гирифтан убол.

Очилхон қонеъ шуд. Баъзеҳо маслиҳат медоданд, ки қолинҳоро ба чорводорони камбизоати қирғиз додан даркор. Аммо Евгений Михайлович гуфт, ки боз андак сабр бояд кард. Ба қарибӣ ҳам қолинҳо, ҳам рамаю ғаллаҳоро худи камбағалон соҳиб хоҳанд шуд.

Ана баъди ҳамин юриш полки мо полки саворан Олой унвон гирифт.

— Раҳмат. Раҳмат, Андреич. Боз гӯед, лекин аз корҳои худатон нақл кунед.

— Носирҷон,— овози Ивон-амак баландтар шуд.— Шумо нашунидед, дар хаққи баъзе арбобони хонии давраи инқилоб мегӯянд, ки фалониро душмани рӯирост гуфтан раво нест. Вай яъне ки одами мураккаб буд, чунки зодаи замони мураккаб буд. Як шахс хатто дар бораи Усмонхоҷа Пӯлодхоҷаев, ки раиси комиссияи диктаторӣ буд, ҳамин тавр гуфтааст.

— Сиёҳсафедкунӣ, албатта, кори ғалат, Андреич, аммо бар муқобилаш далел даркор. Ба забони илм гӯем, бурҳони қотеъ лозим.

— Чӣ хел далел? Хонаи дафтари хотираашро аз нақли хиёнатҳояш пур карда мерос намемонад-ку! Шоҳиди зинда магар далел нест? Аз ман барин пиракиҳои он давра дар Тоҷикистон ду-се кас мондааст. Ма-

коли хубӣ тоҷикон ҳаст, ки одамизод имрӯз — тар, пагоҳ хушк, мегӯяд. Ҳамин як-ду мӯйсафед ҳам аз олам чашм пӯшад, баъд чӣ мешавад?

— Андреич, ҳамин, ки аз ин ҷо баромадед, ба институти таърих биравед. Шумо, русҳо, ҳам як маколи хуб доред, ки агар кӯҳ ба пеши Муҳаммад наояд, Муҳаммад ба назди кӯҳ меояд.

— Меравам. Як маротиба мактубаке навишта будам. Ёд доред, ходимаш кофта-кофта, ба ҳамин ҷо омада буд? Боз менависам, ё худам меравам.

— Ҳой Андреич,— ба мобайни сухан даромад Каримҷон-ака.— Шумо гапро ба дигар тараф бурдан устухон надоштаед-дия. О нақл кунед, ҳамон Пӯлодхӯҷа чӣ кор кард?

— Пӯлодхӯҷа не, Усмонхӯҷа. Пӯлодхӯҷа номи падараш,— гуфт Ивон-амак бо ҳарорати шахсе ки сартарми баҳс шудааст.— Чӣ кор мекард! Аз рӯй шона мезад, аз так фона. Хангоме ки полки дуввуми савора ба Ҳисор расид, гуфт, ки амир динаяк гурехт, зуд таъқиб кунед. Полк саросема аскарони шаҳидшударо зери Қалъаи Ҳисор дафн карда, аз паи амир афтод. Баъд маълум шуд, ки Олимхон қайҳо аз Омӯ гузашта будааст.

Пулҳои чӯбини Янгибозор, Пули Саигин оташ зада шуда буд. Ғоратгарони Давлатмандбий ва Туғайсарӣ аз камингоҳҳо ба сари полк ҳамла оварда, осеби зиёде мерасониданд. Юриш бо талафоти калон анҷом ёфт.

— Хонасӯхта! — ба ғазаб омада аз ҷояш бархост Каримҷон-ака.

— Қисса давом дорад. Ҳар ду полки савора — якуму дуввум — супориш гирифтанд, ки маҳалҳои Тоҷикистонро давр зада, бо рӯҳияи мардум шинос шаванд, дар айни замон чӣ будани Армияи Сурхи сермиллат, нияти хайри онро, муносибати онро ба масъалаҳои миллӣ, ба обу замин фаҳмонида, ба Душанбе баргарданд.

Фармондеҳон мебоист аз таассуроти ҳамин сафар хулоса бароварда, ё оид ба монданаш дар Бухорои Шаркӣ, ё дар хусуси баргаштанаш ба Самарқанд хулоса мебаровардаанд.

Полки якуми мо ба Қизилмазор (ҳоло райони Совет), Яхсу (Данғара), пас ба воситаи Сангтӯда ба Қӯрғонтеппа ва сонӣ ба маркази калони тиҷорат —

Қабодиён сафар кард. Аз он чо ба Шӯрёнбош (сохили чапи Кофарниҳон) омад.

Полки дуввум бо маршрути Мӯминобод, Ховалинг, Балҷувон, Кангурт, Тутқавул, Норак, Янгибозор ба роҳ баромад. Усмонхӯҷа ба одамонаш таъин кардааст, ки дар хама чо полкҳоро бо иззату икром пешвоз гиранд, тавре вонамуд кунанд, ки дар сар то сари кӯҳистон як бадхоҳи ҳукумати нав нест.

Вокеаи ҳамин, найранг ба Усмонхӯҷа кор дод. Ҳар ду полк, ки бунёди қувваҳои мусаллаҳи ҳокимияти нав буд, ба нохтиёри штаби фронти Туркистон баргашт. Ана баъд дар Бухорои Шарқӣ вокеаҳои хунин, талаю тороҷи мардуми бенаво сар шуда рафт.

— Хайр, Андреич, акнун аз саргузашти худатон ҳам ҳикоят кунед,— боз чакид Каримҷон-ака.

— О гуфтам-ку!

— Не, саргузашти худатон,— нерор мекард ӯ.— Аз иштирокатон дар ҷангҳо. Акаллан чӣ хел ярадор шудаатона. Гуфта будед-ку: шаш маротиба ярадор шудаед — се бор дар ҷанги якуми ҷаҳон ва ҷанги гражданий, се бор дар Ҷанги Ватанӣ.

— Хм,— норозиёна гурунгос зад Ивон-амак ва хомӯш монд.

— Майлаш, Андреич, гӯед набошад Каримҷон-ака шуморо хоб рафтанӣ наменонанд. Хайр, фараз кардем, ҳамин шаб шаби хотираҳои шумо шуд. Ҳеҷ вокеа не.

Ивон-амак ҳамчунон сокит буд. Дар ҳавои нимторик маълум набуд, ки фикр мекунад, ё ҳамту ба партави машъала нигоҳ карда мехобад.

Дар ҷангҳои шадиди бисёре иштирок карда, корнома он сӯ истад, аз саргузашти оддиаш нақл накардани ӯ ба Иброҳимҷон ҳам ғалатӣ менамуд. Фақат шабе ки аз марги фоҷиавии дӯсташ Ҳусейн дар марғзори сохили нахр нақл мекард, дар разведка иштирок кардаанашро хотиррасон карда буд. Ҳамонро ҳам барои таъкид кардани чунин нуктае ки махз Ҳусейн боиси халосии ёрон ва хуб анҷом ёфтани корзор гаштааст.

Ачиб. Ҳамроҳи рафиқони ҳамяроқаш аз тарафи Клуби ветераноҳо ба мулоқот рафта, чиро нақл мекарда бошад? Наход фақат аз корзори ёру дӯстон ҳикоят кунад? Пас оё шунавандаҳо савол намедиҳанд, ки «ин як сари сина орденҳоро ба шумо фақат барои ҳамроҳӣ бо рафиқонатон додаанд?».

— Аз қахрамониҳои худам, аз шуҷоати бемисолам ҳикоят кунам? — пурсид мӯйсафед.

— Бале, бале! Лекин бе киноя.

— Сиюми октябри соли 1917, ҳашт рӯз пеш аз ибтидои инқилоб полки чоруми казакҳои Кубаньро беярок кардем. Дар станцияи Зарубинец, роҳи оҳани Христинов...

«Ба ҳофиза коил ман-е,— аз дил гузаронид Иброҳимҷон.— Ҳам сана, ҳам номи душвори мавзеъ, номи кӯҳнан роҳи оҳан ҳанӯз дар ёдаш зинда...»

— Аксарияти полк аз ҷанг безор буд, барои ҳамин ба якта ротаи мо таслим шуд. Лекин дар байни казакҳои бебок ҳар гуна одам ёфт мешавад. Бо онҳо сӯҳбат гузарониданам лозим буд. Яъне митинг. Ба чои командири рота ман бар болои дрезина баромадам. Ҳис мекардам, ки пои бараҳна ба дами шамшер мегардам. Феълу хӯи казакҳо маълум. Агар касе ба ман тир наандозад, мӯъҷиза мешавад. Лекин мӯъҷиза нашуд. Баробари сухан сар карданам, тир андохтанд, нармаки гӯшамро сӯзонида гузашт. Он казакро дарҳол даст гирифтанд. Боз чӣ гӯям?

— Каримҷон-ака, ман пагоҳ ба духтур арз мекунам, ки Андренча сил кардед,— ҳазломез гуфт Носир Аббос.

— Кифоя, шуд. Ҳазор раҳмат, Андреич. Акнун як чои пӯпакӣ менӯшем.

— Баъд «Шоҳнома» мехонем? — пичинг партофт Ивон-амак.

— Не, «Шоҳнома» — пагоҳ, насиб бошад. Айнак маза надорад. Кайҳо боз навашро гирифтаннам.

Ӯ барои чой бирафт. Ҳоло чойники калони сирдорро аз чой пур карда оварда, ҳамаро ба сари миз кашола хоҳад кард.

Ин палата вагони поезд барин, ба худ андешид Иброҳимҷон. Қасро зиқ шуданӣ наменонанд.

Ҳанӯз Каримҷон-ака барнагашта, аз берун, аз таги тирсза садои писараш баромад, ки ӯро чеғ мезад. Вай хабар оварда буд, ки занаш писар зоидааст.

— Аввалин писарнабера! — хитоб мекард пас аз дақиқае Каримҷон-ака.— Акнун ин ахвола тамошо кунед: чор марди бутун чор ката банд карда хобидаему нимта аракаи барои ин хушхабар майда карда наметавонем. Акаллан нимтая, а!? Рӯзи мард аз ин сеҳтар мешавад?

«Комитети начот» омад. Хм, «комитети начот»-а! Ба каллаи Қамари гоҷ конл шудан даркор. Девона. Комитеташ се аъзою як раис доштааст. Худаш худашро раис таъин кардааст. Ҳоло Қамару янгаи Иброҳимҷон дар поён мондаанд. Бародараш ва сардораш даромаданд, зеро ба аёдати як бемор одатан ҳатто ду касро якбора роҳ намедиҳанд.

— Аз рӯи таомул, шер, ҳайати комитетҳо, комиссияҳо, коллегияҳо тоқ мешавад, лекин шер, мо — чор нафар,— бехбудии вазъи додарашро дида, хурсандона мегуфт бародар.— Раисамон, шер, дигар касро қабул намекунад. Ин кас,— Ҳамроҳ-ака ба сардори гурӯҳи кинохроника ишорат намуд,— барои ту, шер, ба курорт варақаи эъзомӣ тайёр карда мондаанд.

— Ҳа,— гуфт сардор ба аломати тасдиқ сар ҷунбонида.

Дар дунё одами ҳалиму хоксори камгап дуто бошад, яктоаш ҳамин. Якто бошад, худи ӯ,— аз дил гузаронид Иброҳимҷон. Аз вай ҷанд сол калону ягон бор «ту» нагуфтааст. Борҳо як рӯз-ду рӯз ба кор намебаромад, акаллан як даҳан сарзаниш накардааст. Аз қабили афродест, ки ба неруи виҷдон эътимод доранд. Ҳатто агар хуб бидонанд, ки виҷдони кас дар хоби гарон аст, бо вуҷуди он умеде мепарваранд, ки имрӯз не, фардо ҳатман бедор мешавад.

— Тобатон гурехт? — бо навозиш мепурсид сардор ва тавре вонамуд мекард, ки аз айшунӯши ин ҷавон хабаре надорад. Иброҳимҷон хушёр мешуд, аз ҳаё замин намекафид, ки дарояд. На «ҳа» мегуфт, на «не». Номуайян китф мечунбониду бас.

Рӯзе ба студия омад, ки дари кабинеташ яла. Сардор аз таги мизи кориаш, аз паси ҷевон шишаҳои холии машруботро мебароварда. Қамар ва фаррошзан берун бурда, ба куттии ахлот меандохтанд. Сардор шишаҳои шикамдори гардандарози ғаробшакли араку коньякҳои хориҷиро лаҳзае дар даст нигоҳ дошта, навиштаҳои тамғаи онро мехонд.

— ...«Камью»... «Виски»... «Наполеон»...— зери лаб мегуфт ӯ.— Хм, Наполеон. Бечора Бонапарт. Хайр, сазои сараш...

Вай, аз афташ, аз хаёл мегузаронид, ки агар русҳо ба ягон навъи шаробашон Кутузов ном медоданд, агар арманиҳо бехтарин коньякашонро Довуди Сосунӣ ме-

номиданд, ё тоҷикон номи Муқаннаъ, ё Темурмалик, ё Восеъро ба шароби ангурӣ медоданд, мардум, ҳатто ҳаводорони бодаву май, оташин мешуданд. Ҳар тоифаеро хислатест. Хайём вассофи бузурги хуррамӣ, санохони беназири бодаи ноб аст, лекин номи ӯро дар болои шишаи арақ дидан ноҳиҷор мебуд.

Иброҳимҷон ба Қамар ало нигариста, бо чашмонаш мепурсид, ки «Дарро ту кушодӣ, нобакор, хоин?» Қамар «не» гӯён ишора мекард,— ба сӯи фаррошзан имо менамуд.

Ҳатто ҳамон рӯз сардор ба худи Иброҳимҷон як калимаи таънаомез нагуфт. Лекин шишакашониаш аз сад тозиёна сахттар расида буд. Иброҳимҷон дигар аз дарвозаи студия як қатра шароб надаровард.

Бародараш назди Носир Аббос рафта, бо ӯ сӯҳбат мекард. Сардор пеши Иброҳимҷон хомӯш менишаст. Ба ӯ бо назари пур аз меҳр менигарист, чунон ки падарони мушфиқ ба фарзанди яккаву ягонаашон баъди баргаштан аз сафари пурхатаре ҳамин гуна назар медӯзанд.

— Ба шумо ҳавои Кисловодск фонда доштааст. Хоҳед, ду моҳ мемонед. Масъала пухтагӣ.

— Рахмат, сардор. Ман... ман...

— Намеарзад.

Иброҳимҷон беҳуда нагуфта буд, ки палатаи кунчакии онҳо, ба истилоҳи санъаткорон, палатаи қаҳрамонони эҷобист. Худашон ҳанӯз аз касалхона набаромада, аллакай ба курорту санаторийҳо варақаи эъзомӣ тайёр. Ҳам барои ӯ, ҳам барои Носир Аббос. Каримҷон-ака ҳам «Шоҳнома»-ашро бардошта, ба хонаи истироҳати заводаш меравад. Ивон-амак бошад, боре дар умраш ба санаторий нарафтааст рафтанӣ ҳам нест. Вай ҳар рӯз Зардобхонро гаранг мекунад, ки зудтар ҷавоб бидеҳ. Иди Ғалаба наздик мешавад, ҳамроҳи «бачаҳо» ба мулокотҳо рафтан зарур.

Лекин, эътироф мекард Иброҳимҷон, маро ба катори инҳо Хиромон даровард. Набошад, худо медонад, ки ба чӣ ҳоле мерасидам. Хиромон... Чӣ хуш, ки зиндай, сиҳат меёбӣ. Вагарна зиндагии ман чӣ маъние доштӣ? Хиромони ман... Сарви хиромони ман... Хастии ман, хаёти ман, рӯху равони ман...

Ӯ ба гусели сардор ва акааш баромад. Ҳамроҳ-ака дар долон аз зери бағали додараш гирифта, ба гӯшаш пичиррос зад:

— Шер, барои Хиромон ҳам варақаи эъзомӣ фар-

мудам. Лекин, шер, аз дигар ҷой. Дар санатории мо шер, санатории Вазорати корхои дохилӣ. Аз мансаб истифода бурдам. Як бор, шер, хеҷ вокеа не. Барои хоҳарам даркор гуфтам, шер. Раиси комитети маҳаллӣ гуфт, ки хоҳар надоштед-ку. Гуфтам, ки шер, дорам, ту намедонӣ.

— Ака, шумо Хиромонро дидед?

— Э, шер, «Комитети начот» ба чӣ даркор?

— Раиси касаба напурсид, ки чаро фамилияи хоҳаратон дигар?

— Дигар не, шер. Ман, шер, Хиромон Олимӣ нависондам. Аз ин ҷо бароям, худам, шер, паспорташа иваз кунонида медиҳам. Дар ним соат, шер.

Нафаси Иброҳимҷон танг шуд. Ӯ аз роҳ бозистода, гулӯяшро бо даст молиш дод.

— Шер, худата даст гир. Нағз не, шер, одам асабаша лаҷом мезанад. Ту, шер, йигити калон-ку!

Иброҳимҷон ба аломати ризо сар ҷунбонида ба роҳаш давом намуд.

— Ба тағьири фамилия розӣ шуд?

— Набошад чӣ? Ту, шер, балоча, вай аз он тоифа нест, ки бе ризоияташ мӯеро аз сараш кам кунад.

Иброҳимҷон меболид, ки бародар аз интихоби ӯ розист. Ӯх, ӯх, пештар чӣ рӯзҳоеро ба сари ӯ наоварда буд ин мардак! Ба чӣ гуна шиканҷаҳо наандохта буд озодию истиқлоли ӯро, иззати нафси ӯро?! «Зан дар хонаву ту саги сакалту барин дар куҷоҳо мегардӣ?» гӯён истинтоқ мекард. Гӯё намедонист, ки ба зани зӯран гирифта додаашон рағбате надорад, меҳру муҳаббат як сӯ монад.

Шабе Иброҳимҷон дар хонаи яке аз маъшуқаҳояш мехобид. Ин бори якум набуд, бистуму сиюм ҳам набуд. Саҳарӣ бонги касе ӯро бедор кард. Дуруст зеҳн монд, ки бародараш. Хайрият, ҳаво сард буд ва ҳар ду зери кӯрпа мехобиданд. Иброҳимҷон аз мабҳутӣ ҳатто фикр накард, ки дари аз дарун қулф кардашударо чӣ тавр кушодаанд? Адреси маъшукаи ӯро чӣ гуна, ба чӣ роҳе ёфтаанд?

— Қанӣ, чаққон хез аз ҷоят! — бо хашм амр намуд Ҳамроҳ-ака.

Зани дар паҳлӯи Иброҳимҷон хобида дакикаи аввал аз тарс чиррос заданӣ буд. Аммо Иброҳимҷон саросема даҳони ӯро пӯшида гуфт:

— Натарс, ин кас дузд не, полковники милиция. Бо либоси урфӣ ташриф фармудаанд.

— Хез, гуфтам, ба ту! — дағдаға кард бародараш.

— Хайр, ақаллан, ба он хона гузаред, охир,— илтимос кард Иброҳимҷон.

— Хестан гир, каси бегона нест!

— Фақат якта қамчин намерасад,— киноя кард Иброҳимҷон.

— Даркор бошад, қамчин ҳам ёфт мешавад! Аз фосиккхо ту мондай, ки бо собуни Олимӣ ҷомашӯй накардай.

Соҳибаи хона зери кӯрпа дир-дир меларзид.

— Шумо, хонимча,— ба ӯ мурочиат намуд бародараш,— хуб медонед, ки ин ҷавон зан дорад, хонаю ҷой дорад. Огоҳ мекунам, мулокоти охиринатон ҳамин буд.

Иброҳимҷон медонист, ки акааш ҳукми худро аз хад гузаронидааст. Агар каси бегона бошаду аз болояш шикоят барад, мансабашро риоя накарда, гӯшмолаш медиҳанд. Магар ҳозир ҳамин хел замона аст, ки ба хонаи касе нопурсиш зада даромада, дӯғу даранг кунед? Аммо дигар кас мешуд ҳам, чӣ гуфта, шикоят мекард? «Худат дар кӯҷо, бо чӣ коре машғул будӣ?» гуфта пурсанд, чӣ ҷавоб медод?

Ҳама кораш, аз дӯстӣ, хайрхоҳӣ буд, аз зина фаромада, фикр мекард Иброҳимҷон. Охир кӣ дорад ӯ? Ӯро ҳам аввалин дӯст аст, ҳам падар, ҳам бародар.

Янгааш ба пешвози Иброҳимҷон шитобида, ӯро оғӯш намуд, бӯса кард.

— Укаякам, додари ҷонам,— навозиш мекард ӯ.

Қамар аз рӯи одат бо шавқ ва оҳанги мутантане мелаққид:

— Имрӯз дар сарнавишти ту, ошно, саҳифаи нав боз хоҳад шуд.

— Боз чӣ гуна саҳифа?

— Баъд мефаҳмӣ.

— Ҳа, ман, ки нотобам, саҳифаҳои сарнавишти маро ту бо майлу ихтиёрат варақ мезанӣ.

— Бандаи ношукр. Хайр, хеҷ гап не, имрӯз хохӣ фахмид, ки то чӣ андоза ношукрӣ!

Зевар ӯро аз тиреза фарьёд кард. Дӯстонаш хайрбод гуфта, рафтанд. Ҳамшираи шафқат Иброҳимҷонро ба кабинети процедура дароварда, ба дасташ сӯзандору кард.

— Давраи сӯзандору кайҳо тамом шуд, гуфта будед-ку! — пахтаи спиртолудро ба ҷои сӯзанхалида молиш дода пурсид Иброҳимҷон.

— Якта монда будааст.

— Ин чӣ хел дору?

— Намедонам, духтур фармуданд.

— Чӣ фармуданд? Номашро гуфтагистанд?

Зевар тавре нигох кард, ки Иброҳимҷон кунҷковиро бас карду хомӯш ба палата баргашт.

* * *

Алихон Зардодхон даромад.

— Меравем? — пурсид аз ӯ Ивон-амак.

— Ҳа,— гуфт духтур ва ба пеши кати Иброҳимҷон омад.— Рафиқ Олимӣ, Хиромон Аҳадова дар ҳамин табобатхона.

— А? — даме лол шуд забони Иброҳимҷон.— Духтур, барои чӣ пештар нагуфтед?

— Соаташ акнун расид. Хезед, Олимӣ, оҳиста-оҳиста ҳамроҳ меравем.

Иброҳимҷон шитобон ба сӯи либосовезак рафт. Нимтанаи беастари табобатхонаро аз рӯи курта пӯшид. Боз онро кашида, шубҳаомез аз назар гузаронид. Фикр мекард, ки ба назди Хиромон, ба пеши дилбараш, ба пеши он вуҷуди азиз оё бо ҳамин либоси ғиҷимшудаи нимдошти рангпарида рафтан чоиз аст?

— Рафтем,— ҳалимона табассумкунон гуфт духтур, ки аз андешаи ӯ пай бурда буд.

Ба долон баромаданд.

Ачабо, чаро дили Иброҳимҷон аз синааш барнаҷаст? Ӯ лаҳзаи расидани ин муждаро ҳазорон маротиба каблан ба худ тасаввур намуда, гумон мекард, ки баробари шунидани онро агар аз хуш наравад ҳам, ақаллан муддате шах шуда, аз забон хоҳад монд. Аммо баръакси чашмдошт, ӯ пойбарҷост, ҳатто оромона қадам мезанад.

Э, зор монад хотири парешон! О Зевар дах дақиқа қабл аз ин сӯзандору карда, чӣ будани он доруро нагуфта буд-ку... Ин табибон ба кори худ устоянд. Хоҳанд, аз маймун одам метарошанду аз одам маймун.

— Читу? — ҳолпурсӣ кард духтур.

— Соз.

Бечора Алихон. Чун фаҳмидааст, ки дарди ин бемор дарди ишқ аст, ночор ба ин ранҷи аз барномаи таълиму таҳсил берунмонда низ ба қадри тавонаш даво ёфтанист. Аз афташ, ӯ дар чунин ақидаи начибест, ки дард чӣ гуна ки бошад, вазифаи табиб даво ёфтан аст.

Онҳо ба ошёнаи якум фаромада, аз толори васат гузаштанд ва ба шӯъбаи ҷаррохӣ даромаданд. Ҳарчанд дари палата яла буд, духтур аввал бо паси ангушт онро тиқ-тиқ зад.

— Палатаи занона,— ба қафо, ба Иброҳимҷон рӯй оварда гуфт Зардодхон.— Огоҳ кунем.

Хиромон дар палатаи фарохе дар кати дамгахи дар мехобид. Аз таги рӯйҷои сафед нӯги пои докапечи ӯ ба назар мерасид. Қитфи чапаш то бозу дар қолаби гач буд.

Иброҳимҷонро дида, бо ишораи сар салом дод. Чашмонаш аз ашк пур шуданд. Қадоме аз ҳампалатаҳои ӯ курсии бетакяеро оварда, ба мобайни ду кат гузошт, ки Иброҳимҷон нишинад. Хиромон дасти сиҳаташро ба пеш ёзонид. Иброҳимҷон дарҳол ба зону афтода, он дасти нарми дилкаши анбарбӯро миёни кафҳо гирифт, оҳиста фишорид ва аз банди он, аз кафи он, аз ангуштон бӯсаҳо кард.

Хиромон имо намуд, ки бас, кифоя аст, акнун рӯи курсӣ нишинад.

Духтур дар пахлӯяш рост меистод. Зане маъиндор сурфа кард ва се-чаҳор нафар беморони сарипоии палата ба долон баромаданд.

— Иброҳимҷон, ман рафтам,— гуфт Зардодхон ва бозуи ӯро бо навозиш фишурда, низ ба дар рафт. Ӯ ҳамеша «рафиқ Олимӣ» ё мухтасар «Олимӣ» гуфта мурочиат мекард. Ҳоло бори аввал номашро ба забон гирифта буд.

Хиромон ишора намуд, ки Иброҳимҷон наздиктар нишинад.

— Акаам мегӯяд, ки ба шумо паспорти нав гирифта доданист. Ба фамилияи нав. Рост?

Хиромон ба тасдиқ сар ҷунбонид.

— Духтур таъин кардааст, ки паст-паст гап занам,— гуфт ӯ.

Иброҳимҷон ба беморони бистарии палата, ки ҳар кадоме ба ҳоли худ буд, назаре афканд ва гуфт:

— Боз бехтар. Яъне ман гуфтанӣ, ки...

— Фаҳмо, Иброҳимҷон. Гӯед, ки ба шумо чӣ шуд?

— Ҳеч. Ба чои коратон омада, маноракрани чапагардонро дида, гумон кардаам, ки... Хиромон, ман бе шумо мемурам... Гуфта будам-ку: дилам ким-чӣ хел суст шудаги.

Муддате хомӯш буданд.

— Медонед, Иброҳимчон, ба ман ҳамин рӯз пагоҳӣ хабар доданд, ки шумо ҳам дар ҳамин табобатхона.

— Ба ман фақат се дақиқа пеш гуфтанд.

— Ҳм. Мактубҳотон аз ҳамин бино баромада, ба дасти Момои ман мерасиданд, сонӣ баргашта, боз ба ҳамин бино меомаданд. Фақат як ошёна поёнтар. Ачиб, а?

— Ачиб, Хиромони ман. Шарифчон чӣ тавр?

— Нағз. Момоям ҳар рӯз меорад. Ҳар рӯз Шарифчон мепурсад, ки кай мебарой? «Аматам-татӣ мошин шувол мишем» мегӯяд.

— Орзӯи маро мегӯяд. Имрӯз биояд, Момоятон ба ман хабар дихад. Хайр?

— Хуб. Иброҳимчон, барои чӣ акаатонро доим одәми берақму шафқат нишон медодед?

— Ганда нагуфтаам. Сахтгир, мегуфтам.

— Сахтгиратон бечиз набудагист?

— Ба шумо маъқул шуда бошад, ман хурсанд. Қай омада буд?

— Ҳар ҳафта. Қамар, чӯраатон ҳам.

— Қамар хуб мелаққидагист?

— Шуморо дӯст медорад. Мегӯяд, ки «чӯраи мана кариб куштед. Акнун худатон зинда мекунед».

— Рост гуфтааст. Хиромон, чӣ ҳодиса шуд? Нақл карда метавонед?

— Ҳа. Боз каме пештар нишинед. Шарм надоред, ҳамхонаҳон ман шуморо ғонбона мешиносанд.

— Кӣ гуфт?

— Ҳеч кас. Ҳамту аз рафтуои акаатон, чӯраатон... Янгаатон ҳам се бор омаданд.

* * *

Маноракран соате бекор меистод.

Дар поён тӯдаи калони сими печдори арматуриро ба се ҳисса тақсим мекарданд, то ки баъд ҳар тӯдаро алоҳида баста, ба ҳар гӯшаи ошёнаи чаҳорум бардоранд.

Китоби хонда ба поён нарасонидан Хиромон дар пахлӯяш мехобид. Худаш дар банди хаёлоти гуворо ба атроф назора мекард. Онсӯтар аз иморат як бульдозер хонаҳои кӯҳнаи сокинонаш ба квартираҳои нав кӯчидаро вайрону ҳамвор менамуд. Боз як маҳаллаи кӯҳнаи кӯчаҳояш качу килеб, кулбаҳояш пасту баланд аз байн мерафт. Яке хонаи худро аз хиштҳои хоми калон

калон сохтааст. Дигаре девори истиқоматгоҳашро аз похса бардоштааст. Саввумӣ аз бетон таҳкурсии баланду ғафсе рехта, деворро аз хишти пухта чидааст. Бульдозер чанги кулбаҳои хокиро бар осмон бардошта, ба осоии ҳамвор мекард, вале дар пеши таҳкурсиҳои бетонӣ, деворҳои хишти пухта бештар зӯр мезад, ба хаво дуди фаровонӣ кабуд сар медод.

Дар ҷое, ки бульдозер ҳафтаи гузашта тахт карда буд, экскаваторе барои таҳкурсии бинои дигар ҳавза мекофт. Хиромон, ки пештар экскаваторчӣ буд, кори ҳамкасбашро бо ҳавас тамошо мекард. Агар байни мошинҳои хоккашои фосилае пайдо нашаваду экскаватор ҳамеша дар ҳаракат бошад, тамошои вай чунон ҳаловат мебахшид, ки гӯё пеши назари Хиромон мошини бузурги дабанг не, балки як ҷонвари чобуки хушсимо дар қадом як бозии сабуки зебое ҳунарнамой мекарда бошад.

Кори ҳунарманди асил оддӣ ва осон менамояд ва аз ин ҷиҳат назарфиреб аст.

Хиромон дар сӯҳбати дугонаҳояш боре аз ҳамин гуна фиреби назар хиҷил шудани худро ба ёд овард. Яке аз дугонаҳои ӯ тӯй мешуд. Он шаб базми духтарон барпо буд. Аз хешовандони арӯс яке дойра мезад ва ба ҳавои дилошӯби он духтарон мерақсиданд. Гоҳо дойрадаст монда шуда, илтимос мекард, ки акнун магнитофон монед, каме дам гирам.

Дар яке аз ҳамин гуна мавридҳо Хиромон «Ман менавозам» гуфт. Дойраро ба даст гирифта, ба навохтан сар кард. Ӯ чанд маротиба қабл аз ин ҳам дойра зада буд ва дугонаҳо мегуфтанд, ки бад наменавозад. Аммо он дафъа асбобро бардоштан ва ду-се зарб задан замоно ҳис кард, ки бехуда ин корро ба ӯхда гирифтааст. Дойра аз ҳад зиёд гарон менамуд. Ангуштонаш қафасаи дойраро ба як ҳолат маҳкам ва ноҷунбон дошта наметавонистанд, қафаса беихтиёр мелағжид ва зарби оханг халалдор мешуд. Агар хушу ёди худ ва қуввати дастонашро ба маҳкам доштани қафаса равона кунад, нафосати зарбу савт мекоҳид.

Хиромон аз хаё сурх шуда, дойраро ба касе биспорид ва берун рафт.

Фақат баъдтар, ба хона омада, дарёфт, ки бонси хиҷолаташ аз камҳунарии худаш дида, бештар санъати баланд, вале оддию назарногири он дойрадаст буда аст. Коре бо санъати малеҳ, устодона адо шавад, ба назари бегона осону оддӣ метобад. Ин ҳол гӯё акси

мантиқ аст, аммо яке аз асрори ҳунари асл дар ҳамин аст. Дар ин ҳол нуқтае ҳаст, ки ҳукми қонуниятро дорад.

Хиромон кори бонизоми экскаваторро назоракунон ҳамон воқеаро ба хотир овард. Баъд аз тиреза сар бароварда, ба поён нигарист, ки тӯдаи аввалинро сим баста, тайёр кардаанд.

Маноракран ба кор даромад.

Барои он ки Иброҳимҷон аз бойси ҳодиса огоҳ шавад, Хиромон ба ӯ бояд аз тарзи кори маноракран ақаллан мухтасар нақл кунад. Маноракран чаҳор навъ ҳаракат дорад: аввал ин ки пайкари вай дар атрофи тирэш чарх мезанад; сонӣ, дар болои рельсҳо ба тамоми тӯлу майдони бинокорӣ пасу пеш меравад; саввум, милаи борбардори кран ҳаму боло мешавад; агар ин мила дар ҳолати уфуқӣ бошад, камтар бор мебардорад, лекин онро ба масофаи дуртар расонида метавонад; агар нӯги миларо баландтар бардорӣ, яъне ба шакли амудӣ бештар наздик оварӣ, устувории дастгоҳ афзуда, бори зиёдтареро бардошта метавонад; навъи чаҳорумн ҳаракат — ҷунбиши симтаноби борбанд аст, ки аз ғарғараҳо гузашта, болою поён меравад.

Сарнагун рафтани маноракран ҳодисаи нодирест, кранро бо эҳтиёту эътибори бузурге васл мекунанд. Ба ин амал инженерон, устодони ҳамин асбоб назорат мекунанд. Комиссияи махсус онро аз санҷиш мегузаронад ва агар дар монтаж заррае нуқсон ошкор шавад, ба истифодааш иҷозат намедиҳад. Мегӯянд, ки дар эҳтиёткорӣ фақат ҳодимони дорухонаҳоро ба ин кор баробар кардан метавон. Дорои тайёр се бор аз назари тафтиш ва тадқиқ мегузарад, ҷунки онро бемор истеъмол мекунад ва агар мабодо сахве биравад, тадбири ислоҳ нахоҳад буд. Мегӯянд, ки масъулияти механикҳо ва мотористони аэродромҳо низ дар омода кардани самолётҳо ба парвоз ҳамин зайл аст.

Маноракран тақрибан панҷ тонна симро бардошта, қомат рост кард. Лекин бор ҳанӯз ба қадри зарурӣ боло нарафта, фақат ба ниман девори қабати чаҳорум рост шуда буд. Крандорони ботаҷриба одатан ҳар чаҳор навъи ҳаракатро якҷоя мекунанд, вале Хиромон ҳоло фақат се хели онро муттаҳид карданӣ буд: мила мебоист тоб хӯрда, боло мерафт ва симтанобҳо кашида шуда, ғарами арматураро ба фароз мебурданд. Аммо дар ин асно аз фарши кабина сари прораб намоён

шуд. Ҳа, дари кабинаи маноракран дар гӯшаи чапи фарш, дар паҳлӯи курсии крандор воқеъ ғаштааст.

Прораб сад бор чавобҳои талху тунд, сахту дурушт, суханҳои пасту баланд шунида бошад ҳам, аз чақидан наметмонд. Аз он ҳодиса пештар ҳам ду бор ба кабинаи кран баромада буд. «Ҳунаратонро ёд диҳед» — ҳамин буд баҳонааш. Ё мегуфт, ки прораб бояд аз ҳар чониби сохтмон огоҳ бошад, барои хабаргирӣ баромадааст. Талху пичинг мешунид, аммо пӯстғафс, ки буд, боз мечақид.

Вай чуссаи худро боло гирифт, баъд ҳам шуда, дарчаро пӯшид.

— Уф-ф, монда шудам-е,— гуфт бо лабханди мукаррариаш.— Аз поён назарногиру лекин баромадан мегирӣ, баромадан мегирӣ, ҳеч не ки ин зинаи морпеч ба охир расад.

Хиромон худро ором вонамуд карда, аз чояш намечунбид, дар воқеъ бошад, баробари дидани ӯ, мӯйсари равғанмолида, мӯйлабаки олуфтаёна, нигоҳи лағжандаи чашмони бечон ӯ, дилаш сиёҳ шуда буд. Акнун ҳочат ба пинҳон доштан нест, симои Иброҳимҷон мадди назараш омад. Суханони парешаб дар ҳаққи ин зоти густохи беномус гуфтаи ӯ дар гӯшаш садо доданд.

— Офарин, нозанин! — хитоб кард прораб ва даст бар китфи Хиромон гузошта, хаёле сила кард. Хиромон ҳамчунон гаронборона, вале бо қатъият дасти ӯро аз китфаш дур андохт. Он тарафи воқеа ҳамагӣ дар чанд сония сурат гирифт. Прораб хам шуда, аз гардани Хиромон бӯсид. Ба Хиромон ҳамон ҳолате рӯй дод, ки се сол қабл аз ин лаҳзаи туфанг бардошта, ба пешвози Абӯ шитофтанаш вучуди ӯро фаро гирифта, ақлу хушашро тасхир карда буд.

Намедонад, ки дар он дами ошӯби хашму ғазаб ва нафрату карохат бо даст ё пой қадом фишанги дастгохро беихтиёр пахш кардааст. Рули автомобили босуръатравандаро андаке такон додан кифоя аст, ки вай хатто дар роҳи ҳамвор чаппагардон шуда, чандин маротиба ғел занад. Аз афти кор, ҳамин гуна қуваи дофна боиси фалокат шуд, хусусан, ки бор гарон буд ва мила ҳанӯз ба қадри кофӣ рост нашуда.

Хиромон ҳам мисли Иброҳимҷон нимшабӣ ба хуш омада, худро дар бемористон дарёфт. Пой ва китфу бозуи чапаш дар колаби гач буд.

* * *

— Чаро ба хаёл рафтед?
— Ҳоло вай дар кучо?
— Кӣ?
— Прорабатон.
— Ба назди ман муфаттишҳо омада буданд. Гуфтанд, ки дар табобатхонаи худи истгоҳи ёрии таъҷили.
— Нагуфта будам, ки ӯро одоб омӯхтан лозим?
— Акнун эҳтиёче нест. Мағзи сараш осеб дидааст. Дигар сиҳат намешудааст.
— Яъне?

Хиромон ангушт ба чакка расонида, онро давр зананд, ки яъне аз ақл бегона шудааст.

— Сазои сараш. Ман ҳайрон, ки боз бо оҳанги таассуфомез гап мезанед.
— Инсон, ба ҳар ҳол.
— «Инсон»... Асло инсон набуд.
— Хайр, монед, Иброҳимҷон.

Иброҳимҷон боз чизе гуфтани буд, ки аз дари палата Ивон-амак, Носир Аббос ва Каримҷон-ака дохил шуданд. Пешопеши ҳама пирамард як даста гули садбарг бардошта меомад. Каримҷон-ака як дона лолаи оташгунро мисли алмоспораи гаронбаҳо ё зарфи нафису иозуке, ки агар рафту биафтад, навъи башар аз азимтарин сарвати худ маҳрум хоҳад шуд, бо ҳар ду дасти то ҳадди имкон ба пеш ёзонидааш бо тантанаю дабдабае бардошта меомад. Ивон-амак гулҳоро рӯи бистари Хиромон гузошт, ки накҳаташ ба машом бирасад. Каримҷон-ака лоларо ба дасти сиҳати Хиромон дод. Носир Аббос фақат нимтаъзиме карда, дар поёни кат рост истод. Иброҳимҷон онҳоро муаррифӣ кард.

— Духтарам,— гуфт Ивон-амак, ки аллакай ба чашмонаш об давида буд.— Ман гоибона медонистам, ки шумо духтари нозанин. Лекин шумо аз чашмдошти мӯйсафеди оламу одамдида ҳам зеботар будаед.

Хиромон «не» гуфтани барин оҳиста сар ҷунбонид. Рухсораш аз ҳаё лолагун гашта буд.

— Мо кайҳо омадан мехостем. Аммо духтур иҷозат намедод.

— Духтури шумо не, азони мо,— шаҳр дод Каримҷон-ака.

— Мегуфт, ки аввал бояд Иброҳимҷон биравад. Дуруст мегуфт,— илова намуд Носир Аббос.

— Духтарам,— Ивон-амак бо оҳанги як қадар мутантан гап задан мехост, лекин овозаш ба тарзи возех меларзид.— Ман аз соли ҳаждаҳум аъзои партия. Яке аз куҳансолтарин коммунистони Тоҷикистон ҳозир манам. Лекин шуморо дуо мекунам, ки хушбахт бошед.

— Раҳмат, падар,— гуфт Хиромон.— Ба ҳамаатон раҳмат,— такрор намуд ӯ ва ба Иброҳимҷон сипосгузорона нигоҳ кард. Зоҳиран, ӯ гумоне дошт, ки ҳаман ин суханҳои мехромез, ин аёдати пуртантана, ин илтифот аз рӯи хоҳиши маҳбубаш, аз рӯи накшаи ӯ сурат гирифтааст. Аммо худи Иброҳимҷон дар ҳайрат буд. Вай акнун сарфахм рафт, ки барои чӣ соате қабл аз ин Ивон-амак баробари ворид шудани Зардодхон ба палата ба ӯ «меравем?» гуфта савол дода буд. Ҳаман ин ҳангома, бешак, корн дасти Қамар аст. Бечиз нагуфта будааст, ки «имрӯз дар сарнавишти ту саҳифаи тоза кушода мешавад».

Аз ҳама кор огоҳ, ба ҳар ош қатиқ ҳамон чӯраи бекароараш аст. Иброҳимҷонро ба ин гуна вазъи аблаҳона маҳз ӯ гирифтор кардааст. Якуним моҳ боз аз ҳар сухан, ҳар қадами худ эҳтиёт шуда, зӯр мезанад, ки аз сирри ӯ касе огоҳ нашавад, аммо қиссаи ӯ кайҳо ба ҳама маълуму машҳур гаштааст.

...Дар бозгашт ҳар чаҳор нафар ба дидани Сӯхробҷон даромаданд. Худаш яхмос хӯрда, таб баровардааст. Қалонвор ҳарф занад ҳам, бача-дия. Хусусан, ки аз яхмосхарӣ як бор қимоб шуда буд.

Аз паҳлӯи Сӯхробҷон аз канори кат рӯдачае ба поён овезон буд. Аз он ба шишае ҳар дақиқа қатрае пешоб мечакид.

— Бечо кардӣ-дия, Сӯхробҷон,— гуфт Ивон-амак ва ба Носир Аббос рӯй оварда, илова намуд: — Одатҳои ачоиб баромада истодааст. Моҳи март нарасида, яхмосфурӯширо сар мекунанд.

— Гап дар ин не. Нафси одам — чизи зӯр, Ивон-амак,— носеҳона изҳори акида намуд писарак.— Хайр бокӣ нест. Пагоҳ мехезӣ, гуфтанд духтурам. Боз ба шумо газета меорам.

— Раҳмат, писарам. Зудтар сиҳат шав.

Дар толори васат ҳамон касали гирифтори захми меъдаро диданд, ки пештар ранги рӯяш коғази равғанолуд барин заб-зард буду бо ҳамон ахвол бо ҳар баҳона ба шӯъбаи онҳо рафта, аз дур чеҳраи Зеварро тамошо мекард. Ӯро низ чарроҳӣ кардаанд, аз афташ. Дигар ракси арабӣ намекард ва ба рӯяш қадаре хун

давида буд. Аммо азбаски ҳанӯз ҷисмаш заиф буд, ба девор такя намуда, ба суханони марди муаллимсимое гӯш медод.

— Қоидаю қонуни парҳез,— мегуфт шахси муаллимнамо,— имрӯз ихтироъ нашудааст. Вай хазорон сол инҷониб чӣ дорад? Вуҷуд. Лекин модоме ки фалокат пеш омаду инсон ба чанги дард афтод, бояд чӣ кунад? Тоқат...

31

Одатан Зардодхон ба сӯҳбатҳои тадқиқиаш чун меҳмони фавқулодда хоксору хушодоб меомаду дар назди Носир Аббос хомӯш менишаст ва бо қиёфаи фурӯтанона мунтазир мешуд, ки ӯ кайфияти худро ба изҳори розҳои дил мувофиқ созад.

Имрӯз бар хилофи одат аз дари палата даромадан замоно хушҳолона эълон кард:

— Сӯҳбатро давом медиҳем,— аз чӣ сабабе ӯ ба Ивон-амак муроҷиат мекард, ки рӯи каташ дароз кашида мехобид ва духтурро дида бар пой хест.

Пас Алихон назди Иброҳимҷон омад.

— Иброҳимҷон, ба шумо фақат якта савол медиҳам. Охир, шуморо ҳам ба ин палата бо умеде кӯчонидаем.

— Марҳамат, духтур. Лекин ман ҳам ба шумо дута савол дорам.

— Набошад, биёед, аввал ба саволҳои шумо ҷавоб ёбем.

Иброҳимҷон дақиқае худро ба дуруст кардани сару либосу мӯйсари парешонаш, тахт кардани рӯйҷои бистараш андармон медошту зимнан сухани муносиб меҷуст.

— Вай... қиссаи ман... э-э... саргузашти мана кӣ гуфт?

— Ин аҳамият надорад, рафиқ Олимӣ,— нохост ба оҳанги расмӣ гузашт Зардодхон.— Аввал ин ки касе гуфта бошад, аз дӯстонатон гуфтааст, ба нияти хайр гуфтааст. Хуб кардааст, ки гуфтааст. Сониян, табибон хабаркашӣ намекунанд. Ин — қонун.

— Хайр, қонун бошад, илоҷ набудааст,— маъюсона гуфт Иброҳимҷон.

— Саволи дуввуматона гӯед. Наранҷед.

— Чаро меранҷидаам? Худатон аз ман наранҷидаед?

— Ман чаро меранҷидаам?

— Ман... духтур, узр мехоҳам. Рӯзҳои аввал, рости гап-дия, гумон мекардам, ки шумо духтури...— Иброҳимҷон боз забон хоид,— духтури ҷавон... яъне ки он қадар таҷрибадор не.

— Гумонатон хато не. Ман як духтури оддӣ.

— Не, хушбахтона, гумонам ғалат баромад. Узр мехоҳам.

— Хайр. Иброҳимҷон, биёед, саволи дуввумро гӯед.

— Гуфтам-ку: аз ман наранҷида бошед, шуд. Акнун ба саволи шумо ман ҷавоб медиҳам. Садта савол диҳед, духтур.

— Яктааш кифоя. Пеш аз фалокати маноракрон ҳам ҳамин гуна дардро ягон бор ҳис мекардед? Халали дил, ё тангии нафас, ё якбора парешон гаштани хуш, ё ягон ҳолати дигар ба ҳамин монанд?

Иброҳимҷон гуфт, ки оре, ҳамин хел ҳоле ба ӯ рӯй дода буд.

Даврҳои аввали шиносоияш бо Хиромон ба ӯ ду маротиба изҳори эҳсосот карда буд. Бори якум дар доманаи Бобатоғ, дар сари роҳи нави Ёвон. Хиромон илтимос карда буд, ки аз ин нукта дигар даҳон накушояд. Се моҳ Иброҳимҷон дигар аз ин бобат гап назад. Аммо, дили ошиқи шайдо бо сабру тоқат кам ошноӣ дорад. «Дили ошиқ мисоли гурги гушна. Ки гурги гушна аз чӯпон натарсад». Ин мисраъҳои халқанд. Дили ошиқ магар ба амри хирад гӯш медиҳад? Иброҳимҷон низ гӯё ваъдаро фаромӯш карда бошад, боз як маротиба изҳори муҳаббат кард. Ин сафар Хиромон бештар малул шуд ва ба ваъдаи аввалааш ишорат карда гуфт, ки агар ошноӣ хоҳад, дигар ваъдахилофӣ накунад.

Дили Иброҳимҷон баногоҳ танг шуд. Аммо ӯ бо саъе худро ба даст бигирифт. Хиромонро ба хонааш гуселонид. Пас мошинро ба гараж даровард. Янгааш мантуи болаззати зирадор пухта буд, лекин аз гулӯи ӯ хӯрок намегузашт. Ба таги ҳар ду шонааш дард даровмада буд. Пештар шамол хӯрад, ҳамин тавр шонаҳояш дард мекарданд. Раҳматӣ модараш мегуфт, ки шонаат часпидааст. Маслиҳат медод, ки ба ягон ҷой — шохи дарахт, ё болодарӣ, ё ягон чизи дигари баланд бо дастонаш овезон шавад, шонаи часпидааш «канда» мешавад. Вай чанд бор ҳамин тавр ҳам карда буд.

— Парешонед, Иброҳимҷон,— бо меҳрубонӣ гуфт янгааш дар сари дастархон.

Бародараш абрӯ гирех карда, лабу дахонашро бо сачок пок намуд ва маломатомез гуфт:

— Дуппа-дуруст зана аз чонаш безор кард, баромада рафт, бечора. О ин тирмизак майда набошад, ки эзораша кашида, нағзакак химчакӯб кунй... Ту сирри дилата ба акаат, янгаат нағӯй, ба ки мегӯй?

— Сир надошта бошам, аз дилам бофам?

Хамроҳ-ака зери лаб гур-гуркунон ба кори шабонааш баромада рафт.

Иброхимчон низ ба кӯча баромад. «Кайхо боз нанӯшидаам. Як маст шавам...,— мегуфт ӯ ба дил ва боз такрор мекард: — Як маст шавам, ки...»

Ба нишеманхои тобистонаи ресторани «Помир» даромад, ки дар пахлӯяш вокеъ шудааст. Аз карибихои даромадгоҳ мизи бекасеро ёфта, пушт ба одамон гардонида нишаст. Дар паси тавораи сабзе, ки аз гули ошиқпечон бардошта буданд, марде сихкабоб мепухт. Дуди кабоб аз миёни гулу барги ошиқпечон гузашта, ба атрофи мизи ӯ нишаста, ба пояҳои вонши болои нишемангоҳ мепичид.

Таги шонааш боз ба дард даромад. Ӯ фикр кард, ки ба дигар чой кӯчад, дард пасанда мешудагист. Ба мизи дигари дуртар аз кураю дуди кабоб гузашт. Пешхизмат таому шароб овард. Ӯ кадахро пур карду даме ба хаёл рафт. Одате дошт, ки хатман нӯшбоде гуфта шароб менӯшид, зеро хамеша хамкадахе дошт. Хурсанд бошад, хамрохи рафикон бошад, нутқҳои дабдабанок мегуфт. Гоҳҳо мухтасар «саломат бошем!» ё «намурем» ё ба хамин монанд чизе мегуфт. Ҳоло чй гӯяд?

— Сари зулфи ту набошад, сари зулфи дигаре! — гуфт ӯ зери лаб хаёлан ба Хиромон хитоб карда, вале дасти кадаҳдораш боло нашуд. Аз изтироб ларзид. Шароб нонӯшида, таом даст норасонида бимонд.

Сесӯмиеро тах карда зери кадах гузошта ба кӯча баромад.

Хаво торик шуда буд.

Камар дар хаёбони чарогони киностудия хаёлмандона кадам мезад.

— Ту хам кори чала дорй? — пурсид ӯ аз чӯрааш.

— Дорам, лекин дасту дилам ба кор намеравад,— гуфт Иброхимчон.

— Чй шуд?

Иброхимчон маъюсона даст афшонид.

— Парешон менамой,— сухани соате кабл аз ин ян-

ган Иброхимчон гуфтаро такрор намуд Камар ва аз зери багали чӯрааш гирифта, рубой хонд:

Маро не сар, на сомон офариданд.
Парешонам, парешон офариданд.
Парешохотиров рафтанд дар хок,
Маро аз хохи эшон офариданд.

Сӯхбат авч намегирифт.

— Кор барор накард, сабилмонда,— гуфт Камар.— Зик шудам, партофта беруи омадам.

Иброхимчон чизе нагуфт.

— Монтаж чала, биё, хамроҳ кунем...— илтимос кард Камар.

Иброхимчон боз чавоб надод. Сонй фикр кард, ки агар аз рӯи инсоф эътироф кунад, ӯро аслан ба ин чо дидори чӯрааш кашида овардааст. Агар ӯро дар ин чо пайдо намекард, ба хонааш мерафт. Дигар ба кучо хам мерафт? Ба хонаи ягон занака пояш намекашид. Маст шудани буд, шароб аз гулӯяш нагузашт. Дар хонаи худаш боз янга аз хотири парешонаш пурсуков мекунад. Акааш омада, ба истинток сар мекунад, ё хеч набошад, як-ду талху пичинг мегӯяд.

— Хайр, ман рафтам. Боз як зӯр зада бинам,— гуфт Камар ва ба дари бинои баланди бетиреза, ки он чо яке аз павильонҳои киностудия чой гирифта буд, **даромад.**

Ба вай ёрй бояд кард, ба худ карор дод Иброхимчон. Камар илтимоси ӯро дар умраш рад накардааст.

То соати дуи шаб дар сари мизи монтаж пахлӯи хам нишаста кор карданд. Камар дар бораи атлас фильм кашида буд. Азоби фильмбардорй хар кадар бузург набошад, машаккати монтажи он гоҳҳо зиёдтар аст. Навори акс; бардоштаро ба садхо порчахо таксим мекуни, пасупеш мегузорй, аз дунболи якдигар мечаспони. Аз сари нав чудо карда, ба тарзи дигар мечаспони. Пас наворро ба харакат андохта, дар экранчае, ки аз дафтари талабахо сахле калонтар аст ва дар пешгохи миз устувор кардаанд, натичаи коратро тамошо мекуни. Дукаса бахсу мунозиракунои маслихат мекарданд, ки кадрхои цехи атласбофй, устохои бофанда, тӯбхои атлас, духтарони атласпӯш ва гайраро ба чй тартибе пасупеш гузоранд.

Иброхимчон кай пасанда шудани азияти таги шонахояшро якин дар ёд надорад. Аз студия чӯрахо хушхол баромада, ба хонахои худ рафтанд.

Иброҳимҷон саҳарӣ роҳи Хиромонро пеида, ӯро бо мошин ба кораш бурда монд.

— Дина шуморо ранҷонида бошам, бубахшед,— гуфт ӯ дар роҳ.— Дигар чизе намегӯям. Фақат як илтимос: изн дихед, ки ҳар рӯз ба пешвозатон биоям.

* * *

Зардодхону Носир Аббос дар сари миз рӯ ба рӯи ҳамдигар ҷой гирифтанд.

— Хуручи охирин ба коруборам дахл надошт. Мешавад? — пурсид Носир Аббос.

— Баръакс, боз беҳтар,— гуфт Зардодхон ва хиҷолатомез илова намуд: — Мебахшед, муаллим, ба кор вобаста набуданаш барои худи ман беҳтар гуфтанӣ будам.

Носир Аббос «фаҳмо» гӯён сар ҷунбонид.

— Носирҷон, андак сабр кунед,— хоҳиш намуд Ивон-амак.— Ман ҳам гӯш кунам, охир аз аввалаш гӯш мекардам. Бемалол бошад агар, а, духтур?

— Марҳамат, Андреич, мо мунтазир,— гуфт Носир Аббос.

Иброҳимҷон ғайри ихтиёр пиқиррос зада хандид. Мӯйсафед исҳол шуда буд. Шаби дароз ва имрӯз то ин дам ҳар замон ба он гӯшаи долон медавид. Қалдаркулдури шикамаш барало шунида мешуд. Бо ошнои ҳамсояпалата, он мӯйсафеди кӯсаи тақводор ҳар ду чизе хӯрда, ба як дард гирифтор шуда буданд. Чӣ хӯрданашонро бо маслиҳат пинҳон медоштанд. Аз таънаи духтур, хусусан Зевари сахтгир ибо мекарданд. Мӯйсафеди кӯса бошад, аз он канори долон умуман ин сӯ намеомад.

— Шумо ғалатӣ-а, амак,— коҳиш мекард ӯро Зевар,— ба таги ҳафтод рафтеду кирдоратон кӯдак барин.

— Зеварҷон,— афталабона мегуфт мӯйсафеди порсо,— одамизод ширн хомхӯрда. Наранҷед, пагоҳӣ ду истакон наботчой хӯрдам. Мемонад.

— «Наботчой хӯрдаанд...» Ба худатон ҷабр мекунед: акнун як ҳафта зиёдтар ин ҷо мемонед.

Ивон-амак омада, аз сари миз нишаст. Носир Аббос ба нақли навбатиаш шурӯъ кард. Ӯ қабл аз ин ҳам, аз афташ, гуфта буд, ки дар район кор мекунаду дар шаҳр — истиқомат. На аз барои он ки нофашро ба шаҳр баста мондаанд. Ба хотири занаш. Вай муаллимаи синфҳои ибтидоӣ. Як синфро аз рӯи таомул чаҳор сол таълим дода, ба синфи панҷум гузаронида, баъд озод шуда метавонад.

Ҳавлии онҳо дуқабата, бистучаҳор квартира дорад. Замини саҳни ҳавлӣ рӯзҳои якуми кӯчиданашон гӯё худ аз худ ба дувоздаҳ ҳисса тақсим шуд. Аз кучое расм шудааст, ки саҳни ҳавлӣ байни сокинони қабати якум тақсим мешавад. Болоиҳо ҳам гӯё аз азал ба тақдир тан дода бошанд, бо ин ҳам эътирозе намекунанд.

Онҳо ҳанӯз тирамоҳи соли гузашта маслиҳат карда буданд, ки дар рӯи ҳавлӣ қад-қади иморат ҳавоза бардошта, ток парвараанд. Дар ҳама ҷо ҳамин тавр мекунанд. Ҳам ҳусни ҳавли меафзояд, ҳам нишастгоҳи боҳаловат пайдо мешавад, ҳам аҳли ҳавлӣ ангури «дехқонӣ» мехӯранд.

Тирамоҳрӯя ток шинониданд. Барои ҳавоза пул ғундоштанд. Дар ин мобайн чаҳор нафари онҳое ки дар қабати якум мезистанд, аз ҳавозабардорӣ даст кашиданд. Чунки дусад сӯмро якбора на ҳар оила дода метавонад. Даромади ҳар хонавода ҳар хел. Оилаҳое ҳастанд, ки яҳдон, колин, пианино барин асбобу ашёи рӯзгорро аз магазин насия гирифта, қарзашонро дар тӯли чанд моҳ кам-кам адо мекунанд. Ғайр аз ин аз боғдорию токпарварӣ барин корҳо яке ҳавас дорад, дигаре — безор. Хуллас, чаҳор оила аз қабати дуввум шарик шуд.

Зимистон бо ташкилоти хизмати аҳолӣ шартнома бастанд, ки воиш бардошта диҳад, то ин ки ҳавозаи толоршакли яклухти хушрӯе сохта шавад.

Баҳор омад. Токчаҳои тирамоххо шинонидаашон муғча баст. Ҳама мунтазир буданд, ки кай он ташкилот оҳану цементу тахта оварда, ба кор сар мекунад.

— Ман вокеаҳои он рӯзро батафсил нақл мекунам,— гуфт Носир Аббос ва ба аломати тақвият сар ҷунбониданн Зардодхонро дида, хикояташро давом кунонид.

Чоштгоҳӣ ӯро ба комитети республикавии назорати халқ даъват карданд. Аниктараш, ҳамон дӯсташ, ки ба ин ҷо рӯзҳои истироҳат ба аёдат меояд. Бо телефон ӯро назди худ хонд ва зудтар бнё гуфта, таъкид кард. Носир Аббос муаммоеро ки он рӯзҳо пеш омада буд, чӣ тавр ҳал карданашро надониста, дар идораи худ саргаранг шуда менишаст. То коғазҳояшро ғундошта, берун баромад, ки «Волга»-и рафиқаш ба та-

ки дари комичроия расидааст. Барои автомобили ГАЗ-24 райони ҳамшафати пойтахт чоряксоата рох. Аз афкард Носир Аббос.

Аммо он ходиса ҳам нохуш буд, ҳам як андоза хандаовар. Дар системаи назорати халқ онҳо се рафиқи дерина ҳамсинну ҳамяроқ кор мекарданд. Ба мудофиаи Ленинград аз Тоҷикистон каси бисёре рафта буд. Вале ҳамин се нафар аз он кабил буданд, ки толеашон баландӣ карда, зиндаву саломат баргаштанд. Рафики сеюмашон Бекназар дар яке аз районҳои ҷанубӣ ранси комитет буд.

Ҳарчанд Носир Аббос Бекназарро моҳе як-ду бор медид, оғӯш кушода вохӯрӣ кард.

— Ин қадар ҳам ӯро навозиш накун,— гуфт рафиқаш.— Бе ин ҳам фукаш дар осмон, ба гапи одам гӯш намедиҳад.

— Гапи бамантиқ бошад, гӯш мекунам,— паст намеомад Бекназар.

— Ҳа, воқеан, овоза ҳаст, ки кони мантиқ ба райониҳои ҷанубӣ кӯчидааст.

Носир Аббос намефаҳмид, ки онҳо дар чӣ хусус бахс доранд.

Рафиқаш тугмаи зангро пахш кард. Котиба даромад.

— Дари маҷлисгоҳро кушоед. Касе пурсад, бигӯед, ки ман дар маҷлисгоҳ, баъди як соат озод мешавам.

Онҳо ба маҷлисгоҳи васеи барҳаво даромаданд. Котиба як чойник чои кабуд, се пиёла оварда монд. Аммо рафиқаш ду пиёларо ба каноре гузошта, ба як пиёла чой кашид. Ин ишорае буд, ки онҳо рӯзҳои сахти солҳои ҷанг аз як дегча ош мехӯрданд, як бурида нонро се таксим мекарданд. Муҳосираи нӯҳсадрӯзаи Ленинград на фақат ба сари аҳолии шаҳр азобу махрумиятҳо оварда буд.

Рафиқаш воқеаро баён кард. Бекназар духтарашро ба ҷавони дилбастаи ӯ не, балки ба каси дигар ба шавҳар додан мехостааст. Аз воқеа роҳбарони район, баъд рафиқаш низ огоҳ шудаанд.

— Ту ягон зарра мефаҳмӣ, ки чӣ кор карда истодай? — мегуфт ӯ дилтангона.

Ҳарчанд ки мизи дарози мурассаъ холӣ менистод, онҳо дар курсиҳои нарми толор паҳлӯи ҳам менишастанд. Бекназар ҳарфе нагуфт.

— Муддате мегузараду занҳои тоҷик аз ҳаман айъаноҳои номақбули пешина озод ва ба ҳаман маъноҳо занҳои комилҳуқуқ мешаванд. Ман аксари кулли занҳоро дар назар дорам. Ман боз акидае дорам, ки дар ҳоки Тоҷикистон ин ҳолат пеш аз ҳама дар Кӯҳистони Бадахшон муяссар мешавад. Чунки мардҳои помирӣ, ҳатто ҳамон якта-нимта чалласаводаш ҳам дар муносибат ба зану духтар як навъ бартарӣ доранд назар ба дигар ҳаммиллатонашон. Як навъ бартарӣ дар озодфикрӣ, дар маданияти муомила бо зан. Ту фарзанди ҳамин кишвар-ку, охир! — сахт карда гуфт рафиқаш ба Бекназар.— Туро чӣ чини каҷак зад?

— Воҳима накун. Мана ба дигар район гузарон. Ман аз роҳбарҳои хабаркаш безор.

— Ношукр ту, Бек. Котиби райкомат одами бемулоҳиза мешуд, ба ман чизе нагуфта, туро ба бюро кашола мекард. Дар маҷлиси бюро «Бекназарҷон, садқа шавем, аз шумо илтиҷо дорем, як андеша карда бинед», гуфта тавалло намекунанд. Ҳаққи гапа мегӯянд, ҷангат ба осмон мехезад.

— Ҷаро ба ҷавони дилхоҳаш намедиҳӣ? — пурсид Носир Аббос ҳам қадаре оташин шуда.

— «Дилхоҳаш»... Ҳабдаҳсола духтарча аз куҷо медонад, ки нағзу бад чист? Чӣ қадар духтархо ба дилхоҳашон расида, сонӣ даст бо дандони ҳасрат мегазанд! Шумо, ду маҳмадоно, ин хелашро ҳеҷ нашунидаед? Ё ба гӯшатон пахта халонида мегардед?

— Дӯғи ина бин, Носир. «Гар гирёну дузд намозгузор». Ҷаро ба сари мо дод мезанӣ? Маҳмадоно мегӯӣ? Мо магар ҳақ надорем, ки ба кори оилаи ту дахл кунем? Дар соҳили Нарва чӣ гуфта, ахду паймон карда будем?

— Ҳақ надоред, гуфтам? Аввал пурсиш, баъд кушиш. Шумо ҳам фикр кунед, мегӯям.

— Хайр, ҳамои ҷавони духтарат хостагӣ пес будааст, ё маҳаб, ё баднамо?

— Баръакс, олуфтасатанги даврон.

Носир Аббос ҳам ба Бекназар насиҳат кард. Гуфт, ки дар воқеъ, коре ки ӯ мекунад, ба шаъни ҳамин хел як одам намезебад.

Бекназр зоҳиран андак нарм шуд. Лекин вақте ки ба кабинети рафиқаш бармегаштанд, ӯ Носир Аббосро лаҳзае аз рох дошта гуфт:

— Ин якраҳа гӯё ба гапи мо розӣ шуд, лекин ба

хаёлам, таги дилаш холо хам дурда дорад. Ба хонаш рафтан зарур. Чй гуфтй?

— Ба чону дил. Духтараша се моҳ пеш дида будам: соли нав дар хонаи мо буд. Агар писари маро хуш мекард, сарам ба осмон мерасид. Рафтан даркор.

— Шуд. Соати шашуним ба идораат мерасам. Нисфи шаб бармегардем. Рафту дер монем хам, вокеае не.

Дар хона ўро занаш бо захрханда истиқбол гирифт:

— Аз таксимот мондед.

— Кадом таксимот? Таксимоти чй?

— Оҳану тахтаю цемент оварда партофтанд бинокорхо. Дар ним соат хамсояхо аз кучо пайдо шуда,— хама охир, ба корхошон рафта буданд! — хар кас хиссаи худаша ба пеши хонааш кашонид.

— О барои чй?

— Ходаҳои оҳанй яклухту яксонаш будаасту пайвандии гурмнокаш. Яъне базебу камзебтараш. Тахтахои нимбари болои хавоза хам. Рости хамвораш будаасту андак качалакаш. Хама хушрўяшро хоста гирифтанд. Фақат азони мою хамсояи челонгарамон монд.

— Дар кучо он бокимондааш?

— Хо, ана дар майдон. Дар таги панчараи газхона.

Носир Аббос ба майдон рафт. Дар ҳақиқат, як тўда оҳанходаҳои хар каломе аз ду ё се қисм васлу кафшершўда, тахтаболорхои качу килеби чашмдор ва дар баъзе чойхояш пўстлохи дарахт бокимонда пахну парешон мехобид.

Хуш аз сараш парид. Дар боран хамсояхо дар бадали ин хафт мохи ба ин чо омаданаш ханўз ягон чизи нохуш нашунида буд. Ў медонист, ки як қисми онхо аъзои партиянд. Аз сўҳбатхо пай бурда буд. Хусусан рўзҳои аввали хамсоягй, дар арафа ва худи рўзҳои иди Октябрь бо навбат бўрёкўбон барпо мешуд. Бо хамдигар рафтуомад доштанд.

Фақат ў ва хамсояи девордармиёнаш — челонгари гаражи муттаҳидаи табобатхонаҳо аз таксимот берун монда буданд, хамон марди фурўтани камсухан, ки гохо савори мошини санитарй ба хонааш меомаду саросема наҳорнашро ба коғазе печонида бозмегашт.

Баданашро араки сард пахш кард.

Чй бояд кард? Райони худаш мешуд, тозон ба назди котиби райком мерафту арз мекард, ки ахвол ана хамин. Ё хатто ба комитети худ хамаро даъват мекард. Илтимос мекард, ки хамсояхои мўхтарам накл кунанд: вакте ки оханходаҳои яклухти бедарбех, тахтаболорхои бенуқсро чудо карда, ба таги тирезахошон бурда мепартофтанд, чй андешае аз дилашон мегузашт? «Ходахои хавозаи назди хонаи ман зебо, назаррабо менамоянд. Азони хамсоя чои кафшершудааш дўнг ва баднамо метобад. Меҳмонони арчманди ман, хешу акрабои ман, ки ана дар ин чо дар рўбарўи тирезаи ман рўи кати тобистона нишаста, чак-чаку истироҳат хоҳанд кард, ба чолокй, ба кордонии ман аҳсант хоҳанд хонд...» Оё хамин мулохиза аз дилашон мегузашт? Марҳамат, накл кунанд. Хамсоягй ва хамсоядориро онхо чй хел мефаҳманд? Дар хавлии умумии коммуналй, яъне чамъиятй зистанро ба худ чй навъ тасаввур мекунанд? Махсусан онҳое ки коммунист хастанд, сахехтараш, худро узви партия мешуморанд.

Ба акидаи онхо, хамсоядорй мафхуми хайрхохи хамсоя буданро гунчоиш намедиҳад? Оё фақат аз хамсоя пешдастй карданро мефахмонад?

Дилаш боз фишор хўрда, хала зад.

— Чаро рангатон кандагй? — ба андоми ў хавотиромез чашм дўхта пурсид занаш ва дархол ним пиёла оби хунук оварда, мачбурй нўшонид. Ба хонаи калон дароварда, рўи диван хобонид, як табакаи тирезаро яла кард.

Дар рўи хавлй садои ғалоғула баланд шуд. Бо як мошини боркаши брезентпўш бинокорон омаданд.

— Чй лозим буд хамин кор? — бонг мезад сардори бинокорон.— О ходахо холо ранг накардагй-ку! Ё дар хамин чо ранг молем? Хама чоро накшин кунем? Дониста ба майдон партофта будем, ки ба девори газхона така дода, дар хамон чо ранг молем. Дар офтобрўя тезтар хушк мешавад. Тавба!

Қоргарон хаман оҳану тахтаҳоро пас гашта, ба майдони кушод мекашониданд. Суханони дашномомези онхо чандон баланд набуд, аммо он қадар паст хам набуд, ки бошандагони хавлй шунида натавонанд. Касе аз таксимотчиён ё аҳли оилаашон сар аз дар ё тиреза берун намекард. Аз афти кор, ба маъной кирдорашон акнун каме сарфахм рафта буданд, пай бурда буданд, ки кори нозебе кардаанд.

Носир Аббос пас аз ним соат берун баромад. Фишори дилаш рафъ гашта буд. Вақте ки аз як гўшаи майдон мегузашт, касе ба ў «Домулло!» гўён хитоб намуд. Марди токипўши чорпаҳлўе ба ў наздик меомад.

— Мебахшед, домулло,— гуфт ў баъди салому-

алек.— Ин ходаҳоя бехуда заҳмат кашида бурдаетон. О ин кори мо буд. Устоҳо,— ӯ ба сӯи коргарон ишорат намуд, ки онсӯтар тӯда шуда, тамоку кашида рост менстоданд,— устоҳо мегӯянд, ки баъди ранг молидан боз як бор таксим карда набаранд...

Дар сухани ӯ оҳанги таъна баръало шунида мешуд.

— Ин кори бачаҳо будагист,— дигар чӣ гуфтанашро надонист Носир Аббос.— Маъзур медоред, шуморо бехуда заҳмат додаанд.

— Ҳа, бояд кори бачаҳо бошад, чунки халтаҳои цемента таксим накардаанд. Вазнин-дия, ҳар кадомаш панҷоҳ кило.

Носир Аббос нимтаъзиме карда, ба роҳаш равон шуд. Яке аз коргарон чизе гуфт, ки аз он фақат калимаи «хӯҷаин» ба гӯшаш даромад. Баъд қаҳқаҳаи онҳо баланд шуд. Ӯ қадаммонашро тезтар намуд.

Арвоҳ занад... Ин худбинӣ, худпарастӣ, ин майдафикрӣ, резакорӣ кай бархам мехӯрад? Рӯҳияи майдабуржуазӣ ҷонсахт аст, аз кучое ҳонда буд ӯ. Суханҳои Ильич, аз афташ. Боз ӯ аз шахсоне ки аксари нуксонҳои инсониро аз боқимондаҳои замони гузашта медонанд, гоҳҳо оташин мешавад. Охир, боқимондаи зормонда на фақат аз шахсе ба шахсе мегузарад, аз чашмаи ирсият ҳам об мехӯрдагист.

Ба димоғи сӯхта, хушн парешон дар кабинеташ менишаст. Худро насиҳат медод, ки ба ҳар гапу воқеа ин хел муассир шудан фоида надорад. Амал бояд кард. Пагоҳ маҷлиси ғайринавбатии комитет. Ҳамаи хуҷчатҳо тахт. Фақат лонҳаи якта карорро навиштан даркор. Пас аз як соат рафиқаш меояд. Ба райони сарҳадӣ мераванд. Ҳавои баҳорон нашъае дорад. Кӯҳу даман ҳама сабзазор, лолазор, саршор аз ҳавои муаттари мушкбор.

Дар хонаи дӯсташон Бекназар сӯҳбат хоҳанд кард. Саргузаштҳои айёми ҷангро ба хотир меоваранд, ҷакҷак мекунанд. Мурури замон чунон чизи аҷоиб будааст, ки аз ҳамон саввуним соли пур аз хавфу хатару даҳшатҳо низ хотираҳои дилангез мондаанд. Ё ин ҳодисаи табиӣ бошад? Айёми ҷавонӣ, агар худо накарда, фаразан, дар зиндони подшоҳи золиме гузашта бошад ҳам, эҳтимол, дар синни панҷоҳушашсолагӣ беназир ширин намояд, а?..

Масъалаи интихоби домоди Бекназар бошад, он қадар муаммои дандоншикан нест. Бекназар феодали таппа-тайёр шудааст, гуфта воҳима кардан лозим не.

Фарзанд — меваи ширин. Баъзан дар ҳисси ғамхорию парасторӣ ҳам кас қадаре аз ҳад гузаштанашро нафаҳмида мемонад. Чуноне ки баъзе модарон кӯдаки навзодро аз рӯи меҳр сахт оғӯш карда, нафасгардон мекунанд. Рафиқаш ҳам, Носир Аббос ҳам ин нуктаро хуб медонанд. Он ҷо фалокате рӯй надодааст, ҳоло ва рӯй нахоҳад дод. Лекин гуфтаанд, ки илочи воқеа қабл аз вуқӯъ бояд кард. Ба ҳар эҳтимол, рафта бори дигар бо худаш сӯҳбат кардан, аз рӯҳияи занаш, духтараш огоҳ шудан бефоида нахоҳад буд.

Қист он кас, ки хато накунад? Носир Аббос ҳам давраи ибтидои кор дар комитети назорати халқ ба хатоҳо роҳ дода буд. Боре як одами бегуноҳро ҷариман пулӣ андохта буд. Сонӣ карори махсус бароварда, он қарори ғалатро ислоҳ кардан, аз шахси зарардида гардани хорҳорон узр пурсидан лозим омад.

Дигар шахсеро аз рӯи коида мебоист правленияи колхоз ҷазо медод, зеро ходими идораи давлатӣ набуд. Аъзои колхозро аз рӯи коида роҳбарони колхоз мувофиқи пешниҳоди комитети назорат ҷазо медодаанд. Ин нозукиро ӯ пас аз содир кардани саҳв фаҳмид.

Боз як коре шуда буд, ки боиси хандаи рафиқон гардид. Қомитет қарор бароварда, ки аз фалон инженери фалон сохтмон барои фалону фалон гуноҳаш се моҳ аз маош бист фоизӣ ба фондаи давлат ҷарима нигоҳ дошта шавад. Баъди як моҳ холаи он инженер вафот карда ва азбаски пиразан дастнигари хамон шахс буд, харочоти гӯру кафану дигар гуна маросимҳои урфӣ ба зиммаи инженер афтод. Вай ба назди Носир Аббос омада, илтимос кард, ки фавти холаашро ба назар гирифта, ҷаримаро бардоранд. Арзи ӯ боасос буд.

Вакте ки Носир Аббос дар заводи худ вазифаи ҷамъиятии сардори гурӯҳи назоратро адо мекард, карорнависӣ ба зимман ёрдамчинаш буд. Дар кори нав хусусан дар боби қарорнависӣ малака надошт. «Бинобар он ки холаи инженер фалонӣ вафот кард, ситонидани ҷарима аз ӯ қатъ карда шавад» — навишт ӯ дар карор. Аз аъзоёни комитет ҳам касе ба ин ҷумлабандӣ эрод нагирифт.

Чанд рӯз гузашту рафиқаш шабона ба хона телефон кард. Ҳамон боби қарорро такрор карда хандид. Сонӣ гуфт, ки саҳарӣ ба назди ӯ дарояд. Ду-се ҷузъгир қарорҳои рангубаранг медиҳад, мутолиа карда, қарорнависиро меомӯзад. Зормонда карорнависӣ ҳам хунар

будааст. Алалхусус, қарори комитет, ки ҳуҷҷати расмист.

Ҳа, рафиқони дирнан ҳамтақдиру ҳамяроқ ҳамеша ба ғаму шодии якдигар шариқ буданд, ҳамдаму мўниси якдигар буданд. Бояд иқрор кард, аз ҳар сеи тар аст. Зоҳиран, ягон маротиба ба сараш хаёле наомеояд, ки ман аз калоншавандаҳои республика ҳастам, аъзои ҳукумат, ину он ва ғайра ва ҳоказо. Арзиши вақти ман баробари қимати вақти Бекназар ё Носир Аббос нест.

Не ин хел андеша ба сари ў намеояд, чунки олами афкору эҳсоси ў мисли қалъаи мустаҳкамест ва фикри номатлуб, ҳисси номарғуб ба он ҷо роҳ намеёбад.

Хозир Носир Аббос лоиҳаи он қарорро маъқулсаду ба сафар тайёрй мебинад. Лекин лоиҳаро чй гуна бинависад? Одамон корҳое мекунанд, ки на дар бел меистад, на дар гирбол. Директори фабрикаи мебель як мошини калони ЗИЛ-ро ба Челябинск роҳй кардааст, ки аз он ҷо мехи печдор биоварад. Водии Ҳисор кучою кўҳсори Урал кучо? Мошинро инспексияи автомобилии Қирғизистон аз даромадгоҳи шаҳри Фрунзе дошта, ронандаро гўшмоле дода, ба пас фиристодааст, ки ин номаъқулиро на ў мисбаъд такрор кунад, на сардораш. Агар автомобиль аз ҳудуди Ўзбекистон, Қирғизистон, Қазоқистони пахтакор ва Россияи аз он ҳам бузургтар гузашта мех бардошта оварад, як донаи он мех чанд пул меафтад? Лекин аз тарафи дигар фикр кунед, фабрикаи мебель бе мехи печдор чй маҳсулоте дода метавонад? Масалан, часпаки сершўрохро ба дари чевон бо ҳамир, ё ширеш, ё оби даҳон часпонда намешавад-ку. Гунаҳгореро дошта, ҷазо доданй шавед, маълум мегардад, ки айб танҳо айби ў нест. Дар бораи зарурати мех дар вақташ талабнома надодаад. Ё дода бошанд ҳам, ба муассисаи дахлдор нарасидааст. Расида бошад ҳам, ба ҳисоб нагирифтаанд. Ба ҳисоб гирифта бошанд ҳам, аз чй сабабе худи мех кам истеҳсол шудааст. Ё мех фаровон бошад ҳам, вагон нарасидааст. Вагон дар истгоҳе дар тангкўчаи сарбастае мехобидааст, ё ба дигар шаҳре рафтааст, ки он ҷо мех бе он ҳам фаровон аст... Кори хочагй сахл нест. Дар силсилаи бузурги одамон, ташкилотҳое, ки ба ҳам марбутанд, сахви андаки факат ягон холабеғам кифоя аст, ки тамоми силсила аз он зарар бинад.

Агар ҳаман ин доругир ба назар гирифта шавад,

директори фабрикаро ба чй андоза гунаҳгор донистан ва ҷазо додан аз рўи адолат хоҳад буд? Лоиҳаро чй тавр бояд навишт? Лекин тайёр будани лоиҳа шарти ногузир нест-ку. Тайёр бошад, кор осон мешуд, набошад, баъд менависанд. Дар ҳалли масъалаҳои муракқаб маҳз ҳамин тавр мекунанд. Аъзоёни комитет бо маслиҳат ба қароре хоҳанд омад.

Аммо дар хона вокеан ноҳуш рўй дод, зор монад. Айб шуд. Хуб мешавад, ки ў имшаб ба хона дер бармегардад. Рўяш ба рўи бинокорҳо намеафтад. Пагоҳ ҳам саҳари барвақт хеста хоҳад гурехт. То пушти ҳодиса хунук шудана.

Хайр, ин ҳам мусибати ислоҳнопазир нест. Бо вуҷуди он Носир Аббос худро тавоно мебинад, чун пахлавон хис мекунад, тавре хис мекунад, ки бори гаронеро бар дўши худ гирифтааст, вале бардам кадам мемонад ва дар ҳар кадами нав эҳсос мекунад, ки ба марра торафт наздиктар мерасад. Марра барои ў ақаллан бо гўшаи чашм дидани чамъияти аз ҳар ҷиҳат мукаммали нав ва навофарин аст. Чамъияте ки навъи башар дар тўли таърих дар орзўяш буд. Вай ҳам аз чавонй дар дил таманное мепарварид, ки инсони навро бубинад. Ў ин гуна инсонро ҳар рўз мебинад. Мебинаду меболад, ки рост, инсон муқтадир аст. Ў аз чумлаи коргарон, деҳқонон, муаллимон, духтурон, дигар табақаҳои зиёнён садҳо нафар одамони некро медонад. Аммо ба хаёлаш, миқдори онҳо ҳанўз ба кадри кофй нест. Ў мехоҳад ҳамаро бинисоф, фидокор, фозилу оқил, хушодоб ва зебо бинад. Чуноне ки аъзоёни сазовори партия ҳамин гунаанд. Ана ў боз «сазовор» гуфт, яъне зимнан эътироф намуд, ки носазоворон низ, хайҳот, ҳастанд. Ва ҳол он ки узви партия, ки шуд, бояд ҳатман сазовор бошад. Чунки партияро халқ хирад, шараф, номуси замона мехонад. Чаро худпарастон ба сафи тоифаи ононе, ки хираду шарафу номуси замонаро таҷассум мекунанд, сар дароварда метавонанд? Партия, албатта, қалъаи дарбаста нест, мактаб аст, таълимгоҳ аст, фавҷи фидокорон аст, лекин, охир, ба мактаб, ба кўшуи ҳам доништ ва аҳволи саломатии доништчўй ё сарбозро санчида мегиранд-ку? Чй тавр мешавад, ки шахсоне, ки фазилат чустанй нестанд, ё сари худро дар кўи муроди халқ бохтанй нестанд, ба ин кохи мукаддас сар медароваранд?

Носир Аббос боз ва боз ба дил мегуфт, ки хуб мешуд олимон мошини одамшиносй кашф мекарданд.

Ҳамсари ӯ, муаллима Аҳмадова дар орзӯи мошинест, ки донишӣ талабаро сарфи назар аз ҳолати рӯҳиаш дақиқ муайян карда тавонад. Оре, лозим аст ин гуна мошин ё ҳамин гуна як чизи ба он монанд.

Носир Аббос тирезаро пӯшид. Ҳозир дӯсташ меояд. Бояд ба кӯча баромад.

Ачабо, ин чӣ ҳолест? Боз дилаш хала зад. Нишаст. Хала бартараф шуд. Бархост. Боз қалбаш фишор хӯрда, ба нолиш даромад. Ӯ шунидааст, ки дар ин гуна мавридҳо духтур чеғ задан даркор, Панҷохушаш сол ҳам синни андак нест. Зор монад, ҳатто котиба надорад. Идорахое ҳастанд, ки ба ҷамъият дупула нафъашон намерасад, аммо қатор-қатор котибу шофёру ёрдамчию мудиру боз ким-чӣ гуна ходимон доранд.

Хайр, ҳеҷ гап не. Аз ин пеш ҳам хала зада буд дилаш. Хӯ-ӯ дар комбинати таълимию истеҳсолии инвалидҳо чӣ гуна сахт хала зада буд? Чӣ шуд? Ҳеҷ. Намурд, зиндаву побарҷо гаштааст.

Ба ҳар эҳтимол, аз зина оҳиста-оҳиста фаромада, ба кӯча баромад ва ба ҳараки сари кӯча нишаст. Ҳараки нишастгоҳаш панҷарашакл. Чӯбҳояш сахт. Ба замми ин якта чӯбашро аз мобайн кандаанд, ки канораҳои роғи фарохаш ба тан сахт мерасад. Писарбачаҳон шӯхи бесар шабона аз бекорӣ зӯрашонро ба ҳамдигар нишон доданӣ шуда, харакҳоро мешикананд, панҷараи пӯлодини боғҳоро кат мекунанд. Оид ба ин масъала дар шӯъбаи маориф... дар шӯъбаи маорифи район...

— Носир!

Хайрият. Рафиқаш омад. Аз мошин фаромад. Ҳозир ӯ «ҳа» мегӯяд, аввал нафасашро рост мегираду сонӣ «ҳа» мегӯяд. Аз ҷояш хеста, ба пешвози рафиқаш, ҷӯраи дерина, дӯсти ҳамяроқ, ҳамкасб, ҳамфикру ҳаммаслакаш меравад.

Рафиқаш даст ба пешонии ӯ гузошт. Шофёрашро имо кард. Ҳар ду ӯро аз бағал гирифта, сӯи мошин бурданд, савор карданд. Сонӣ ба ким-кучое даровардаанд. Қасе сӯзандору кард. Ба димоғаш бӯи тезе расид... Боз ба кучое мебарандаш. Акнун рӯи занбар мебаранд. Пас ба ӯ ҳодисае шудааст. Занбар мошин барин нарм-нарм алвонҷ мехӯрад. Э, охир, ӯро рӯи занбар ба мошин бор кардаанд. Ана шишаи ширранги чароғаки сақфи мошин. Дар курсии паҳлӯй зани сафедпӯше нишаста, аз банди дасти ӯ доштааст. Ангуштонаш палмоскунон набзи ӯро меҷӯянд.

Ба бемористон оварданд. Солҳои ҷанг ничоянб ба бемористон наафтода буд. Грипп сироят кунад, ба поликлиника мерафту бас.

Ҳамин палата, ҳамин кати байни ду тиреза буд охирин ҷояш, ки ӯро пас аз кашон-кашони тӯлоние оварданд.

Занаш ва рафиқаш ҳамон шаб дар паҳлӯи каташ буданд. Агар ҳамшираи навбатдор аз дасташон дошта, берун барад, ҳо-о ана дар он ҷо дар таги девори он сӯи долон рост истода, аз дари ялаи палатаи кунҷакӣ чашм намеканданд.

Ӯ беёд нашудааст. Ҳушаш доим дар ҷояш буд. Фақат гоҳ-гоҳе одами нахустин бор тамоку кашида ё шароб ошомида барин сараш чарх мезад. Лекин ба муддати сӣ чил сония не, ба муддати мадидтар.

* * *

Алихон Зардодхон бо сари хам ба хаёл рафта буд. Дигарон низ.

Ба сари Иброҳимҷон боз ҳамон андешаи як замон аз дил гузаронидааш омад, ки ӯ дар ғами маъшуқа касал шуд, ана ин одам — дар ғами одамон. Аз чумла дар ғами ӯ, дар ғами Хиромони ӯ ва мисли онон ашхоси тамоман бегона.

Ба қавли Зардодхон ҳар ду аз тазиқи ғусса гирифтори меҳнатанд. Хм, ҳар ду... Аммо, чуноне ки гуфтаанд, бубин тафовути раҳ аз куҷост то ба кучо!

Хомӯширо Иван-амак вайрон кард.

— Муаллим,— гуфт ӯ.— Хавозаи ангурро сохта шуданд?

— Ҳа, занам мегӯяд, ки кайҳо. Ҳоло токчаҳо барг кушодаанд.

— Ҳанӯз, ки токчаҳо ба хавоза нарасидаанд, як кори савоб кардан даркор.

Носир Аббос табассум кард. Вай гумон мекард, ки Ивон-амак ҳозир ягон чизи ҳазломез мегӯяд, лекин қиёфаи мӯйсафед чиддӣ буд. Ӯ ба назди сандуқчаи чизмонакаш рафта, китобу журналҳоро бароварда ба рӯи кат паҳн карду дергоҳе онҳоро алоҳида-алоҳида варақгардон менамуд. Пас як порча газетаи буридаро ба сари миз овард. Ба назари Иброҳимҷон чунин менамуд, ки китфи рости Ивон-амак ҳоло аз ҳарвақта бештар хам хӯрдааст.

— Ҳамсояҳотон аз кадом миллат? — пурсид мӯйсафед.

— Ҳама ҷой барин: байналмилал.

— Набошад, ҳоло ки хавозаро ток пахш накардааст, ана ҳамин шеъра ба рӯи тахтаҳо бо ҳарфҳои калон кӯчонида, ба ду-се ҷояш овехтан лозим.

— Канӣ, хонед.

— Ман наметавонам.

— Чӣ, шеър тоҷикист?

— Не, русӣ, лекин ман нағз хонда наметавонам. Иброҳимҷон, ма, писарам, ту бихон, ба ҳар ҳол бо артистҳо нону ҷурғот хӯрдай.

Дар порчаи ҳамвор буридашудан газета бидуни сарлавҳа, унвону имзо чунин сатрҳо чоп шуда буд:

Не желаю в беде или счастье,
Не хочу ни в еде, ни в труде.
Забивать сверх положенной части
Никогда. Никак. Нигде.

Никогда по уму и по стати
Не смогу обогнать весь народ,
Не хочу обгонять по зарплате,
Вылезать по доходам вперед.

Словно старый консерв из запаса
Запасенный для фронтовиков,
Я от всех передряг упасся —
Только чуть заржавел с боков.

Вот иду я — сорокалетний
Средней,
может быть, нижесредний,
По своей, так сказать, красе.
Кто тут крайний?
Кто тут последний?
Я желаю стоять, как все.

Дергоҳе ҳама хомӯш буданд.

— Шеъри кист? — пурсид Зардодхон.

— Борис Слуцкий. Номаш, хато нашавад. «Нимтанан пахтагинамро фаромӯш накардаам».

Боз ҳама ба сукут рафтанд.

32

Дина пагоҳӣ Алихон Зардодхон ҳанӯз ба кор шурӯъ накарда, рост ба назди Иброҳимҷон омад ва ба дигарон нашунавонида гуфт:

— Хиромон Аҳадоваро то пешин аз гаҷ озод мекунанд. Ба ёдат имрӯз наравванд, беҳтар.

Муомилаи нарм чизи хуб-куя, аз дил гузаронид Иброҳимҷон. Қамар барин кас мешуд, дабар-дӯккӣ карда мегуфт: «Имрӯз рафтан катъиян манъ! Маҷнуни соҳӣ бошӣ ҳам, токат мекунӣ, намемурӣ!»

Вокеан, худи Иброҳимҷон ҳам аз Қамар монданӣ надорад.

Муомилаи ҳалимона забони касро мебандад. Маҳмадонои ду олам бошад, ки чизе гуфта наметавонад. «Нонат гандумӣ набошад ҳам, суханат гандумӣ бошад», мегӯянд дар урфият.

Ҳарчанд Иброҳимҷон худро ба ҳамин тариқа таскин медод, фақат то пешин токат карду бас. Баъд ҷои нишаст ёфта наметавонист. Аз Ивон-амак коғазу калам гирифта, ба мактубнависӣ даромад. «Салому пайём... Дирӯз инҷониб, аз соате ки ба дидори ту расидам, дар олам хушбахттар аз ман одаме нест... Худоё, кай мо аз бемористон мебароем? Маро, аз афти кор, пас аз ҳафтае ҷавоб медиҳанд, лекин ба шарте ки аз инҷо рост ба санаторий биравам. Варақаи эъзомӣ тайёр...»

Мактубро хонда, худ аз худ оташин шуд. Онро пора-пора карда, ба сабадчаи кунҷи палата партофт. Э, ҷин занад ту барин ошики зора!.. Мактубат ақаллан мактубҳои пештар фиристодаат барин бошад! Мухтасар бошад ҳам, батаъсир бошад, коҳиш мекард худашро. Чӣ лозим ин гапҳо! «Маро фалон вақт ҷавоб медиҳанд... Санаторий... Варақаи эъзомӣ...»

Пас қиссаи ғамангези як коллекционер* ба ёдаш расид. Шахсе дар яке аз мамлакатҳои Ғарб сурати занҳои ҷамиларо ғун карда коллекция тартиб медодааст. Давлатманд будааст, ба харидани қиматбаҳотарин сурат ҳам кудрataш мерасидааст. Рӯзе дар суҳбате тавсифи суратеро мешунавад. Ба ӯ нусхаи фотографии суратро нишон медиҳанд, аммо намегӯянд, ки соҳиби он кист, офарандааш дар куҷост. Касе намедонад. Аз пай ҷустуҷӯи тасвира меафтад. Коллекционерҳо як навъ савдоянд, то чизи дилбохтаашонро ба даст наоваранд, ором намешаванд.

Қисса кӯтоҳ, он мард пас аз чандин моҳи кофтуков дарак меёбад, ки муаллифи он тасвира кайҳо фавтидааст. Худи сурат дар ҳуҷраи хилвати калисое маҳфуз аст. Хурсанд мешавад, ки дурри мақсуд ба даст омад: ба калисо сурати зани зебо ҳеҷ лузум надорад, ӯ ба

* Ҷамъоварандаи ашёи нодира ва гаронбаҳо.

осонӣ соҳиби тасвира хоҳад шуд. Лекин ба маъбад рафта мебинад, ки сурат сурати муқаррарӣ нест, онро ба девори ҳуҷра кашидаанд, ки дари он аксаран баста аст. Илоҷи харидан, ба коллексия ҳамроҳ карданаш нест. Аз равуон ӯ падарони рӯҳонӣ ба ҷон расида, ба ҳукуматдорон арз мекунанд, илтимос мекунанд, ки моро аз ин зоти шилқин начот бахшед. Коллекционер ба дарди асаб гирифтор мешавад, бистарӣ мешавад.

Иброҳимҷон дар мактуб ҳамин қиссаро мухтасар баён кард ва ба ҷои хулоса аз ғазали Камол ду байт илова намуд:

«Сар бар дари туам, бингар сарбаландиям,
Эй ман саги ту, авф кун ин худписандиям...

Гуфтӣ: ба пурсиши ту чу оям, чӣ оварам?
Раҳме бинёр бар ману бар мустамандиям...»

Афкору андешаи худро бо шеъре тақвият додан, ба ҳар нома байт, рубоӣ ҳитъае илова карданро Иброҳимҷон аз ҷӯрааш омӯхтааст. Ҳар касро ба шеърхонӣ ташвиқ карданаш, масалан, Каримҷон-акаро охир ҳам ба мутолиаи асли «Шоҳнома» монл кунониданаш ҳам аз таъсири ӯст.

Қамар — ошиқи назм, ҳаводори шеъру шоирон. Бехуда як пон ӯ дар институти забон ва адабиёти Академияи илмҳо нест. Он ҷо ошноҳои зиёде дорад. Гӯё ба фольклоршиносон кӯмак мекунад.

— Аввалин бор дар таърих маҷмӯаи бистҷилдаи эҷодиёти даҳнакии халқи тоҷик нашр мешавад. Ба ин кори савоб ёрӣ расонидан даркор! — бо ваҷд эълон кард ӯ рӯзе.

Ба сафароти маъмурӣ бисёр меравад ва қариб ҳар дафъа ақаллан ним дафтарро аз байту дубайтаю рубоию ҳитъаю ғазалҳои халқӣ пур карда меорад. Ба афсонаю латифаҳо кор надорад, чунки он аз жанри назм нест. Масалу чистони манзум бошад, навишта меорад. Гоҳҳо шодикунон ба институт мераваду бо лабу лунҷи овезон бармегардад.

— Ҳай дареғ-а! — афсӯс мехӯрад,— ин чизҳо будаанд...

— Чаро надомат мекунӣ? Бошад нағз-ку! — эътироз мекунад Иброҳимҷон.

— Надомат не, гумон кардаам, ки ҳоло онҳоро касе навишта нагирифтааст.

— Гумон кардай, ки Мулло Қамар ибни Мулло Сафар дар сайёраи мо ҳитъаи ҳафтум кашф фармудаанд?

— Наёз. Гуфтанд, ки ин чизҳо нав нестанд, аммо дар байни дубайтаҳо вариантҳои нав ҳастанд. Масалан...

— Аммо, лекин, масалан...— масхара медошт ӯро Иброҳимҷон.

Қамар боз ба сафар мебаромаду боз варақҳои знёдеро пур карда меомад. Агар якта-нимта чизи тоза ёбад, чанд рӯз сарашро ба осмонҳо совида мегашт.

— Исто, ки ба ту, холаи ҳамакора, ҳама кораш нимкора, аз ин ташвишҳо чи фонда?

— Ман одамҳо барин фоидачӯй не.

— Фонда набошад, ягон ғараз будагист?

— Гуфтан-катӣ ҳар кас намефаҳмад.

— Об-бо, донишманд-е! — ба қитиқи ҷӯрааш боз сахттар мерасид Иброҳимҷон.— Бигӯям, ки чӣ меҳоҳӣ? Шӯҳрат! Мехоҳӣ, ки ҳамон бистҷилдаи фольклор нашр шаваду дар муковааш бо ҳарфҳои калон-калон навишанд:

«Дар ҷамъоварӣ, таҳрир ва таснифи ин маҷмӯа академикҳо фалонию фалониҳо... ва ходими намоёни студияи «Тоҷикфильм» Мулло Қамар Сафарзода саҳм гузоштанд. Институти забон ва адабиёти ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ аз онҳо сипосдорӣ мекунанд...»

— Бас кун, фач. Гуфтам-ку! Наёз.

Вале Иброҳимҷон бас намекард.

Вай ҳам адабиётро, назмро дӯст медорад. Хеле шеър аз ёд кардааст, лекин ба Қамар расида наметавонад. Қамар ҳатто ҷои мекоҳонад, ки ба фильмҳои ҳуҷҷатӣ, хусусан фильмҳои манзаравӣ ақаллан якчанд байт дароварад. Боре дар маҷлиси умумии истеҳсолии студия ҷонишини директор онд ба истеҳсолот дар катори камбудиҳои дигар қайд кард, ки гурӯҳи хроника супурдани як фильми хурди дусадметраро понздаҳ рӯз кашол дод.

— Гунаҳгор номбар шавад! — луқма партофт аз мобайни зал кадом ҳангоматалаб.

— Сафарзода,— гуфт ҷонишини директор.

— Қамар? Понздаҳ рӯз бе ҳеҷ сабаб? — бо овози баланд изҳори тааҷҷуб кард директор.

Қамар аз ҷой хеста, бо сари хам, андоми гунаҳгорона гуфт, ки мехост матни фильм аз ягон байте ё ҳитъаи зебое оғоз ёбад. Чаро ки фильм аз хусни деҳоти кӯҳистон ҳикоят мекунад...

Тартиби маҷлис вайрон шуда буд. Боз як маҳмадонои дигар аз ҷои нишасташ луқма партофт:

— Халқи тоҷик аз чӣ бой? Аз шеър! Поиздаҳ рӯз чӣ мекофтӣ?

Директор ба ҷонишинаш мурочиат кард:

— Хайр, ин дафъа аз гуноҳаш гузаред...

Пас аз дақиқае мактубаке даст ба даст гузашта, ба Қамар расид. Сармуҳаррир ба коғазчае навишта буд: «Қ. Матни фильмата биёр. Ҳамроҳ мечӯем...»

— Дидӣ! — мегуфт Қамар ба паҳлӯи Иброҳимҷон нихта зада.— Назм маро аз балои хорӣ сипар шуд!

* * *

Имрӯз баъди муоинаи ӯ Алихон гуфт:

— Ҳоло меравед.

— Аввал сӯзандору мекунад Зевар?

Зардодхон хандиду «не» гуфт.

Зевар омада, имо кард, ки ба долон барояд. Иброҳимҷон аз паси ӯ мерафт. Духтур гуфт, ки дигар ба сӯзандору хоҷат нест. Ин духтари дамдузд ба кучо мебарад ӯро? Аз пурсидан метарсад.

Ба худо, ки метарсад. Боз ҳамон хел таънаомез нигоҳ кунад, тамом имони кас ба сайри само меравад. Шоирони пешина чашмони дилбаронашонро гоҳҳо сеҳргар мегуфтанд. Бесабаб нест ин гап. Чашмоне хастанд, ки аз онҳо он қадар маънию нуктаҳо мехонед, ки аз баъзе китобҳон ғафс намеёбед. Крамской* «Зани ношинос» ном расме дорад. Ҳар кас пеши назар оварад, ки чашмони пурадои ҳамон нозанини боғурур ба ӯ накӯҳишомез нигоҳ мекунанд, тасаввур карда метавонад, ки нигоҳи Зевар чӣ гуна аст. Забон лол мегардад. Кас бе «чуну чаро» таслим мешавад.

Роҳи палатаи Хиромонро худаш нағз медонад: дар ин ду рӯз ба ин роҳ хаёлан даҳ ҳазор маротиба рафта омадааст. Зевар ба кучо мебарад ӯро?

Ба таҳҳонаи бемористон фаромада, ба хонае ворид шуданд, ки аз ду тарафаш боз ду ӯтоқи дигар воқеъ гашта буд. Рафҳои бешумори ҳар се хона аз рӯйҷо, либоси беморон, чароғҳои рӯимизӣ, истакону миноҳо, туфдонҳо, асобағалу асоҳо ва афзоли дигар моломол буд. Маълум мешавад, ки он бемори аз шиддати дард

* Крамской Иван Николаевич (1837—1887) — рассоми номии рус, офарандаи тасвираҳои машҳури «Масеҳо дар биёбон», «Андӯҳи тасаллинопазир» ва ғайра.

ракскунандаро рӯзи маст шуданаш аз назари профессор ана дар ҳамин таҳҳона пинҳон кардаанд.

Соҳибаи хона, ба истилохи бемористон, ҳамшираи кадбону, зани фарбеҳи солхӯрда будааст. Ӯ «ҳамин кас?» гӯён ба Иброҳимҷон ишора намуд, маънидор табассум кард ва даме китфу бозу ва қаду басти ӯро бо назар чен карда, ба дарун даромад. Аз он ҷо пичаман хушранги хуб дарзмолшудаеро бароварда дод. Иброҳимҷон шарм дошт: ӯро пеш аз рафтан ба назди Хиромон домод барин рост мекунонанд.

Аз саргузашти ӯ акнун ҳамшираи кадбону ҳам огоҳ аст. Аллаев ба Баллаев, Баллаев ба Галлаев, Галлаев ба Даллаев, Даллаев ба Заллаев... Оҳ, ягон рӯз сиҳатсаломат аз ин ҷо барояд, бинии он Қамари лаққиро, худо хоҳад, ба заминҳо молида, гӯшмоли сазоворе надиҳад, наменонад. Комитетсозиро ба ӯ нишон хоҳад дод!..

Либоси худаш тоза буду аммо ғичим, якта тугмааш намерасид, танган дутинӣ барин ҷояшро касе бо оташи сигор сӯрох кардааст. Хайр, модоме ки муроот фармуданд, ба ҷон бояд қабул намуд. Либоси тоза эътибори касро дар чашми худаш набардорад ҳам, ба назари дигарон боло мекунад, табъи соҳибашро равшан месозад.

Ба кадбону миннатдорӣ изҳор кард. Ӯ гуфт, ки ба Зеварҳон ташаккур гӯяд. Зевар қайҳо боло баромада, дар сари мизи таги девори долон гузошташудаи худ ба дафтари процедура қайдҳо мегузошт.

— Зеварҷон, раҳмат.

Духтарак хаёле табассум намуд. Аз ҷояш бархост, гиребони жакети Иброҳимҷонро дурусттар ҳамвор намуд ва гуфт:

— Дина бегоҳӣ Аҳадоваро ман ҳам дидам. Барвақттар медидам, либосатонро парерӯз иваз мекунонидам. Ғароиб махлуқанд занҳо. Ҳаққо ки махзани асороанд. Агар фозилтарини окилон даъво кунад, ки ман донишманди рӯҳияи занон ҳастам, хато мекунад, ҳеҷ набошад, муболиға.

...Хиромон рӯи каташ менишаст. Дасту пояшро ба ростӣ ҳам аз гаҷ озод кардаанд. Саргаҳи кати хамуростшавандаро боло бардошта, чанд болинро рӯи ҳам гузошта буданд. Хиромон озод менишаст. Дар чеҳрааш табассуми латиф сайр мекард. Вай аз пешина гӯё даҳчанд дӯстрӯйтар шуда буд. Ё ба назари ошиқи шайдо ҳамин тавр менамуд? Не, дар ҳақиқат.

Муддате ба рӯи ҳамдигар чашм дӯхта, хомӯш менишастанд.

— Коллекционерро мисол овардаед,— гуфт Хиромон.— Аввал ба ҳоли он бечора раҳмам омад. Сонӣ дилам ҳавотир шуд, ки ман ҳам барои коллекция даркор нашуда бошам?

— Хиромон! — Таъна ва таваллоомез хитоб кард Иброҳимҷон.— Маро азоб надиҳед. Духтури ман гуфт, ки боз як бор ҳамон хел азоб диҳандат, тамом, ба асфалассофилин рехлат мекунӣ.

— Эҳ духтуратон бутун бешафқат будаанд! Наход ҳамин хел сахт гап зананд?

— Не, ман мазмунашро гуфтам-дия.

— Хайр, ман ҳам ҳазл кардам.

— Ман аҳволи диламро таъкид карданӣ будам. Боз ҳамин нуқтаро, ки шумо дуред, дастнорасед, мисли сарвате, ки дар маъбаде нигоҳ медоранд.

— Чӣ хел дур? Ҳардуямон дар як бино-ку!

— Вақти мактубнависам дур будед: духтур ба омаданам иҷозат надод.

— Хайр, ин ҳам гузашт. Вокеан, дар мактуб байтҳои ачонб овардаед. Ман он ғазалро аз ҳофизон шунидаам. Лекин чаро шоир худро «саг» гуфтааст.

— Як умр шоири ошиқ будааст. Магар айб аст саги таги дари дилбарон будан?

Хиромон «намедонам» гуфтагӣ барин ишорате кард. Иброҳимҷон ба тақвияи андешаи худ боз далел овард:

— Ӯ ба маҳбубааш гуфтааст:

Дӯстонам саги ту мехонанд,
Дӯстон қадри дӯстон донанд.

Хиромон хандид.

Аз дари палата ҷарроҳ намоён шуд. Аз дунболи ӯ марди азимҷуссае меомад, ки хайкалҳои бузурги Буддоро ба ёд меовард. Фақат ҳамин қадар тафовут буд, ки ӯ шофбурути ғафсу ғуллие дошт. Ҳарчанд мард бо сари хам зери по нигоҳ карда, чида-чида қадам мегузошт, аз помониаш тахтаҳои фарши хона ғичиррос мезаданд, зарфҳои рӯи миз, гулдонҳои болои яхдон ба ларза даромада буданд.

Дар ӯтоқи бемористон дидани чунин муҷассаман сиҳатӣ ва бардамию тавоной ба назар аҷиб менамуд. Дар дили кас рағбате пайдо мешуд, ки ҳамаи фармоишоти духтурашро зуд-зуд бачо оварад, ба ӯ каф-каф

дарухон хуб диҳанду ӯ чизе нагуфта фурӯ барад ва тезтар сиҳат шуда, аз ин ҷо барояд.

Сӯҳробҷон низ пайдо шуда, ба назди Иброҳимҷону Хиромон омад ва бо ифтихоре эълон кард, ки ана ҳамин мард падари ӯст. Ҳозир дастпонаро аз дасти он зани бемор хоҳад бароварад.

Дастпонаи бемор аз ким-чи гуна фулузи ниҳоят сахт сохта шуда будааст. Бештар аз як ҳафта аст, ки озор медиҳад. Аз панча то соидаш варамида, гирд-гирди дастпона рахи кабудчатобе пайдо шудааст. Сӯҳробҷон дар палатаи кунҷакии онҳо дар назди Ивон-амак ҳикоят карда буд, ки чанд устои касалхонаро овардаанд, ягонтоаш кушода натавонист. Зан гарчи азият мекашад, розӣ намешавад, ки бо асбобе бурида бигиранд, «Ин аз тилло қимат!» гуфта ғавғо мебардорад.

— Ин кас усто,— гуфт ҷарроҳ ба кати зан наздик шуда.— Дастатона нишон диҳед.

Падари Сӯҳробҷон хам шуд. Ба дастпонаи зан дастонашро расонида-нарасонида, коматашро рост гирифт. Дастпонаи сафеди ҷилодор дар рӯи кафи фарохаш мехобид.

— Ана тамом. Ҷонатон халос,— бо овози тундарнаш нарму таскиномез гуфт Ҳайкали Буддо ва дастпонаро бо эҳтиёт боз каме қат карда, ба холати аслаш овард. Сӯҳробҷонро тамкину виқори одатнаш тарк карда буд. Ӯ мисли кӯдакони ҳамсинаш ошкоро меболид, аз чашмонаш барқи шодӣ, нури ифтихор меборид. Дар ҳамин ҳолат аз дасти падар дошта, аз паси ҷарроҳ ба дар рафт.

Дар овони донишҷӯй як дандони Иброҳимҷон дард карда буд. Вай, рости гап, аз рафтан ба пеши духтур метарсид. Медонист, ки дандон дигар таъмирбоб нест, онро бояд ҳатман аз реша баркананд. Шабона дард шиддат кард. Ӯ рӯи ҳавлӣ баромада, ба ҳар сӯй нолишкунон қадам мезад. Раҳматӣ модараш низ баробари ӯ бедорӣ мекашид. Дар гирди сари ӯ парвона буд. Гоҳ хокистари гармро ба латтае печонида меовард, ки ба лунҷаш бидорад. Гоҳе пахтаро ба атр тар карда медод, ки миёни дандонҳо зер кунад. Акнун ба кӯча баромада, аз ҳамсояшон Язнапоччо як каф нос овардани буд, ки бародари Иброҳимҷон аз хона либос пӯшида баромад.

— Рафтем, шер,— гуфт ӯ омирона аз дасти додар кашола карда.

Нимишабӣ ба хонаи духтури дандон рафтанд.

— Ман Олимй, оча, кушоед дара,— гуфт Ҳамроҳака ва дарро яла карданд. Духтур як кампири руси қоматхамидае будааст ва Иброҳимчон ба воҳима афтод, ки акнун ин пиразани нимчонак бо дастони ларзонак ӯро азоби дӯзах хоҳад дод.

Кампир ӯро ба курсие нишонида, равшании чароғи рӯнмизиро ба сӯяш равона карда ва гуфт:

— Канй, бачем, дандоната як бинам.

Иброҳимчон пиндошт, ки ӯ аввал даҳон боз мекунад, кампир аввал ду-се дақиқа ин сӯ-он сӯро муоина мекунад, баъд ба фикру хаёл меравад, ки чй бояд кард, сонй чангакҳо, анбӯрҳои ялаққосии бадвоҳимаашро оварда, ба кор сар хоҳад кард. Лекин баробари даҳон кушоданаш дарди сахтро ҳис намуд ва аз паси пардаи ашки бенхтиёр ба рухсорааш ҷоришуда дид, ки пиразан ба ӯ дандони хунолуди кайҳо ба нӯги анбӯр гирифтаашро намоиш медиҳад.

— Ана, бачем. Ҳозир камтар йод мемолем, олам гулистон. Ту ина бурда, ба мушхона парто. Мушак ба ту дандони нав меорад,— мегуфт ӯ ривояти урфиро, ки одатан ба кӯдакон нақл мекунанд.

Кори падари Сӯхробчон ба ӯ ҳамон духтури пирро хотирҷамъон кард. «Канй, як бинам» гуфту фурсати мижа тах кардан нагузашта, корашро буд кард. Иброҳимчон дергоҳе он пиразанро дар дилаш духтури «Канй, як бинам» меномид.

Зани бемор ҷои тасмасон кабудшуда ва ҷӯяқчавор фурӯ нишастаи банди дасташро тез-тез мехорид ва аз фароғате, ки баъди раҳой аз он завлонан ихтиёрй ҳис мекард, қаноатмандона нолиш менамуд.

Дирӯз Иброҳимчон дар ин палата ба ҷуз рухсори Хиромон, чашмони шаҳлои ашколуди боз зиёди фаттонгаштаи ӯ дигар чизеро надида буд. Имрӯз гӯё бори нахуст медид, ки палата ҳашткаса будааст. Зане оҳиста-оҳиста нолиш мекунад, дигаре фиш-фиш нафас кашида мехобаду гоҳ-гоҳе хуррок кашида, боз ба нафаскашии ором мегузарад. Саввумй аз нав ба зиндагонй дилгарм шудааст ва бо рағбати тамом мӯй шона карда, гесувонашро бо сарсӯзану чангаку печакҳои зиёде ба гирди сараш чанбар месозад. Чорумй китоб мехонад ва гӯё аз мағале, ки аз долон, аз тирезаҳо ба гӯш мерасад, аз садоҳои дохили палата ва ҳамаи дунё ба гӯши ӯ заррае намедарояд. Қасе аз ҳамхонаҳо ё ҳамшираи шафқат ё санитарзанон ба ӯ муроҷиат кунад ҳам, бо як-ду нидо ба худ намеояд. Ниҳоят, дафъаи

чорум ё панҷум хитоби одамон ба самъаш мерасад ва ӯ базӯр чашм аз саҳифаи китоб барканда, мадкашон мепурсад:

— А-а? Чӣ гуфтед?

Духтараке дар таби баланд месӯзад ва ҳар дам ҳазён мегӯяд: «Ин тепловоз-ку! Тепловоза аз сарам бардоред! Бардоред, мегӯям, ноинсофон...

Зане писарашро истинтоқ мекунад, ки оимча ба ту, аз афташ, таомҳои болаззат пухта медиҳад. Барои ҳамин тарафаша мегирй. Ба хаёли ӯ, шавҳараш дар ғайби ӯ зани нав гирифтааст, «оимчае»-ро ба хона рӯнрост оварда нишонидааст.

Писарак ба рӯи модар, ба чашмони хашмолуди ӯ бо тааҷҷуб менигарад ва чи гуфтанашро намедонад.

Дар рӯи миз, тоқчаҳои тиреза тахмин дусад дона тухми мурғ. Баҳорон мурғҳо ба тухм медароянд. Дар кӯчаҳо рӯи тахтачаҳои ҷуқуракдори махсуси тухмкашонй ситой аз он чида, дар ҳар гӯша тухм мефурӯшанд. Ҳатто газобфурӯшони аробачаҳои ҳудро ҳамин ҳоло ба кӯча баровардагй низ тухм мефурӯшанд. Ба аёдатояндагон, хусусан, мардҳои танҳомонда барои беморбинй камаш даҳтой тухм меоранд. Ё, дар воқеъ, чй оварданашонро намедонанд, ё, зоҳиран, мехоҳанд, ки зани ба иштиҳо даромадаашон мӯлтар тухм хӯраду зудтар қувват гирифта, ба хона баргардад.

Даруни яхдони палата, бешубҳа, аз тухм пур шудааст, ки боз тахмин дусад донааш дар ҳар ҷо косаю табаку дегчаҳои табобатхонаро банд карда мехобад.

Болои яхдон — гулзор. Тоқчаҳо ҳам — пури гулҳои рангоранг, ки ба даруни бонкаҳои обдор гузоштаанд. Ҳатто дар болои сандуқчаи оҳанини аппарати кислородтақсимкунак — ду даста гул. Гулҳои лоламонанд. Баргҳошон дароз-дарози савсаншакл. Ким-чй гуна гулҳои мисли шабпараки нақшин нозуку назаррабо.

Иброҳимчон номи аксари ин гулҳоро намедонад. Лолаю садбарг, райҳону ҳиногул, бедгулу насрин барин гулҳои маҳаллиро камубеш мешиносад. Вале номи гулҳои тухмаш ё қаламчааш аз дигар сарзаминҳо омадаро намедонад. Халққо, миллатхо, хайрият, ба ҳам баромехтанд, ёру бародар шуданд. Аз пахтаи тоҷикону туркманҳо духтари Ленинград курта мепӯшад. Он пахтаро мошини Ӯзбекистон мечинад. Меваи Булғористон, гули Кавказ, соати Пенза, автомобилу трактори Белорусь ба кишвари тоҷик омадааст. Дар като-

ри хўроку пўшоку мошину масолеҳи сохтмон гулҳон бисёре ҳам омадаанд.

Гулҳон хушрўй. Гулҳон хушбўй. Аз ҷое ба ҷое гули бадрўй намеоранд. Гули бадбўй намеоранд.

Берун аз тиреза низ ҳаёт бо роҳу мароми худ идома дорад. Ба ин гўшаи бино рўзона садои гўшхароше мерасад: дар паси ана он анбўҳи дарахтон тунукан бомеро иваз мекунанд. Аз шўъбаи бачаҳо гиряи ғашноки кўдаке ба гўш мерасад.

— Читу палатаи мо? — пурсид Хиромон, ки муддате ба фикру хаёли Иброҳимҷон халал нарасонида, чашмони меҳрварашро ба андоми ӯ дўхта менишаст.

— Нағз!

— Чияш нағз?

— Бахосият. Ман шуморо дубора аз ин ҷо ёфтам. Ҳоло бе колиби гач дида, базўр дар курта мегунҷам.

— Вокеан, куртаатон ҳам имрўз оҳарй.

— Ин ҳам ба шарофати шумо.

— Яъне?

Иброҳимҷон суханони Зеварро такрор кардан мехост, ки ин дам ҷарроҳ ба палата даромада, рост назди Хиромон омад. Дар дасти ӯ ду дона сурати калони рентгенй буд.

— Кори калон! — хитоб намуд ӯ ҳар ду варақаи тираи целлулоидиро ба Хиромон дароз карда.— Ман нагуфта будам? Бинед, Аҳадова, ҳеҷ осоре намондааст!

Хиромон сурати устухони китфу бозу ва банди поёшро бо марок ва таваҷҷўҳ аз назар мегузаронид, гўё мисли ҷарроҳон ҳар як хат, ҳар як нуқтаи онро хонда метавонист бошад.

— Мехоҳед бинед? — пурсид ӯ аз Иброҳимҷон бо чеҳраи шукуфон.

— Не,— гуфт Иброҳимҷон.

Вай сурати устухони дилбарашро дидан намехост. Вай умуман ба акси устухони шахси наздик ором нигоҳ карда наметавонист. Боре акааш ба ӯ як чизи тунуки ба рўзномаи кўҳна печонидашударо дода фармуд, ки ба хонаи ҳамон кампираки духтури дандон — духтури «Канй, як бинам» бурда диҳад. Онҳо — додару бародарро зуд-зуд дарди дандон озор медод. Дар рох хисси кунҷковй Иброҳимҷонро ғалаба карду коғазро кушода дид, ки акси рентгении косахонаи сар аст. Устухони сари бародараш, бародари азизаш, бародари ҷонаш мисли устухони хавлангези мурдаи садсола менамуд. Дилаш таг кашида рафт...

Не, вай сурати устухонҳои дилбарашро тамошо кардан намехоҳад.

— Хохед, ба ёдгор нигоҳ доред,— гуфт ҷарроҳ ва баромада рафт.

— Зўр чиз инъом кард,— беэътиноёна гуфт Иброҳимҷон.

— Инту нагўед. Духтури ман — ҷарроҳи хуб,— эътироз намуд Хиромон ва ба таърифи духтураш сар кард, баъд умуман ба тавсифи ҷарроҳон гузашт. Ба акидаи ӯ, дар байни аҳли илми тиб ҷарроҳон дар дониш, ҷасорат, муносибати мушфиқона ба беморон як андоза бартарй доранд. Хиромон ба иззати нафси дигар гуна табибон расиданй нест, аммо фикри ӯ ҳамин аст.

Оё Иброҳимҷон мущоҳида кардааст, ки аз чй сабаб ҷарроҳон бепарвоёна либос мепўшанд, ба зоҳири худ аҳамият намедиҳанд. Баъзе ҷарроҳони номдор хастанд, ки эшонро дар долоне, пайроҳае ё сахни табобатхона дучор оед, гумон мекунед, ки ошпаз ё санитари бемористонанд. Хусусан дар тобистон намуди фурўтанонае доранд: яктахи сафедашонро аз болои майка пўшида, аксаран бо сари ҳам, шонаҳои урён, дар банди андешае рох мепаймоянд. Хайрият, одати хоксорона либоспўшии онон аз дарвозаи табобатхона берун намеравад, вагарна байни мардуме, ки ҳанўз аз рўи таомули ҳазорсола ба одам аз рўи либос муомила мекунанд, хор мешуданд.

Иброҳимҷон нутки боҳарорати дилбарашро гўш карда, дар дил қарор дод, ки ба суханони ӯ оид ба як андоза бартарй доштани ҷарроҳй ва ҷарроҳон эътироз накунад. Хислати оддии инсонист, ки ҳар чизро бештару хубтар медонад, бартару авлотар мешуморад.

Вай ба Хиромон аз он инне, ки дар палатаи кунҷакй расм шудааст, аз он ки Носир Аббос, Ивон-амак, Қаримҷон-ака бемории худро ба чи гуна воқеот ва холатҳо ташбеҳ медиҳанд, хидмати табибонро чи навъ қадр мекунанд, нақл намуд.

— Пагохй,— гуфт Хиромон,— концерти радиоро гўш мекардам. Мисрае ба ёдам нишаст: «Шона ҷабри зараро аз баҳри гесў мекашад...» Иброҳимҷон, ман нарафт. Соней пай бурд, ки ӯ тақдири пурфитнаи худро дар назар дорад. Ҳалокати шавҳар, ҷанд соли маро медонам, барои чй бояд ин қадар ҷабру ҷафо кашам? Аввал Иброҳимҷон ба маънии саволи ӯ сарфахм

дар пои озори ӯ буд. Ҳар бетамиз ба ҷавонзани ҷамилаи бешавҳар ва бесоҳиб бо чашми тамаъ менигарист. Мабодо тири туфанги посбони дарғот ба асп нею ба худи Абӯ мерасид, бо вуҷуди разолат, сифлагӣ ва нобакорихои ӯ магар Хиромонро барои одамкушиаш ҷазо намедоданд? Дар он сурат аҳволи ӯ ҳоло чӣ гуна буд? Дар кучо буд? Ягона фарзандаш, дилбандаш, нури дидагонаш чӣ мешуд? Модараш ба чӣ ҳоле меафтод?

- Ба хотири чӣ, барои чӣ ӯ ҷабру ситам мебинад? Ғалат аст, тиҳӣ аз маъною мантиқ аст бозии табиат, ки ӯро ҳусни камназир ато карда, ба вартаи ранҷу азобҳо, ташвишу балохо афгандааст!

— Шумо хеле азоб кашидед,— маҳзунона тасдиқ намуд Иброҳимҷон.

— Ин ҷо хам ду хафтаи аввал шиддати дардро бо дору фурӯ менишондиданд,— гуфт Хиромон.

Вай накл кард, ки аз хурдсолӣ то айёми духтаракиаш ӯро шаш бор каждум газидааст. Одамоне хастанд, ки захри ин чонвари бадгуҳарро як-ду бор чашидаанд. Лекин Хиромон касеро надидааст, ки каждум ин қадар захр зада бошад. Раҳматӣ модараш мегуфт, ки дар ин дунё касеро хафт бор каждум неш занад, дар он дунё оташи дӯзах ӯро харом аст, яъне «бе пӯшт-пӯшт, рост ба ҷаннат меравад. Ҳамаи гуноҳҳояшро худованд меомурзад. Лекин агар малоикахои бухгалтерияи осмонӣ, ки бо ҳисобу китоби хайру шарри заминиён машғуланд, малоикахои баинсоф, бофаросат бошанд, неши каждуми шашумро бояд ба чои ду, ҳатто се-чор неши он офаридаи зулмкеш ҳисоб кунанд. Чунки азоби он неш худ ба танҳоӣ аз азоби ҷаҳаннам заррае кам набуд.

Хиромону модар дар ҳамон боғи аз ин пеш хотирасонкардааш зери хавозаи ангур, рӯи палосу кӯрпахои ба суфаи пастаки хокӣ густурдашуда мехобиданд. Дар як тараф оташдон, дар тарафи дигар, даҳ-дувоздаҳ қадам дуртар, ғову гӯсола ва гӯсфанде баста шуда буд.

Шабона Хиромон аз дарди ҷонкоҳе бедор шуда, ғайриихтиёр фарёд кашид. Гӯё бар буни гӯши чапаш сихи тафсонеро то ба охираш халонида, тоб дода гирифта ва пас аз он ба чои ҷароҳати тоза намаку қаланфур пошиданд.

Модар чароғ даргиронид. Қаждуми тахтапушташ каб-кабуди кафи даст барин паҳну бузурге думи качаки худро боло бардошта, аз намад фаромада, сӯи оташдон медавид. Модар каждумро кушта, аз он кимчи гуна «давое» сохта баст.

Хиромонро аз ин пеш панҷ бор каждум неш зада буд. Қариб ҳар сол мавсими ангур занбӯр мегазид. Аз айёми кӯдакӣ то он вакт дарди чашм, гӯш, ранҷхои дигарро низ кашида буд. Аммо ин сафар азоб аз ҳадди токат берун буд. Ӯ бесадо мегирист. Қатраҳои шӯри сиришк шув-шув ба рухсораш ҷорӣ мешуданд. То рӯз нахобид. Одатан захри каждум то субҳ парешон мешуд ва озор пасанда мегардид. Вале ин дафъа ҳол дигар буд.

Саҳарӣ ба духтурхонаи деҳа давид.

— Хиромон, ту духтари батоқат, банродат,— гуфт духтур.— Бардошт карда метавонӣ. Доруи карахтӣ додан мумкин, лекин... лекин вай дардро фақат андак пасанда мекунаду аз дигар тараф зиён дорад. Бирав, духтарам, токат кун, мегузарад.

Чоштгоҳӣ дарди муттасил нест шуд. Аммо пас аз як соат ҳамон сихи оташин боз аз дур, аз кучое пайдо шуда тадриҷан наздик омаду аввал неши тез ва пас тани торафт ғафсу сӯзонтаршавандаашро ба мағзи сари Хиромон халонид. Азият чунон ногаҳонӣ тоза шуд, тарзи пайдо шудану авҷ гирифтани он чунон аҷибу ғариб буд, ки духтарак ҳам ба шиддати ранҷ токат карда натавониста, нолиш мекард, ҳам дар фиғони ӯ оҳанги тамом ғайричашмдошти тааҷҷуб садо медод.

И-и-и-и...— дод мегуфт Хиромон гӯё ба чарии бетаге ғелида мерафта бошад ва дар айни замон дар ҳайрат бошад, ки атроф пури одаму касе дасти ӯро намегирад.

Баъди чанд лаҳза дард хомӯш гардид. Хиромон бо кадом коре машғул буд, ки расо пас аз як соат сихи тафсону буррон боз ба мағзаш наздик шуд. Ин карат барои он ки нолиши ӯ, гиряи беихтиёри ӯро одамон нашунаванду набинанд, ба хона даромада, аз гӯшае чой гирифт ва даҳони худро бо остин пӯшида, то рафъ гаштани азият нолид, сипас оби чашмонашро пок карда, берун омад.

Дард ҳар соат мунтазам такрор мешуд. Бо фосилаҳои муайяни ба ҳам баробар такрор шудани шиканҷаи ҷонгудоз кори асбобҳои автоматеро ба хотир мерасонид, ки ё бо супориши механизми соатдор ё бо амри релеи дақиқе амали худро дар мӯҳлатҳои лозима такрор мекунанд.

Ҳар бор Хиромон аз шарм худро ба каноре меандохт.

Рӯзи дуввум муддати байни шиканҷаҳо аввал ба якунним соат ва то бегоҳирӯзӣ ба се соат расид. Фақат рӯзи чаҳорум захри каждум тамом шуд.

Хиромон рӯзҳои нахустини дар қолаби гаҷ хобиданаш ҳамон гуна ранҷи токатфарсои дам ба дам такроршавандаро аз сар мегузаронид, ки чанд сол қабл аз ин аз захри каждум кашида буд.

Иброҳимҷон дақиқае таҳаммул карда, бо оҳанги таскинбахш байте хонд:

Қорвони ранҷу рохатҳо камнитози ҳаманд,
Ҳар кучо дарде расид, аз пай давое мерасад.

— Моли кист?

— Мирзо Бедил.

— Умеди ман хам ба ҳамин.— Хиромон дасти маҳбубашро гирифта, ба рӯяш молид, баъд самимона фишурда, оҳиста ба рӯи бистар, лаби кат гузошт.

— Ман шуморо хаста накардам? — пурсид Иброҳимҷон.

— Баръакс, бо ҳикояти каждуму захру закум ман дилгиратон кардам.

Иброҳимҷон ба эътироз сар ҷунбонид.

— Набошад, шинед.

— Нишастаам. Мешинам. Хоҳам шишт. То бегоҳ, то пагоҳ, чӣ кадар иҷозат дихед, мешинам.

— Шинед.

Иброҳимҷон ба сар то сари палатаи серодам бо ҳасрат чашм давонида, бо алам аз дил гузаронид, ки парерӯз соати мулоқоти онҳо беморони бапо ба долон баромада, бокимондагон худро ба нофаҳмӣ андохта буданд. Имрӯз касе парвои ӯро надорад. Ягон лаҳзаи муносиб фароҳам намерасад, ки ӯ аз лабони ёр ақаллан бӯсае бистонад.

— «Ҳар кучо дарде расид, аз пай давое мерасад»,— маънидор такрор намуд Хиромон аз нигоҳи бесабронаи маҳбубаш пай бурда ва илова кард: — Пагоҳ ана он духтаракро ҷавоб медиҳанд,— ӯ ба сӯи кати таги тиреза ишорат намуд.— Баъд аз тиреза меоед. Ҳар вакт, ки хоҳед.

— Шуморо аз тиреза дуздида мебарам.

— Кас моли худаша медуздад?

— Кас чӣ кор кунад агар молаш дар ихтиёраш набошад?

— Дар ихтиёраш.

33

Палатаро нақҳати гул фаро гирифта буд. Рӯи кати Ивон-амак пур аз садбарги рангоранг: гулҳои арғувонӣ, сафед, зард, гулобӣ, ҳатто садбарги нодири сиёҳфом. Дар пойгаҳи кат як кабзаи калон, боқимондааш паҳну парешон мехобид.

Гулҳоро саҳарӣ Алихон Зардодхон оварда буд. Бо илтимоси худи пирамард. Духтур ҳамеша аз худ дониста, ба ӯ ҳар гуна таомҳо, шарбат ва ширинихо меовард. Лекин гулро аз рӯи таъминоти худаш овард. Аз гуфтугӯяшон пайдо буд, ки аз боғчаи худи Ивон-амак бурида овардааст.

Имрӯз ҳаштуми май — арафи иди Ғалаба. Алихон пирамардро дурӯза ҷавоб медиҳад ва ӯ бо рафиконаш ба дастаҳо таксим шуда, ба заводу фабрикаҳо, мактабҳо, ба хонаи офицерон, касри сарҳадчиён ба мулоқотҳо мераванд. Як гурӯҳ ба деҳот хоҳад баромад. Баъд Андреич даҳуми май бармегардад ва муолиҷаро давом медиҳад.

«Таъмири тани пирон шикастурехти мадрасаҳои бостонӣ барин, фикр мекард Иброҳимҷон. Оҳиста-оҳиста, бидуни шитобу телбакорӣ идома мекунад. Чунки муомилаи нозук металабад. Мадрасаро ҳам аввал бигирдогирдаш хавоза бардошта, сохташро, масолеҳи бинӯшудаашро дуру дароз тадқиқ мекунанд, пас ҳар як ҷузъашро алоҳида-алоҳида ва бо эҳтиёт дарбеҳу таъмир мекунанд. Ба шикастурехти он, воқеаи лойбетони имрӯза ба кор намеравад, масолеҳе дарёфтан ва таҳия кардан лозим, ки ба сохти он бино, ба таркиби хишту лои асли он мувофикат кунад».

Ин ақидаро ба Ивон-амак бигӯяд, эҳтимол, биранҷад. Чунки бо вуҷуди маризӣ ва пирӣ на ба ину на ба он тан намедиҳад мӯйсафед.

— Ман бакувват,— оромона, бо лабханди хаёле маҳзунона мегӯяд ӯ.— Ҳоло хеле чизҳоро мебинам, ки дар орзӯяш хастам. Мебинаму баъд аз дунё чашм медӯшам. Лекин чашм пӯшам ҳам, боз гӯш меандозам, ки шумо, ҷавонҳо, ҷонишинҳо, чӣ корҳо карда истедаед.

Соати дувоздаҳ «бачаҳо» меоянд, яъне рафикони ҳамярокаш. Сонӣ ҳамагӣ якчоя ба пояи хайкали ёдго-

рин муборизони ҳокимияти советӣ, ҳо-о ана ба пояи он ҳайкал, назди оташи ҷовидон гулдастаҳо мемонанд. Ҳоло соат ақаллан даҳ нашудааст, аммо Андреич кайҳо омодаи сафар аст.

У пиджаки ордендорашро дар бар кардааст. Тарафи чапи пиджак аз сари кисачаи болой то кисаи калон пур аз орденҳо, медалҳои ҷангӣ ва меҳнатӣ. Дар миёни онҳо як ордени Байраки Сурхи Ҷангӣ, як ордени Республикаи Халқии Муғулистон, як ордени Республикаи Халқии Шӯроии Бухоро менамуд.

— Ба Маскав рафта будам. Якуним сол пеш,— нохост ба ҳикоят даромад мӯйсафед.— Якта гул харида, ба мақбараи Ильич рафтам. Пеши мақбара панҷарабанд. Одами бисьёре аз дуру наздик омада, ба мармари ҷигарифоми ҷилодори он ба ҳарфҳои калони номи пешво, ба ду нафар сарбозе, ки дар таги дари мақбара ноҷунбида рӯ ба рӯи ҳамдигар истодаанд, хомӯш нигоҳ мекарданд. Соати бадалшавии посбононро мунтазир буданд. Мехостам ҳамон як дона гулро ба пояи девораш гузорам, лекин дидам, ки аз панҷара гузаштан мумкин набудагӣ барин. Ба замми ин дар пояи девори мармарӣ гулчанбарҳои хушрӯй катор мехтоданд. Ба тасмаҳои абрешиминашон навиштагӣ, ки аз номи ҳайати вакилони фалону фалон партияҳои коргарӣ — меҳмонони хориҷӣ тақдим шудаанд. Ягон дона гули алоҳида, ҳатто гулдаста ба назар намерасид.

Аз издиҳом дар ду тараф ду милиционери кавиҳайкал рост истода, аз ҳамон ҷо ба тартиб назорат мекард. Ба пеши яктааш рафта, илтимос кардам, ки ҳамин гула ба пояи девор монам. Не, гуфт, мумкин не, гуфт. Зиёрати мақбара фалон-фалон рӯзҳо, аз фалон то фалон соат, гуфт. Ана ҳӯ-ӯ дар он ҷо бо ҳарфҳои калон навишта мондагӣ, гуфт. Гуфтам, ки ман пагоҳ саҳарӣ ба ватанам бармегардам. Ба соати ӯ гуфтагӣ расида наметавонам. Ҷавоб надод. Ба гирду атроф чашм давонидам, ки дар пеши даромадгоҳи Музеи таъриҳ якта «Волга»-и милиция истодааст. Рафтам. Дар мошин се кас менишаст. Яктааш майор. Ба вай салом дода гуфтам, ки ман ҳам майори Армияи Советӣ фалонӣ. Аз Тоҷикистон омадаам, ба маҷлиси Комитети ветеранҳо. Даррав аз мошин баромада, ба тарзи низомӣ қомат рост кард, салом дод. Гуфтам, ки ҳамин якта гула ният карда овардам. Ба пояи девори мақбара монам. Ба андеша рафт. Аз афташ, илтимоси ман

андак бечо буд, берун аз доираи мукаррарот ва ошни маъмулӣ буд.

— Зиёрат соати муайян дорад, падар,— гуфт ӯ ҳалимона.

— Ман ба дарун медароям, нагуфтаам-ку. Ният карда, гул овардам,— гуфтам. Зор монад ин пирӣ, чӣ шуду сабилмонда оби дида баромад.

Раҳмаш омад. Аз дастам дошта, ба сӯи мақбара ҳидоят кард. Дар ниман роҳ гуфт, ки шумо ба рӯбарӯи дари мақбара биравед, ман аз дигар тараф меоям. Аз одамон илтимос карда, аз миёни издиҳом гузаштам, ба муқобили дар истодам. Майор аз он сӯи панҷара омада гулро аз дастам гирифт, бурда ба миёни ду гулчанбар рост монд. Пас гашта омада, ба ман боз саломи низомӣ дод ва ба сӯи мошинаш рафт.

Аз он ҷо сарам ба осмон шуда баргаштам. Лекин, бачаҳо, гӯш кунед, боз чӣ вокеа рӯй дод. Дар поёнтар, дар гӯшаи боғи Александрӣ ёдгории Солдати номаълум ҳаст. Машъалаи ҷовидон фурӯзон. Аммо ман дигар гул надоштам. Дар пояи он ёдгор гулчанбарҳои бисёре. Наздиктар, ки буд, навштаҳои рӯи тасмаҳоро хондам: аз Иттифоқи ҷавонони Булғория; аз вакилони анҷумани ДОСААФ-и СССР, ки он рӯзҳо дар пойтахт барпо шуда буд; аз вазири молияи Эрон; аз октябрятҳои синфи якуми «В»-и кадом як деҳаи назди Маскав. Боз садҳо гулдаста, гулҳои тару тозаи алоҳида. Дар пеши назарам як колхозчии кӯсаи қазоқ, боз як зани мӯяш сап-сафеди муаллимасимо гулдастаҳои ба целлофан печонидашударо оварда монданд. Ман дигар гул надоштам. Дар дастам телпаки кӯҳнаи коғазпеч буд: аз магазин телпаки нав харидам, фурӯшанда телпаки кӯҳнаамро ба коғази хушрӯ печонида дод. Агар ҳамон телпаки зормондаро намехаридам, боз ба чанд дона гул пулам мерасид.

Ивон-амак нақлашро тамом кард. Аён буд, ки ин ҳикоят шарҳест барои ҳамхонаҳо. Яъне мӯйсафед фахмонданист, ки чаро ҳоло рӯи каташ пури гул аст. Чаро ҳар сари чандгоҳ духтури мо Алихон Зардодхон, ки ҳамсояи девордармиёни Андреич аст, вақти муоинаи аҳволи ӯ ба пирамард арз мекард, ки ба гулзори назди хонааш бачаҳои ҳавлиашон чи тавр нигоҳубин мекунанд, ҳоки атрофи буттаҳоро ба чи тарзе нарм кардаанд, аз нав чӯяк кашиданд, аз кадом тӯда чи қадар пору оварда андохтанд ва ғайра ва монанди инҳо.

Ивон-амак сандуқчаи чизмонакашро бори дигар аз

назар гузаронид. Маҷаллаҳоро аз рӯи рақам бо тартиб чида, ба қабати поёни сандуқча ҷой кард. Пас чандтои онро дубора гирифта варақ зад. Вай ҳозир, баъди ду-се дақика боз ягон чиз хоҳад гуфт. Ҳамин ки маҷаллаҳояшро варақ зад, ба мийяаш ҳар хел саволхо, муаммохо, фикру андешахо ба ҷунбиш хоҳанд омад. Феъли ӯро акнун Иброҳимҷон ҳам омӯхтааст.

Дар вокеъ, пирамард якбора ба қафояш, ба Каримҷон-ака рӯй оварда, савол дод:

— Чаро онҳо одамро расво карда, ба қалам медиҳанд? Ё дар фильмҳошои одамкушҳо, ғоратгарҳоро васф мекунанд?

Каримҷон-ака мутаҳайирона ба Носир Аббос нигарист. Гӯё гуфтанӣ буд, ки барои чӣ мӯйсафед ин саволро ба ӯ надодааст? «Аз шумо пурсад, намешуд?».

— Мегӯям, ки чаро инчингу бичинги инсонро бароварда, фақат чирку фасодашро нишон медиҳанд? Мисли ҳайвон вахшӣ, берахм, ташнаи хун нишон медиҳанд? Ва ҳол он ки одами хуб, инсони поксиришти мехнаткаш дар ҳама ҷой лак-лак ёфт мешавад? А!

Ӯ акнун ба Носир Аббос мурочиат мекард. Иброҳимҷон дар дил биме ҳис намуд, ки ҳоло ӯро саволборон кунад-а... Вай, албатта, дар бораи хусусиятҳои мошинаи тарғиботи буржуазӣ, чуноне ки мегӯянд, батафсил изҳори ақида карда метавонад. Лекин Ивон-амак дигар гуна ҷавобро чашмдор аст. Вай ба суханҳои умумӣ гӯш намедиҳад, ба вай ягон гапи анику конкрет лозим.

— Чунки,— гуфт мӯйсафед бар пой хеста ва дар атрофи миз як бор давр заду аз рӯи одат ангушти ишоратро мисли воизон боло бардошт,— чунки чирку фасоди бани одамро нишон диҳанд, худ аз худ хулосае мебарояд, ки одамизод махлуқи бемаза будааст. Модоме ки махлуқи камарзиш будааст, ба қатли вай фатво додан ҳам осонтар. Боз чӣ хулоса баровардан мумкин?— ӯ ба Иброҳимҷон нигоҳ кард ва хайрият, боз ба саволаш худаш посух дод: — Ба талоши ҳаёти дигар, ҳаёти нав, ҳаёти бехтар бархостани инсон маъно надорад, мухолифи ақлу хирад аст. Ана мақсад дар кучо!

«Ина бинанд-а, мегуфт Иброҳимҷон ба дил. Худи ҳозир ин гапҳоро аз кучои журналҳои сершумораш кофта ёфта баровард бо ваҷоҳати кашшоф гап мезанад».

— Ин фикри худам,— гӯё аз андешаи Иброҳимҷон пай бурда бошад, маҳз ба ӯ рӯй оварда таъкид намуд Ивон-амак.— Ман онро аз китоб нагирифтаам.

Муддате дар палата сукут хукмрон буд.

— Андреич, либосатона чудо барвакт пӯшидед,— гуфт Носир Аббос.— Холо ҳам бармаҳал. Пилжака кашед, биёед, ба кати ман камтар дароз кашед. Ё гулхоро ба рӯи миз кӯчонем?

Ивон-амак чизе нагуфт. Гӯё на таклиф, на савол ба гӯшаш надаромада буд. Ӯ ҳамчунон андешаманд менамуд.

— Писарҳоям, илоҳо доимо зиндаву саломат бошед,— нохост бо овози ларзон ба дуогӯй даромад пирамард.— Ман аз шумо яки ба ҳазор розй. Ним аср пеш пулемёти зормондаи якпудиро ба китфам, бардошта, ба обу арақ ғӯтида, дар дашту даман, кӯху дараҳои ин диёр мнёни тирборони босмачихо механдидам, медавидаму орзӯ мекардам, ки дар ин ҷойҳо ҳам шумо барин одамҳо ба воя расанд. Мани мӯйсафеда хурсанд кардед, илоҳо як умр рӯи хафагия набинед.

Аз чашмонаш донаҳои сиришк равон шуданд.

— Э шумо ғалатӣ, Андреич,— гуфт Каримҷон-ака гилаомез.— Пагоҳ ид. Ба ид рафта истодаеду гиря мекунед-а. Қас намефаҳмад, ки шумо хурсанд ё хафа?

— «Қас намефаҳмад» мегӯяд... Албатта, хурсандия. Ман, солдат, бародар! Солдат! Фаҳмидӣ? Ягон бор аз мушкилӣ, аз ғаму ғусса нагиристаам. Фақат аз хурсандӣ гирьяам меояд. Шуввй карда, худаш меояд, сабил монад ин пирй.

Рост мегӯяд Каримҷон-ака. «Ман аз шумо розй»... Охир, ин хел суханҳоро одатан дар дами вопасин ё видои охирин мегӯянд. Як гапҳое мегӯяд ин мӯйсафед, ки гӯё тамоман мерафта бошад ё васият мехонда бошад, аз дил гузаронид Иброҳимҷон. Ва ҳол он ки пасфардо боз меояд. Хайр, майлаш, гуфтан гирад.

Носир Аббос аз суханҳои пирамард мутаассир гашта, абрӯ гирех карда менишаст. Ба ӯ хусусан муроҷиати васиятмонанди Андреич таъсир карда буд. Боз он гапаш ки «аз дунё чашм пӯшам ҳам, боз гӯш медиҳам, ки шумо, ҷавонҳо, ҷонишинҳо, чӣ корҳо мекунед». Аз ваҷоҳати Носир Аббос аён буд, ки ба мӯйсафед ҷавоб доданист. Дар ҳақиқат ҳам ӯ ба мобайни палата рӯ ба рӯи Ивон-амак рост истода гуфт:

— Хотирҷамъ бошед, Андреич. Мо на фақат авлоди инқилобчиёнем. Имрӯз, фардо дар баромадҳотон ҳамин гапа баҳузур гуфтан гиред. Мо ҳам автомат бардошта, роҳҳон Ватанро аз хуни худ рангин карда, то ба лонаи душман расидаем. Ҷанги Ватанӣ — давото ба лонаи душман расидаем.

ми Октябрь буд, гуфтанашон дуруст. Сохтмони бинои шумо саркарда давом дорад, Андреич! Нағз давом дорад, падар!

Азбаски бо изтироб сухан мекард, андаке дам гирифт, нафас рост намуд ва баъд гапашро давом кунонид:

— Як рӯз ба хона омадам, ки писарҳои калонӣ ба чӣ муносибате барои чӯраҳошон зиёфат оростаанд. Зиёфат тамом шудаасту акнун хона меғундораид. Модарашон оташин менамуд. Либос иваз мекардаму ба гапаш гӯш меандохтам. Коҳишомез мегуфт, ки ба кадри нозу неъмат расидан даркор. Дар ҷавонӣ, мегуфт, мо як бурда нонро бо чӣ азобу машаккатҳо меёфтем.

— Вай замони шумо буд. Ин замони мо! — эътироз кард писари миёна, ҳамоне ки аз дигарашон андак шайтонтар аст.

Ҷонам ба ҳалқам расид, Андреич. Давида ба хонаи калон баромадаму ҳар сеяшро ба як чо шинонида гуфтам:

— Як чиз мегӯям, ҳам аз ин гӯшатон дарояд, ҳам аз онаш. Ин замона — замонаи мо. Замона замонаи касест, ки нон, бел, мошин, шароб, гул, самолёт маҳсули меҳнати ӯст. Шумо калон шавед, нозу неъмати ҷамъията офаред, ана сонӣ ҳақ доред бигӯед, ки замони шумо даррасид!

Писарҳо хап шуданд. Рост-дия! Ман ин гапа аз рӯи миннатгузорӣ нагуфтаам, ба хотири танбалу таипарвар, қадрношиносу носипос калон нашуданашон гуфтам.

Чанд ҳафта сарам бо андешае банд буд, ки тарбияи ҷавонҳои мо суст шудааст. Аз мушкилоти рӯзгор бехабар, нозпарвард ба воя мерасанд. Комсомол ҳам анъанаҳои инқилобиро дурусттар талқин намекунад. Мӯҳои дароз-дароз, куртаҳои нақшин дар тани ҷавонмардон, транзистор, рубобу гитор... Куртаи духтарон аз зону як ваҷаб боло...

Худ ба худ ғусса хӯрда мегаштам. Рӯзе нохост якта варака ба дастам афтод. Хондам. Чанд иктибос аз таълифоти файласуфон, адибон, муаллимон. Ҳамааш як фикрро таъкид мекунад, ки насли хозираи ҷавонон вайрон шудааст. Ахлоқаш нуқс дорад, одобаш суст, танбал, дағал, ба кору таҳсил рағбат надорад, умри гаронбаҳо ба ройгон мегузаронад ва хоказо. Дар поёни саҳифа навиштаанд, ки ба паси варака нигаред. Нигарам, он чо номи муаллифони он иктибосҳо ва айёми

зиндагонии онҳо нишон дода шудааст: яке донишманди Хитой будааст, ки шаш ҳазор сол пеш аз милод гузаштааст, дигаре — коҳии Миср, ки ҷаҳор ҳазор сол қабл аз милод зиндагонӣ кардааст, саввумӣ — аз Юнони қадим... Ба ҳамин тариқа, охиринаш файласуфи асри гузаштаи немис.

Гоҳо мо ҳам аз ҷавонон менолем, Андреич. Гила аз ҷои даркорӣ. Лекин, шукр, ба нолиш хоҷат нест. Чӣ гуфтед?

— Рост,— тасдиқ намуд Ивон-амак хушҳол шуда.— Муаллим, чӣ мешавад, ки ҳама якҷоя дар пеши ана он машъала сурат гиронем?

— Фикри оличаноб!

— Лекин...

— Чӣ «лекин»?

— Ҳайкал дар сурат рӯзона бенур, инмранг мебарояд. Шабона, агар сурат гиронӣ, машъал менамояду одам не.

— Илоҷаш ҳаст! — хитоб кард Иброҳимчон.— Дар навори кино хуб мебарояд. Дар навори ранга боз бехтар. Ҳозир Қамарро ҷег мезанам,— ӯ аз пайдо шудани имконияти хидматгузорӣ ба ин одамони унсгирифтааш хушҳол шуда, аз палата баромад ва ба сӯи хонаи телефондори духтурон мерафт, ки Ивон-амак ӯро аз роҳ баргардонид.

— Ба кучо медавӣ? Ман гуфтам, ки ҳама якҷоя. Яъне баъди сиҳат шуда баромадани ҳама. Аббос, Каримчон, ту, ана вай духтари хушрӯ... Хиромони ту...

Иброҳимчон аз зикри номи Хиромон чавонҳои наврас барин сурх шуд.

— Шумоҳо дигар гап, ҳатто Хиромон ҳам,— гуфт ӯ ба кадом як нуқтаи тиреза чашм дӯхта.— Лекин ман..., ба гуфти ҳамкасбонам ба ин гуна қадр намеғунчам.

— Нодуруст! — қариб бонг зад Ивон-амак.— Нағз меғунчӣ. Ба ин бача гап занед, Носирчон!

— Иброҳимчон хоксорӣ мекунанд,— гуфт Носир Аббос.— Машъали ҷовидон рамзи ҳамаи чизҳои ҷовидонист; ҳам ҳаёту мубориза, ҳам озодиву дӯстӣ, ҳам ишқу муҳаббат.

— Боракалло, ҳам ишқу муҳаббат! — бо хурӯше такрор намуд Андреич.— Исто, ту аъзои партия нестӣ? — банохост пурсид Ивон-амак.

— Не,— гуфт Иброҳимчон ва сар ба зер афканд, зеро дар як они воҳид чанд манзара аз рӯзгори бесарусомони пешинааш ба назар чилвагар шуд.— Хиромон

аъзо,— гуфт ӯ бо оҳанге ки ин хабар қадри ӯро дар назари хозирон болотар мебардошта бошад. Бо оҳанге ки гунаҳгорон дар мурофиа аз рӯзгори худ ягон кори хуб як вақтҳо кардаашонро ногаҳон ба ёд оварда, ба ҳайати суд саросема арз мекунанд.

— Андреич! — садо омад аз берун. Ин овози Ҳасан Абдулло буд.

Дар пайраҳаи боғи табобатхона як гурӯҳ одамони солхӯрда бо сари синаҳои пур аз ордену медалу нишонҳои рангоранг рост истода, ба тирезаи палатаи кунҷакӣ менигаристанд. Дар пеш ду зани ба мӯи сарашон сафедӣ афтода ҳам буданд. Ҳасан Абдулло баробари аз тиреза сар баровардани Ивон-амак гуфт, ки тез бош, мошинҳо интизоранд.

Иброҳимҷон ва Каримҷон-ака гулҳои Ивон-амакро даста карда бардоштанд. Носир Аббос салт меомад. Зардодхон Ивон-амакро то зинапоя гуселонида таъкид кард:

— Андреич, режим!

— Режим, писарам! Қавли солдат! — қомат рост карда хитоб намуд Ивон-амак.

Эҳа, «қавли солдат» гуфта ваъда медиҳаду боз ягон ҳодиса мекунад ин мӯйсафед, ба дилаш гуфт Иброҳимҷон. Боре дар боғи рутубатноки бемористон рӯи сабза ғел зада, шамол кашида буд. Сонӣ, аз ҳалвои равғанини кӯсаи намозхон хӯрда исҳол шуд. Ҳоло бо «бачаҳо» садта-садта ҳам мезадагист. Иди Ғалаба, охир. Пеш аз ҳама — иди ғалабаи онҳо.

Мӯйсафедонро то таги дар гуселониданд. Қомати Ивон-амак аз ҳарвақта росттар, хамии китфи росташ кариб ноаён буд.

Дар бозгашт Иброҳимҷон ба пайраҳаи дигар даромада, ба қаноти чапи бинои тӯлонӣ, ба сӯи тирезаи палатаи Хиромон равон шуд.

— Ин чӣ намоиш буд? Ин қадар гулу гулдаста...— пурсид Хиромон дасташро аз тиреза ба дилдораш дароз карда. Ба рухсори ӯ акнун сурхӣ дамида буд. Иброҳимҷон ҳеҷ гоҳ ӯро ин қадар фаттону дилрабо надида буд.

— Ивон-амак бо рафиқонаш ба мулоқоти мардум рафт. Пагоҳ Иди Ғалаба.

— Ҳа-а, пагоҳ, дар воқеъ, иди Ғалаба... Чӣ хел нағз!

— Ман аз он тараф оям?

— Биёед.